И Н

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати таъминот

Қ И

ГЭРИ КИСИ

Л О Б

Дӯсти азиз дар Масеҳ,

Мо дуо мекунем, ки ин манбаи омӯзишӣ шуморо баракат диҳад ва рӯҳбаланд кунад. Лутфан озодона ин маводро бо дӯстон, аъзои оила ва калисои худ мубодила кунед. Инчунин, шумо метавонед ба вебсайти FLNFree.com ташриф оред, то нусхаҳои электронии иловагӣ ва таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

Худо шуморо дӯст медорад, ва Ӯ нақшаи аҷибе барои ҳаёти шумо дорад! Мо чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро омӯхтем, ва он ҳаёти моро ба самти беҳтар тағйир дод, ва мо боварӣ дорем, ки бо шумо низ ҳамин тавр хоҳад шуд!

Бо муҳаббат дар Масеҳ,

Гэри ва Дренда Киси



P.S. Ҳатман ба вебсайти зеркашии ройгони мо FLNFree.com муроҷиат кунед, то таълимоти бештари ройгонро ба забони худ зеркашӣ кунед.

И Н

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

Қуввати таъминот

Қ И

Л О Б

*Your Financial Revolution, The Power of Provision, Tajik*
Copyright © 2023 by Gary Keesee

Originally published in English
Copyright © 2020 by Gary Keesee
ISBN: 978-1-945930-39-3

Gary Keesee Ministries,
P.O. Box 779, New Albany,
OH 43054, USA
GaryKeesee.com

This book is a FREE GIFT from Gary Keesee Ministries and is
NOT FOR SALE

***Инқилоби молиявии ту. Қуввати таъминот, бо забони тоҷикӣ***
© 2023, Гэри Киси

Сараввал  бо забони англисӣ нашр гардидааст.
© 2020, Гэри Киси
ISBN: 978-1-945930-39-3

Хидматгузории Гэри Киси,
Қуттии мактубҳо 779, Ню Албани,
Оҳайо 43054, ИМА
GaryKeesee.com

Ин китоб аз Хидматгузории Гэри Киси тӯҳфа аст ва
ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати таъминот

ГЭРИ КИСИ

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7

**БОБИ 1.** НУР ДАР ТОРИКӢ МЕДУРАХШАД. . . . . . . . . . . . . . . . . . 25

**БОБИ 2.** ТАРЗИ НАВИ ТАФАККУР . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 43

**БОБИ 3.** МАСЪАЛАИ ЮРИСДИКСИЯ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 65

**БОБИ 4.** МАГАР ШУМО ДАР ХОТИР НАДОРЕД? . . . . . . . . . . . . . 99

**БОБИ 5.** ВАСЕЪ КАРДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪМИНОТИ ШУМО . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 119

**БОБИ 6.** ИМОН – ИН КАЛИД . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 153

**БОБИ 7.** ОГОҲӢ: ДАР ДОИРАИ ИМОНИ ТАКМИЛЁФТАИ ХУД БИМОНЕД . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 173

**БОБИ 8.** БА ШУМО НАҚША ЛОЗИМ АСТ!. . . . . . . . . . . . . . . . . . 193

**БОБИ 9.** ФУРСАТИ МУНОСИБ! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 211

# МУҚАДДИМА

Номи ин китоб метавонад ҳамчун як чизи бемаъно ба назар расад, ва он гӯё фақат баёни далелҳои ба ҳама маълум мебошад. Кӣ афзалиятҳои равшанро инкор карда метавонад? Ман фикр мекунам, ки ҳамаи мо бо он розӣ мешавем, ки дорои таъминот будан, худро бо чизҳое, ки дар ҳаёт зарур мебошанд, таъмин гардонидан хеле муҳим аст. Аммо нафарони хеле зиёд дорои таъминоти зарурӣ намебошанд. Бисёриҳо воқеан барои зинда мондан мубориза мебаранд. Онҳо дар асорати пардохтҳо ва қарзҳое зиндагӣ мекунанд, ки гӯё интиҳо надоранд. Ба ҷои он ки бо ҳаёти дилписанди худ зиндагӣ кунанд, онҳо дар ҳолати ноумедӣ, бо тарси иҷборан машғул шудан ба коре, ки аз он нафрат доранд ва, аз ҳама бадтараш, бе ягон ҳадафи шоиста зиндагӣ мекунанд.

Мутобиқи таҳқиқоте, ки ба наздикӣ гузаронида шуд, 48 фоизи амрикоиҳо дар як сол 31561 доллар ё дар як моҳ 2630 доллар ё ҳатто камтар пул кор мекунанд[1] , ва 40 фоизи аҳолӣ бе нақшаи пешакӣ наметавонанд ба 400 доллар чек бинависанд[2].

Оё шумо тасаввур карда метавонед, ки одам бо умеди расидан то ба маоши навбатӣ ба ҳисоб кардани ҳар як дирами сарфшуда маҷбур шуда, то чӣ андоза афсурда мешавад? Ва ҳафта ба ҳафта, моҳ ба моҳ ин ҳолат давом меёбад, ва интиҳои он дида намешавад. Ба ҷои он ки ба пеш ҳаракат кунед, шумо мефаҳмед, ки ба қарзҳо чуқуртар ғӯтида, ба кӯчаи сарбаста даромада мондаед. Ман инро

---

1 https://howmuch.net/articles/how-much-americans-make-in-wages

2 https://www.cnbc.com/2018/05/22/fed-survey-40-percent-of-adultscant-cover-400-emergency-expense.html

ба худ тасаввур карда метавонам, чунки ман дар тӯли нӯҳ соли дуру дароз маҳз ҳамин тавр зиндагӣ мекардам, ва ин берун аз тахайюлоти ман буд. Ин хеле воқеӣ буд.

## Шарми мӯҳтоҷӣ

Мо бо Дренда издивоҷ кардем ва умед доштем, ки ҳаёти аҷиберо оғоз мекунем, вале қарздор шуда, ба афсурдаҳолии молиявӣ дучор гардидем. Дар якчанд сол мо даҳ корти қарзӣ ҷамъ оварда, тамоми лимити онҳоро харҷ кардем, ва ҳам се қарзи бонкиро бо 28 фоизи солона; мо барои ду мошини кӯҳна, ки бештар аз 200 000 мил масофаро тай карда буданд, фоизҳо медодем, ба хадамоти андоз қарз доштем ва бисёр қарзҳои дигар, ки пӯшонида наметавонистем. Мо ба волидайни худ ҳазорҳо доллар қарз доштем, ва дар натиҷа онҳо ба мо қарз доданро бас карданд.

Мақсади мо ин набуд, ки бо қарзҳо ҳаёти худро хароб кунем, балки танҳо кӯшиш мекардем, то зинда монем. Гарчанде ин беақлона садо медиҳад, ман дар соҳаи молия кор мекардам, ва ба одамон дар соҳаи суғурта ва маблағгузорӣ ёрӣ мерасонидам. Ба ман аз фурӯшҳо 100 фоизи комиссионӣ пул пардохт мекарданд, вале ҳамеша ин қадар пул кифоя набуд. Мо умед доштем, ки тиҷорат тараққӣ мекунад, вале моҳҳо ба солҳо табдил меёфтанд, ва ҳеҷ чиз тағйир намеёфт.

Ниҳоят пас аз нӯҳ соли дурударози ҳаёт дар қарзҳо ба хотири пардохти ҳисобҳо мо ҳама имкониятҳои мавҷудаи қарзгириро, ки доштем, ба кор бурдем. Тамоми чизҳои пурарзишеро, ки пайдо карда тавонистем, ба гарав гузоштем, ва ин афсурдаҳолӣ аз бӯҳрони молиявӣ барои ман ва оилаам оқибатҳои ҷиддии эмотсионалиро ба бор овард.

Ман ба воҳима афтодам, ва ба ман антидепрессантҳое таъин карданд, ки дар асл на танҳо фоида накарданд, балки ба саломатии ман таъсири бад расониданд. Табибон ҳамчунин аз

сабаби афзудани дараҷаи қанд дар хун маро тарсониданд, ки ба бемории қанд мубтало шуда метавонам.

Бадтар аз мушкилоти тиббӣ тарс буд, ва он маро чунони тасарруф карда буд, ки ҳатто барои аз хона баромадан метарсидам. Дилам ба танг меомад, ва ман даҳшати азоби ҷаҳаннам, азиятдиҳанда ва фалаҷкунандаро аз сар мегузаронидам! Мо мӯҳлати пардохти тамоми ҳисобҳои худро гузаронида будем, ва ҳар моҳ маҷбур будем, то қарори душвореро қабул кунем, ки кадоме аз онҳоро пардохт кунему кадомашро ба моҳи оянда мавқуф гузорем.

Ман чунин мепиндорам, ки яке аз ҷанбаҳои бемадоркунандаи бесарусомонии молиявӣ, ки мо аз сар мегузаронидем, ин хиҷолате буд, ки ман эҳсос мекардам. Ҳар дафъае, ки ман корти қарзиро ба даст гирифта, бо умеде, ки он аз нав кор мекунад, онро истифода бурдан мехостам, маро тарс фаро мегирифт. Ман ба онҳое, ки ҳар рӯз занг зада, баргардонидани қарзро талаб мекарданд, ҳамеша баҳона меҷустам, дар асл, ба онҳо дурӯғ мегуфтам. Аз ҳама мушкилтаринаш дидани он буд, ки оилаи зебои ман бе чизҳои ҳаётан муҳим зиндагӣ мекард. Ин дили маро ба дард меовард. Росташро гӯям, ман қариб ҳар рӯз, вақте ки ба мушкилоти пайдарҳам рӯ ба рӯ мешудам, худро шахси ноӯҳдабаро ҳис мекардам.

Ин бесарусомонии молиявӣ ҳамту як нуқтаи милтосзананда дар радар, ягон лаҳзаи зудгузар набуд. Ин нӯҳ соли дурудароз идома ёфт!

Агар донистан хоҳед, бале, мо ҳар ҳафта ба калисо мерафтем. Ман дорои дараҷаи илоҳиётшиносӣ ва тиҷорат будам, ва дар мактаби библиявӣ як сол таҳсил карда будам. Бо Рӯҳулқудс таъмид ёфта будам ва Худоро дӯст медоштам, вале чизе ба таври ҳалокатовар нодуруст буд. Ҳикояҳое, ки ман дар Китоби Муқаддас мехондам, дар ҳаёти воқеӣ рӯй намедоданд.

Мо ба калисои олиҷанобе равуо доштем, ва дар он ҷо таълим дода мешуд, ки Худо хоҳони некӯаҳволии мо аст, ва ин тибқи

иродаи Ӯст, вале ман намедидам, ки ин чизҳо рӯй диҳанд, ва заррае ҳам тасаввур карда наметавонистам, ки чаро ин чизҳо рӯй намедиҳанд. Рости гап, ман намедидам, ки касе аз дӯстони ман ба некӯаҳволӣ расида бошад.

## Сигнал барои амал

Вақте ки адвокат – яке аз шумори онҳое, ки маро бо талаби пул таъқиб мекард, боз занг зад, ҳама чиз ба нуқтаи хатарноки худ расид. Ин дафъа ӯ хеле ошкоро ва қатъӣ буд. “Ҷаноби Киси, ба шумо се рӯз мӯҳлат медиҳам, то 1600 долларе, ки ба мизоҷи ман қарздор ҳастед, бифиристонед, вагарна ман маҷбур мешавам, ки шуморо барои ин маблағ ба додгоҳ кашам”. Сипас ӯ ҳамту гӯшаки телефонро гузошт.

Ман медонистам, ки ҳама чиз тамом шуд. Ман адо шудам. Ман ҷое надоштам, ки муроҷиат кунам, тамоми имкониятҳоро ба харҷ дода будам. На пул буду на хӯрок. Яхдони мо ба мисли суратҳисоби бонкии мо хеле ҳақир ба назар мерасид. Ман дар ҷои кор ба як ҳафтаи бурдборе умедвор будам, ки моро халосӣ дода метавонист, вале он ҳеҷ фаро намерасид.

Ман бо ноумедии зиёд ба хобгоҳи хурди худ дар хонаи кӯҳнаи деҳқонӣ, ки бо 300 доллар дар як моҳ иҷора мегирифтем, баромадам. Ман медонистам, ки дар ин ҳолати хароби молиявӣ на мутобиқи иродаи Худо зиндагӣ карда истодаем, ва ба ҳар ҳол мо ба ҳар кор машғул мешудем, вале пешрафт намекардем.

Бо чашмони пурашк ман худро ба кати хоб андохтам ва ба Худо нидо кардам. Мутааҷҷибона, ногаҳон Ӯ ҷавоб дод. Дар рӯҳи худ ман чунин суханонро аз Китоби Муқаддас шунидам:

> *Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.*
>
> – Филиппиён 4:19

Ман гуфтам: “Ман ин ҷои Навиштаҷотро медонам, аммо онро дар ҳаёти худ намебинам”. Сипас ман шунидам, ки Рӯҳулқудс чӣ гуфт:

“Ман ба ин бесарусомоние, ки ту ба он дучор шудаӣ, ҳеҷ дахле надорам. Сабаби бесарусомонии ту дар он аст, ки чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Маро намедонӣ”. Дар идома Ӯ гуфт, ки Калисои Ӯ чунон зиндагӣ мекунад, ки Исроил дар замони фиръавн зиндагӣ мекард, – ҳамчун ғуломон. Ӯ гуфт: “Ман мехоҳам, ки қавми Ман аз ҷиҳати молиявӣ озод бошад!”

Гарчанде ман намедонистам, ки Ӯ дар зери мафҳуми Подшоҳӣ чиро дар назар дорад, мефаҳмидам, ки ба қарзҳо ғӯтида зиндагӣ кардан хуб нест, ва Ӯ ишора мекунад, ки усули беҳтарини зиндагӣ мавҷуд аст, ки ман намедонам. Ман намедонистам, ки ин усул чӣ гуна аст, ва он чӣ тавр кор мекунад, аммо мефаҳмидам, ки бояд инро возеҳ кунам.

Якумин коре, ки ман кардам, ин буд, ки ба поён фаромадам ва Дрендаро сахт ба оғӯш гирифтам. Ман ба вай нақл кардам, ки Худо ба ман чӣ гуфт. Дар ёд дорам, ки чӣ тавр рост истода, дастони ӯро дошта, дар назди Худо ва ӯ тавба кардам, ки оилаамро ба чӣ ҳол овардам. Вақте Худо дар бораи Подшоҳӣ гап зад, мо намефаҳмидем, ки чиро Ӯ дар назар дошт, вале мо аҳд кардем, ки инро ҳатман возеҳ мегардонем. Мо ҳамчунин аҳд кардем, ки дигар қарзгириро ба тарзи ҳаёти худ табдил намедиҳем, вале бояд эътироф мекардем, ки чӣ тавр ба амал овардани инро намедонем. Вақте ки мо дуо кардем, маро оромӣ пур кард, ва ман фаҳмидам, ки Худо ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр мутобиқи нақшаи Ӯ инро ба амал орем.

Вале дар мавриди калимаи *Подшоҳӣ*, ман воқеан намедонистам, ки Ӯ дар бораи чӣ сухан меронад. Ман медонистам, ки ба биҳишт меравам, ва дорои донишҳои хеле хуби Китоби Муқаддас ҳастам, аммо бо вуҷуди ин намедонистам, ки Ӯ чиро дар назар дорад.

Калимаи *Подшоҳӣ* воқеан на он калимае буд, ки дар борааш чизи зиёд медонистам. Ягона чизе, ки дар бораи зикри он дар Китоби Муқаддас медонистам, ин дар дуои "Эй Падари мо" буд.

> *Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд.*
>
> – Матто 6:10

Дар он лаҳза ман фикр мекардам, ки ин ба Подшоҳии оянд ае дахл дорад, ки Исо рӯзе дар замин барқарор мекунад, аммо тасаввуроте надоштам, ки дар асл дар бораи чӣ сухан меравад. Вале баъд аз омӯзиши матн ман фаҳмидам, ки ман хато кардаам. Исо ба мо мегӯяд, ки дар ин ҷо ва ҳоло чӣ тавр дуо кардан мумкин аст. Мо бояд оиди иродаи Худо дар замин дуо кунем. Пас Подшоҳии Худо чӣ аст?

Агар шумо китобҳои пештари маро хонда бошед, агар хоҳед, ба боби 1 гузашта метавонед, аммо ман чунин меҳисобам, ки агар шумо аз санҷиш гузаштан хоҳед, такрор – модари дониш. Санҷиши шумо – бозии ҳаёт – аллакай сар шуд, аммо ба воҳима наафтед. Шумо ҳанӯз барои ёфтани ҷавобҳои дуруст ва супоридани санҷиш вақти бисёр доред. Вале агар аввалин бор хонда истода бошед, пас чизҳое, ки дар поён навишта шудаанд, хеле муҳим мебошанд!

## Тарзи нави ҳаёт

Вақте Худо ба ман гуфт, ки ман тасаввуроте надорам, ки Подшоҳии Ӯ чӣ тавр амал мекунад, мулоимтар карда гӯем, ман ҳайрон шудам. Ман ва Дренда намефаҳмидем, ки Ӯ чиро дар назар дорад. Вақте Ӯ гуфт, ки мо чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Ӯро намедонем, мо дуо кардем ва аз Худо дархост намудем, то он чиро ки дар назар дошт, ба мо ошкор кунад.

Бинобар ин чизи аввалине, ки ман ба фаҳмидани он маҷбур шудам, – ин буд, ки Подшоҳӣ бо маънои табиӣ чӣ аст? Ман фикр

мекунам, ки бо тафаккури ғарбии худ ба ин мафҳум сарфаҳм рафтан барои мо мушкил аст, зеро мо дар муҳити амрикоии демократия ва озодии сухан зиндагӣ мекунем. Подшоҳии Худо – ин демократия нест, ин Подшоҳӣ бо Подшоҳ аст. Қудрати Подшоҳ ба тамоми подшоҳӣ паҳн мешавад. Дар он ваколатҳо ба воситаи мақомот ва одамони гуногун, ки дар доираи ин ваколатҳо амал мекунанд, ба кор бурда мешаванд.

Издиҳоми одамон – ин подшоҳӣ нест. Дар издиҳом миллион нафар одамон буда метавонанд, вале ба ҳар ҳол он подшоҳӣ маҳсуб намешавад. Подшоҳӣ – ин гурӯҳи одамоне, ки тавассути қонун ва ҳокимият муттаҳид ҳастанд.

Маънои луғавии "подшоҳӣ" чунин аст: "Давлат ё ҳукумате, ки дар он подшоҳ ё малика сарварӣ мекунад".

Гарчанде мо дар Рӯзи Мавлуд ба замин омадани Исоро ҷашн мегирем, мо, одатан, намефаҳмем, ки Ӯ бо Худ ҳокимият овардааст. Дар Китоби Муқаддас дар бораи ин ҳокимият дар Китоби Ишаъёи набӣ гуфта шудааст:

> *Зеро ки кӯдаке барои мо таваллуд ёфт, Писаре ба мо дода шуд, ва салтанат бар дӯши Ӯ хоҳад буд, ва номи Ӯ Аҷиб, Мушовир, Худои Ҷаббор, Падари ҷовид, Мири осоиштагӣ хонда хоҳад шуд. Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд; рашки Худованди лашкарҳо инро ба амал хоҳад овард.*
>
> – Ишаъё 9:6, 7

Исо Сарвари ин ҳукумат аст, ва, вақте ки мо Исоро ҳамчун Наҷотбахши худ қабул мекунем, мо баҳрабардорони ин ҳукумат мегардем, мо шаҳрванд мешавем. Мо на танҳо шаҳрванд мешавем, балки дар асл ҳамчун писарону духтарони Худо узви хонаи Ӯ мегардем.

> *Лекин ба онҳое ки Ӯро қабул карданд ва ба исми Ӯ имон оварданд, қудрат дод, ки фарзандони Худо гарданд, ки на аз хун, на аз хоҳиши ҷисм, на аз хоҳиши марде, балки аз Худо таваллуд ёфтаанд.*
>
> – Юҳанно 1:12, 13

> *Пас, шумо акнун на ғайр ҳастед ва на бегона, балки ҳамватани муқаддасонед ва аҳли хонаи Худо.*
>
> – Эфсӯсиён 2:19

Ҳамчун аъзои хонаи Худо, мо узви оилаи Ӯ мегардем ва бо ҳамин тариқ соҳиби тамоми чизҳое мегардем, ки Ӯ соҳиб аст ё як қисми он мешавем. Ғайр аз ин мо бо ҳуқуқу афзалиятҳои қонунӣ шаҳрвандони Подшоҳии бузурги Ӯ мегардем.

## Подшоҳии нав

Барои фаҳмидани он, ки ман оиди чӣ ҳарф мезанам, иҷозат диҳед, то бигӯям, ки чӣ тавр шаҳрванди ҳақиқии Иёлоти Муттаҳида шудан мумкин аст. Ҳамчун шаҳрванди Иёлоти Муттаҳида, шумо ҳуқуқҳои қонунӣ доред. Ҳуқуқҳои қонунии шумо дар Сарқонун ва қонунҳое, ки ҳукумати мо қабул кардааст, навишта шудаанд. Ин қонунҳо ва имтиёзҳо нисбат ба ҳар як шаҳрванд, қатъи назар аз он ки ӯ кӣ аст, кор мекунад. Ин ҳуқуқҳо дар асоси эҳсосот ё ақли мо интишор нашудаанд. Не, онҳо дар асоси қонун муқаррар карда шудаанд ва аз ҷиҳати юридикӣ ба ҳар як шаҳрванде, ки Амрикоро хонаи худ медонад, дастрас мебошанд. Шаҳрванд метавонад ҳатто аз ҳуқуқҳои қонунии худ огоҳ набошад, аммо ба ин нигоҳ накарда ӯ ин ҳуқуқҳоро танҳо барои он дорад, ки ӯ шаҳрванди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мебошад.

Ҳамин тавр, ман шуморо даъват мекунам, ки дар бораи ана ин андеша кунед ва умедворам, ки ин тасаввуроти шуморо оиди Худо ва оиди он ки шумо чӣ тавр ваъдаҳои Худоро ба даст меоред,

тағйир медиҳад. Дар ин ҷо, дар Иёлоти Муттаҳида, агар мо донем, ки чизе ё касе кӯшиш мекунад, то ҳуқуқҳои қонунии моро аз мо гирад ё нисбат ба мо ноодилона рафтор кунад, мо ба адолат (маънои адолат иҷрои қонун ё татбиқи қонун аст) – ба раванде, ки риояи ҳуқуқҳои қонунии моро таъмин месозад, дастрасӣ дорем. Мо ба суд меравем, ва судя ба намуди зоҳирии мо аҳамият намедиҳад, барои ӯ аҳамият надорад, ки мо сарватманд ҳастем ё камбизоат. Ӯ ба қонун нигоҳ мекунад. Ӯ бояд доимо дар асоси қонун қарор барорад. Қонун ва судя кафили ҳимояи мо мебошанд.

Мо ҳуқуқҳои қонунӣ дорем, ва ҳукумати мо ба воситаи раванди адолат дар доираи системаи ҳуқуқии Иёлоти Муттаҳида риояи ҳуқуқҳои қонунии моро кафолат медиҳад ва таъмин менамояд. Бо назардошти ин, ба иқтибосе аз Китоби Ишаъё, боби 9, бодиқаттар нигоҳ кунед, ки дар он оиди ҳокимияти наве сухан меравад, ки Исо ба замин овардааст.

> *Афзоиши салтанат ва осоиштагии Ӯ бар тахти Довуд ва бар мамлакати вай интиҳо нахоҳад дошт, то ки онро бо инсоф ва адолат, минбаъд ва то абадулобод барқарор ва мустаҳкам намояд...*
>
> – Ишаъё 9:7

Дар ин ҷои Навиштаҷот гуфта шудааст, ки Подшоҳии Худо ба воситаи адолат, татбиқи қонуни Худо барқарор карда ва нигоҳ дошта мешавад. Идоракунӣ маънои раванди амалӣ кардан ё риояи ҳуқуқҳои қонунии шуморо дорад. Ҳуқуқҳои қонунии шумо – ин чизест, ки Худо ҳақиқат меномад ё чизест, ки, тибқи суханони Ӯ, дуруст мебошад, яъне қонуни Ӯ. Барои он ки шумо дорои он чизе бошед, ки, тибқи суханони Худо, дар Подшоҳии Ӯ дуруст аст, яъне чизе, ки аз рӯи қонун ба шумо ҳамчун шаҳрванди ин Подшоҳӣ тааллуқ дорад, Худо ба шумо барои адолат дастрасӣ додааст, яъне ба раванд ё кафолати чизе, ки шумо мутобиқи ваъдаи Ӯ қабул доред.

Худо ба воситаи Каломи Худ, Китоби Муқаддас, ба мо иродаи Худро ошкор кард, то ки мо ҳуқуқҳои қонунии худамонро дар Подшоҳии Ӯ бидонем. Ин хабари хуш аст! Ҳар чизе, ки шумо дар Китоби Муқаддас алоқамандона ба ваъдаҳои Худо мехонед, аллакай аз рӯи қонун ба шумо ҳамчун шаҳрванди Подшоҳии Ӯ тааллуқ дорад!

Дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён ба таври равшан гуфта шудааст, ки ҳар як ваъда – ҲАР ЯК ВАЪДА – ин “оре” ва “омин”. Ҳама чиз аллакай ҳал шудааст, онҳо аллакай қонунан аз они шумо мебошанд.

> *Зеро ки ҳамаи ваъдаҳои Худо дар Ӯ “оре” буд ва дар Ӯ “омин” буд, — барои ҷалоли Худо, ба воситаи мо.*
>
> – 2 Қӯринтиён 1:20

Адолат ва инсоф – моҳият ва пойдевори Подшоҳии Худо, онро наметавон такон дод. Дар ин бора чунин фикр кунед: агар ман қонуни Подшоҳии Худоро (иродаи Ӯро) донам ва донам, ки ман ба адолат – раванди риояи ҳуқуқ, ки қонун ба ман кафолат медиҳад, дастрасӣ дорам, он гоҳ ман дилпур ҳастам ва тарсе надорам.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Вақте дар ин оят гуфта мешавад, ки Ӯ моро мешунавад, сухан на дар бораи он меравад, ки Ӯ моро ба таври акустикӣ, яъне тавассути мавҷҳои овоз мешунавад, балки сухан дар бораи он меравад, ки Ӯ “парвандаи моро қабул мекунад”.

Дар бораи судяе фикр кунед, ки парвандаро мешунавад, то ки адолатро ба амал орад. Толори суд ва судя барои он вуҷуд доранд,

ки ба ҳар як шаҳрванд дастрасиро ба адолат кафолат диҳанд. Қарори судя на ба ҳиссиёти ӯ, балки ба қонуне асос меёбад, ки ӯ намояндагӣ мекунад, ва татбиқи онро барои ҳар як шаҳрванд таъмин месозад. Судя дар он ҷо барои он ҳозир мешавад, то боварӣ ҳосил кунад, ки адолат (татбиқи қонун) тибқи қонунҳои интишоршуда амалӣ мегардад.

Дар мавриди Худо тахти Ӯ (курсии қудрат) ва қуввати Ӯ барои он дар он ҷо қарор доранд, ки адолатро (татбиқи иродаи Ӯро) барои ҳамаи одамоне, ки ба назди Исо ва Подшоҳии Ӯ меоянд, таъмин кунанд.

Лутфан ин изҳоротро бори дигар хеле оҳиста хонед, ва бигзор он ба тасаввуроти ҳозираи шумо оид ба Худо ҳамоҳанг бошад. Аксар одамон чунин меҳисобанд, ки Худо қарорҳои Худро дар ҳар як ҳолати мушаххас қабул мекунад, аммо ин тавр нест. Ӯ Шоҳи Подшоҳие аст, ки қонунҳояш иваз намешаванд. Ӯ берун аз доираи қонунҳои Худ қарор қабул намекунад ва нахоҳад кард. Мо ҷавоби Ӯро ҳанӯз пеш аз пурсидан медонем, ва дилпур буда метавонем, ки ҳанӯз пеш аз он ки ин қонунро мебинем, дорои ҳар он чизе мебошем, ки дар қонуни Ӯ гуфта шудааст, зеро Ӯ салоҳият дорад, ки қонуни Худро иҷро кунад.

## Дигар гадоӣ бас аст

Вақте ки ман ва Дренда ба донистани ҳуқуқҳои қонунии худ дар Подшоҳии Худо сар кардем, ин тасаввуроти моро оиди Худо ва Китоби Муқаддас куллан дигар кард. Натиҷаи фаҳмиши нави мо ҳаёти моро тағйир дод. Дигар гадоӣ бас аст. Дигар дархосткуниҳо бас аст. Мо фаҳмидем, ки аллакай ба мо қонунан ҳамчун шаҳрвандони Подшоҳии Ӯ дода шудааст. Ва мо омӯзиши онро идома додем, ки чӣ тавр ҳуқуқҳои худро дар мавриди ваъдаҳо эълон кунем ва татбиқи онҳоро дар ин ҷо, яъне дар подшоҳии заминӣ бубинем. Барои мо донистани он, ки дорои ҳама чизҳое ҳастем, ки дар осмон вуҷуд дорад, кушоиш буд. Мо

ҳамчун шаҳрвандон ба қонунҳои Подшоҳӣ дастрасии қонунӣ дорем. Аммо ҳамчун узви худи хона мо молик ҳастем ва ҳуқуқи қонунӣ дорем, ки ҳама чиро ки дар осмон аст, мерос гирем.

> *Ва агар фарзандонаш бошем, ворисонаш низ ҳастем: ворисони Худо ва ҳамирсони Масеҳ ҳастем, агар ҳақиқатан бо Ӯ азобу уқубат кашем, то ки бо Ӯ низ ҷалол ёбем.*
>
> – Румиён 8:17

Диққат диҳед, дар матн гуфта шудааст, ки мо ҳамирсони Масеҳ ҳастем! Ин чунин маъно дорад, ки ҳама чизе, ки дар Масеҳ аст, дар мо низ ҳаст!

Вақте ки ҳамон рӯз Худо дар хоначаи хурдакаки кӯҳна бо ман сӯҳбат кард ва гуфт, ки ман чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Ӯро намедонам, Ӯ қонунҳо ва сохтори ҳуқуқии Подшоҳии Худро дар назар дошт. Ӯ ҳақ буд. Ман тасаввур карда наметавонистам, ки Подшоҳии Ӯ чӣ аст ва он чӣ тавр амал мекунад. Аммо ман зуд як чизро пай бурдам, ки ба ман барои фаҳмидани моҳияти он кӯмак кард: Подшоҳӣ бо қонунҳои тағйирнопазир амал мекунад. Дар қонунҳо ҳеҷ гуна ғаразнокӣ вуҷуд надорад. Онҳо ба фоидаи шахси муайян дигар намешаванд. Онҳо тағйирнопазир ва доимӣ мебошанд.

Иҷозат диҳед, ки як мисол биёрам. Имрӯз мо қувваи барқро истифода бурда, аз равшание, ки дар хонаҳои мо ҳаст, лаззат мебарем. Шумо розӣ ҳастед, ки қонунҳои идоракунандаи қувваи барқ аз лаҳзаи офариниши замин вуҷуд доранд. Аммо дар тӯли ҳазорсолаҳо равшанӣ набуд! Чаро? Ҳеҷ кас қонунҳоеро, ки қувваи барқро танзим мекард, намедонист ва истифода бурдани онҳоро намедонист, то ки чароғ фурӯзон шавад. Гарчанде барқ ва барқи статикӣ дар ҳаёти ҳаррӯза вуҷуд дошт, аммо ин танҳо мушоҳидаҳо буданд. Ба вуҷуд овардани чизи намоён ба фикри ҳеҷ кас намеомад, зеро одамон намефаҳмиданд, ки падидаҳои

мушоҳидакардаи онҳо ба қонуни табиие асос ёфтааст, ки онро омӯхтан мумкин аст.

Айнан ҳамин гуна нофаҳмӣ имрӯз дар калисо паҳн шудааст. Одамон дар бораи корҳои бузурги Худо, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудаанд, мехонанд, аммо алоқамандона ба он чизе, ки мехонанд, ҳеҷ гоҳ аз мавқеи мушоҳидакоронаи худ дур намешаванд.

Бисёриҳо мебинанд, ки чӣ тавр Худо корҳои аҷиброро ба амал меорад, аммо, ҳамчун мушоҳидакорони дурахши барқ дар вақти раъду барқи тобистон, онҳо истода, мегӯянд: “Эҳ, шумо инро дидед?”, вале онро такроран ба амал оварда наметавонанд, зеро онҳо қонунҳоеро, ки чизҳои мушоҳидакардаи онҳоро танзим мекунанд, намефаҳманд. Масалан, мо имрӯз метавонем чароғҳоро дар ҷои дилхоҳи ҷаҳон ҷойгир кунем, зеро қонунҳоеро, ки қувваи барқро танзим мекунанд, медонем.

Айнан ҳамин тавр имрӯз мо бо ҳавопаймо ҳазорҳо мил масофаро тай карда, ба ҳар гӯшаи олам рафта метавонем. Ҳавопаймо қобилияти парвоз карданро пайдо мекунад, чунки мо қувваи болобарандаро медонем ва ба кор мебарем. Аммо ин қонун аз азал вуҷуд дошт, ва паррандагоне, ки ҳамарӯза ин қонунро истифода мебаранд, исботи ин гуфтаҳо мебошанд. Аммо дар тӯли ҳазорсолаҳои қаблии мавҷудияти инсон ҳеҷ кас бо ҳавопаймо парвоз намекард, зеро ҳеҷ кас қувваи болобарандаро кашф накарда буд ва истифода бурдани онро наомӯхта буд.

Айнан ҳамин чиз бо Подшоҳии Худо низ рӯй медиҳад. Одамони зиёд илтиҷо мекунанд, мегирянд ва кӯшиш мекунанд, то Худоро водор созанд, ки барои онҳо кори неке бикунад. Аммо онҳо намедонанд, ки вақте онҳо имондор шуданд, тамоми қонунҳо ва неъматҳои Подшоҳии Худо моли онҳо гардид, аз онҳо истифода ва лаззат бурдан мумкин аст, зорию илтиҷо кардан лозим нест.

Фарз кардем, ки ман ба калисои шумо омадан мехоҳам. Оё шумо аз гурӯҳи дуокунӣ илтимос мекардед, ки дуо кунанд ва

рӯза гиранд, то ҳамон бегоҳӣ, вақте ки ман меоям, чароғ фурӯзон шавад? Албатта, не! Агар ман тасодуфан ба калисои шумо биёям, ва чароғ фурӯзон нест, магар ҳама ба Худо фиғон бардошта, гиряву зорӣ мекунанд, то Худоро водор созанд, ки чароғро фурӯзон кунад? Не, онҳо тугмачаи фурӯзонкунандаи барқро меҷӯянд, ҳамту онро пахш карда, чароғро дармегиронидананд. Ҳеҷ гуна тарс, ҳеҷ гуна безобитагӣ вуҷуд надорад, ҳамту чароғро фурӯзон кунед!

Аммо бо кадом-як сабабе масеҳиён ҳеҷ гоҳ бо ин нуқтаи назар ба Подшоҳӣ ва Каломи Худо намеоянд. Онҳо вақти зиёди худро бо зорию илтиҷо мегузаронанд, ва умед мекунанд, ки чизе рӯй медиҳад. Вақте ки ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад, онҳо зуд Худоро айбдор мекунанд ва чунин меҳисобанд, ки Худо дархости онҳоро иҷро накард. Маҳз аз сабаби чунин нофаҳмӣ аксари масеҳиён имрӯз фикр мекунанд, ки Худо иҷозат медиҳад, то чизҳои бад рӯй диҳанд, ё вақте ки фоҷиа рӯй медиҳад, чунин меҳисобанд, ки Ӯ аз мо беҳтар медонад. Дӯстам, Подшоҳии Худо чунин амал НАМЕКУНАД!!! Биёед боз ба порчаи худ, аниқтараш ба Номаи якуми Юҳанно рӯ меоварем.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Азбаски мо медонем, ки мутобиқи ҳуқуқҳои қонунии худ талаб мекунем, ва ин, ки Ӯ амал мекунад, мо мутмаин ҳастем, ки ҳар чизи аз Ӯ талабидаамонро ба даст меорем! Мутаассифона, ҳақиқате, ки дар ин матн ошкор шудааст, ба имондорони зиёд нофаҳмо аст. Аз рӯи таҷрибаи худ, ман гуфта метавонам, ки барои аксари имондорон нофаҳмо аст. Аммо маҳз ҳамин фаҳмиш ҳаёти маро куллан дигар кард!

## Диди рӯҳонӣ ё зиндамонӣ

Ман ҳикояҳои Китоби Муқаддасро бо шавқи зиёдтар мехондагӣ шудам. Ман медонистам, ки дар ҳар як ҳикоя қонунҳои рӯҳоние мавҷуд мебошанд, ки бояд ошкор шаванд. Ман ҷӯяндаи рӯҳонӣ шудам. Дар ҳар як ҳикоя ман савол медодам. "Чаро ин рӯй дод?" "Кадом қонун дар ин ҳикоя тасвир шудааст?" Тадриҷан ман ба фаҳмидани принсипҳо ва қонунҳое, ки дар Подшоҳии Худо амал мекунанд, шурӯъ кардам, ва ин куллан ҳаёти маро дигар кард.

Ба истифода бурдани ин қонунҳо сар карда, дар тӯли дуюним сол мо аз қарзҳо пурра халос шудем. Мо ба мошинҳои худ бо пули нақд пардохт мекардагӣ шудем, хонаи орзукардаи худро дар 22 гектар замин бино намудем ва бисёр чизҳои дигар. Беҳтаринаш он аст, ки ҳоло ягон фишори молиявӣ вуҷуд надорад. Хонаи мо пардохт карда шудааст, ва акнун мо метавонем ба рисолати худ, ба ҳадафи худ тамаркуз кунем, на ба зинда мондан.

Мо аз он чизҳое, ки меомӯхтем, хеле ба ҳаяҷон омадем, ва дар айни замон медидем, ки аксарияти дӯстон ва шиносҳои мо ҳанӯз ҳам аз чизҳое, ки мо лаззат мебарем, лаззат намебаранд. Хоҳиши ёрӣ расонидан ба одамон дар омӯхтани чизҳое, ки мо ёд гирифтем, моро водор сохт, ки дар соли 1995 калисои "Ҳаёт бо имон"-ро таъсис диҳем. Мо диққати худро ба он равона кардем, ки қонунҳо ва принсипҳоеро, ки Худо ба мо таълим дод, бо дигарон мубодила кунем, ва ба одамон таълим диҳем, ки чӣ тавр онҳо метавонанд озод бошанд ва дар Подшоҳии Худо бо некӯаҳволӣ зиндагӣ кунанд.

Сипас, дар соли 2005, мо хидматгузории "Ҳаёт бо имон ҳоло"-ро дар шакли барномаҳои телевизионӣ шурӯъ кардем. "Ҳаёт бо имон ҳоло" ду барномаи ҳаррӯзаи телевизонии мо – "Ҳалли масъалаҳои молиявӣ" ва "Дренда"-ро бо Хушхабар оиди Подшоҳии Худо ба тамоми ҷаҳон пахш мекунад.

Имрӯз мо таҳи курсиҳои мошинҳои худро барои пайдо

кардани чорякҳо ва даҳсентиҳо кофтуков намекунем, то ки барои харидани “Ҳеппи мил” ва тақсим кардани он дар ба байни се фарзандонамон пулҳои майда дарёфт кунем. Мо ба барномаҳои худ миллионҳо доллар харҷ мекунем ва иштиёқманди онем, ки ба одамон ёрӣ диҳем, то онҳо бидонанд, ки чӣ тавр мо ба ин муваффақ шудем.

Мо ногаҳон аз мафкурае, ки ба зиндамонӣ нигаронида шуда буд, ба мафкурае гузаштем, ки бар диди рӯҳонӣ асос ёфтааст, ва дар бораи он орзу карданро шурӯъ намудем, ки мо чиро метавонем бунёд кунем ва бо ҳаёти худ чӣ кор карда метавонем. Мо аз бесарусомонӣ ва ғуломии молиявӣ ба озодии молиявӣ гузаштем.

Дар рӯзҳое, ки мо муфлис будем ва ҳоламон хароб буд, ҳар як масъалаи ночизи молиявӣ ба фалокат табдил меёфт. Дар зери фишори бузург мо кӯшиш мекардем, ки аз касе қарз гирем, ё боз ба ломбарди маҳаллӣ  равона мешудем! Лекин имрӯз мо аз қуввати таъминот ҳаловат мебарем.

Эҳтимол, шумо мепурсед:

Гэри, қуввати таъминот чӣ маъно дорад?

Қуввати таъминот – ин қобилияти пайдо кардани рисолати худ ва халос шудан аз муборизаи якумра барои зиндамонӣ. Таъминот – ин пешбинӣ. Бори дигар оҳиста хонед, ин як навъ бозии сухан аст (*provision* – аз англ. “таъминот” аст, ки *vision* “биниш” мебошад. – *Эзоҳи тарҷ*.), аммо маъно равшан аст.

Набудани таъминот ба зиндагии ғуломона мебарад, ва ғуломон орзуи калон надоранд! Ва доимо дар ёд дошта бошед, ки шумо ғулом нестед! Шумо узви хонаи Худо мебошед, дар якҷоягӣ бо Исо вориси ҳама чиз ҳастед. Аз ин рӯ сари худро бардошта, ба оянда нав нигоҳ кунед. Ман мехоҳам, ки шумо озодона орзу кунед, аз иҷро шудани орзуи худ лаззат баред ва бо некӯаҳволӣ

зиндагӣ кунед. Ман мутмаинам, ки ба андозаи ошноӣ бо ин китоб шумо илҳом меёбед, ва на танҳо ин. Шумо боварӣ ҳосил мекунед. Қонунҳои Подшоҳӣ, ки ҳаёти маро дигар карданд, – ин қонунҳои шумо низ ҳаст.

– Гэри Киси

Дар асл аз силсилаи панҷ китоб бо номи "Инқилоби молиявии ту" ин чорумин китоб аст. Ман ба шумо тавсия медиҳам, ки се китоби қаблиро хонед, то дар бораи қонунҳое, ки ман ишора мекунам, тасаввурот ҳосил кунед ва бештар дар бораи он огоҳ шавед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад. Ин китобҳо чунин ном доранд: "Инқилоби молиявии ту. Қуввати ризоият", "Инқилоби молиявии ту. Қуввати оромӣ" ва "Инқилоби молиявии ту. Қуввати стратегия". Шумо онҳоро дар сомонаи GaryKeesee.com ё Amazon.com дастрас карда метавонед.

БОБИ 1

# НУР ДАР ТОРИКӢ МЕДУРАХШАД

Дар муқаддима ман ба шумо оиди занги телефонии адвокате нақл кардам, ки маро водор сохт, то бо вазъияти воқеии мо рӯ ба рӯ шавам ва ниҳоят ба Худо нидо кунам. Ман ҳамчунин ба шумо нақл кардам, ки вақте ба кати хоб дароз кашида, мегиристам, Худованд ба ман чӣ гуфт ва барои он ба ин бесарусомонӣ дучор шуда будам, ки чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро намедонистам. Аммо он чӣ тавр амал мекунад? Ӯ чиро ба ман нишон додан мехост? Ман ҳеҷ гуна тасаввуроте надоштам, вале донистан мехостам.

Агар дар ёд дошта бошед, ман барои раҳо шудан аз даъвои судӣ бояд пас аз се рӯз ба адвокат 1600 доллар медодам. Он вақт мо барои дар мӯҳлаташ баргардонидани қарз на пул, на имконияти дарёфт кардани онро надоштем. Ман ба вазъияти ноилоҷ афтода мондам, ҳадди ақал ба назарам ҳамин тавр намудор мешуд. Ба ҷои ин ман бояд оиди амали Подшоҳии Худо аввалин сабақи худро мегирифтам.

Он вақтҳо ман як мошини кӯҳнаи "доҷ караван"-ро мерондам, ки ҳангоми рондан ҳамчун паровоз дуд мекард. Ҳамон бегоҳӣ ман бояд бо як оила вомехӯрдам, то эҳтиёҷоти суғуртаи онҳоро муҳокима кунем, вохӯрӣ бояд дар хонаи онҳо, ки аз дафтари кории ман тақрибан дар масофаи понздаҳ дақиқаи мошинсавор ҷойгир шуда буд, доир мегардид.

Ҳамон рӯзҳо ман мошинамро махсус дар кӯчаи ҳамсоя ё дар кунҷи бинои мизоҷ қарор медодам. Сабабаш оддӣ буд. Ҳар вақте ки ман мошинро ба кор медаровардам, аз он дуди ғафси сафед мебаромад, ва ман чунин намеҳисобидам, ки ин барои пешрафти бизнеси ман мусоидат мекунад, зеро ман ба истилоҳ як коршиноси соҳаи молия будам, ки ба мизоҷони худ дар бораи сармоягузорӣ ва хариди суғурта маслиҳат медод.

Ҳамон бегоҳӣ чун пештара мошинамро дар кунҷи бинои мизоҷам қарор додам. Мо хеле хуб сӯҳбат кардем, ва ман хайрухуш кардам, аммо, вақте ки мизоҷ ба гуселонидани ман баромад, ман ноором шудам: кош ӯ дар он лаҳзае, ки ман мошинро ба кор медарорам, дар он ҷо наистад. Мутаассифона, ӯ маҳз ҳамин тавр кард. Гарчанде ман шитоб накарда, бо мақсади он ки вақтро тӯл кашонам, портфел ва чизҳои дигарро ба салон гузоштам, ӯ босаброна дар он ҷо меистод, то даме ки ман маҷбур шудам, ки мошинро ба кор дарорам. Чуноне ки интизор будам, кӯча аз дуди сафед пур шуд.

Вақте ки ман аллакай ба роҳ баромаданӣ будам, ӯ бо имою ишора хоҳиш кард, ки моторро хомӯш кунам ва ба назди тиреза омад. Ӯ гуфт, ки дар устохонаи таъмири мошинҳо кори иловагӣ мекунад, ва мехоҳад, ки як ба зери капот нигоҳ кунад. Ман розӣ шудам ва капотро кушодам. Ман медонистам, ки дар асл ин аҳамияте надорад, ки ӯ чӣ меёбад. Дар ин лаҳза ман пул надоштам, ки ба ин хароба сарф кунам.

Пас аз чанд дақиқа ӯ баргашт ва гуфт: “Чуноне ки ман гумон доштам, қабати резинии сараки муҳаррики мошинатон аз кор баромадааст. Пеш аз рондани дигар ба зудӣ ин мушкилиро ҳал кунед. Барои ин ҳамагӣ 700 доллар харҷ мекунед”.

Ман барои маслиҳат ба ӯ миннатдорӣ изҳор карда, ба дафтари корӣ равона шудам. Дар майнаи ман танҳо як ибора садо медод: “Барои ин ҳамагӣ 700 доллар харҷ мекунед!” Барои ман ҳамон лаҳза 700 доллар ҳамчун миллион доллар садо медод, ва боз ман

бояд 1600 доллар пайдо карда, ба адвокат мефиристондам. Ғайр аз ин ман дигар ҳисобҳое доштам, ки бояд пардохт мекардам.

Ман ҷавобе надоштам, аммо дуоеро ба хотир овардам, ки ману Дренда пештар карда будем: “Худовандо, ба мо ёд деҳ, ки Подшоҳии Ту чӣ тавр амал мекунад, ва нишон деҳ, ки мо чӣ тавр бе қарзҳо зиндагӣ кунем”.

Дар роҳ ба дафтари корӣ ман оиди вазъияти молиявии худ бо Худо ҳарф задам. “Худовандо, Ту ҳама чизро дар бораи пуле, ки ба ман лозим аст, медонӣ. Ту медонӣ, ки ман ҳанӯз ҳам барои мошин қарздор ҳастам, ва ҳоло 700 доллар барои таъмир лозим аст. Худовандо, рости гап, агар пулеро, ки ман ба бонк барои ин мошин қарздорам, ва нархи таъмирро ҳисоб кунӣ, пас, шояд, беҳтар мебуд, ки он ҳамту оташ гираду суғурта ҳамаи инро пӯшонад!” Ман инро бо овози шунаво, бо ҳиссиёти ногувор ва масхараомезона ба забон овардам, на ончунон ки қоидаи дуо талаб мекунад.

Ҳамон лаҳза ки ман инро ба забон овардам, чизе диққати маро ҷалб кард. Ман боварӣ надоштам, ки ин пештар буд ё не, ё ба назарам чунин менамояд, ки дар қисми болоии капот каме дӯққича пайдо шуд. Вақте ки ман ба он нигоҳ кардам, чунин ба назар мерасид, ки он оҳиста калонтар мешавад. Ва вақте ки ман мушоҳида кардани дӯққичаро давом медодам, боварӣ ҳосил кардам, ки ҳақиқатан ҳам ҳаҷми он калонтар мешавад. Ман, мулоим карда гӯем, дар ҳайрат мондам. Ман ба ғайр аз дуде, ки ҳамеша аз паси мошин ба ҳаво мебаромад, ҳеҷ гуна дудро намедидам, бинобар ин роҳи худро ба дафтари кориам давом додам.

Вақте ки ман ба истгоҳи мошинҳои корхона даромадам, ногаҳон аз қисми пеши мошин оташ аланга зад! Аланга аз қисми муҳаррики мошин ду метр ба ҳаво баланд шуд. Он гоҳ ман бо овози шунаво гуфтам: “Худовандо, оё Ту чизеро, ки ман гуфтам, шунидӣ?”

**ОН ГОҲ МАН БО ОВОЗИ ШУНАВО ГУФТАМ: “ХУДОВАНДО, ОЁ ТУ ЧИЗЕРО, КИ МАН ГУФТАМ, ШУНИДӢ?”**

Рӯзи дигар ширкати суғурта даъвои маро қонеъ гардонид, ва барои пардохтани 1600 долларе, ки бояд ба адвокат медодам, пул кифоягӣ кард, ва ҳамчунин қарзи мошинро низ баргардонидам. Ва боз барои харидани андак маҳсулоти хӯрока пули кофӣ боқӣ монд. Мо дар як вақт ҳам хурсанд ва ҳам дар ҳайрат монда будем, аммо бе мошин мондем, ки барои рафтуомади ҳамаи шаш нафари мо зарур буд.

Ман дар ҳақиқат фаҳмонида наметавонистам, ки дар он лаҳза чӣ рӯй дод, аммо далели он, ки ман бо овози шунаво гуфтам, ки мошин оташ гирад, диққати маро ҷалб кард. Ман бояд иқрор мешудам, ки то ин дам ҳеҷ як мошине, ки доштам, оташ нагирифта буд. Аз дигар тараф, ҳеҷ гоҳ ман овоз набароварда будам, ки он оташ гирад.

Оё ин ба Подшоҳӣ алоқаманд буд? Оё ман ягон кор кардам, ки ин ҳодиса рӯй дод ё ин танҳо як тасодуф буд? Мо инро ба таври дақиқ намедонистем. Гарчанде мо ба бонк ва кредитор қарзамонро супорида, ғалабаро ҷашн гирифтем, ба мо ҳанӯз ҳам мошин даркор буд, вале онро чӣ тавр пайдо карда метавонистем?

## Ҷустуҷӯи мошини нав

Падари ман занг зада, пурсид, ки мо чӣ ҳол дорем, ва ба ивази мошини оташгирифта кӯмак пешниҳод кард. Падарам пул дошт, ва ман пинҳонӣ умедвор будам, ки ӯ ба ман мошин мехарад. Ӯ моро даъват кард, ки ба фурӯшгоҳҳои атрофи ин минтақа рафта, мошини хуби истифодашуда пайдо кунем. Албатта, ман бо хурсандӣ ин пешниҳодро қабул кардам.

Мо ба якчанд фурӯшгоҳҳо ташриф овардем, ва ман “доҷ караван”-и олиҷаноб ёфтам. Ин мошини яксола дар ҳолати аъло

буд. Ман ба падарам гуфтам, ки, ба фикри ман, ин мошин, ҳамин навъ, зебои қирмизӣ, ба Дренда маъқул шуда метавонист. Ва умед доштам, ки ӯ чизе ба ин монанд мегӯяд: “Хуб! Майлаш, биё рафта, онро ба расмият медарорем”. Аммо ба ҷои ин ӯ гуфт: “Ман ба шумо барои харид 5000 доллар медиҳам”. Бале, ин пешниҳоди хеле саховатмандона буд, аммо ӯ дар асл пешниҳод мекард, ки пешпардохтро пӯшонад ва боқимондаашро ба ман вогузор кунад.

Ногаҳон воқеият ба сарам фуруд омад. Таърихи муомилоти кредитии ман ба ҳеҷ як бонк иҷозат намедод, ки ба ман қарз диҳад. Ва то ин дам ба ман муяссар мешуд, ки вазъияти гарони молиявии моро аз падарам пинҳон кунам. Ғайр аз ин, ман ҳис мекардам, ки дигар ба дӯши худ қарзи боз ҳам бештар гирифтан намехоҳам.

Аммо, дигар илоҷ наёфта, ман зуд ба қароре омадам, ки ақаллан барои қарз ариза пур кунам. Зеро ман медонистам, ки дар ин ҳолат ман бояд вазъияти худро ба падарам нақл кунам, ва ба ӯ лозим мешуд, ки бо ман аризаро имзо кунад. Ман бо дили нохоҳам ҳолати худро фаҳмондам, ӯ пешниҳод кард, ки кафили қарз мешавад, ва мо ариза додем. Дар нуқтаи фурӯш ба ман гуфтанд, ки қарори худро субҳи дигар хабар медиҳанд.

Албатта, ман медонистам, ки бонк қарзро тасдиқ мекунад, чунки падарам таърихи муомилоти қарзии олӣ дошт. Аммо на ин маро ба ташвиш меовард. Ман медонистам, ки ин қарзро гирифта наметавонам. Гарчанде ман эҳтиёҷи воқеӣ доштам, пул надоштам. Чӣ кор бояд мекардам? Ман ошуфта будам ва андаке зиқ шудам.

Вақте ки ман ба хона омада, вазъиятро ба Дренда нақл кардам, ӯ низ мефаҳмид, ки мо боз як ҳуҷҷати қарзро имзо карда наметавонем, вале мо боз чӣ илоҷ доштем? Ҳамон шаб барои ҳардуямон хоб рафтан мушкил шуд, аммо саҳарӣ бо дилпурӣ бархестем, ки қарз гирифтан – ин на он чизе, ки мо бояд кунем.

Бинобар ин ман ба падарам занг зада, барои пешниҳодаш ба ӯ миннатдорӣ изҳор кардам, ва гуфтам, ки мо барои харидани

мошин ба дӯши худ боз як қарзи дигарро бор карда наметавонем. Сипас ман ба фурӯшгоҳ занг зада, хабар додам, ки мо намеоем. Албатта, онҳо ба ман гуфтанд, ки қарз барои мошин тасдиқ шуд, мошин шуста шудааст ва барои бурдан тайёр аст. Ман ба онҳо миннатдорӣ баён кардам, аммо ба он исрор намудам, ки мошинро харида наметавонам.

Вақте ки ман гӯшакро овехтам, дар дилам оромӣ буд, аммо дар айни замон ман тасаввур намекардам, ки чӣ тавр мо мошини ба қадри кофӣ калон гирифта метавонем, ки тамоми оилаи мо иборат аз шаш нафар ба он ҷо шавад. Ман мошини панҷҷояи кӯҳна доштам, ки онро барои кор истифода мебурдам, ва мо маҷбур будем, ки то пайдо кардани илоҷ бо он қонеъ шавем. Тақрибан ду ҳафта сипарӣ шуд, ва мо мошини панҷҷояи худро истифода мебурдем, ва ҳар вақте ки мо ҳамакаса ба ягон ҷо рафтанӣ шавем, чанд маротиба равуо мекардем.

Ногаҳон дар хонаи мо садои занги телефон баланд шуд, марде занг зад, ки бо Дренда ду моҳ пештар вохӯрда буд. Дренда дар ҷустуҷӯи чанд ашёе буд, ки дар музоядаи чизҳои антиқавии волидайнаш ба фурӯш гузорад. Онҳо ин музоядаро ҳар моҳ як бор дар Атланта, дар ҷое, ки зиндагӣ мекарданд, мегузарониданд. Онҳо дар як моҳ як маротиба ба Оҳайо меомаданд, то ки барои музояда мол бихаранд, ва Дренда ҳамаи чизҳоеро, ки, ба фикри ӯ, ба волидайни ӯ ҷолиб аст, нигоҳубин мекард. Ин кор ҳар моҳ каме пули иловагӣ меовард, чунки онҳо ба вай барои дарёфти чизҳои камёфт музди комиссионӣ медоданд.

Чуноне ки маълум шуд, Дренда дар кучҷое бо ин ҷавон рӯ ба рӯ шуда буд, ва онҳо дар бораи он, ки вай ба чӣ кор машғул асту ӯ ба чӣ кор машғул аст, сӯҳбат карда буданд. Дренда ба вай гуфт, ки агар ӯ чизи фурӯшӣ дошта бошад, ӯ донистан мехост. Маълум шуд, ки он ҷавон хонаи калони пиронсолонро идора мекард, ва бо мурури вақт ба мизоҷон лозим мешуд, ки дар вақти ба он ҷо кӯчидан аз баъзе чизҳо халос шаванд. Агар пирамардон оилае надошта бошанд, ки метавонист чизу чораи рӯзгорро, ки бояд

партофта шавад, нигоҳубин кунад, ӯ онҳоро дар ягон ҷо нигоҳ дошта, тадриҷан мефурӯхт.

Ман бо ӯ шинос набудам, аз ин рӯ, вақте ки ӯ занг зад, ман номашро навиштам ва ба Дренда гуфтам, ки ӯ занг зад. Вақте ки Дренда баргашта занг зад, ӯ гуфт, ки се ҳуҷраи пур аз мебел ва ашёҳои рӯзгор дорад, ки бояд холӣ кунад, ва пурсид, ки оё ӯ ба ин шавқ дорад. Ӯ ҳамаи он чизҳоро ба таври яклухт бо нархи хеле арзон фурӯхтанӣ буд.

Мо бо Дренда ба суроғаи нишондодашуда равона шудем, то ки чизҳои фурӯширо баҳогузорӣ кунем. Ва гарчанде мо ба таври бояду шояд муоина накардем, чунки ҳуҷраҳо то шифт пур буданд, мо чанд чизҳоеро дидем, ки, ба андешаи мо, бояд нархеро, ки ӯ барои тамоми чиз талаб мекард, мепӯшонид. Мо ба волидайни Дренда занг задем, ва онҳо ба мо пулро интиқол доданд, мошини боркашро гирифта, тамоми чизҳоро ба Атланта ба музоядаи ҳармоҳа бурдем.

Музояда бо муваффақияти калон доир шуд, ва волидон ҳамчун ҳаққи комиссионӣ розӣ шуданд, ки ба мо мошини “печо универсал” диҳанд, ки ҳамагӣ чанд сол дошт ва дар ҳолати аъло буд. Ҳозир ман мефаҳмам, ки барои аксар одамон соҳиб шудан ба мошини истифодашуда барои ҷашни бузург он қадар сабаби ҷиддӣ намебошад. Аммо барои мо ин бори нахустин буд, ки бо мошин савор шуда мерафтем ва лозим набуд, ки барои он пул супорем. Мошин навакак ранг карда шуда буд ва комилан нав ба назар мерасид. Мо сахт хурсанд будем.

Ва ногаҳон ба ман ошкор шуд, ки ин чӣ тавр кор мекунад. Ман ба Худо эътимод карда метавонистам, чунки Ӯ бе қарз ба чизе, ки ба ман лозим аст, ёрӣ дода метавонад.

## Табаддулот дар шуур

Ҳодисаи дигаре, ки бо иштироки Худованд як сол пештар, вақте ки мо дар Оклаҳома зиндагӣ мекардем, рӯй дод, акнун ба ман хеле фаҳмотар шуд. Ба гузашта нигоҳ карда, ман мебинам, ки

Худованд мехост, ки диққати маро ҷалб кунад, вале мо он қадар ба қарзҳо ғӯтида ва дар зери фишор будем, ки бо ягон сабабе ба он чизе, ки Худо ба мо таълим додан мехост, аҳамият намедодем.

Ман шикорро дӯст медорам, махсусан шикори оҳувонро. Ман ҳамчунин гӯшти оҳу ва аз шикор чизе оварданро дӯст медорам. Дар тӯли чандин соли охир, вақте ки ман шикор мекардам, бо вуҷуди кӯшишҳои зиёд, дар ин кор низ ба нокомӣ дучор мешудам. Ман ба шикор мебаромадам, дар ҳавои сард якчанд рӯз интизор мешудам, вале ягон оҳуро намедидам. Ин каме дилсардкунанда буд, зеро ман кӯдаконе доштам, ки мебоист ғизо диҳам, ва гӯшти оҳу, албатта, айни муддао буд. Гарчанде ман дар гузашта ба баъзе муваффақиятҳо ноил шуда будам, мавсими охирини бомуваффақияти шикори оҳуён, ки ба хона гӯшт оварда будам, хеле пештар буд.

Боре, вақте ки ман дар бораи мавсими шикори дарпешистода андеша мекардам, овози Худоро шунидам. Ӯ гуфт: “Барои чӣ ту ба Ман имкон надиҳӣ, ки имсол чӣ тавр задани оҳуро ба ту нишон диҳам?” Ин маро ба ҳайрат овард. “Чӣ тавр задани оҳуро ба ман нишон диҳӣ?” Ин чӣ маъно дорад?

Дар бораи чизи шунидаам дуо карда, ман ҳис кардам, ки чӣ тавр Рӯҳулқудс маро водор мекунад, то бо мақсади аниқ задани ин оҳу тухмии молиявӣ кишт кунам ё ҳадя тақдим намоям. Ман пештар бо мақсади сайди оҳу ҳеҷ гоҳ пул кишт накарда будам, ва дар аввал ин каме ғайриоддӣ менамуд. Аммо аниқ ҳис мекардам, ки Худованд маро барои кишт кардани ин тухмӣ ҳидоят мекунад, ва дар баробари ин дастурҳои хеле муфассал медиҳад. Ман бояд ба он миқдор чек нависам, ки ба ман, чуноне ки ҳис мекардам, кишт кардан фармуда шуда буд. Ман ва Дренда бояд ба он даст гузошта, эълон мекардем, ки вақте мо дуо кардем, оҳуи наринаи соли 1987-ро дар он ҷо ва дар он лаҳза гирифтем. На дертар, вақте ки онро ба даст меорам, балки дар лаҳзаи дуо.

Гарчанде, ҳамчун имондори масеҳӣ, ман ҳамеша хайрот

медодам ва калисои худро дастгирӣ мекардам, ин тавр мақсаднок ва бо имон кишта кардан ба он чизе, ки дар вақти дуо мегирам, барои ман нав буд.

Бинобар ин ман чек гирифта, дар сатри таъиноти пардохт “Барои оҳуи соли 1987-и ман” навиштам. Ман якҷоя бо Дренда ба он даст гузошта, тавассути почта ба хидматгузорие, ки ман эътимод доштам, фиристондам, ва эълон кардам, ки худи ҳозир ҳангоми фиристонидани чек оҳуи худро гирифтам. Варақеро гирифта, дар он рӯз ва вақтеро, ки, ба андешаи ман, оҳуро гирифтам, навиштам, ва онро ба кисаи қабои шикории худ гузоштам.

Дар он давра ман дар шаҳри Талсаи Оклаҳома зиндагӣ мекардам, ва барои шикор ҷой надоштам, аммо дӯсти ман аз калисо маро даъват кард, ки дар Рӯзи шукргузорӣ ба хонаи модаркалонаш дар деҳа биёям, ӯ гуфт, ки дар гирду атрофи ферма якчанд оҳу зиндагӣ мекунанд.

Ҳамин тавр, мо бо оила саҳарии Рӯзи шукргузорӣ ба он ҷо равона шудем, то ки аз хӯроки олиҷаноб ва муошират лаззат барем, ва боз оҳу низ ба даст орем. Дар қитъаи дӯстам чарогоҳе буд, ки бо ҷангал ҳамсарҳад буд, ва ӯ пешниҳод кард, ки ба чарогоҳ равем ва дар таги дарахти калон сайдро интизор шуда, бишинем.

Ва акнун кӯшиш кунед, ки ин манзараро тасаввур намоед. Офтоб ба гирду атроф оҳиста нур мепошид, ва ман дар мобайни алафзори даравида, ки дар марказаш дарахти калон танҳо қад кашида буд, менишастам. Ман ҳис мекардам, ки комилан на дар ҷои дуруст нишастаам, зеро медонистам, ки агар ман рост дар ин алафзор нишинам, ҳеҷ як оҳуе, ки ҷони худро азиз медорад, ба чашм намудор намешавад.

Ман аллакай мехостам бархеста, ба ҷангале, ки дар масофаи яксаду бист метр дуртар аз ман қарор дошт, ҳаракат карданӣ будам, ки дар ҷангал аз тарафи чапи ман дар канори товора овозе ба гӯшам расид. Ман аз дур шипирроси баргҳоро шунидам ва фаҳмидам, ки ин оҳуҳо ҳастанд.

Ногаҳон дар майдони биниши ман се оҳу пайдо шуданд, ки дар ҷангал қад-қади тавора ҳаракат мекарданд. Онҳо аз байни буттаҳо гузашта, роҳ мегаштанд. Оҳуҳо хеле дур буданд, аммо ин маро водор кард, ки пеш аз даромадан ба ҷангал, истода, чанд дақиқа интизор шавам. Сипас, аз афти кор (ман дар бораи ин намедонистам), оҳу мазрааро гузашта, рост аз пушти ман ба сӯи дарахти ман давид.

Вақте ки оҳу аз мазраа гузашта, ба сӯи ҷангал ба ҷониби ман давид, ман дар тарафи дигари дарахт будам, ва он маро надид. Он ба назди дарахт давида омад, бӯи маро ҳис кард ва бо овози баланд фирк-фирк кард, ки он маро тарсонид. Ман ба сӯи садои ногаҳонӣ рӯ овардам ва оҳуи наринаро бо шохи шашнавдагӣ, ки дар масофаи ҳамагӣ чоруним метр рост ба ман нигоҳ мекард, дида, дар ҳайрат мондам. Он зуд вазъиятро фаҳмида, бо суръати тамом баланд ҷаҳида-ҷаҳида, ба сӯи ҷангал давид.

Бояд гуфт, ки бо милтиқ ба нишон гирифтани оҳуи думсафед, ки бо суръати баланд медавад, кори осон нест, ва ман мефаҳмидам, ки пеш аз расидани он ба ҷангал ман танҳо як бор тир холӣ мекунам. Ман ҳеҷ наметавонистам, ки бо эҳтиёт ба нишон гирам, чунки оҳу бо ҷаҳишҳои баланд медавид. Вақте ки то ҷангал ҳамагӣ бист метр боқӣ монд, ман тир андохтам. Оҳу афтод ва аз ҳаракат бозмонд. Ман ба ҳайрат афтодам! Наход ин рост бошад? Ҳама чиз ин тавр зуд рӯй дод! Ман оҳиста бархеста, ва ба ҷое, ки оҳу мехобид, наздик омадам. Ман аз кисаам хатчаро гирифта, барои оҳу ба шукргузорӣ кардани Худо шурӯъ намудам.

Садои тирро шунида, дӯстам омад ва оҳуи дар замин хобидаро дида, маро табрик кард. Ман ба дӯстам нақл накардам, ки Худо ба ман чӣ гуфта буд, вале ба ӯ нигоҳ карда, гуфтам: “Ман гумон намекунам, ки ин оҳу ба туфайли маҳорати бузурги сайёдии ман зада шуд”. Сипас ман ба ӯ  варақеро нишон додам, ки дар он ман бо Дренда ҳангоми дуо кардан барои ин оҳу навишта будем. Дар он танҳо чунин навишта шуда буд: “Ман бовар дорам, ки оҳуи соли 1987-и худро дар ин ҷо ва дар ин лаҳза ҳангоми дуо кардан ба номи

Исои Масеҳ гирифтам". Ман ба дӯстам хатчаро нишон додам, ва баъд ба нақли он шурӯъ кардам, ки Худованд ба ман чӣ фармуд.



Ин воқеа дар ман таассурот боқӣ гузошт. Ман бе шубҳа медонистам, ки ин аз ҷониби Худо буд. Аммо бо кадом-як сабабе ҳанӯз аз пазлҳо расми мукаммалро тартиб надодам. То ҳол дар фикрам ғунҷонида наметавонистам, ки ҳодисаи оҳуро бо консепсияи қонуни Подшоҳӣ пайванд кунам. Шикори оҳу воқеаи ҳайратангез буд, вале оё он боз такрор мешавад? Бе консепсияи қонуни Подшоҳӣ ман намедонистам, ки чӣ тавр ё кадом қонунҳо ба пайдо шудани оҳу мусоидат карданд. Аммо ман то мавсими навбатии шикор бесаброна интизор будам, ки инро аз нав бисанҷам.

**ИН ВОҚЕА ДАР МАН ТААССУРОТ БОҚӢ ГУЗОШТ. МАН БЕ ШУБҲА МЕДОНИСТАМ, КИ ИН АЗ ҶОНИБИ ХУДО БУД.**

## Имон ҳамеша кор мекунад

Вақте ки мо аз Талса ба Оҳайо кӯчидем, мавсими навбатии шикори оҳуҳо дигаргуниҳо овард. Ҳангоми давидан як воқеа маро ба ин кӯчбандӣ водор кард. Рӯҳулқудс бо ман сӯҳбат кард ва гуфт, ки вақти он расидааст, ки дар Оҳайо кӯчида, дар он ҷо корамро идома диҳам.

То ин вақт ман дар Талса даҳ сол зиндагӣ карда будам ва ин шаҳрро дӯст медоштам, аммо дурнамои сафар маро хурсанд накарда наметавонист. Таназзули соҳаи нафт, ки соле пештар шурӯъ шуд, махсусан сахт ба Талса зарар расонид, чунки иқтисодиёти он асосан ба нафт вобаста буд. Молиёти мо ба таври назаррас кам шуд, ва мо нӯг ба нӯг зиндагӣ мекардем. Андешаи ҳама чизро аз нав сар кардан маро метавонист рӯҳбаланд кунад. Ман намедонистам, ки нӯҳ соли минбаъда афсурдаҳолии молиявии боз ҳам бештар меорад, ва он аз чизе, ки мо дар Талса гузаронидем, хеле афзунтар мегардад.

Мо дар аввали тобистон ба Оҳайо кӯчидем, ва ман бесаброна интизор будам, ки чӣ моро дар ин ҷо мунтазир аст. Мо зуд фаҳмидем, ки аз сифр бизнес оғоз кардан ва ба Оҳайо кашида овардани ҳамаи қарзҳо кори хеле душвор аст.

Албатта, мавсими шикори оҳуҳо, ва ҳам таваллуди фарзанди сеюми мо Том наздик мешуд. Том дар рӯзи дуюми мавсими шикор дар Оҳайо таваллуд шуд, бинобар ин, албатта, бо таваллуди кӯдак ва аз нав оғоз кардани бизнес ман ба кашфи минтақа фурсат надоштам. Ман барои шикор танҳо як ҷойро медонистам.

Дар синфҳои болоӣ ман дар тарафи дигари роҳи хонае, ки дар он ба воя расидаам, бо домҳо гашти шикорӣ ташкил мекардам. Дар қитъаи волидайни ман ҳавзе буд. Он аз сойи хурде, ки аз фермаи ҳамсоя гузашта, ба ҳавзи мо ҷорӣ мешуд, пур мегардид. Бояд иқрор шуд, ки гарчанде ман дар овони бачагӣ солҳои зиёд қад-қади ин сой роҳ мегаштам, ҳеҷ гоҳ дар он ҷо оҳуҳо ва ҳатто изи пои онҳоро надида будам. Аммо дар ёд дорам, ки ҳангоми

таҳсил дар коллеҷ ба ман бародарам занг зада, гуфт, ки дар он ҷо оҳуҳоро дида, ба ҳайрат афтод, ва ӯ нақша дорад, ки тирамоҳи оянда дар он ҷо шикор кунад. Мо ҳарду дар ҳайрат мондем. Ман ин гуфтугӯро, ки нӯҳ ё даҳ сол пеш рӯй дода буд, ба хотир овардам.

Ман ҷои аниқеро, ки, аз рӯи гуфти ӯ, вай оҳуҳоро дидааст, ба ёд овардам, зеро ман бо ин маҳал хуб шинос будам. Ӯ гуфт, ки оҳуҳоро дар он ҷое дида буд, ки сой ба ду шоха тақсим мешавад ва дарахти азими заранг рӯидааст. Сипас ӯ ба ман нақл кард, ки дар паҳлӯи заранги калон заранги хурдтаре ҳаст, ки онро истифода бурда, ба заранги калон баромадан мумкин аст, ки аз он, ба фикри ӯ, шикор кардани оҳуҳо хеле қулай мебошад.

Хайр, ҳамин тавр, бародари ман ҳеҷ як оҳуро дар лаби он сой шикор накард, гарчанде, ба фикри ӯ, боре кӯшиш карда буд, вале тираш хато хӯрд. Бародарам аллакай солҳои зиёд дар он ҷо набуд, аз ин рӯ ман тасаввуроте надоштам, ки оё ҳамон дарахти заранг ҳоло ҳам вуҷуд дорад ва ман онро дар субҳи хиратоб дар рӯзи пешбинишудаи шикор меёбам ё не.

Қонун оид ба тирандозӣ танҳо аз туфанги думила, ки дар Оҳайо амал мекард, вазъиятро боз ҳам мураккабтар месохт. Дар мавсими шикори оҳуҳо истифода бурдани милтиқ иҷозат дода намешуд, танҳо туфангҳои думила бо тири махсус барои оҳуҳо. Дар он вақт ман танҳо думилаи 20-калибра доштам, ва ман боварӣ надоштам, ки бо он оҳуро аз масофаи бештар аз бист метр зада метавонам. Аммо дар он лаҳза ман чизи дигар надоштам, аз ин рӯ нақшаи ман ҳамин буд.

Ман ва Дренда тухмиро кошта, мисли соли пеш ба чек даст гузоштем, ва мувофиқи Инҷили Марқӯс (11:24) эълон кардем, ки ман оҳуи худро гирифтам. Хулоса, дар рӯзи чоруми мавсими шикор дар Оҳайо, рӯзи аввал ман дар чил дақиқа оҳуи нарина ва як модинаро задам, ва ҳар ду тир аз ҳафтод метр парронида шуд, ки аз имконияти туфанги суфтамили ман хеле зиёд буд. Дар он вақт дар Оҳайо барои шикори бештар аз ду оҳу маҳдудият ҷорӣ

шуда буд, аз ин рӯ ман ҳамон сол ду оҳу шикор кардам. Маҳз ҳамин тавр, ман дар чил дақиқа ду оҳуро шикор кардам.

Боз ҳам, ман медонистам, ки чизе карда метавонам. Аммо дар лаҳзаи чунин сайд вазъи молиявии мо хеле бад буд, ва фишор хеле гулӯгиранда буд. Дар асл ҳеҷ гоҳ ба хаёли ман наомада буд, ки ҳамин принсипро ба молияи худамон ба кор барем.

## “Тасодуфҳо” хеле зиёданд

Ҳамон зимистони аввал ва дувоздаҳ моҳи минбаъда дар Оҳайо даҳшатнок буданд, зеро ман бо мушкилоти ҷиддии эмотсионалӣ, ҳамлаҳои воҳимаангез ва афсурдаҳолӣ, ки оиди он дар муқаддима нақл кардам, мубориза мебурдам.

Маҳз дар моҳи ноябри соли дигар, дар арафаи мавсими шикор мошини ман оташ гирифт. Гарчанде ман дар тӯли ду мавсими қаблии шикори оҳу ба таври аҷиб сайд мекардам, ман ҳанӯз ҳам дар бораи Подшоҳии Худо кушоиш нагирифта будам. Вақте ки мошин оташ гирифт ва Худо оиди Подшоҳӣ ба ман ҳарф зад, ман фаҳмидам, ки дар ин се ҳикоя, назар ба он ки ман дар аввал фикр мекардам, чизи бузургтаре мавҷуд буд. Ман сахт рӯҳбаланд шудам, вале дар ҳамон лаҳза ҳам дар бораи қонуни Подшоҳӣ тасаввурот надоштам.

**РОСТИ ГАП, ХУДО ЧИЗИ ДИЛХОҲРО ИСТИФОДА МЕБАРАД, ТО КИ ДИҚҚАТИ ШУМОРО ҶАЛБ КУНАД.**

Мавсими навбатии шикор фаро расид, ва ман боз дар чил дақиқа, аз рӯи соат, оҳуро сайд кардам. Мо ба дидани он шурӯъ кардем, ки Подшоҳӣ дар молиёти мо низ амал мекунад, ва ман дар ин бора дар боби дуюм нақл мекунам. Аммо дар тӯли тамоми ин солҳои аввал ман чизҳои аҷиб дидам.

Албатта, вақте ки кор ба шикори оҳуҳо дахл дошт, Худо доимо ба ман чизи нав меомӯхт. Ба фикрам, сабаб дар он буд,

ки мавсими шикори оҳуҳо – ин ба мисли ҷамъоварии ҳосил аст, ки дар фосилаи вақти маҳдуд ва назорашаванда рӯй медиҳад. Мавсими шикор дар Оҳайо одатан ҳамагӣ ду ҳафта давом мекунад. Дар мавсими ин қадар кӯтоҳ шумо вақтро бой додан намехоҳед. Баръакс, аксари шикорчиёни оҳуҳо ба мавсим бо мақсади аниқ ва хеле масъулиятнок омода мешаванд. Бисёре аз онҳо вақти зиёдро барои азназаргузаронии маҳал ва тайёрӣ ба имконияти дуҳафтаина сарф мекунанд. Ин барои омӯзиши шоҳигарӣ “шароитҳои беҳтарини лабораторӣ” муҳайё мекунад.

Аз ин рӯ барои ҳамаи ин ҳикояҳо оиди шикори оҳуҳо маро бубахшед, аммо онҳо барои ман хеле муҳим буданд. Онҳо қонунҳои ниҳониро, ки ба таври дигар ман дида наметавонистам, ошкор карданд. Рости гап, Худо чизи дилхоҳро истифода мебарад, то ки диққати шуморо ҷалб кунад. Дар Инҷили Луқо барои ҷалб кардани диққати Петрус, Яъқуб ва Юҳанно, вақте ки онҳо чунон моҳии зиёд ба даст оварданд, ки қаиқи онҳо қариб ғарқ шуд, Ӯ моҳигириро истифода бурд. Чунин шуд, ки дар ҳолати ман Ӯ шикори оҳуҳоро истифода бурд.

Пас аз он ки Худо дар бораи Подшоҳии Худо дар хонаи хоби ман ба ман сухан ронд, пас аз он ки ман мошини оташгирифтаро дидам ва шикори оҳуҳоро ба хотир овардам, ва сипас ба ёд овардам, ки чӣ тавр Худо барои мо дарро боз кард, то ки бидуни қарз ин мошини аълои истифодашуда454 пайдо кунем, ногаҳон ба сарфаҳм рафтан шурӯъ кардем. Ман ва Дренда пурра ба ин чиз машғул шудем.

Ман омӯзиши Китоби Муқаддасро комилан ба таври нав шурӯъ кардам. Ман худро олими рӯҳонӣ номидам. Ман ба савол додан сар кардам. “Барои чӣ ин рӯй дод? Барои чӣ ин рӯй надод?” Ман бо диққат оиди қонунҳои рӯҳоние ҷавоб ҷустам, ки дар паси ҳикояҳое меистанд, ки дар Китоби Муқаддас мехондам.

Худо ба ман нишон додани чизҳои гуногунро давом медод. Ва Ӯ боз шикори оҳуҳоро истифода бурд, то ки боз чизеро ба ман оиди Подшоҳии Худо фаҳмонад. Ин воқеаи навбатӣ дар ҳақиқат

диққати маро ҷалб кард. Ин боз як лаҳза аз силсилаи “Ту  инро дидӣ?” буд.

Шоми Ҳеллоуин буд, ва пеш аз он ки оилаи мо бояд ба калисо барои ҷашнгирии иде равона мешуд, ки мо ҳамчун алтернатива ба ҷашни анъанавӣ, бо таҳрики девҳо, барпо карда будем, ман чилу панҷ дақиқа вақт доштам.

Ду ҳафта пеш аз ин ман ва Дренда ба оҳуи нарина тухмӣ кишт кардем, ба чек дастонамонро гузоштем, онро ба хидматгузорие фиристодем, ки, ба андешаи мо, Худо ба мо нишон додааст, ва мутобиқи Инҷили Марқӯс (11:24) онро кори иҷрошуда номидем. Ин дар ин мавсим аввалин баромади ман буд, ва ман дар як қитъаи иҷоравӣ бо камон шикор кардам.

Одатан ман дар давоми чил дақиқа оҳуро мезадам, вале акнун ман аз ҷониби Худо омӯзонида шуда будам, ки бо имон шикор кунам. Бинобар ин ман ҳис кардам, ки сарфи назар аз маҳдудияти вақт, он барои задани оҳу кофӣ хоҳад буд. Ҳамон рӯз ман дарахтеро бо камингоҳаш барои шикор дар канори санавбарзор пайдо кардам, ки дар пушти хонаи кӯҳнаи деҳқонии мо ҷойгир шуда буд, ва ба боло баромадам. Ман дар он ҷо на бештар аз даҳ дақиқа интизор шуда, дар масофаи дусад метр дуртар аз ман оҳуи наринаро дидам, ки ба ҷангали ҳамсояи ман равона буд. Ман медонистам, ки ин оҳуи ман аст, аммо вай ба самти дигар мерафт!

Ин танҳо ҳамагӣ соли дуюм буд, ки ман бо камон шикор мекардам ва дар асл оиди хусусиятҳои ин гуна шикор на он қадар зиёд медонистам. Ман камуфляж намепӯшидам, садои тақлидкорона баровварда наметавонистам ва ҳатто барои ҷалб кардани оҳуҳо аз истифода бурдани бӯйҳо огоҳ набудам. Камингоҳи ман дар дарахт аз тахтае иборат буд, ки дар байни ду шох дар баландии тақрибан сеюним метр аз замин зада будам, аз ин рӯ, агар дар бораи шикор бо камон аз камингоҳе, ки  дар дарахт воқеъ аст, ақаллан чизе донед, ин ҳақиқатан ҳам он қадар баланд нест. Аммо як сол пеш аз ин, вақте ки ман аввалин бор бо

камон шикор кардам, имонамро ба кор бурда, дар ду маротиба ду оҳуро задам, ва ман имсол низ ҳаминро умедвор будам.

Вақте мушоҳида кардам, ки оҳу ба самти дигар меравад, ман намедонистам, ки чӣ кор кунам, ва ба дуокунӣ шурӯъ намудам. Ногаҳон Рӯҳулқудс ба ман сухан ронд. Ӯ гуфт: “Ба вай амр кун, ки ба назди ту ояд”. Ман каме дар ҳайрат мондам. “Ба оҳу амр кунам, ки ба наздам биёяд?” Ман медонистам, ки баланд нидо карда наметавонам, аз ин рӯ танҳо бо овози муқаррарии худ гуфтам: “Оҳу, биист! Баргард ва ба таги дарахт ба назди ман биё”. Беақлӣ аст, дуруст? На овози тақлидкорона, ҳеҷ чиз. Аммо ҳамон лаҳза ки инро гуфтам, оҳу истод, ба ду тараф нигоҳ кард, сипас баргашта, дусад метр фосилаи байнамонро тайкунон ба сӯи ман ҳаракат кард. Сарфи назар аз он ки бари камари ҷангал, ки дар он ман камин гирифта будам, сесаду панҷоҳ метр буд, оҳу рост ба тарафи дарахти ман омада, дар таги он аз ҳаракат монд.

Албатта, ман хато карда наметавонистам. Аҷоиб! Оё ман ҳозиракак инро дидам? Оҳу дар поёни ман аз як тири дақиқ афтод. Ман ба соат нигоҳ карда, фаҳмидам, ки агар ба ид дер мондан нахоҳам, пас беҳтараш оҳуро то вақти баргашта омаданам дар он ҷо гузошта, баъд онро ба анбор барам. Бояд иқрор шавам, ки баъд аз ин воқеа ман якчанд ҳафта дар бораи чизи дидаам фикр кардам. Аммо ҳанӯз Худо ҷалб кардани диққати маро ба охир нарасонид.

Дар фермае, ки мо иҷора гирифта будем, сой ҷорӣ мешуд, ва дар лаби он буттаҳо месабзиданд. Ин барои шикори харгӯшҳо ҷои мувофиқ буд. Ҳамон шаб барф борид, ва харгӯшҳоро дар рӯи барф дидан осонтар аст. Ман истодагарӣ карда натавонистам, ва бо писарам Тим навдаҳоро лагаткӯб карда, ба сӯи сой роҳ кушодем, ки ногаҳон аз байни буттаҳо тазарв парида рафт.

Дар Оҳайо мавсими шикори тазарвҳоро доир мекарданд, вале ман қариб ҳеҷ гоҳ дар ферма тазарвҳоро надида будам, шояд, якеро дар тамоми сол дида бошам. Ин тазарвро дида, хеле хостам,

ки онро ба нишон гирам. Вақте ки тир андохтам, парранда афтод, аммо базӯр ба замин расида, давид. Ман зуд фаҳмидам, ки чӣ кор кардам. Ман боли ӯро шикастам. Тазарв бо тамоми қувват аз ҷониби сой ба нишебӣ медавид, ва он бо суръати 55 километр дар як соат ҳаракат карда метавонад. Албатта, аз боиси барф вай на он қадар зуд, вале бо суръати кофӣ медавид.

Азбаски сой дар поёни дараи дароз буд, ба ман ҳар як ваҷаби мураббаи нишебӣ намоён буд. Дар соли гузашта теппагӣ барои парвариши чимтолзор истифода бурда мешуд, аз ин рӯ он ҳамвор буд, фақат дар баъзе ҷойҳо қабзаи алафҳо баланд шуда меистоданд.

Вақте ки парранда бо суръати баланд ба теппагӣ парвоз кард, ман фаҳмидам, онро ҳеҷ дошта наметавонам, ва он дар масофаи барои туфанг дастнорас буд. Аммо ман ногаҳон оҳуро ба хотир овардам, ки вақте онро даъват кардам, ба наздам омад. Бинобар ин ман бо овози баланд нидо кардам: “Тазарв, ИСТО!” Вақте ки ман инро гуфтам, тазарв нопадид шуд. Ба ман нишебӣ, ки барф пӯшонида буд, аён буд, фақат дар баъзе ҷойҳо қабзаи алафҳо баланд шуда меистоданд, аммо парранда дар ҳеҷ ҷо набуд. Тим фарёд зад: “Падар, он ба куҷо нопадид шуд?” “Намедонам”, – ҷавоб додам ман.

Он гоҳ мо аз пайи вай ба нишебӣ баромадем, ва он ба ҳеҷ ҷо гум нашудааст, танҳо сараки хурдакаки худро ба барф ғӯтонида, дар он ҷо нишастааст. Ман фикр кардам: “Наход зада бошам, ва вай то дами мурдан давид?” Ман ба поён даст дароз карда, паррандаро доштам, тазарв якбора овоз баланд кард ва болҳояшро ба ҳам зад. Вай ҳоло зинда буд! Ҳамон бегоҳӣ вақте ки ман паррандаро забҳ кардам, онро бодиққат аз назар гузаронидам. Дар вай ҳеҷ гуна изи тир вуҷуд надошт, вале ман дидам, ки дар ҳақиқат боли рости онро зада шикастаам. Пас, тазарв дар ҳақиқат зинда буд, аммо дар лаҳзае, ки ман “Исто!” гуфта, фарёд задам, он истод.

Бале, Худованд, ман Туро бодиққат гӯш мекунам!

БОБИ 2

# ТАРЗИ НАВИ ТАФАККУР

Вақте ман ва Дренда дидем, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр дар ҳаёти мо кор мекунад, мо наметавонистем, ки ба одамон нақл кардани онро бас кунем. Мо медонистем, ки дар як роҳи ҳаяҷонбахши кушоишҳо ва озодшавиҳо равона ҳастем. Ман чун пештара ба фурӯши суғуртаҳо ва коғазҳои қиматнок машғул будам, вале ҳис мекардам, ки чизе иваз мешавад. Ман намедонистам, ки маҳз чӣ, вале боварӣ доштам, ки дар масъалаи молиёт низ ба мисли он ҷавобҳое, ки ман дар вақти шикори оҳуҳо ва ҳангоми харидани ҳамон мошини зебои истифодашуда гирифтам, бояд ҷавобҳо мавҷуд бошанд. Ман медонистам, ки ба ман назар ба соҳиб шудан ба як мошини универсали аълои истифодашуда як чизи бузургтар лозим аст, гарчанде ки ман бешубҳа аз ин хурсанд будам.

Дар ин давраи саргузаштамон ман ҳанӯз қарзҳои бисёр доштам. Ман аз онҳо халос шудан мехостам, аммо тасаввур намекардам, ки чиро тағйир додан лозим аст. Ба ин нигоҳ накарда, ман боварӣ доштам, ки ҷавоб пайдо мекунам. Ман медонистам, ки ба мақсад наздик ҳастам, аммо боз ба ман лозим буд, ки бештар аз он огоҳ бошам, ки чӣ тавр мисолҳоеро, ки дар Китоби Муқаддас дидаам, воқеан дар ҳаёти худ амалӣ созам. Даромади тиҷорат хароҷоти ҳаррӯзаро базӯр мепӯшонид. Аммо ин беҳтар аз он буд, ки мо ҳар моҳ бештару бештар ба қарзҳо меғӯтидем.

Ман ва Дренда хондани Китоби Муқаддасро идома медодем ва алоқамандона ба амалиёти Подшоҳии Худо ҷавоб меҷустем.

Мо ҳамчунин барои маблағҳои зарурӣ тухмӣ кишт мекардем.

Як шаб ман хоб дидам. Дар хобам кирмакеро дидам, ки оҳиста-оҳиста дар пояи растанӣ хазида ба боло мебарояд. Он ба нуқтаи болотарин расида, пилла бофт. Ногаҳон аз пилла шабпараки зебое пайдо шуда, парвоз карду рафт. Сипас овоз гуфт: “Бо бизнеси ту низ ҳамин тавр мешавад”.

Ман бедор шуда фаҳмидам, ки ин хоб чӣ маъно дорад. Кирмак танҳо хазида метавонад ва дар имкониятҳои худ хеле маҳдуд аст, одатан он дар як растанӣ тамоми умр зиндагӣ мекунад. Аммо тағйироте рӯй медиҳад, ки потенсиал ва тамоми ҳаёти кирмакро дигаргун месозад. Он ба шабпарак табдил меёбад ва ба ҳар ҷо, ки хоҳад, парвоз мекунад. Баъзе аз онҳо, масалан, шабпараки монарх, ҳазорҳо мил парвоз карда метавонад, то аз моҳҳои зимистон дар нимкурраи шимолӣ канораҷӯӣ кунад.

Ман намедонистам, ки ин тағйирот чӣ тавр ба амал меояд, аммо акнун ман мутмаин будам. Худо ба ман нишон медиҳад, ки он ба амал меояд. Ман рӯҳбаланд шудам.

## Кашфиёти аҷиб

Пас аз кӯчидан ба Оҳайо ман ҳар субҳ навад маротибагӣ занг мезадам. Ман гуфтан мехостам, ки барои ин як системаи олӣ тартиб дода будам, аммо, рости гап, ман ҳар рӯз китобчаи телефонро аз назар мегузаронидам (ин то пайдо шудани рӯйхати “Занг назанед” буд).

Азбаски ман ноиб-президенти минтақавии ширкате будам, ки дар он кор мекардам, вазифаи асосии ман киро кардан ва омӯзонидани намояндагони нави фурӯш буд. Ман занг зада, мегуфтам, ки ширкати ман дар Оҳайо филиали худро васеъ мекунад, ва ман дар ин ноҳия якчанд бор занг мезанам, то оё касе медонад, ки нафаре ба ин шавқ дошта бошад. Аксар вақт ман ба ҷавоби автоматикӣ дучор шуда, паём мегузоштам. Агар одамон мароқ зоҳир кунанд, онҳо боз занг мезаданд. Ҳар рӯз

навад маротиба занг зада, ман ба ду-се мусоҳиба ва, эҳтимол, ба як созиш умедвор мешудам.

Маҳз дар доираи ҳамин раванд ман бо Дэйв шинос шудам. Дар мусоҳибаи телефонӣ ӯ изҳор кард, ки мехоҳад соҳаи фаъолияти худро дигар кунад, ва мехост бидонад, ки ман чӣ пешниҳод карда метавонам. Ман пешниҳод кардам, ки бегоҳӣ ба хонаи ӯ ташриф меорам, ва ӯ розӣ шуд. Вақте ки ман бо ӯ ва ҳамсараш ба назди миз нишастем, оиди он ки ҳоло ӯ дар куҷо кор мекунад, чаро ӯ соҳаи фаъолияти худро дигар кардан мехоҳад ва вазъияти молиявии онҳо чӣ гуна аст, пурсуҷӯ кардам. Одатан ман доимо номзадҳои эҳтимолиро оиди вазъи молиявиашон пурсон мешудам, чунки агар онҳо барои кор дар ширкат мароқ зоҳир намекарданд, ман сӯҳбатро аз нуқтаи назари фурӯши эҳтимолӣ доир мекардам. Бинобар ин ҷамъоварии маълумотҳои молиявӣ ба ман имкон медод, то оиди он ки кадом ҳаҷми суғуртаро онҳо бояд ба назар гиранд, ва ҳамчунин бидонанд, ки онҳо аллакай дорои кадом маҳсулоти дигари суғуртавӣ мебошанд, тасаввурот пайдо кунам.

Мутааҷҷибона, дар ҳоле ки мо вазъи ҷории молиявии онҳоро муҳокима мекардем, зан аз ноумедӣ ба гиря сар кард. Дар молиёти онҳо бесарусомонии комил ҳукмфармо буд, ва онҳо тасаввуроте надоштанд, ки бо ин чӣ кор кунанд ва чӣ бояд иваз шавад. Ман фаҳмидам, ки мушкилии онҳо дар суғурта нест. Онҳо бояд гардиши пули худро афзоиш медоданд ва аз қарзҳо раҳо мешуданд, аз ин рӯ ман оиди Подшоҳии Худо ва оиди он ки чӣ тавр ман ва Дренда принсипҳои амалкунандаи онро омӯхтем, ёдоварӣ кардам. Ман онҳоро бовар кунонидам, ки тамоми имкониятҳоро истифода бурда, ба онҳо кӯмак мекунам, ва бо онҳо боз пас аз як ҳафта вомехӯрам, то ки тамоми тағйиротҳоеро, ки, шояд, ба онҳо иҷро кардан лозим мешавад, муҳокима кунем.

Ҳангоми бозгашт ба дафтари корӣ пас аз ин вохӯрӣ ман ноором̄ ҳис кардам. Охир бояд илоҷе бошад, ки ман пайдо карда тавонам!

Ба дафтари корӣ баргашта, ба сари мизи худ нишастам, ва ногаҳон дар ман фикре пайдо шуд. Ба ман лозим буд, ки намудҳои алтернативиро барои ҳар як маҳсулот ва хизматрасоние, ки онҳо истифода мебаранд, бо умеди он, ки ҳамон хизматрасониро бо нархи арзонтар пайдо кунам, омӯзам. Мақсади ман фаҳмидани он буд, ки ман чӣ қадар пулро озод карда метавонам, то ки онро онҳо барои кам кардани қарзи худ истифода баранд. Он вақтҳо ҳанӯз Интернет набуд, аз ин рӯ тамоми ҷустҷӯҳои ман бо феҳристҳо ва зангҳои телефонӣ маҳдуд буд.

Пас аз як ҳафта ман нархи тамоми маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки онҳо истифода мебурданд, муайян кардам, ва аз он чизе, ки фаҳмидам, дар ҳайрат мондам. Бо аз нав гурӯҳбандӣ кардан ва ё иваз кардани таъминкунандагон ё ширкатҳои ҳозираи онҳо бо ширкатҳои арзонтар ман дар як моҳ беш аз 600 доллар гардиши пули нақдро озод кардам. Сипас ман ҳисобкунаки молиявии худро бароварда, гардиши пулро ба сохтори ҷории қарз татбиқ карда, тугмачаи "ҳисобкунӣ"-ро пахш намудам.

Вақте ки дар экран рақам пайдо шуд, ман ба ҳайрат афтодам. Албатта, ман дар ҷое ба хатогӣ роҳ додам. Ҳисоби ман нишон медод, ки ин зану шавҳар метавонанд даромади худро тағйир надода, дар тӯли камтар аз ҳафт сол аз қарзҳои худ, аз ҷумла аз қарзи хона, халос шаванд. "Имконнопазир", – фикр кардам ман. Аз ин рӯ рақамҳоро аз нав санҷидам ва ҳамон натиҷаҳоро ҳосил кардам.

Сипас ман ба қуттии ҳуҷҷатҳо наздик шуда, якчанд парвандаҳои дигари мизоҷони худро баровардам ва ҳамон ҳафта бо онҳо кор кардам. Ба мисли мизоҷи ҳозираи ман, ҳар яке аз онҳо метавонистанд дар давоми панҷ-ҳафт сол даромади ҷории худро иваз накарда, аз қарзҳояшон, аз ҷумла аз ипотека, пурра халос шаванд. Агар ин имконпазир бошад, ва ман акнун медонистам, ки имконпазир аст, чаро ҳеҷ кас дар ин бора дар манораи аз ҳама баландтарин карнай накашид? Ман ба мизоҷи худ маълумотҳоеро, ки чӣ тавр дар муддати камтар аз ҳафт сол пурра аз қарзҳо халос шудани ӯро нишон медиҳад,

дар варақе чоп кардам. Ман бесаброна вохӯрии навро интизор будам, то ки ба онҳо нишон диҳам, ки ман чиро ошкор кардам. Ғайр аз ин, шавқовараш он буд, ки чӣ тавр онҳо ин маълумотро қабул мекунанд.

Вақте ки ман бо Дэйв ва ҳамсари ӯ нишаста будам, ҳар як ададро дар алоҳидагӣ номбар карда, мефаҳмонидам, ки чӣ тавр пулро озод кардан мумкин аст. Ман қасдан натиҷаҳои ниҳоиро пинҳон мекардам, то даме ки ҳамаи нуқтаҳоеро, ки гардиши пулро озод мекард, номбар карда гузаштам. Дар тӯли муаррифии ман мизоҷон қариб дар ҳолати шок менишастанд. Аз нуқтаи назари онҳо, пул набуд, чуноне ки ҳеҷ гуна илоҷи раҳо шудан аз қарзҳо низ вуҷуд надошт – ҳеҷ гоҳ! Вақте ки ман саҳифаи охиринро, ки дар он ишора карда мешуд, ки онҳо дар муддати камтар аз ҳафт сол аз қарзҳо, аз ҷумла аз қарзи ипотека халос мешаванд, варақгардон кардам, шавҳар бо ашк дар чашмон ногаҳон аз ҷояш ҷаста бархост. Ӯ сахт ба ҳайрат афтода буд. Акнун онҳо ҳарду ашк мерехтанд ва гаштаю баргашта ба ман миннатдорӣ изҳор мекарданд, ки омадам. Сипас ман он чизҳоеро, ки Худо ба ман ошкор мекард ва он чизҳоеро, ки оиди Подшоҳии Худо то ҳол фаҳмидам, нақл карда, бо онҳо каме вақт гузаронидам. Онҳо хеле бодиққатона гӯш карданд!

Ман аз ин мизоҷ як тин ҳам фоида нагирифтам, аммо аз ҳамкорӣ бо ӯ дар тамоми умр аз ҳама қаноатмандии бештар ҳосил кардам, ва акнун фикрҳои ман бо суръати миллион мил дар як соат чарх мезаданд. Ман он кореро, ки худи ҳозир кардам, барои ҳар як мизоҷе, ки медидам, кардан мехостам, ва аз Худованд хирад талабидам, ки ин ҷараёнро даромаднок кунам. Ман медонистам, ки агар ман фаҳмида тавонам, ки чӣ тавр бо ин пул кор кардан мумкин аст, ин модели нави тиҷорати ман хоҳад буд. Тавассути санҷиш ва иштибоҳҳо мо як усули ройгон пешниҳод кардани нақшаҳои худро ба ҳамаи онҳое, ки дархост мекунанд, пайдо кардем, ва дар баробари ин тавассути системаи рефералие, ки мо кор карда баромадем, барои тиҷорати худ гардиши пулро таъмин

сохтем. Ин он қадар хуб буд, ки боварии кас намеояд, ва ману Дренда хеле дар ҳаяҷон будем.

Ман медонистам, ки ин ҳамон тағйироте аст, ки дар хоб дидам. Гарчанде ман медонистам, ки мо дар марҳилаи пилла ҳастем, ман ба парвоз тайёр будам! Ман ҳанӯз бояд чизҳои бисёрро меомӯхтам, то ки дар ҳақиқат парвоз кунам, аммо ман медонистам, ки бо роҳи дуруст равона ҳастам.

Мо ширкати нави худамонро ба қайд гузоштем ва онро “Faith-Full Family Finances” (“Молиёти оила дар пуррагӣ бо имон”) номидем, зеро медонистем, ки бо имон молияи мо пурра мешавад, ва ин ҳамон паёме буд, ки мо дар ҳақиқат ҳатто бештар аз ҳалли масъалаҳои молия, ки мо пешниҳод мекардем, расонидан мехостем. Мо ин номро зиёда аз бист сол нигоҳ доштем, аммо, баъд фаҳмидем, ки он ба таври равшан масеҳӣ аст, вале мо мехостем, ки бештар беимонҳоро дар бар гирем, аз ин рӯ номи онро ба “Forward Financial Group” (“Гурӯҳи пешқадами молиявӣ”) иваз кардем, чуноне ки то имрӯз аст. (Дарвоқеъ, мо то ҳол нақшаҳои идоракунии қарзро ройгон таҳия мекунем, ва ҳамчунин ба одамон дар пешгирӣ кардани хатари бозорӣ ба ҳисобҳои нафақавии онҳо ёрӣ медиҳем. Бо “Forward Financial Group” метавон бо рақами 1-(800)-815-0818 ё ба тариқи онлайн дар сомонаи Forwardfinancialgroup.com тамос гирифт.)

Гарчанде дар вақти оғози ширкат ҳанӯз қарзҳои зиёд доштем, мо медонистем, ки бо роҳи дуруст равона ҳастем. Ширкат ба муваффақияти бузург ноил шуд, ва мо бо Дренда тақрибан пас аз дуввуним сол аз қарзҳо халос шудем. Ман ифода карда наметавонам, ки ин чӣ қадар ҳаяҷонбахш буд! Ногаҳон ҳаёти мо ба зинда мондан нигаронида нашуда буд, ва дар ниҳоди мо биниш ба такмил ёфтан оғоз кард.

Бо пули нақд харидани мошини нав – ин ҳайратангез буд. Бо пули нақд харидани 22 гектар замини зеботарин дар Оҳайо – ин ҳиссиётро бо сухан баён кардан ғайриимкон буд. Сохтани хонаи

орзукардаи худ бо майдони 700 метри квадратӣ ва бидуни қарз онро пардохт кардан – ин берун аз тасаввуроти мо буд! Ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки чӣ тавр мо бо Дренда истода, нигоҳ мекардем, ки чӣ тавр барои хонаи мо чоҳбун мекобанд. Он аз тамоми хонаи хурди деҳқонӣ калонтар буд. Мо истода бо ашк дар чашмон ба он нигоҳ мекардем. Мо медидем, ки чӣ тавр нӯҳ соли дӯзах дар замин паси сар шуд, ва медонистем, ки акнун ҳеҷ гоҳ ба таври пештара нахоҳад буд. Мо Подшоҳии Худоро ошкор кардем, ва акнун мо медонистем, ки чаро Ишаъёи набӣ инро Башорат, яъне Хушхабар номид.

> *Рӯҳи Худованд Худо бар Ман аст, зеро ки Худованд Маро тадҳин намудааст: Маро фиристодааст, то ки ба мискинон башорат диҳам.*
>
> – Ишаъё 61:1

Рости гап, ман ва Дренда маҷбур будем, ки худро гаштаю баргашта пучидан гирем, чунки чунин корҳои аҷиб рӯй медоданд. Кайҳо боз пурра аз қарзҳо халос шудан орзуи амалинашавандаи мо буд, аммо акнун ин амалӣ шуд!

Гӯш кунед, ман он қадар хуб нестам! Шумо рӯйхати хидматии маро дидед. Ман солҳо ҳама корро ба таври худам иҷро кардан мехостам ва сахт заҳмат кашида, ба ғайр аз ғаму андӯҳ ва афсурдаҳолӣ ҳеҷ ҷиз ба даст намеовардам. Ман мувофиқи писанди Худо зиндагӣ карданро омӯхтам, ва ин кор кард. Маҳз барои ҳамин шумо ин китобро мехонед, то он чиро ки ман донистам, шумо ҳам донед, ва хоҳед донист. Аммо дар аввал шумо бояд фаҳмед, ки ман барои худ системаи нав, Подшоҳии нав ва комилан тарзи нави ҳаётро ошкор кардам. Ин ҷавоби шумо низ ҳаст. Ин ҷавобест, ки ба он шумо эҳтиёҷ доред. Ин хабари хушест, ки дер боз интизораш будед. Медонам, медонам, дар калисои шумо инро таълим намедиҳанд. Хайр, дар калисои ман низ инро таълим намедоданд, аммо ҳамаи ин чизҳо дар Китоби Муқаддас ҳаст.

## Худо ҳамеша нек аст

Иҷозат диҳед, то ба шумо калиди асосиро барои фаҳмидани он чизе, ки ман мегӯям, бидиҳам, – динпарастиро як сӯ гузоред! Ин масъалаи динӣ нест. Гап дар бораи Худо меравад, оиди он ки Ӯ мехоҳад, то ки шумо дошта бошед ва оиди он ки Ӯ ба воситаи Исо нарх супорид, то ки ба шумо Подшоҳии Худоро бидиҳад. Ҳамин тавр, биёед Подшоҳиро чуқур меомӯзем ва мефаҳмем, ки он чӣ тавр амал мекунад.

Вақте ки ман ва Дренда дидем, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр дар ҳаёти мо амал мекунад, мо борҳо аз чизҳои дидаамон дар ҳайрат мемондем. Мо фаҳмидем, ки аксари имондорон каме ҳам тасаввурот надоранд, ки чӣ тавр он амал мекунад.

Масалан, ман навакак сарлавҳаеро дар бораи кӯдаки ҳафтсола хондам, ки дар мизи ҷарроҳӣ ҳангоми гирифтани бодомакҳояш фавтидааст. Гарчанде ин амалиёти бениҳоят маъмул ва комилан бехатар аст, дили духтарча ҳангоми ҷарроҳӣ якбора аз кор мондааст, ва ин мусибати бузург буд. Ман фикр мекунам, ки танҳо бо шунидани ин воқеа дилҳои мо ба ларза омад. Аммо, чи қадаре ки ин ҳолат фоҷиабор набошад ҳам, боз як қисми фоҷиабори ҳодиса вуҷуд дорад, ки ба ин оила то охири умри онҳо таъсир дошта метавонад. Иҷозат диҳед, то суханони падари духтарчаро, ки ба хабарнигор гуфт, иқтибос биёрам.

> "Мо намефаҳмем, ки барои чӣ ин чизҳо рӯй медиҳанд, вале мо медонем, ки ин нақшаи Худо буд. Ва ин ягона чизе аст, ки барои паси сар кардани ин мусибат ба мо ёрӣ медиҳад, зеро мо медонем, ки ин Худо буд"[3] .

Иҷозат диҳед, то суханони бозингари "Грин-Бей Пэкерс" Аарон Роҷерсро низ, ки саргузашташ 22 январи соли 2020 дар маҷаллаи «People"[4] пайдо шудааст, нақл кунам.

3 https://nypost.com/2020/02/26/7-year-old-south-carolina-girl-diesduring-tonsillectomy

4 https://people.com/sports/aaron-rodgers-opens-up-about-religion-todanica-patrick-i-dont-know-how- you-can-believe-in-a-god

Роҷерс фаҳмонид, ки дар бачагӣ ӯ ба дин шубҳа дошт, ва калонтар шуда, худро ба “навъи дигари рӯҳонӣ” мансуб медонист. “Барои аксари одамоне, ки ман мешинохтам, калисо ҳамту... як ҷое буд, ки ту бояд равӣ”. Ӯ ҳамчунин гуфт: “Ман намедонам, чӣ тавр ба Худое, ки қисми зиёди сайёраро ба оташи ҷаҳаннам андохтан мехоҳад, бовар кардан мумкин аст. Кадом зоти пурмуҳаббат, ҳассос, дар ҳар ҷо ҳозиру нозир, қодир офаридаи зебои худро дар охир ба оташи ҷаҳаннам андохтан мехоҳад?”

Шарҳу эзоҳҳои беақлона! Вале агар онҳо дар бораи Худо ин тавр фикр кунанд, кӣ ба Худое, ки духтарчаи ҳафтсоларо низ “гирифтан” мехоҳад, эътимод ва хидмат карда метавонад? Ҳеҷ кас! Ва кӣ ба Худое хидмат кардан мехоҳад, ки қисми зиёди сайёраро ба дӯзах партофтан мехоҳад? Ҳеҷ кас! Аммо аксари масеҳиён маҳз ба ҳамин чиз бовар мекунанд. Шумо ин суханонро тамоми умр шунидаед: “Худо ба ин роҳ дод”, “Инро Худо кард”, “Ин нақшаи Худо буд”, “Ин вақти реҳлати онҳо буд” ва бисёр изҳороти дигари ба ин монанд. Дар асл, тайёрам, ки баҳс кунам, шумо низ, эҳтимол, ҳамин тавр фикр мекунед. Аз ин рӯ ман кушоду равшан сухан хоҳам гуфт. Агар шумо дар ҳақиқат боварӣ доред, ки Худо ҳамон гуна аст, ё Ӯ тибқи иродаи Худ кӯдакро кушта метавонад ё касеро ба саратон мубтало мекунад, пас мо бояд ба таври ҷиддӣ сӯҳбат кунем. Иҷозат диҳед, ки инро ба таври зайл баён кунам:

## ШУМО ҲЕҶ ГОҲ БА КАСЕ, КИ ЭЪТИМОД НАДОРЕД, БОВАР НАМЕКУНЕД!

Агар ба шумо ёд додаанд, ки ба Худо эътимод накунед, ёд додаанд, ки Ӯ шахсони бегуноҳро мекушад, ва агар шумо бо он розӣ ҳастед, ки Ӯ Офаридгори қодир аст, пас ба ҳамаи мо лозим аст, ки тамоми имкониятҳоро ба кор андозем, то Ӯ ба хашм наояд. Дар гузашта дар бисёр фарҳангҳои ибтидоӣ одамон маҳз ҳамин тавр рафтор мекарданд. Онҳо ҳар навъ қурбониҳо мекарданд, то ки Худои ғазабро ором кунанд. Онҳо бо ҳар роҳ худро маҳдуд мекарданд, ҳатто бо умеди он, ки аз ғазаби Ӯ раҳо шаванд, худро

ба намудҳои гуногуни дард гирифтор мекарданд, то нишон диҳанд, ки онҳо воқеан ба Ӯ тобеъ ҳастанд. Аммо оё хислати Худои библиявӣ ҳамин гуна аст? Оё ба мо лозим аст, ки бо тарс Худо зиндагӣ кунем? Не, албатта, не. Консепсияе, ки Худоро ба мо зид нишон медиҳад ё таълим медиҳад, ки Ӯ сазовори эътимод нест, натиҷаи таълимотҳои баде аст, ки аз Одам ва Ҳавво дар боғ сар шудаанд.

> *Ва мор аз ҳамаи ҳайвонҳои саҳро, ки Худованд Худо ба вуҷуд оварда буд, айёртар буд. Ва ба зан гуфт: “**Оё Худо ҳақиқатан гуфтааст**, ки аз ҳамаи дарахтони боғ нахӯред?”*
>
> *Зан ба мор гуфт: “Аз меваи дарахтони боғ хӯрда метавонем, лекин аз меваи дарахте ки дар васати боғ аст, Худо гуфт, ки нахӯред ва онро ламс накунед, мабодо бимиред”.*
>
> *Мор ба зан гуфт: “Не, нахоҳед мурд; балки Худо медонад, ки дар рӯзе ки аз он бихӯред, чашмони шумо воз хоҳад шуд, ва шумо, монанди Худо, орифи неку бад хоҳед шуд”.*
>
> *Ва зан дид, ки он дарахт барои хӯрок хуб аст, ва назаррабост, ва дарахти дилпазири **донишафзост**; ва аз меваи он гирифта, хӯрд; ва ба шавҳари худ низ дод, ва ӯ хӯрд.*
>
> – Ҳастӣ 3:1-6

Шайтон аз азал хислати Худоро зери шубҳа мегузорад. Аҷиб, аммо Ҳавво ба шарофати муносибате, ки бо Худи Худо дошт, соҳиби хирад буд, аммо, ба назари ӯ, чизе ба ӯ намерасид. Аммо шайтон ӯро бовар кунонид, ки ба ӯ чизе намерасад, ва Худо онро аз вай пинҳон медорад. Одам ва Ҳавво ба дурӯғе, ки дар ҳаққи Худо гуфта шуд, бовар карданд ва бо ихтиёри худ мавқеашонро дар Подшоҳии Ӯ тарк карданд, то ки подшоҳии дигар пайдо кунанд. Онҳо бовар карданд, ки шайтон бароиояндаи онҳо нақшаи беҳтаре дорад. Албатта, қарори онҳо танҳо дард, мусибат ва маргро ба бор овард.

Тактикаи шайтон ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад, ва тааҷҷубовар нест, ки ҳадафи асосии ӯ худи калисо мебошад. Азбаски калисо дорои қудрате мебошад, ки шайтонро сарнагун месозад ва дар ҳар ҷабҳа ӯро шикаст медиҳад, чун пештара аслиҳаи ягонаи вай фиреб ва дурӯғ боқӣ мемонад.

## Хислати Худо

Дар робита баояндаи шумо ва таъминоти шумо, муҳимтарин мавзӯе, ки мо бояд пеш аз ҳама баррасӣ кунем, – ин хислати Худо. Агар мо ин масъаларо ҳаллу фасл накунем, пас шумо метавонед ин китобро ҳамчун як китоби дигари маслиҳат оид ба чӣ гуна сарватманд шудан рад кунед. Ман умедворам, ки шумо ба ман вақт ҷудо мекунед, то ки шуморо роҳнамоӣ кунам. Ман умедворам, ки шумо дар ҳақиқат аз ҷиҳати молиявӣ озод шудан мехоҳед ва ташнаи хирад ва дониш ҳастед. Ин дафъа таълимот аз шахси дурӯғгӯ, яъне аз шайтон не, балки аз Худи Худо бармеояд.

Аввалан, ман мефаҳмам, ки барои чӣ шумо чунин меҳисобед, ки Худо барои ба вуқӯъ пайвастани чизҳои бад иҷозат медиҳад. Зеро агар Ӯ Худо бошад, пас Ӯ қудрат дорад, ки кори дилхоҳашро иҷро кунад, дуруст? Аз ин рӯ, агар кӯдаки ҳафтсола мемирад, ва Худо қудрат дорад, ки инро пешгирӣ кунад, пас, Ӯ иҷозат дод, ки ин рӯй диҳад. Ин фикр фақат қисман рост аст. Гарчанде Худо қудрат дошт, ки инро пешгирӣ кунад, Ӯ салоҳияти қонунӣ надошт, ки ба ин роҳ надиҳад.

Ман масъалаи юрисдиксияро дар боби минбаъда баррасӣ мекунам, аммо дар аввал ман бояд ба масъалаи хислат дахл кунам, ва сипас боварӣ ҳосил кунам, ки бе ҳеҷ дудилагӣ ва шубҳа, шумо медонед, ки Худо нек аст, ва Каломи Ӯ ростист.

Шумо ҳайрон шуда метавонед, ки чаро ин хеле муҳим аст. Дар идомаи ин китоб ман дар бораи қонунҳои Подшоҳии Худо, татбиқи онҳо дар амал ва дар бораи он нақл мекунам, ки чӣ тавр ин қонунҳо маро аз дӯзахи молиявӣ, ки дар он мезистам, раҳо

карданд. Агар шумо ба Худи Подшоҳ бовар накунед, пас қонунҳои Ӯ ба шумо аҳамият надоранд.

Ба ёд оред, ки кушоиши аввалини ман дар ин саёҳат он буд, ки Подшоҳии Худо – ин ҳукумат. Ин ҳукуматро Подшоҳ, ки қонунҳои Подшоҳиро муқаррар мекунад, амалӣ месозад. Ин қонунҳо неъматҳои дастрас ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандонеро, ки дар ин Подшоҳӣ зиндагӣ мекунанд, муайян менамояд. Онҳо ба ҳар як шаҳрванди Подшоҳӣ иродаи Худоро нисбат ба ҳаёти ӯ ҳифз мекунанд ва кафолат медиҳанд. Донистани хислати Подшоҳ шарти зарурии фаҳмидани худи қонунҳо мебошад. Чуноне ки ман аллакай гуфтам, вақте ман фаҳмидам, ки Подшоҳии Худо – ин ҳукумат бо қонунҳо ва неъматҳое, ки тибқи қонун ба ҳар як шаҳрванди Подшоҳӣ тааллуқ дорад, ман олими рӯҳонӣ шудам. Он гоҳ ман фаҳмидам, ки аз паси ҳар як амали Подшоҳӣ қонуни рӯҳонӣ меистад, ки ба он оварда мерасонад. Он гоҳ дар ман умед пайдо шуд. Ман ин қонунҳоро омӯхта метавонам! Ҳар кас метавонад! Ин аст он чизе, ки Кит ва Кэти фаҳмиданд.

## Чор сол ҳаёти онҳоро тағйир дод

Кит ва Кэти аз кори оддӣ маош мегирифтанд ва зиндагии муқаррарӣ доштанд. Вақте ки Кит аз кор маҳрум шуд, онҳо хонаи нав харида буданд. Аммо ҳамагӣ як сол пеш Кит дар бораи намоиши телевизионии мо "Ҳалли масъалаи пул" фаҳмид ва барои омӯхтан ва мулоҳиза кардани баъзе маводҳои мо вақт гузаронд, ва оиди Подшоҳии Худо ва ҳуқуқҳои қонунии худ ҳамчун шаҳрванд фаҳмид.

Вақте ки ӯ корашро аз даст дод, ӯ дуо кард ва қарор дод, ки ба ҷои он ки кори дигар ҷӯяд, ӯ ширкати шахсиашро оид ба боркашонӣ ифтитоҳ мекунад.

Ӯ иқрор шуд, ки воқеан оиди бизнес кам медонист, аммо ҳис мекард, ки ёд гирифта метавонад. Ӯ бизнеси боркашониро аз

як мошини боркаш сар карда, мошинҳо ва ҳар чизе, ки барои интиқол пайдо мекард, мекашонид.

Кит ва Кэти омӯзишро давом медоданд, ва ба онҳо имконияти нав кушода шуд – машғул шудан ба боркашонӣ барои ширкати миллие, ки ба ёрдам мӯҳтоҷ буд. Ин барои Кит як қадами бузург буд, ба вай лозим шуд, ки соҳиби нимпритсепи шахсӣ шавад ва бисёр қонунҳоеро, ки ба соҳаи боркашонӣ дахл дорад, омӯзад, аммо ӯ инро қабул ва бовар кард, ки Худо ба ӯ роҳнамоӣ мекунад.

Аз ҳамон вақт ширкат мунтазам ривоҷ меёбад. Акнун ӯ ҳашт нимпритсеп дорад, ки ҳаррӯза бо реҷаи вақти пурра кор мекунанд. Кит ба ман гуфт, ки пештар ба ширкати бегона кор карда, ӯ дар як ҳафта 1500 доллар кор мекард. Дар соли аввали фаъолияти ширкати шахсии боркашонӣ, аз рӯи суханони Кит, ӯ дар як ҳафта қариб 4000 доллар кор кард. Соли дуюм ӯ бештар аз 15 000 доллар кор мекардагӣ шуд. Соли минбаъда ӯ ба 25 000 доллар дар як ҳафта баромад, ва боз пас аз як сол – то 38000 доллар дар як ҳафта. Дар чор сол Кит аз 78 000 доллар дар як сол то ду миллион дар як сол роҳ тай кард!

Вақте ки ман ин бобро иншо мекардам, аз Кит паём гирифтам. Ӯ гуфт, ки маҷбур шуд, то боз чор ронандаро ба кор гирад, ва акнун гардиши пули вай дар як ҳафта 70 000 долларро ташкил медиҳад. Аз 78 000 доллар дар як сол то 70 000 доллар дар як ҳафта дар давоми чор сол! Ин диққати маро ҷалб мекунад! Кит ва Кэти нигаронанд, ки онҳоро дар пеш корҳои боз ҳам бузургтар интизоранд, зеро онҳо нақша доранд, ки боз ду ширкат таъсис диҳанд.

Агар шумо Кит ва Кэтиро мепурсидед, ки чӣ тавр онҳо ба муваффақият ноил шуданд, онҳо мегуфтанд, ки ҳамаи ин ба туфайли он аст, ки онҳо чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро фаҳмиданд.

**АГАР КАСЕ ГӮЯД, КИ ХУДО НЕК НЕСТ, БИДОНЕД, ИН ДУРӮҒ АСТ!**

Аввалин чизе, ки Кит ва Кэти ба шумо мегуфтанд, ин аст, ки онҳо

лозим донистанд, то ҳама гуна сафсатаҳои диниро, ки онҳоро тамоми умр оиди Худо ва оиди он ки Ӯ чӣ тавр амал мекунад, таълим медоданд, аз сари худ дур кунанд. Яке аз лаҳзаҳои муҳим, ки ба он тамаркуз кардан лозим шуд, он буд, ки Худо нек аст, ҲАМЕША нек, ва Ӯ ҲЕҶ ГОҲ дурӯғ намегӯяд. Агар касе гӯяд, ки Худо нек нест, бидонед, ин дурӯғ аст!

> *Эй бародарони маҳбуби ман, фирефта нашавед. Ҳар як инъоми нек ва ҳар як бахшоиши комил аз боло, аз ҷониби Падари нурҳо нозил мешавад, ки дар Ӯ тағйироте ва ҳеҷ дигаргуние мавҷуд нест.*
>
> – Яъқуб 1:16, 17

Дуюм, онҳо мегуфтанд, ки лозим донистанд, то ба таври нав қурбонӣ карданро ёд гиранд. Кӯмаки молиявӣ ба корҳои Худо калиди муҳими муваффақият мебошад.

Дар Китоби Муқаддас ҳама чиз возеҳ гуфта шудааст. Худоро барои корҳои даҳшатноке, ки бо одамон рӯй медиҳад, айбдор кардан дуруст нест. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки шайтон меояд, то бидуздад, бикушад ва хароб кунад.

> *Дузд меояд, то ки бидуздад, бикушад ва талаф кунад; Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд.*
>
> – Юҳанно 10:10

Ва диққат кунед, Исо мегӯяд: “Ман омадаам, то ки онҳо ҳаёт ёбанд ва онро ба фаровонӣ дошта бошанд”, ё, аз рӯи баъзе версияҳо, “бо фаровонии зиёд”. Худо ба мо душман нест. Аммо агар шумо Ӯро чунин ҳисоб кунед, пас мутобиқи Номаи Яъқуб (1:16), шуморо касе фиреб додааст. Шумо бояд аз худ бипурсед, кӣ ба шумо гуфт, ки Худо дурӯғ мегӯяд. Кӣ ба шумо гуфт, ки Худо кӯдаки ҳафтсоларо кушт? Ман, эҳтимол, медонам. Ягон воизе, ки ҳеҷ чизи беҳтар фикр карда бароварда натавонист. Аммо ин

аст изҳороте, ки шумо бояд бовар кунед, агар хоҳед, ки аз Худо бигиред. Худо дурӯғ намегӯяд! Дар асл Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад (ниг. Ибр. 6:18).

Боз ҳам, сабаби он ки одамон фикр мекунанд, ки Худо на ҳамеша нек аст, аз он иборат аст, ки онҳо дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, системаи ҳуқуқии Подшоҳии Худоро намефаҳманд. Чуноне ки аллакай гуфтам, мо инро дар боби минбаъда дида мебароем, ва шумо ба ин восита ба саволҳои худ ҷавоб пайдо мекунед. Аммо агар шумо фаҳмидан хоҳед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад, шумо бояд донед, ки Худо нек аст ва ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегӯяд.

## Константаҳои Подшоҳии Худо

Ҳанӯз дар мактаб ман сабақе гирифтам, ки, ба назарам, дар ин ҷо низ истифода бурда мешавад. Ба мо таълим медоданд, ки ҳангоми кор бо моддаҳои физикӣ хосиятҳои муайяне мавҷуданд, ки ҳеҷ гоҳ дигар намешаванд ва доимӣ мемонанд. Шумо пай бурдед! Дар физика ин қонунҳоро константаҳо меноманд. Масалан, об дар ҳарорати 0 дараҷа аз рӯи сутунчаи симобии Селсий ях мекунад. Ин константа аст, он ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад. Ҳамин тавр, ин, ки Худо нек аст, константа мебошад. Аз ин рӯ дар ҳамаи муодилаҳои марбут ба об шумо константаи ҳарорати яхкунии обро истифода мебаред.

Ҳамин чиз ба фаҳмидани хислати Худо низ дахл дорад. Агар шумо донед, ки Худо нек аст ва ҳеҷ гоҳ дигар намешавад, шумо метавонед порчаҳои Китоби Муқаддасро аз нигоҳи ҳамин константа тафсир кунед. Ба ҳайси мисол биёед ба порчае аз Китоби Хуруҷ нигоҳ мекунем:

> *Ва Худованд ба вай гуфт: “Кист, ки забон ба одам дод? Ё кист, ки гунг, ё кар, ё бино, ё нобиноро офарид? Оё на Ман, ки Худованд ҳастам?”*
>
> – Хуруҷ 4:11, 12

Ба назари аввал чунин менамояд, ки Худо одамонро дидаву виниста кӯр ва кар мегардонад. Вале мо бояд константаи худро дар ёд дошта бошем – Худо ҳамеша нек аст. Биёед тарҷумаи дигари ин оятро дида мебароем.

*Худованд ба вай гуфт: – Кӣ ба одам забон додааст? Кӣ вайро гунг ё кар мегардонад? Кӣ ба вай биноӣ медиҳад ё нобино мекунад? Магар Ман, Худованд, не?*

– Хуруҷ 4:11 (NLT)

Контексти ин порча чунин аст: Худо Мӯсоро даъват кард, ки ба назди қавми худ, ибриён, равад, ва гӯяд, ки Худо даъват дорад, то ӯ аз фиръавн озодии ибриёнро талаб кунад. Аммо Мӯсо ба Худо ҷавоб медиҳад: "Агар ибриён бовар накунанд, ки Ту маро фиристодаӣ, баъд чӣ мешавад?" Худо чанд усули исбот кардани инро ба онҳо нишон медиҳад. Аммо баъд Мӯсо бо илтиҷо ба Худо муроҷиат мекунад:

*Лутфан, эй Худованд! Ман шахси сухандон нестам, на аз дирӯз, на аз парирӯз, на аз вақте ки Ту ба бандаи Худ сухан гуфтӣ, зеро ки ман тутила ва сақав ҳастам.*

*Ва Худованд ба вай гуфт: "Кист, ки забон ба одам дод? Ё кист, ки гунг, ё кар, ё бино, ё нобиноро офарид? Оё на Ман, ки Худованд ҳастам? Ва алҳол бирав, ва Ман бо забонат хоҳам буд ва туро хоҳам омӯхт, ки чӣ бояд бигӯӣ".*

– Хуруҷ 4:10-12

Иҷозат диҳед, то он чиро ки Худо ба Мӯсо гуфт, ба тарзи дигар ифода кунам. Ман даҳони одамро офаридаам, ки вай сухан гӯяд ё нагӯяд? Ман чашми одамро офаридаам, ки вай бинад ё набинад? Ҷавоб маълум аст. Даҳон барои он офарида шудааст, ки сухан ронад, ва чашм – барои дидан. Ин чизест, ки Худо мехоҳад ба Мӯсо бирасонад. Дар асл, Худо мегӯяд: "Агар Ман даҳонро

офарида бошам, пас, албатта, Ман ба ту ёрӣ дода метавонам, ки онро истифода барӣ!" Худо ба Мӯсо гуфтан мехоҳад, ки вай ба Ӯ бовар карда метавонад, ки Ӯ ба Мӯсо ёрӣ медиҳад, вақте ки вай ба назди ибриён меравад.

Аммо, дар бораи Худо тасаввуроти дуруст надошта, мо ниятҳои Ӯро нодуруст тафсир карда метавонем. Ба фикрам, ҳамаи мо шунидаем, ки гӯё Мӯсо тутила буд. Аксари одамон иддао доранд, ки ин далели мутлақ аст, аммо оё ин дуруст аст? Дар ҷавоб ба ин савол шумо мегӯед: "Комилан дуруст. Худи Мӯсо тасдиқ карда буд, ки дар суханронӣ суст аст". Ман розӣ ҳастам, вай дар ҳақиқат чунин гуфта буд, вале алоқамандона ба чӣ? Агар Мӯсо хуб ҳарф зада наметавонист, пас изҳороти зеринро чӣ тавр шарҳ медиҳед?

> *Мусо тамоми ҳикмати Мисрро таълим гирифта, дар сухан ва амал қавӣ шуд.*
>
> – Аъмол 7:22

Дар асл мо мебинем, ки Мӯсо тамоман ба он шахсе монанд нест, ки дар сухан душворӣ ҳис мекарда бошад. Ӯ дар сухан қавӣ буд. Пас Мӯсо чиро дар назар дорад, вақте ки мегӯяд: "Лутфан, эй Худованд! Ман шахси сухандон нестам, на аз дирӯз, на аз парирӯз, на аз вақте ки Ту ба бандаи Худ сухан гуфтӣ, зеро ки ман тутила ва сақав ҳастам"?

Вақте ки дар боби 4-уми Китоби Хуруҷ дар бораи он гуфта мешавад, ки Мӯсо кундзеҳн буд, ин маънои онро дорад, ки Мӯсо бо забони қадимии ибрӣ хуб ҳарф зада наметавонист. Ӯ дар байни ибриён тарбия нашуда буд. Ӯ ҳамчун шахси мисрӣ тарбия шуда буд ва асосан бо забони мисрӣ сухан меронд. Худо Мӯсоро бовар мекунонад, ки азбаски Ӯ даҳони одамро офаридааст, Ӯ ба вай ёрӣ медиҳад, ки бо ибриён гуфтугӯ кунад. Аммо Мӯсо боз шубҳа мекунад.

> *Вай гуфт: "Лутфан, эй Худованд, бифирист ба воситаи ҳар каси дигар!"*

*Ва хашми Худованд бар Мусо аланга зад, ва Ӯ гуфт: "Бародарат, охир, Ҳоруни левизода аст; медонам, ки ӯ ба яқин сухан меронад; ва инак, ӯ низ ба истиқболи ту меояд, ва туро дида, дилшод хоҳад шуд. Ва ту бо ӯ сухан ронда, суханонро ба забонаш талқин хоҳӣ кард; ва Ман бо забони ту ва забони ӯ хоҳам буд, ва шуморо хоҳам омӯхт, ки чӣ бояд бикунед. Ва ӯ бо амри ту ба қавм сухан хоҳад ронд; ва ӯ барои ту мисли забон хоҳад буд, ва ту барои ӯ мисли Худо хоҳӣ буд".*

– Хуруҷ 4:13-16

**ДАР КИТОБИ МУҚАДДАС БЕШ АЗ 7000 ВАЪДАҲО ҲАСТАНД, КИ ҲУҚУҚҲОИ ҚОНУНИИ ШУМОРО ҲАМЧУН ФАРЗАНДОНИ ХУДО МУАЙЯН МЕКУНАНД.**

Аз ин хулоса баровардан мумкин аст, ки Ҳорун забони ибриро хеле хуб медонист, чунки ҳамчун ибрӣ ба воя расида буд, ва ба ибриён аз номи Мӯсо сухан ронда метавонист, на ин ки Мӯсо тутила буд.

Хулоса, акнун шумо мебинед, ки оиди хислати Худо тасаввуроти дуруст ва доимӣ доштан чӣ қадар зарур аст. Донистани он, ки Ӯ нек ҳамеша аст, моро водор месозад, маънои тахминии матнро зери шубҳа гузорем ва амиқтар таҳқиқ кунем, то тафсири дуруст биёбем. Ҳамин тавр, бори дигар такрор мекунам: таҳкурсии шумо дар Подшоҳии Худо – ин донистани хислати Худи Подшоҳ. Агар инро надонед, шайтон шуморо фиреб дода метавонад, чуноне ки вай Ҳавворо фиреб дода, бовар кунонид, ки Худо тамоми ҳақиқатро намегӯяд, ё, бадтар аз он, Ӯ ба шумо дурӯғ мегӯяд.

## Фаҳмидани ваъдаҳои Худо

Дар Китоби Муқаддас беш аз 7000 ваъдаҳо ҳастанд, ки ҳуқуқҳои қонунии шуморо ҳамчун фарзандони Худо муайян мекунанд. Ҳар

ваъда аз ҷониби Худи Подшоҳ ба шумо дода шудааст, ва ба вай бовар кардан мумкин аст. Оё мумкин аст? Агар ба некии Худо шубҳа кардан мумкин бошад, пас ба ваъдаҳои Ӯ низ метавон шубҳа кард.

Иҷозат диҳед, то як мисол биёрам. Фарз кардем, ба шумо ба 1000 доллар чек додам. Шумо ба ман миннатдорӣ изҳор мекардед ва дар шууратон шумо соҳиби 1000 доллар мебудед. Шумо чунон рафтор мекардед, ки гӯё шумо дорои 1000 доллар ҳастед, чуноне сухан меронидед, ки шумо гӯё дорои 1000 доллар мебудед, ва боз маро барои 1000 доллар миннатдорӣ мекардед. Гап дар он аст, ки шумо дорои 1000 доллар намебудед; шумо танҳо дорои чек мебудед.

Чек – ин танҳо ваъдае, ки ман ба шумо додаам ва маънои онро дорад, ки шумо ҳуқуқи қонунӣ доред, ки 1000 долларро аз ҳисоби бонкии ман гиред. Ба шумо аздусар лозим мешавад, ки онро ба пули нақд табдил диҳед, то ки воқеан соҳиби пул шавед! Аммо азбаски ниятҳои ман нисбат ба шумо маълум аст, ва азбаски шумо бовар доред, ки ман 1000 доллар дорам, шумо хоҳед гуфт, ки дорои 1000 доллар ҳастед, дар ҳоле ки аслан шумо танҳо ваъда доред.

Худо, албатта, назар ба ман бузургтар аст. Каломи Ӯ дурӯғ намегӯяд. Ӯ ба мо ваъдаҳои бузург ва пурарзиши Худро медиҳад. Агар Худо ба шумо ваъда медиҳад, пас, он аллакай иҷро шудааст! Ягона коре, ки шайтон карда метавонад, то ки ба иҷроиши ваъда халал расонад, – ин шуморо маҷбур кардан ба он, ки ба Каломи Худо бо шубҳа муносибат кунед. Ана барои чӣ ба шумо донистани он зарур аст, ки Худо нек аст ва Ӯ дурӯғ намегӯяд.

Иҷозат диҳед, ки боз як мисол биёрам. Ман медонам, бисёриҳо мешунаванд, ки мӯъҷизаҳо дар гузашта мондаанд ва Худо он кореро, ки Исо дар вақти зиндагии заминиаш мекард, намекунад. Ман дар калисои хеле анъанавӣ ба воя расидаам, ва, рости гап, ҳеҷ гоҳ шоҳиди зуҳури қуввати Худо нашудаам, ҳадди ақал ба андозае, ки дар хотир дорам. Аз ин рӯ, агар ман надида бошам, ки чӣ тавр одамон шифо меёбанд, оё ин маънои онро дорад, ки Худо дигар шифо намедиҳад? Барои ҷавоб додан ба ин савол мо

таҷрибаи худро истифода бурда наметавонем. Мо бояд фаҳмем, ки қонуни Подшоҳӣ оид ба шифо чӣ мегӯяд.

> *Исои Носириро Худо бо Рӯҳулқудс ва қуввати Худ **тадҳин кард**, ва Ӯ ба ҳама ҷо рафта, корҳои нек мекард ва ба ҳамаи онҳое ки дар қайди иблис буданд, шифо мебахшид, **зеро ки Худо бо Ӯ буд.***
>
> – Аъмол 10:38

Чуноне ки мо мебинем, шифоӣ аломати асосии хидматгузории Исо буд.

Дар матн гуфта шудааст, ки Исо ҳамаро шифо медод, чунки Худо бо Ӯ буд. Ин ибораи “Худо бо Ӯ буд” – изҳороте, ки бояд дарк карда шавад. Албатта, Худо тамоми умри заминии Исо бо Ӯ буд. Аммо дар асл ин ибора ба он лаҳза дахл дорад, ки Исо бо об таъмид ёфт ва Рӯҳулқудс дар намуди кабӯтар ба Вай нозил шуд. То ин лаҳза Исо ягон мӯъҷиза содир намекард. Мо маълумоте надорем, ки Исо ҳангоми наҳорӣ патароқи ҷуворимаккаро зиёд карда ё дар овони бачагӣ ягон шахсро шифо дода бошад. Танҳо баъд аз он ки Ӯ бо Рӯҳулқудс таъмид ёфт, хидмати Ӯ сар шуд. Худо бо Ӯ буд ва амал мекард.

Шумо гуфта метавонед: “Бале, Исо шифо медод, аммо Ӯ дар ин ҷо нест”. Ман розӣ ҳастам, шумо ҳақ мебошед, аммо Ӯ ин супоришро ба калисо додааст. Бубинед, ҳамон қуввате, ки ба Исо нозил гардид, ба калисо дода шуда буд. Вақте ки Исо заминро тарк кардан мехоҳад, Ӯ ба шогирдони Худ мегӯяд:

> *Аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.*
>
> – Аъмол 1:8

Ҳамин қувват, Рӯҳулқудс, ба калисо омад, то ҳамон мӯъҷизаҳоеро, ки Исо ба амал меовард, низ ба амал орад.

Шумо ба ман ҳеҷ чизи дигар гуфта наметавонед. Духтари ман Эми дар шиками худ 6 килограмм варам дошт. Мо ҳама ба Каломи Худо такя карда, барои шифо дуо гуфтем, ва ӯ хоб кард, ва саҳарӣ пурра шифо ёфта, аз хоб бедор шуд. Варами калон пурра нопадид шуд, ва тахтапушти ӯ (сербуғум ва каҷ) пурра барқарор шуд. Шумо инро дар китоби “Шифоӣ дар як шаб” (“Healed Overnight”) дида ва хонда метавонед.

Келини ман дар биқинаш ба андозаи афлесун вараме дошт, ки, аз рӯи гуфти табибон, бояд бурида партофтан лозим буд. Онҳо гуфтанд, ки ӯ намуди нодири саратон дорад ва ба умри ӯ аз як то ду моҳ вақт мондааст. Ӯ ба ваъдаҳои Худо бовар кард ва саҳарӣ пурра шифо ёфта, бархест. Варам гум шуд. Ҳамсари ман, Дренда, дар тахтапушташ ба андозаи тангаи панҷоҳсентӣ ғуррӣ дошт. Ӯ ба он амр фармуд, ки бадани ӯро тарк кунад, ва дар давоми ду ҳафта он ҳам пурра гум шуд.

Оё Худо қарор кард, ки ин занонро шифо диҳад? Оё Худо бояд интихоб мекард? Ба Ӯ ин се зан, назар ба шумо, бештар маъқул шуданд? Не! Онҳо қонунҳо ва афзалиятҳои Подшоҳии Худоро мефаҳмиданд ва танҳо ҳуқуқҳои худро ба он арз мекарданд. “Он гоҳ чаро, – мепурсед шумо, – ин қадар шумораи зиёди одамон касал мешаванд? Барои чӣ мо дар калисоҳоямон шифо ёфтани одамонро зиёд намебинем?”

Ман хурсандам, ки шумо пурсидед. Биёед инро дар боби минбаъда ҳаллу фасл мекунем.

БОБИ 3

# МАСЪАЛАИ ЮРИСДИКСИЯ

Чуноне ки пештар гуфтам, ман дар 24 гектар замини зеботарин дар Оҳайо зиндагӣ мекунам. Дар аввал ман соҳиби 22 гектар замин будам, вале ҳамсоям қитъаи заминашро, ки дар канори замини ман буд, ба ман фурӯхт, дар натиҷа масоҳати умумӣ то 24 гектар зиёд шуд. Мо бешубҳа дар ин замин дар тӯли бисту ду соли охир лаззат мебарем. Доштани ҷангал барои шикори оҳу, ботлоқзор барои шикори мурғобиҳо, мазраа барои шикори харгӯшҳо ва тазарвҳо, ва ҳамчунин барои рондани мотосиклҳои чорчарха – ин хушбахтӣ аст. Аммо агар шумо ба моликияти ман бодиққат нигоҳ мекардед, дар гирди он аломати "ГУЗАШТАН МАНЪ АСТ"-ро медидед. Ин аломатҳо барои он гузошта шудаанд, то одамон донанд, ки моликияти хусусии ман аз куҷо сар мешавад.

Қонуни иёлати Оҳайо мегӯяд, ки одаме, ки ба замини ман даромадан мехоҳад, бояд бо худ розигии хаттӣ дошта бошад. Агар ӯ бо худ ин гуна розигӣ надошта бошад, ин дохилшавии ғайриқонунӣ номида мешавад, ва аз рӯи қонун ӯро аз қитъа берун карда, ва ҳамчунин ҷарима муқаррар кардан мумкин аст. Гап дар он аст, ки ҳар касе, ки бе розигии ман аз заминам гузаштан мехоҳад, аз лиҳози юрисдиксия ҳақ надорад, ки чунин қарор қабул кунад, чунки ӯ соҳиби замин нест. Агар ман ба он шахс амр бифармоям, ки аз замини ман берун шавад, ӯ дигар илоҷ нахоҳад дошт!

Кӯтоҳ карда гӯем, шумо он чиро ки алоқамандона ба он юрисдиксия, яъне салоҳияти қонунӣ надоред, истифода бурда наметавонед.

Ин мисоли равшан оиди дохилшавии ғайриқонунӣ ба бисёр саволҳое, ки дар одамон алоқамандона ба он, ки барои чӣ дар Подшоҳии Худо чизе рӯй медиҳад ё намедиҳад, пайдо мешаванд, ҷавоб медиҳад. Фаҳмидани масъалаи юрисдиксия, яъне салоҳият дар Подшоҳии Худо барои кори пурсамар дар Подшоҳӣ шарти муҳим мебошад.

## Барои чӣ онҳо шифо наёфтанд?

Ман боварӣ дорам, ки шумо эҳтимол ин гуна ҳикояро шунидаед. Як шахси машҳур бемор мешавад, ва даъват мекунанд, ки ба ӯ дуо кунанд. Миллионҳо одамон ба дуо оиди шифои он шахс ҳамроҳ мешаванд, вале бо вуҷуди ин ӯ мемирад. Барои чӣ? Ё касе ба шумо нақл мекунад, ки модаркалони ӯ вафот кард, гарчанде онҳо тамоми аъзои оила дуо карданд, ва акнун донистан мехостанд, ки барои чӣ ин рӯй дод. Ё касе ба шумо мегӯяд, ки барои эҳтиёҷоти молиявӣ пул кишт кард, вале ҳанӯз мӯҳтоҷи пул аст. Оё ба ин саволҳо ҷавоб ҳаст?

Пеш аз он ки ман ҷавоб диҳам, биёед розӣ мешавем, ки мо на ҳама чизҳоеро, ки дар олами рӯҳонӣ ба вуқӯъ мепайвандад, медонем, ва ман худро чунон вонамуд намекунам, ки гӯё дорои ин гуна дониш бошам. Аммо, ба Каломи Худо такя карда, мо медонем, агар касе бемор бошад, Исо нархи шифои ӯро пардохт кардааст. Мо медонем, ки агар мо сахӣ бошем ва диҳем, Китоби Муқаддас мегӯяд, ки мо мегирем. Аммо ҳаррӯза мо мебинем, ки дар ҳаёти бисёр одамон Каломи Худо на ончунон амал мекунад, ки дар Китоби Муқаддас навишта шудааст. Оё ба ин Худо айбдор аст?

Агар ба он нигоҳ кунем, ки мо дар боби қаблӣ чиро фаҳмидем, ва мавзӯи ин бобро муҳокима кунем, ҷавоб яксон мешавад – не. Агар не бошад, пас мушкилӣ дар чист? Ин саволи ҷиддӣ аст. Дар

бораи он ки Худо нек аст, аксари одамоне, ки ҳатто фаҳмишҳои асосӣ надоранд, ба саволи он, ки оё Худо айбдор аст, ҷавоби мусбӣ медиҳанд. Боз ҳам, азбаски онҳо медонанд, ки Ӯ барои пешгирӣ кардани чизи бад қодир аст, ва Ӯ, зоҳиран, ин корро накард, онҳо гумон мекунанд, ки, эҳтимол, Ӯ иҷозат дод, ки ин рӯй диҳад. Аммо агар шумо дорои фаҳмише мебудед, ки Худо нек аст ва Ӯ дурӯғ гуфта наметавонад, шумо медонистед, ки мушкилӣ дар чизи дигар ниҳон аст, ва барои ёфтани ҷавоб шурӯъ мекардед.

Вақте ки шогирдон аз писарбача рӯҳи палидро ихроҷ карда натавонистанд, ин тарзи тафаккурро намоиш доданд. Ба ҷои он ки бипурсанд: “Барои чӣ Худо қарор дод, ки ин рӯҳи палид дар вай бимонад?”, онҳо аз Исо пурсиданд: “Барои чӣ мо онро ихроҷ карда натавонистем?”

Вақте ки вазъиятҳо, гӯё, ба Каломи Худо мухолифат мекунанд, ин савол бояд зуд дар майнаи мо пайдо шавад. Ҳамин тавр, такрор мекунам, барои мо ҳаётан муҳим аст, ки аввалан, бидонем, ки Худо нек аст, ва, дуюм, Ӯ дурӯғ намегӯяд. Маҳз барои ҳамин ман ин қадар вақти бисёрро барои иншо кардани он сарф намудам, ки барои ман маълум аст, аммо тааҷҷубовар он аст, ки барои бисёр одамон ин муаммо аст. Агар шумо донистан хоҳед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, саволҳо дода – ана ин тавр Китоби Муқаддасро хондан лозим аст.

**ПОДШОҲИИ ХУДО – ИН ПОДШОҲИЕ, КИ ТИБҚИ ҚОНУНҲО ВА ПРИНСИПҲОЕ АМАЛ МЕКУНАД, КИ ҲЕҶ ГОҲ ТАҒЙИР НАМЕЁБАНД.**

Дар хотир доред, ки ин ҳикояҳои бузурги библиявӣ беҳуда вуҷуд надоранд. Исо мехоҳад, ки ба шумо чизе нишон диҳад. Пас биёед ба саволи он мегузарем, ки барои чӣ касе он чиро, ки дар Каломи Худо навишта шудааст, қабул накард. Бисёр мушкилиҳое пайдо шуда метавонанд, ки ба юрисдиксияи осмон имкон намедиҳанд, то амал кунад. Баъзе мушкилиҳо зуд маълум намешаванд, ва

баъзеи онҳо хусусияти шахсӣ ва пинҳонӣ доранд.

Подшоҳии Худо – ин подшоҳие, ки тибқи қонунҳо ва принсипҳое амал мекунад, ки ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбанд. Ин принсипҳоро, чуноне ки ман аллакай гуфтам, омӯхтан ва истифода бурдан мумкин аст, мисли он ки деҳқон қонунҳои мавсими кишт ва ҷамъоварии ҳосилро дар подшоҳии заминӣ мефаҳмад ва ин қонунҳоро барои тараққиёт истифода мебарад. Азбаски Подшоҳӣ аз рӯи қонунҳое амал мекунад, ки ба ҳар як шаҳрванд барои идроку истифода дода шудааст, ҳар кас онҳоро омӯхта метавонад. Баъзан донистани он, ки чӣ тавр ин қонунҳо амал мекунанд, ҳаётан муҳим буда метавонанд.

## Қарори ҳаётан муҳим

Вақте ки Марк ва Ҳанно ба калисои мо омаданд, онҳо хеле мехостанд, ки кӯдак таваллуд кунанд. Табибон ба Ҳанно мегуфтанд, ки аз сабаби мушкилиҳои физиологӣ ӯ наметавонад ҳомиладор шавад ва кӯдак таваллуд кунад. Аммо, дар калисои “Ҳаёт бо имон” оиди некии Худо дониста ва қонунҳои Подшоҳиро омӯхта, ӯ фаҳмид, ки ҳомиладор аст. Ҳанно аз хурсандӣ парвоз мекард. Аммо андаке баъд дар шикамаш дарди сахт пайдо шуд. Дард он қадар сахт буд, ки ӯ баъзан аз ҳуш мерафт.

Ӯ ба назди духтури худ рафт. Духтур дар ҷояш набуд, аммо духтури навбатдор пешниҳод кард, ки УЗИ (муоинаи ултрасадоӣ) кунад, то бифаҳмад, ки чӣ шуда истодааст. Набзи ҳамл шунида намешуд, духтур хуни ғафсро дид ва исқоти ҳамлро муқаррар кард. Духтур ба ӯ пешниҳод кард, ки рӯзи баъдина биёяд, то кӯдаки мурдаро аз батни ӯ дур кунад, аммо Ҳанно розӣ нашуд.

Шавҳари ӯ Марк Ҳанноро бо Каломи Худо ва бо ваъдаҳои Худо рӯҳбаланд кард ва даъват намуд, ки алоқамандона ба кӯдак бовариашро гум накунад. Дар ҳамон рӯзҳои истироҳат ӯ дар калисо дуо кард ва боварӣ дошт, ки сарфи назар аз гапи духтур ӯ кӯдаки солим таваллуд мекунад.

Рӯзи душанбе вай ба назди духтури шахсии худ рафт. Духтур бори дигар УЗИ кард. Ба гуфти Ҳанно, дар тарҳи рӯи духтур ифодаи ҳайрат буд. Ӯ гоҳ ба экран нигоҳ мекард, гоҳ ба аксҳое, ки чанд рӯз пештар гирифта шуда буданд. Сипас духтур ба Ҳанно чунин гуфт: “Ман аллакай сӣ сол инҷониб кор мекунам ва пештар ҳеҷ гоҳ чизи ба ин монандро надида будам. Ман дар аксҳои ҳафтаи гузашта як лахтаи калони хун ва набудани набзро мебинам. Имрӯз ба шумо нигоҳ мекунам ва мебинам, ки лахтаи хун гум шудааст, ва ин тифли комилан зинда, солим аст ва таппиши дилаш аъло аст”. Пас аз чанд моҳ Ҳанно духтарчаи солим таваллуд кард, ва ӯро Эвелин номид. Боре вай ба маънои номи Эвелин мароқ зоҳир кард, ва вақте ӯ донист, ки маънои ин ном “ҳаёт” аст, хеле ба тааҷҷуб афтод.

Ин саргузашти ҳайратангез бешубҳа маҳсули дастони Худо буд, аммо ҳамчун олими рӯҳонӣ шумо бояд оиди чандин саволҳои ба ин монанд андеша кунед. Барои чӣ ин рӯй дод? Барои он ки Ҳанно яке аз маҳбубони Худо аст? Оё Худо тасодуфан қарор дод, ки кӯдаки вайро шифо диҳад? Ин саволҳое мебошанд, ки ҷавобашро бояд пайдо кард. Такрор мекунам, барои масеҳии оддӣ мӯъҷиза рӯй дод. Аммо ман одамонро даъват мекунам, ки маънои калимаи “мӯъҷиза”-ро ба тарзи нав фаҳманд, чунки он як чизи ғайриоддиро ифода мекунад. Дар Подшоҳии Худо ин танҳо вазифаи қонуни Подшоҳӣ буд.

Агар ман сангро меғалтонидам, ва он ба замин меафтид, ва агар ман фарёд мезадам: “Эҳ, шумо инро дидед? Санг ҳамту ба замин афтод. Ин мӯъҷиза аст!”, шумо фикр мекардед, ки ман девона шудаам. Шумо бо он розӣ намешавед, ки ин мӯъҷиза аст, зеро медонед, ки ин фақат қонуни ҷозибаи амалкунанда аст, ва он ҳамеша ва барои ҳама як хел кор мекунад. Санг ҳамеша ба замин меафтад. Барои ҳамин, ҳамчун олими рӯҳонӣ, оиди он ки чӣ рӯй дод, ҷавобҳои рӯҳоние ҷӯед, ки қонун ё қонунҳои Подшоҳиро, ки дар ин ҳикоя мавҷуд мебошанд, ошкор мекунанд.

## Калиди ёфташуда

Биёед ба ҳикояи дигар мегузарем, ки дар он мо бештар амали Подшоҳии Худоро дар робита ба ин масъалаҳо фаҳмида метавонем. Яке аз ҳикояҳои бузургтарин дар Китоби Муқаддас, ки ба мо барои ёфтани баъзе ҷавобҳо ёрӣ медиҳад, дар боби ҳаштуми Инҷили Луқо навишта шудааст.

> *Вақте ки Ӯ ба он ҷо мерафт, мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд. Ва зане ки дувоздаҳ сол боз гирифтори хунравӣ буда, тамоми дороии худро ба табибон сарф карда буд, лекин ҳеҷ яке вайро шифо дода натавониста буд, аз қафо наздик шуда, домани Ӯро ламс намуд, ва дарҳол хунравии вай қатъ шуд.*
>
> *Ва Исо гуфт: "Кист, ки Маро ламс кард?"*
>
> *Вақте ки ҳама инкор карданд, Петрус ва онҳое ки бо Ӯ буданд, гуфтанд: «Эй Устод, мардум Туро иҳота намуда, аз ҳар тараф фишор медиҳанд, — ва Ту мегӯӣ: "Кист, ки Маро ламс кард?"»*
>
> *Аммо Исо гуфт: "Касе Маро ламс кардааст; зеро Ман ҳис кардам, ки қуввате аз Ман берун рафт".*
>
> *Он зан чун дид, ки натавонист пинҳон монад, тарсону ларзон омада, пеши Ӯ афтод ва дар ҳузури тамоми мардум гуфт, ки аз чӣ сабаб Ӯро ламс намуд, ва чӣ гуна дарҳол шифо ёфт. Ба вай гуфт: "Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав".*
>
> – Луқо 8:42-48

Дар ин ҳикоя мо занеро мебинем, ки солҳои зиёд сахт касал буд ва шифо намеёфт. Вай ба назди Исо омада, домани Ӯро ламс кард ва фавран шифо ёфт. Дар ин ҷо оиди амали Подшоҳии Худо якчанд ишораҳо мавҷуд мебошанд, ки мо аз ин ҳикоя пайдо карда метавонем ва онҳо ба мо барои ёфтани баъзе ҷавобҳое, ки мо эҳтиёҷ дорем, ёрӣ мерасонанд.

Пеш аз ҳама, издиҳоми одамоне, ки Исоро иҳота карда буданд, Ӯро ламс мекарданд. Чуноне ки дар ин ҳикоя гуфта шудааст, издиҳоме, ки ба Ӯ ҷафс мешуданд, Ӯро қариб пахш мекарданд. Вақте Исо пурсид: “Кист, ки Маро ламс кард?”, Петрус аз ин савол дар ҳайрат монд, зеро ҳама Ӯро ламс мекарданд. Аммо Исо гуфт, ки маҳз ҳамон шахс Вайро ба таври дигар ламс намуд, зеро ҳис кард, ки аз Ӯ қуввати Рӯҳулқудс берун меравад.

Пас аз хондани ин ҳикоя дар рӯҳи шумо бояд ҳар гуна сигналҳое ба кор дароянд, ки шуморо барои бозистодан ва оиди он ки чӣ рӯй дод, андеша кардан водор мекунанд. Ақли шумо бояд фавран ба ҳолати пажӯҳиш ворид шавад ва бисёр саволҳо диҳад. Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо бояд фаҳмем, ки чаро ин зан шифо ёфт, на ягон шахси дигар. Ман гумон мекунам, ки дар он ҷо бисёр одамоне буданд, ки низ бемор буда, Ӯро ламс мекарданд. Бинобар ин мо бояд пурсем: “Барои чӣ тадҳин танҳо ба ин зан нозил шуд, на ба шахсони дигаре, ки Ӯро он лаҳза ламс карданд?”

Ҷавоби анъанавии динӣ аз он иборат аст, ки вай аз он сабаб шифо ёфт, ки Исо вайро шифо дод. Аммо Ӯ вайро шифо дод? Оё Исо дидаю дониста ба вай хидмат кард, то ки вай шифо ёбад. Оё Ӯ ба вай даст гузошт? Оё Ӯ ба беморӣ фармон дод, ки ҷисми занро тарк кунад? Ҷавоб – не. Дар асл Исо ҳатто намедонист, ки вай дар он ҷо буд. Ба Ӯ лозим шуд, то бипурсад, ки Ӯро кӣ ламс кард. Пас оё Исо азм кард, ки вайро он лаҳза шифо диҳад? Боз ҳам, Ӯ ҳатто намедонист, ки вай дар он ҷо буд. Пас, чӣ тавр вай шифо ёфт? Барои чӣ вай шифо ёфт?

Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо метавонем ақидаеро, ки вай яке аз фарзандони махсуси Худо буд ё бо Исо муносибати махсусе дошт, рад кунем, зеро дар Аъмол (10:34) гуфта мешавад, ки Худо рӯйбинӣ намекунад. Мо ҳамчунин тахмин карда метавонем, ки азбаски Исо ҳатто аз ҳузури вай огоҳ набуд, Ӯ дар тасмими вай барои шифо ёфтан ҳамон рӯз ҳеҷ иштироке надошт. Мо бо он розӣ ҳастем, ки Ӯ сарчашмаи тадҳин буд, аммо Ӯ дар тасмим оиди шифо ёфтан ҳамон рӯз иштирок надошт.

Исо ба мо нақл мекунад, ки маҳз чӣ тавр вай қудрат ва қуввати Подшоҳиро ламс кард. Ӯ гуфт: "Духтарам! Имонат туро шифо бахшид; ба саломатӣ бирав". Ин суханон ҳамаи он чиро, ки ба мо донистан зарур аст, мегӯяд, ва ба саволи мо дар бораи он, ки чӣ тавр вай шифо ёфт, ҷавоб медиҳад. Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, биёед ин ҳикояро муфассалтар баррасӣ мекунем ва мебинем, ки оё мо ягон ишораҳоро оиди он, ки барои чӣ вай шифо ёфт, пайдо карда метавонем.

Пеш аз ҳама, Исо вайро духтар мехонад, ва ин маънои онро дорад, ки вай ба халқи Исроил, насли Иброҳим, мансуб буд. Вай ҳамчун фарзанди Иброҳим соҳиби баракате буд, ки ба Иброҳим дода шуда буд, ва дорои афзалиятҳои аҳде буд, ки Худо бо Иброҳим баста буд.

> *Ва гуфт: "Агар ту овози Худованд Худои худро бишнавӣ ва он чиро, ки дар назари Ӯ дуруст аст, ба амал оварӣ, ва ба аҳкоми Ӯ гӯш диҳӣ, ва фароизи Ӯро риоя намоӣ, — ҳеҷ яке аз бемориҳоеро, ки бар Миср овардаам, бар ту нахоҳам овард, зеро ки Ман Худованди шифобахши ту ҳастам".*
>
> – Хуруҷ 15:26

Бинобар ин, вақте ки Исо вайро духтар номид, ин маънои онро дошт, ки вай ба ҳамаи чизҳое, ки ба ин аҳд дохил мешуд, ҳуқуқи қонунӣ дошт. Аммо ин далел худ аз худ сабаби ягонае буда наметавонад, ки тибқи он вай аз Исо шифо гирифт, зеро ҳамаи онҳое, ки ҳамон рӯз ба Ӯ ҷафс мешуданд, ҳамин гуна ҳуқуқи қонунӣ доштанд. Бояд боз чизе бошад, ки ҷараёни қуввати Подшоҳиро ба кор андохт. Сипас Исо ба мо дар бораи боз як сабаб ҳарф мезанад. Дар асл Исо гуфт, ки ин маҳз ҳамон сабабе буд, ки вай шахсан шифо пайдо кард. Ӯ гуфт, ки имонаш вайро шифо бахшид.

Пас, акнун мо сабаберо медонем, ки тибқи он вай аз Худо шифо пайдо кард. Аз нуқтаи назари юридикӣ, вай ба ин ҳуқуқ дошт, зеро духтари Иброҳим буд, ва дуюм, имони вай воситае

буд, ки ба ин қувват имкон дод, то дар худи ҳамон лаҳза ба ҷисми вай ворид шавад. Далели онро, ки вай духтар буд, ба ширкати барқ монанд кардан мумкин аст, ки қувваи барқро ба воситаи ноқилҳо ба хонаи шумо интиқол додааст. Барқ ҳаст, вале ин маънои онро надорад, ки чароғ фурӯзон мешавад. Шумо бояд тугмачаро ба ҳолати “фурӯзон” гузоред, то ки чароғ даргирад.

**ИМОН ИН ИСТИЛОҲЕСТ, КИ МАСЕҲИЁН ХЕЛЕ ОЗОДОНА ИСТИФОДА МЕБАРАНД.**

Ҳамин тавр, ҳамчун насли қонунии Иброҳим, ин зан барои шифо ҳуқуқи қонунӣ дошт. Аммо, азбаски вай дар замин бар ҳаёти худ салоҳият дошт, вай бояд шахсан тугмачаро пахш мекард, то ки ин қувватро ба кор андозад. Аммо ин тугмача дар куҷост? Чӣ тавр онро пахш кардан мумкин аст? Барои фаҳмидани ин мо бояд истилоҳҳоро ҳаллу фасл кунем.

## Имон чӣ аст?

Имон ин истилоҳест, ки масеҳиён хеле озодона истифода мебаранд. Ва ман мӯътақидам, ки бисёриҳо, агар на аксарият, намедонанд, ки имон чӣ аст, он барои чӣ лозим аст, чӣ тавр метавон фаҳмид, ки шумо дар имон ҳастед, ва чӣ тавр онро пайдо кардан мумкин аст. Агар имон – ин ҳамон воситае, ки ба тадҳин имкон дод, то ба он зан ҷорӣ шавад, пас мо бояд ба имон хеле бодиққатона назар кунем! Таърифи имонро мо дар Нома ба Румиён пайдо мекунем.

*Дар сурате ки ҳеҷ умеде набуд, Иброҳим умедвор шуда, имон овард, то ки падари халқҳои бисёр шавад, аз рӯи он чи гуфта шудааст: “Насли ту чунин хоҳад буд”. Ва имонаш суст нашуд, ва ба он ҳам назар накард, ки ҷисми ӯ, дар синни қариб садсолагӣ, аллакай пир шудааст, ва батни Соро низ*

> *аз кор баромадааст; ва ба ваъдаи Худо аз беимонӣ шубҳа накард, балки дар имонаш устувор истода, Худоро ҳамду сано хонд, ва* ***боварии комил дошт,*** *ки Ӯ ба иҷрои ваъдаи Худ низ қодир аст.*
>
> – Румиён 4:18-21

Биёед вазъиятеро, ки дар ин ҳикоя тасвир шудааст, дида мебароем. Иброҳим ва Соро фарзанд таваллуд карда наметавонистанд. Ман дар назар надорам, ки онҳо бо ҳомиладорӣ мушкилӣ доштанд ва бояд кӯшиши худро давом медоданд. Ман онро дар назар дорам, ки онҳо қариб садсола буданд, ва ҳама чиз тамом шуда буд. Ҷисми онҳо имкони ба вуҷуд овардани ҳамлро надошт, ин ғайриимкон буд! Вале бо вуҷуди ин Худо ба Иброҳим писар ваъда карда буд, гарчанде аз лиҳози табиӣ ин комилан имконнопазир буд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Иброҳим куллан ба он мутмаин буд, ки новобаста ба далелҳои табиие, ки баръакси инро шаҳодат медиҳанд, Худо барои иҷрои ваъдаи Худ қодир аст.

Ин аст таърифи имони мо: "Пурра мӯътақид будан ба он, ки Худо барои иҷро кардани ваъдаи Худ қодир аст". Ман инро ба таври зайл баён мекунам: *"Дили шумо дар ризоият бо осмон"*. Ин на танҳо ҳамфикрӣ ба он чиз, ки Худо гуфтааст, балки эътиқоди мутлақ аст.

## Таърифи мо оиди он, ки имон чӣ аст

Иҷозат диҳед инро такрор кунам, то боварӣ ҳосил намоям, ки шумо инро ба дили худ қабул кардед. Имон – ин эътиқоди мутлақ ба он чизе, ки Худо мегӯяд! Ин ризоияти дил ва ақли мо дар эътиқоди мутлақ бо осмон аст.

## Чаро имон лозим аст?

Барои чӣ агар Худо хоҳиш дошта бошад, ҳамаи онҳоеро, ки дар беморхона ҳастанд, шифо дода наметавонад? Барои чӣ

Ӯ ҷангҳоро боздошта наметавонад? Барои чӣ Ӯ фариштаҳоро фиристода наметавонад, то ки ба мо Инҷилро башорат диҳанд? Ман боварӣ дорам, ки шумо ҳамаи ин саволҳоро шунидаед. Ҷавоб аз он иборат мебошад, ки Ӯ наметавонад. Гап дар сари он нест, ки Худо барои ин қувват надорад, балки Ӯ барои ба амал овардани ин салоҳият надорад. Барои фаҳмидани он, ки ман чӣ мегӯям, мо бояд ба Номаи Ибриён рӯ орем.

*Балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст: "Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ".*

*Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад.*

– Ибриён 2:6-8

Вақте ки Худо одамро офарид, ба вай бар тамоми подшоҳии заминӣ ваколати қонунӣ дод. Ҳеҷ чизе набуд, ки дар зери салоҳияти ӯ набошад. Ӯ дорои қудрати мутлақ буда, бар ин подшоҳӣ ҳукмронӣ мекард. Қобилияти ҳукмронӣ ва ваколати ӯ аз тарафи ҳукумате, ки ӯро ба ин ҷо таъин карда буд, тасдиқ карда мешуд. Дар асл, ӯ бо ваколатҳое, ки аз тарафи Подшоҳии Худо дода шуда буд, ҳукмронӣ мекард. Ӯ тоҷи ин ҳукуматро дар сар дошт, ки ифодакунандаи ҷалоли Худо, тадҳин ва мақоми олӣ ё қудрати ба вай додашуда буд.

Албатта, ӯ дар сар тоҷи ҳаққонӣ надошт, вале ба ҳар ҳол ба он маъно тоҷ дошт, ки ба вай мансуб аст. Барои беҳтар тасаввур кардан, ки ин ба чӣ монанд аст, дар бораи подшоҳи ҳақиқӣ андеша кунед. Гарчанде ӯ одами оддӣ аст ва дар вуҷуди фитрии худ қудрати воқеӣ надорад, тоҷе бар сар дорад, ва маънояш он аст, ки ӯ на танҳо худро, балки тамоми подшоҳӣ ва ҳокимиятро низ

муаррифӣ мекунад. Суханони ӯ танҳо барои он қувват доранд, ки онҳо бо қудрат ва воситаҳои ҳукумат ва подшоҳие, ки ӯ муаррифӣ мекунад, тақвият меёбанд.

Агар танзимгари ҳаракати роҳро ба хотир орем, пас вай қудрат дорад, ки мошини калони боркаши притсепдорро бо гуфтани “Ба номи қонун биистед” бозмедорад.

Бале, мошини боркаш аз одам хеле бузургтар аст, ва одам худ аз худ бо он баробар шуда наметавонад, аммо мошини боркаш на аз сабаби одам бозмеистад, балки аз сабаби нишоне, ки ӯ дорад ва ҳукуматро муаррифӣ мекунад. Дар ин ҳолат ҳукумат аз одаме, ки нишони сарисинагӣ дорад, беҳад бузургтар аст. Ронандаи мошини боркаш аз одам наметарсад, аммо аз ҳукумат, ки ин одам муаррифӣ мекунад, метарсад, ки ӯро водор мекунад, ки бозистад.

Айнан ҳамин чиз дар ин ҷо низ рӯй медиҳад. Одам бар ҳамаи он чизҳое, ки дар муҳити замин офарида шуда буд, ҳукмронӣ мекард. Қудрат ва ҳукмронии Худо, ки ба воситаи тоҷи ҷалол ва шараф нишон дода мешуд, ба одам бովарӣ бахшида буд, ки суханони ӯ муҳиманд, чунки аз номи Подшоҳии Худо гуфта мешаванд.

Қайд кардан хеле зарур аст, ки вақте Одам ба Худо хиёнат карда ва бар зидди қудрати Худо баромада, қобилияти идоракунии заминро аз даст дод, аз тоҷ, аз мавқеи роҳбарикунандаи худ дар Подшоҳии Худо, маҳрум шуд, вале ҳуқуқҳои қонунии худро бар худи подшоҳии заминӣ аз даст надод. Одам чун пештара ба таври қонунӣ заминро идора мекард. Худо ба вай онро барои идоракунӣ дод. Агар мо ба матне, ки қаблан дар Нома ба Ибриён дида будем, баргардем, инро мебинем.

> *...балки касе дар ҷое шаҳодат дода, гуфтааст: “Чист инсон, ки ӯро ёд кунӣ, ва фарзанди одам, ки ӯро тафаққуд намоӣ? Ӯро аз фариштагон фақат андак кам кардаӣ; ва тоҷи ҷалол*

*ва шавкат бар сари ӯ гузоштаӣ; ӯро бар аъмоли дастҳои Худ ҳукмфармо кардаӣ; ҳама чизро зери пои ӯ гузоштаӣ".*

*Модоме ки ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст, пас ҳеҷ чизе намондааст, ки мутеи ӯ набошад. Вале ҳоло ҳанӯз намебинем, ки ҳама чиз мутеи ӯ бошад.*

– Ибриён 2:6-8

Гарчанде дар ин порча гап дар бораи вақте меравад, ки Одам ва Ҳавво офарида шуда буданд, дар он гуфта шудааст: "Худо ҳама чизро ба ӯ мутеъ кардааст".

*Осмон осмони Худованд аст, валекин заминро ба банӣ-одам додааст.*

– Забур 113:24

## Одам Худоро бадар ронд

Новобаста ба он ки одам бар замин салоҳияти қонунӣ дорад, ӯ қудрати рӯҳонии худро аз даст додааст. Дар асл, Одам Худоро аз корҳои одамӣ ҳанӯз дар боғи Адан бадар ронд, ва баъди гуноҳ подшоҳии заминӣ вайрон шуд ва тағйир ёфт. Марг ба подшоҳии заминӣ роҳ ёфт, ва акнун шайтон ҳуқуқи қонунӣ дорад, ки бар корҳои одамӣ таъсир расонад. Вале ҳатто агар ҳамаи ин чизҳо рӯй дода бошад ҳам, фаҳмиданатон зарур аст, ки одам то ҳол сокини қонунии замин мебошад. Ҳатто дар ҳолати афтодаи худ ӯ ҳанӯз ҳам сарвар аст. Бале, ӯ дигар дар намуди тоҷи ҳукумати Худо пуштибонӣ надорад. Ӯ қудрат надорад, ки бо қувват ва ҷалоли Худо ҳукмронӣ кунад, ва ӯ аз мақоми фахрии худ маҳрум шуд. Аммо ӯ то ҳол ҳамчун ягона мавҷуди зинда, ки ҳуқуқи қонунии ҳукмрониро бар замин дорад, боқӣ мондааст.

Барои ҳамин ба Худо лозим аст, ки масеҳиёни пур аз Рӯҳро истифода барад, то ки иродаи Худро дар ҳаёти одамон иҷро кунад. Айнан ба ҳамин монанд шайтон одамони аз дев таҳрикшавандаро

**БАРОИ ҲАМИН БА ХУДО ЛОЗИМ АСТ, КИ МАСЕҲИЁНИ ПУР АЗ РӮҲРО ИСТИФОДА БАРАД, ТО КИ ИРОДАИ ХУДРО ДАР ҲАЁТИ ОДАМОН ИҶРО КУНАД.**

истифода мебарад, то тибқи нақшаи худ, ки нисбат ба одам дорад, ба подшоҳии заминӣ таъсир расонад. Ин принсипи юрисдиксияи одам бар замин барои фаҳмидани қонуни Подшоҳӣ ва махсусан барои донистани он, ки чаро барои гирифтани салоҳияти қонунӣ дар ин ё он вазъият имон лозим аст, ҳаётан муҳим мебошад.

Шумо гуфта метавонед: "Аммо ман фикр мекардам, ки замин бо тамоми пуррагиаш ба Худо тааллуқ дорад". Дуруст, ҳамин тавр ҳам ҳаст. Умедворам, ки ин мисол ба шумо ёрӣ медиҳад, то бифаҳмед, ки ман оиди чӣ ҳарф мезанам. Агар ман ба шумо хонаеро ба иҷора диҳам, ки ба ман тааллуқ дорад, онгоҳ, гарчанде аз лиҳози қонун он ба ман тааллуқ дорад, ман аз ҳуқуқи дохил шудан ба он, дар вақти дилхоҳ, кадом вақте ки хоҳам, даст мекашам. Бар аксари шартномаҳои иҷора нишон дода мешавад, ки иҷорадиҳанда кай ба бинои иҷоравӣ ҳуқуқи ворид шуданро дошта метавонад, – масалан, барои бартараф кардани ҳолати садамавӣ ё дар вақти таъмир, – ва барои ин чӣ қадар вақт лозим мешавад. Агар ман ба хона берун аз доираи шартнома ворид шавам, ҳатто агар соҳиби хона бошам ҳам, ин амали ғайриқонунӣ ҳисоб мешавад. Агар ман қоидаҳои шартномаи иҷорараро вайрон кунам, ҳатто агар соҳиби хона бошам ҳам, маро маҷбур карда метавонанд, ки аз хона берун шавам.

Ин нишон медиҳад, ки барои чӣ шайтон бояд ба воситаи Одам ба подшоҳии заминӣ роҳ меёфт. Танҳо Одам калид дошт! Шайтон мебоист аз дар гузашта, аз он шахсе, ки соҳиби қонунӣ буд, калидро мегирифт, вагарна вай бояд аз он ҷо мерафт.

Ҳамин тариқ, вақте ки Одам подшоҳии заминиро аз ҳокимияти илоҳӣ маҳрум кард, ба Худо лозим шуд, ки бо тарзи қонунӣ ҳокимияти Худро ба подшоҳии заминӣ баргардонад. Ва Ӯ мебоист

аз нав ба воситаи одам гузарад. Дар ин ҳолат одаме бо номи Иброҳим дарро боз кард.

> *Ва Худованд ба Абром гуфт: "Аз замини худ, аз ақрабои худ ва аз хонаи падари худ сӯи замине ки ба ту нишон диҳам, равона шав. Ва аз ту халқи бузурге ба вуҷуд оварам, ва туро баракат диҳам, ва номи туро бузург созам: ва ту намунаи баракат хоҳӣ шуд. Ва баракат диҳам онҳоеро, ки туро муборак хонанд, ва лаънат гӯям ба онҳое ки туро малъун хонанд;* ***ва дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост"****.*
>
> – Ҳастӣ 12:1-3

Иброҳимро падари имони мо меноманд, зеро маҳз ӯ, ки ба воситааш тамоми халқҳои ҷаҳон баракат дода мешаванд, барои ворид шудан ба подшоҳии заминӣ дарро ба Худо боз кард. Албатта, сухан дар бораи Исои Масеҳ ва нақшаи Худо барои наҷоти инсоният меравад. Имони Иброҳим дари қонуниеро кушод, ки Худо бо Иброҳим аҳди қонунӣ баста, онро абадан кушода боқӣ гузошт. Ин аҳд барои насли Иброҳим низ ҳатмӣ буд, ва дар боби 12-уми Китоби Ҳастӣ маҳз ҳамин чиз дар назар дошта шуда буд, ки дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад: *"Дар ту ҳамаи қабилаҳои рӯи замин баракат хоҳанд хост"*. "Дар ту баракат хоҳанд хост" маънои онро дорад, ки Исо тавассути насли Иброҳим меояд ва он чиро ки Одам аз даст дода буд, барқарор мекунад.

Ҳамин тавр, ба ман иҷозат диҳед, то чизеро, ки гуфтам, ба таври дигар фаҳмонам. Мард ё зане, ки дар подшоҳии заминӣ дорои юрисдиксияи қонунӣ мебошанд, бояд бо осмон дар ризоият бошанд, то ки осмон ба подшоҳии заминӣ дастрасии қонунӣ дошта бошад. Ин қарордод бо осмон имон номида мешавад. Ин ҳамон принсип аст, ки ба воситаи он шайтон тавассути шахсе, ки калид дошт, яъне Одам, ба подшоҳии заминӣ роҳ ёфт.

*Ва Ӯро ба кӯҳи баланде бардошта баровардa, ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳонро дар лаҳзае ба Ӯ нишон дод, ва иблис ба Ӯ гуфт: "Тамоми салтанат ва ҷалоли онҳоро ба Ту медиҳам, зеро ки он ба дасти ман супурда шудааст, ва ман, ба ҳар кӣ хоҳам, онро медиҳам; пас, агар Ту ба ман саҷда кунӣ, ҳамааш аз они Ту мешавад".*

– Луқо 4:5-7

Дар ин оят шайтон изҳор мекунад, ки қудрат ва ҷалоли (сарвати) одамӣ ба ӯ дода шудааст. Ӯ барои қудрати мутлақ дар замин оид ба ҳар он чизе, ки ба инсоният дахл дорад, даъвогарӣ мекунад. Ин қудратро ба вай кӣ додааст? Он шахсе, ки дорои ҳамин қудрат буд, яъне Одам! Ҳамин тавр, Худо ба корҳои одамӣ бе роҳи қонунӣ дахл карда наметавонад, вагарна ин ғайриқонунӣ ҳисоб мешуд. Шайтон изҳор карда метавонист, ки қоидаи бозӣ вайрон карда шуд. Не, Худо бояд бо ҳамон даре, ки шайтон ворид шуда буд, яъне ба воситаи мард ё зане ба подшоҳии заминӣ ворид шавад.

## Исо онҳоро шифо дода натавонист.
## Хулосаи аҷибе ба назар расид

*Лекин Исо ба онҳо гуфт: "Пайғамбар беқадр набошад, ҷуз дар зодгоҳи худ ва дар байни хешовандон ва дар хонаи худ". Ва дар он ҷо ҳеҷ мӯъҷиза нишон дода натавонист, ҷуз он ки дастҳояшро бар чанд беморе ниҳода, онҳоро шифо дод. Ва аз беимонии онҳо дар ҳайрат афтод. Дар деҳоти он музофот гашта, таълим медод.*

– Марқӯс 6:4-6

Агар ман дар кӯча аз одамон мепурсидам, ки оё Исо ягон коре карда метавонад, онҳо, эҳтимол, ҷавоби мусбӣ медоданд. Агар ман мепурсидам, ки оё дар Китоби Муқаддас ҷое ҳаст, ки Исо

кӯшиш кард, вале мӯъҷиза карда натавонист, одамон чӣ ҷавоб медоданд? Шуморо бовар мекунонам, онҳо ба ман мегуфтанд, ки дар Китоби Муқаддас ин гуна ҷой вуҷуд надорад. Аммо бо вуҷуди ин худи ҳозир шумо яке аз ин ҷойҳоро хондед. Исо онҳоро шифо дода натавонист. Ҳамчун олими рӯҳонӣ, ман фаҳмидан мехоҳам, ки сабабаш чӣ аст. Ҷавоб оддӣ аст. Ӯ натавонист, ва ҳоло шумо медонед, ки чаро. Сабабаш ин буд, ки онҳо имон надоштанд, ки маънояш набудани ризоият бо осмон аст, пас осмон дар ин вазъият салоҳияти қонунӣ надошт. Боварӣ ҳосил кунед, ки он чиро, ки ҳоло мо ошкор кардем, ба таври равшан фаҳмидед.

**То даме ки мард ё зан дар дили худ ба он чизе, ки осмон мегӯяд, боварии комил ҳосил накунад, ки ИМОН ном дорад, осмон дар замин салоҳияти қонунӣ дошта наметавонад.**

Агар мо ба саволҳое, ки дар қисми аввали ин боб оиди дуо гуфтам, баргардем, аллакай ҳозир ҷавоб пайдо карда метавонем. Ба хотир оред, ман дар бораи вазъияти эҳтимолие сухан ронда будам, ки миллионҳо одамон барои касе дуо мекунанд, вале бо вуҷуди ин вай вафот мекунад. Барои чӣ? Сабаби асосӣ, боз ҳам, набудани имон аст. Аксари одамон ғалоғулаи зиёдро имон гумон мекунанд.

> *Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад; монанди онҳо набошед; зеро Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад.*
>
> – Матто 6:7, 8

Бисёр одамон боварӣ доранд, ки ҳар қадар бештар одамон дуо кунанд, ҳамон қадар имконият бештар хоҳад шуд, ки Худо мешунавад ва ёрӣ медиҳад. Ба назарам, ман аллакай дар бораи он хеле зиёд сухан рондам, то шумо фаҳмед, ки ин комилан нодуруст аст. Ва вақте мо мегӯем, ки имон набуд, пеш аз ҳама

имони он шахсро дар назар дорем, ки ба гирифтани чизе аз Худо эҳтиёҷ дорад.

Дар мавриди ҳикояи мо аз боби 6-уми Инҷили Марқӯс, шумо бояд розӣ шавед, ки имони Исо дар авҷи аъло буд, аммо Ӯ онҳоро шифо дода натавонист. Бинобар ин агар мо дар бораи дӯсти беморе бо миллионҳо дуокунандагон гап занем, ман аз шумо мепурсидам: “Бемор чӣ мегӯяд?” Бубинед, ҳеҷ гуна шумораи одамон бар шахси дигар қудрати рӯҳонӣ надорад. Барои касе 20 миллиард одам дуо карда метавонад, вале агар ин шахс имон надошта бошад ва гӯяд, ки мемирад, вай мемирад.

Биёед боз мисоламонро, ки худи ҳозир дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс хондем, дида мебароем. Мо медонем, ки Исо барои шифо додан имон дошт, вале Ӯ барои одамон бе имони онҳо ҳеҷ кор карда натавонист.

Ба назди ман доимо одамон омада мегӯянд, ки бибӣ, бобо ё хешованди онҳо бемор аст, ва мегӯянд, ки барои онҳо дуо мекунанд, вале ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Ман ҳамеша мепурсам: “Бибӣ чӣ мегӯяд? Бобо чӣ мегӯяд? Оё онҳо имон доранд?” Бубинед, мо бар шахси дигар қудрати рӯҳонӣ надорем. Шумо ба вай хидмат карда метавонед, аммо худи вай низ бояд иштирок кунад. Бинобар ин ман ба одамон мегӯям, ки барои самаранок хидмат кардан чӣ кор бояд кунанд, – аввалан тасвирро бояд тағйир дод. Ман дар бораи он мегӯям, ки шахси бемор алоқамандона ба вазъияти худ чӣ гуна тасвирро мебинад. Ба вай иқтибосҳои зиёди динӣ додан лозим нест, ба вай тасвирро пешниҳод кунед. Иҷозат диҳед, то бифаҳмонам, ки чӣ мегӯям.

> *Ва шогирдони Яҳё ҳамаи инро ба ӯ хабар доданд. Ва Яҳё ду нафарро аз шогирдони худ даъват намуда, назди Исо фиристод, то ки бипурсанд: «Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё мунтазири дигаре бошем?»*
>
> *Онҳо назди Ӯ омада, гуфтанд: «Яҳёи Таъмиддиҳанда моро*

*назди Ту фиристод, то ки бипурсем: "Оё Ту Ҳамон ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё мунтазири дигаре бошем?"»*

*Дар ҳамон вақт Ӯ бисёр касонро аз касалиҳо ва дардҳо ва аз арвоҳи палид шифо дода ва кӯрони бисёрро биноӣ бахшида буд. Ва Исо дар ҷавоби онҳо гуфт: «Биравед ва он чи дидед ва шунидед, ба Яҳё бигӯед: кӯрҳо мебинанд, шалҳо роҳ мераванд, махавиён пок мешаванд, карҳо мешунаванд, мурдагон эҳё мешаванд, ба мискинон башорат дода мешавад...»*

– Луқо 7:18-22

**ПАС, ИМОН АЗ ШУНИДАНИ ВАЪЗ АСТ ВА ШУНИДАНИ ВАЪЗ БА ВОСИТАИ КАЛОМИ ХУДОСТ.**

**– РУМИЁН 10:17**

Диққат кунед, Исо ба Китоби Муқаддас ишора накард. Ӯ гуфта метавонист: "Баргардед ва ба Яҳё ин ё он порчаро аз Китоби Муқаддас гӯед". Аммо не, Ӯ дар бораи ҳамаи чизҳои неке ба онҳо нақл кард, ки дар Подшоҳии Худо рӯй медиҳанд. Шумо низ бояд ҳамин тавр рафтор кунед. Ба дӯсти бемори худ ҳикояеро оиди он нақл кунед, ки чӣ тавр Исо ягон каси дигарро шифо дода буд. Ба қадри имкон ҳикояеро оиди он нақл кунед, ки кӣ аз ҳамин гуна беморӣ, ки ҷисми ӯро хароб мекунад, шифо ёфта буд. Ин тасвир дӯсти шуморо рӯҳбаланд мекунад ва умед мебахшад. Умед ҳамеша ягон тасвирро бо худ дорад, ва шумо мехоҳед, ки дӯсти шумо ин тасвирро бубинад, бубинад, ки барои бемории ӯ шифо ҳаст.

Вақте дӯсти шумо мебинад, ки шифо ёфтан мумкин аст, ӯ аз шумо мепурсад, ки ин чӣ тавр имкон дорад. Ин ҳамон лаҳзаест, ки шумо интизор будед. Акнун ӯ барои шунидани Каломи илҳомбахши Худо ва принсипҳои Подшоҳии Ӯ тайёр аст. Агар ӯ ҳанӯз аз олами боло таваллуд нашуда бошад, дар навбати аввал ба ӯ кӯмак кунед, ки узви Подшоҳии Худо шавад, ва сипас

ба ӯ ҷойҳои Навиштаҷотро, ки дар бораи шифо нақл мекунад, фаҳмонида, бо ӯ вақт гузаронед. Ба қадри имкон барои тасдиқи суханони худ маводҳоро ба вай диҳед.

Акнун мо медонем, ки имон (ризоият бо осмон) чӣ аст ва барои чӣ имон ба таври қонунӣ зарур аст, вале мо боз бояд донем, ки чӣ тавр имон пайдо кунем ва донем, ки оё дар имон ҳастем ё не.

## Чӣ тавр имон пайдо кунем?

*Пас, имон аз шунидани ваъз аст ва шунидани ваъз ба воситаи каломи Худост.*

– Румиён 10:17

Чӣ тавр аз шунидани Каломи Худо имон ҳосил мешавад? Ин чӣ раванд аст? Оё танҳо шунидани Калом кофӣ хоҳад буд, ки дар рӯҳи инсон имон ташаккул ёбад? Барои фаҳмидани он, ки чӣ тавр имон ҳосил мешавад ва дар Нома ба Румиён (10:17) оиди чӣ гуфта шудааст, мо метавонем ба боби 4-уми Инҷили Марқӯс рӯ биёрем. Ман ҳамеша мегӯям, ки агар шумо Китоби Муқаддасро ба ҳаво партоед, пас он бояд бо боби чоруми Инҷили Марқӯс кушода шуда, ба замин афтад, – он хеле муҳим аст! Исо гуфтааст, ки агар шумо он чиро, ки Ӯ дар ин боб таълим додааст, нафаҳмед, шумо ягон масали дигарри Китоби Муқаддасро нахоҳед фаҳмид. Гуфтан мехоҳам, ки ин хеле муҳим аст!

Барои чӣ ин боб он қадар муҳим аст? Чунки он ба мо нақл мекунад, ки чӣ тавр осмон бо подшоҳии заминӣ ҳамкорӣ мекунад, чӣ тавр он салоҳият меёбад ва дар куҷо он рӯй медиҳад. Дар ҳаёти шумо чизи муҳимтаре аз он нест, то бидонед, ки дар тамоми ин боб оиди чӣ сухан меравад.

Дар он Исо се масалро оиди он, ки чӣ тавр дар рӯҳи инсон имон ҳосил мешавад, ба мо нақл кардааст. Ӯ имонеро дар назар дорад, ки барои амал кардани қонунҳои Подшоҳии Худо дар замин шарти муҳим мебошад. Се ҳикоя дар ин боб – ин масал дар бораи

кишткунанда, масал дар бораи шахсе, ки тухмӣ мепошад ва ҳикоя оиди донаи хардал мебошад. Биёед аз баррасии ҳикояи дуюм, ки Исо дар боби 4-уми Инҷили Марқӯс нақл кардааст, шурӯъ мекунем. Ин ҳикоя оиди шахсе мебошад, ки тухмӣ мепошад.

> *Ва гуфт: "Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша. Ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст".*
>
> – Марқӯс 4:26-29

Аввалан, мо бояд истилоҳҳоро муайян кунем. Тухмие, ки Исо дар борааш ҳарф мезанад, чӣ аст, ва замин чӣ аст? Исо феълан ин ду истилоҳро дар масали қаблӣ оиди шахси кишткунанда дар ҳамон боб муайян мекунад. Тухмӣ – ин Каломи Худо, ва замин – ин дили одам ё рӯҳи ӯ.

Ҳамин тавр, дар ин масал Исо мегӯяд, ки одам ба дили худ Каломи Худо мекорад. Ва он гоҳ хок, ё дили одам, худ аз худ ба ҳосил кардани имон, ё ризоият бо осмон, сар мекунад. Ин раванди табиӣ ва вазифаи рӯҳи одамии шумо аст. Ҳар чизе, ки шумо ба он мегузоред, инкишоф меёбад. Пеш аз он ки идома диҳам, хеле зарур аст, ки таърифи имонро дар хотиратон нигоҳ доред: дили мард ё зан бо он чизе, ки осмон мегӯяд, комилан мӯътақид аст. Дар ин ҷо бояд дар ёд дошт, ки ризоият бо осмон – ин мисли ҳамфикрӣ бо Каломи Худо нест. Дар Китоби Муқаддас гуфта шудааст, ки Иброҳим комилан мӯътақид буд.

## Эътиқоди комил

Барои он ки шумо дар бораи эътиқоди комил тасаввуроти возеҳ пайдо кунед ва бидонед, ки он чӣ гуна аст ва чӣ тавр эҳсос

карда мешавад, биёед фарз мекунем, ки ман шуморо ба ҷаҳидан аз боми Эмпайр-стейт-билдинг дар Ню-Йорк водор мекунам. Барои он ки шуморо ба ин кор бовар кунонам, ман метавонистам бигӯям, ки агар шумо бо дастони худ пар занед, соқу саломат ба замин фаромада метавонед. Шумо ба рӯи ман механдидед, зеро медонед, ки бо шумо чӣ рӯй дода метавонад. Шумо ба натиҷа боварии комил доред. Ана ин аст комилан мӯътақид будан. Шумо медонед, ки бовариатон комил аст, дигар имкон нест. Агар биҷаҳед, мемиред.

Ҳамин тавр, биёед дигар вазъиятро мисол мегирем ва мебинем, ки шумо онро чӣ тавр ҳал мекунед. Фарз кардем, ки дар бадани шумо ягон варами хеле аён ва ҳаҷмаш калон пайдо шудааст, ва духтур мегӯяд, ки шумо тақрибан як моҳ умр доред: шумо ба саратон мубтало шудаед. Зиёда аз ин, духтур мегӯяд, ки навъи саратони шумо он қадар камёб аст, ки ягон шахс нест, ки аз ин навъи беморӣ зинда монда бошад. Акнун фарз мекунем, шумо медонед, ки дар Номаи якуми Петрус чӣ гуфта шудааст.

> *Ӯ шахсан гуноҳҳои моро дар Бадани Худ ба дор бардошт, то ки мо аз гуноҳҳо фориғ шуда, барои адолат зиндагӣ кунем: шумо аз ҷароҳатҳои Ӯ шифо ёфтед.*
>
> – 1 Петрус 2:24

Навиштаҷот дар ҷавоб ба мо мегӯяд, ки дар мо проблемаи ҷиддие мавҷуд аст. Мо дар салтанати зулмат ба воя расидаем, ва дурӯғ ва марг моро иҳота карда буданд. Мо дар салтанати тарс ба воя расидаем, ва ба ҳар чизе, ки тарс мегӯяд, пурра бовар мекардем. Ба ҳамин монанд, дар мисоле, ки дар боло оварда шуд, моро таълим медоданд, ки саратон метавонад бикушад. Дар ҳар як намоиши ВАО ба мо далелҳое нишон дода мешаванд, ки ин рост аст. Пас мо чӣ тавр муносибати худро иваз карда метавонем, чӣ тавр мо метавонем ба суханони Худо эътиқоди комил пайдо кунем? Дар асл мо мустақилона наметавонем. Аммо Каломи

Худо зинда аст ва пур аз қувват, ва агар он ба рӯҳи шумо кишт карда шавад, рӯҳи шумо ва Калом худ аз худ ба ҳар чизе, ки осмон мегӯяд, ризоиятро ба вуҷуд меоваранд.

## Ризоият бо осмон

*Ва гуфт: "Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро* ***замин худ аз худ бор меоварад****, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст".*

– Марқӯс 4:26-29

Хок (дили шумо) худ аз худ ризоиятро ба вуҷуд меорад. Диққат кунед, шумо наметавонед оиди имон дуо кунед, ин вазифаи дили шумо ва Калом аст. Ин порчаро баррасӣ карда, мо мебинем, ки ризоияти дили мо бо осмон – ин раванд аст, он зуд ба амал намеояд.

Ин мисол ба мо мегӯяд, ки дар аввал, вақте ки дили мо Каломро қабул мекунад, имон ба мисли алаф ё тухмии навкошташуда ба сабзидан шурӯъ мекунад. Сипас он сабзиданро давом дода, аввал поя, ва баъд сарак ҳосил мекунад. Сарак – ин ҷое, ки дар он тухмӣ ё мева ташаккул меёбад. Дар ин марҳилаи ҳаёти растанӣ шумо аз он ҳеҷ чиз хӯрда наметавонед. Ҳанӯз меваи он пухта нарасидааст, вале он месабзад.

Каломи Худо низ ба ин монанд аст. Вақте ки имон месабзад, дар олами физикӣ ҳанӯз тағйирот дида намешавад. Ҳанӯз ризоият ба вуҷуд наомадааст, аммо бовар кунед, ки растанӣ месабзад, имон мустаҳкам мешавад ва ризоият ба вуҷуд меояд. Исо дар идома мефаҳмонад, ки вақте тухмӣ дар сарак пурра мепазад ё тайёр мешавад, дарав фаро мерасад, ризоият аллакай ҳаст, ва акнун имон ҳаст.

Ҳамин тавр, хулоса ин аст. Вақте ки шумо ба замин тухмӣ мекоред, вай неш зада баромада, месабзад, аммо ҳанӯз мева надорад. Растанӣ то лаҳзае ки дар муҳити дуруст аст, сабзиданро давом медиҳад. Ва вақте ки он пухта мерасад, мева меорад. Фарз кардем, шумо ҷуворимакка мерӯёнед. Ҷуворимакка неш зада мебарояд, аммо дар аввал он танҳо хӯшагули хурдест, ки меваи хӯрданбоб надорад. Аммо бо гузашти мавсим сӯтаи ҷуворимакка пухта мерасад. Инро фаҳмидан лозим аст! Ҳангоме ки донаҳои сӯтаи ҷуворимакка бо донаҳое, ки ба замин кошта шуда буданд, мувофиқ меоянд, дар байни онҳо ризоият ҳаст.

**Вақте тухмие, ки дар сараки растанӣ аст, пухта расад, он айнан – АЙНАН – ба мисли тухмие мегардад, ки кишта шуда буд.**

Ҷуворимаккаро кишт кунед, ва тухмии пухтарасида ба тухмие, ки шумо кошта будед, мувофиқат хоҳад кард. Онҳо якхела мебошанд. Онҳо якранг метобанд ва мазаи якхела доранд, шумо онҳоро аз якдигар фарқ карда наметавонед.

Иҷозат диҳед, ки суханони Исоро дигар хел шарҳ диҳам. Вақте ки мо Каломи Худо мешунавем (ниг. Рум. 10:17), мо феълан ба одами рӯҳонии худ, ба дили худ, Каломи Худо кишт мекунем. Агар мо ин Каломро дар дили худ нигоҳ дорем, он месабзад ва пухта мерасад; ва вақте ки пухта мерасад, дилҳои мо ба он чизе, ки осмон мегӯяд, боварии комил пайдо мекунад. Осмон ва замин мувофиқат мекунанд, ва акнун осмон ба воситаи одаме, ки эътиқоди комил дорад, дар подшоҳии заминӣ салоҳияти қонунӣ пайдо мекунад. Афкор ва эътиқоди мо айнан ба он мувофиқ мешавад, ки осмон мегӯяд, бо эътиқоди комил. Ин чизи ақлонӣ нест. Акнун он ба чизе табдил ёфтааст, ки мо воқеан ба он боварӣ дорем, бо ҳамон эътиқоде боварӣ дорем, ки агар сангро ба ҳаво партоем, он ба замин меафтад. Осмон ба подшоҳии заминӣ Калом мекорад, ва Калом ба ризоият ва иродаи Худо меорад. Агар осмон гӯяд, ки шумо шифо ёфтаед, пас, вақте ки ин Калом дар дили шумо пухта мерасад, шумо танҳо онро мебинед, ки

осмон мегӯяд. Дигар ҳеҷ гуна тарс вуҷуд надорад. Вақте ки шумо чашмони худро мепӯшед, худро сиҳату саломат мебинед! Ана барои чӣ дар Нома ба Ибриён гуфта шудааст:

> *Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*
>
> – Ибриён 11:1

Эҳтимол, шумо ҳанӯз онро дар ҷаҳони ҷисмонӣ намебинед, вале дар рӯҳи худ мебинед, ва ин ба мисли он, ки шумо онро дар даст дошта бошед, воқеӣ аст. Ин ризоият имон номида мешавад, ва ба туфайли ҳамин имон ин тасвир дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, дар ҳаёти шумо амалӣ мешавад!

## Гузариш

Аммо диққат кунед, боби чоруми Инҷили Марқӯс бо ҳамин тамом намешавад. Пас аз он ки ба мо таълим медиҳанд, ки чӣ тавр дилҳои мо бо осмон мувофиқат мекунанд ва дар онҳо имон пайдо мешавад, ба мо дастур дода мешавад, ки чӣ тавр ҳосилро ҷамъоварӣ кунем.

> *Ва чун ҳосил расид, **фавран досро ба кор меандозад**, зеро ки вақти дарав расидааст.*
>
> – Марқӯс 4:29

Диққат кунед, ки ҳатто агар дил дар ризоият бо осмон аст ва имон ҳаст, ҳанӯз ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Барои чӣ? Тавре ки мо тамоми ин вақт гуфтем, шумо дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, дорои салоҳияти қонунӣ мебошед. Боби 8-уми Инҷили Луқоро оиди зане, ки беморechи хунравӣ дошт, дар хотир доред? Дар ёд доред, Исо гуфт: “Духтарам, имонат туро наҷот дод”? Ман он гоҳ ба шумо гуфта будам, ки дар зери мафҳуми “духтарам” мавқеи қонунӣ дар назди осмон фаҳмида мешавад. Азбаски ӯ духтари

**ШУМО БОЯД ҚУВВАТИ ПОДШОҲИИ ХУДОРО ДАР ИН ҶО, ДАР ПОДШОҲИИ ЗАМИНӢ, БА КОР АНДОЗЕД, ЧУНКИ ТАНҲО ШУМО, МАРД Ё ЗАН ДАР ЗАМИН, ИН КОРРО КАРДА МЕТАВОНЕД.**

Иброҳим буд, ӯ ҳуқуқҳои қонунӣ дошт.

Ман онро ба ноқили қувваи барқ, ки ба хонаи шумо гузаронида шудааст, монанд кардам. Қувваи барқ ҳаст ва дастрас мебошад, вале бо вуҷуди он шумо бояд чароғро фурӯзон кунед. Вақте ки имон ҳаст, энергия дастрас мебошад, аммо ҳанӯз ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад, чунки шумо бояд олати қатъу васли қувваи барқро ба кор дароред. Шумо бояд қуввати Подшоҳии Худоро дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, ба кор андозед, чунки танҳо шумо, мард ё зан дар замин, ин корро карда метавонед. Тавре ки дар Нома ба Румиён гуфта мешавад, маҳз бо ҳамин принсип шумо наҷот ёфтаед.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*
>
> – Румиён 10:10

Одам бо дил ба Калом бовар мекунад ва асос дорад. Асос – ин истилоҳи ҳуқуқӣ, ки татбиқи қонунро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, вақте ки дили мард ё зан бо осмон дар ризоият аст, вақте онҳо ба чизе, ки осмон мегӯяд, бовар мекунанд, онҳо дар назди осмон ва замин асос пайдо мекунанд. Акнун осмон ҳуқуқ дорад, ки ба ҳаёти онҳо дохил шавад, ба воситаи ҳаёти онҳо аз номи Подшоҳии Худо ба замин таъсир расонад. Аммо, мутаассифона, ҳатто бо вуҷуди он ки акнун ҳама чиз қонунӣ аст, ва онҳо дар имон ҳастанд, ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. “Аммо, Гэри, ба фикрам, ту гуфта будӣ, ки агар ман дар имон бошам, ин ба осмон дар ин ҷо салоҳияти қонунӣ

медиҳад”. Дуруст, аммо вақте ки имон ҳаст, касе бояд ба татбиқи ваколатҳои осмонӣ дар ин ҷо иҷозат диҳад. Биёед бори дигар ба Навиштаҷотамон нигоҳ мекунем.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст,* ***ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.***
>
> – Румиён 10:10

Вақте ки шумо имон, ё асос, пайдо мекунед, осмон ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба замин дохил шавад, вале диққат диҳед, дар идома гуфта мешавад, ки маҳз бо даҳон эътироф мекунанд, ки ин барои наҷот аст. Шумо ду қисмро мебинед? Осмон ба дили шумо Каломро ҷо мекунад, ва он дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, ризоиятро ба вуҷуд меорад. Сипас, вақте ки ризоият ва имон ҳосил шуд, шумо бояд мувофиқи ин ризоият амал кунед ва иҷозат диҳед, ки қудрати осмон дар вазъияти шумо амал кунад, то он чиро ки осмон мегӯяд, ба даст оред. Дар мисоли мо аз Навиштаҷот дар Инҷили Марқӯс (4:29) гуфта мешавад, ки вақте мавсими ҷамъоварии ҳосил фаро мерасад, одам (дар замин) досро ба даст мегирад. Ҳамон лаҳза ки имон пайдо мешавад, маҳз ӯ бояд мувофиқи Каломи Худо амал кунад, ва дар ҳақиқат ин ҳосилро ба даст меорад.

## Гирифтан дар Подшоҳии Худо

Иҷозат диҳед, то як лаҳза оиди дос аз боби чоруми Инҷили Марқӯс гап занам. Ман боварӣ дорам, ки ба қисми зиёди имондорон чӣ тавр истифода бурдани досро таълим надодаанд, яъне ба онҳо чӣ тавр ҷамъоварӣ кардани ҳосилеро, ки ба он эҳтиёҷ доранд, наомӯзонидаанд. То даме ки Худованд чӣ тавр амал кардани Подшоҳии Худоро таълим надод, ман низ инро намедонистам. Ҳоло ба шумо дар бораи он нақл мекунам, ки чӣ тавр ман кушоиши аввалини худро оиди ин раванди ҳаётан муҳим

дар Подшоҳӣ гирифтам.

Маро даъват карданд, ки дар калисои Атланта баромад кунам. Ин ибодати бегоҳии рӯзи чоршанбе буд, ва калисо на он қадар калон буд, аммо ман аз ин пурра қаноатманд будам. Ба ман маъқул буд, ки ба одамон оиди Подшоҳии Худо таълим диҳам. Вақте ки ман ба калисо омадам, барои ман тааҷҷубовар буд, ки дарҳои калисо маҳкам карда шуда буд ва касе набуд. То саршавии ибодат даҳ дақиқа монда буд. Ман аз ақиби худ овози баланди мошини боркашонро шунидам, ва баргашта, пикапи кӯҳнаро дидам, ки ба истгоҳи калисо ворид мешуд. Ман ба ин аҳамият надодам, охир ман дар маркази Атланта будам.

Ман интизор шуда истода будам, ки ба наздам марде омад ва худро ҳамчун шубон шинос кард. Ӯ барои дер кардани худ узр хост ва гуфт, ки пикапи кӯҳнаи ӯ ба кор даромадан нахост, ва ҳатто ӯ маҷбур шуд, ки онро аз баландӣ ғелонида, ба кор дарорад, чунки симтаноб аз кор баромада буд. Ӯ шиква кард, ки баъзан мошин тамоман ба кор намедарояд, ва ӯ маҷбур мешавад, ки панҷ мил то калисо пиёда роҳ равад. Бояд иқрор шавам, ки ман каме дар тааҷҷуб мондам.

Сипас ӯ фаҳмонид, ки ин калисо воқеан дар навбати аввал хидматгузорие буд, ки ба кӯмаки иҷтимоӣ машғул буд ва дар ин ҷо ӯ ҳармоҳа ба ҳазорҳо одамон ғизо медод, кӯмак одатан дар як моҳ беш аз 10 000 хӯроки нисфирӯзиро ташкил медод. Дар баробари шунидани нақли шубон ман беш аз беш зиқ мешудам. Ана марди Худо, ки 10 000 одамро дар як моҳ ғизо медиҳад, вале худаш мошини дуруст надорад? Ман дар ин бобат ғамхорӣ карда метавонистам. Ман мошини наве доштам, ки ҳамагӣ 20 000 мил масофаро тай карда буд, ва ман метавонистам онро ба вай тақдим кунам. Ман нияти худро ба вай гуфтам ва ҳам илова кардам, ки яке аз кормандони худро ба Атланта бо мошин мефиристонам. Ӯ, албатта, сахт хурсанд шуд.

Ман ҳамон бегоҳӣ ба ӯ ва имондорони калисо оиди Подшоҳии

Худо ва дар бораи он ки чӣ тавр он дар муносибат бо пул амал мекунад, таълим додам. Ман зарур мешуморидам, ки онҳо муаррифӣ кардани Подшоҳии Худоро ба шахсоне шурӯъ кунанд, ки ба он эҳтиёҷ доранд.

Ба хона баргашта, ман гуфтугзор кардам, ки мошинро ба Атланта баранд. Вақте ки корманди ман барои бурдани мошин омад, ман медонистам, ки дар осмон муомилаи рӯҳониро ба амал меорам. Ман медонистам, ки ин мошинро ба Подшоҳии Худо дода истода, бовар карда метавонам, ки Худо ба ман низ мошин медиҳад, агар ба он эҳтиёҷ пайдо кунам. Ман он қадар ҳам дӯстдори мошин нестам, яъне ман ба мошинҳо дилбастагӣ надорам. Баъзе одамҳо ба мошинҳо дилбастагӣ доранд, вале ман не. Бинобар ин вақте ки кормандам барои бурдани ин мошин омад, ман ба он даст гузошта, гуфтам: "Падар, ман ин мошинро ба хидматгузорӣ дар Атланта медиҳам. Онро дода истода, онро ҳамчун тухмӣ мекорам ва боварӣ дорам, ки... мегирам" Ман гуфта натавонистам, ки чӣ гуна мошинро мехоҳам. Бинобар ин гуфтам: "Ман боз бо Ту дар ин бора сӯҳбат мекунам!"

Дар тӯли чандин моҳҳои минбаъда ман дар бораи мошин он қадар зиёд андеша ҳам накардам, аммо боре саҳарӣ аз Дренда пурсидам, ки ӯ чӣ гуна мошинро мехоҳад. Ӯ каме фикр карда, гуфт, ки ба вай кабриолет писанд аст. Ман аз вай пурсидам, ки маҳз кадом намуди кабриолетро меписандад, ва мо ҳеҷ як навъи вуҷуддоштаро ба хотир оварда натавонистем. Азбаски ман барои Дренда мошин мехаридам, мутмаин будан мехостам, ки вай маҳз мошинеро мегирад, ки ба вай маъқул аст. Ман ба вай гуфтам, ки дар Интернет ҷустуҷӯ кунад ё гирду атрофро бинад ва агар кабриолетеро, ки ба вай писанд меояд, пайдо кунад, ба ман хотиррасон кунад. Мо хоҳиши худро оиди гирифтани мошини нав ба ҳеҷ кас нагуфтем, вале зимнан дар шаҳр гаштугузор карда, дар ҷустуҷӯи мошине, ки диққати моро ба худ ҷалб карда метавонист, гирду атрофро назора кардем.

Боре мо барои таоми нисфирӯзӣ ба тарабхонаи маҳаллӣ

рафтем, ва ногаҳон Дренда хитоб кард: “Ана ин! Мошине, ки ба ман маъқул аст!” Ӯ ба тарафи дигари истгоҳи мошинҳо ишора кард, ман истгоҳро давр зада, дар назди кабриолети “БМВ” силсилаи 6-ум, бешубҳа, мошини зебо истодам. Ва, илова мекунам, ки ин мошин қимат аст. Ман ӯро барои табъу завқаш таҳсин кардам ва гуфтам, ки ин мошини зебо аст.

Акнун шумо бояд донед, ки ман ва Дренда барои мошин пули калон намедиҳем. Чуноне ки аллакай гуфтам, ман ҳеҷ гоҳ шайдои мошин нашудаам. Дар соҳаи молия кор карда, ман ҳамчунин медонистам, ки чӣ тавр зуд онҳо камарзиш мешаванд, ва доимо мошини истифодашудаи як ё дусоларо харидан беҳтар аст. Аз ин рӯ нақшаи ман чунин буд: ман мошини аълои истифодашударо ҷустуҷӯ мекунам.

Пас аз як ҳафта ба ман ҷавоне аз калисо занг зад ва гуфт: “Ман мошини Дрендаро ёфтам!” Ман ҳайрон шудам, чунки дар бораи “БМВ”, ки ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ дида будем, ба ҳеҷ кас нагуфта будем. Бинобар ин аз вай пурсидам, ки он чӣ гуна мошин аст, ва ӯ гуфт, ки он кабриолет “БМВ” силсилаи 6-ум аст. Ӯ гуфт, ки онро дар атроф дид, ва Худованд гуфт, ки ин мошини Дренда аст. “Хуб, ҳоло гӯшам ба шумост”, – гуфтам ман. Мошин як сол дошт, ва он дар ҳолати аъло буд. Дар охир ман барои он пули нақд супоридам, ва Дренда мошини худро ба даст овард.

Ӯҳӯ, чӣ тавр ин рӯй дод?

Биёед ин воқеаро бо он муқоиса мекунем, ки мо оиди дар имон қоим будан ва истифода бурдани дос донистем. Вақте ки ман мошини худро медодам, ман дар имон қоим будам. Аммо вақте ки Дренда хитоб кард: “Ана ин!”, вай досро ба кор бурд, ва пас аз чанд рӯз мошин пайдо шуд. Гарчанде ман шунидам, ки чӣ тавр вай – “Ана ин!” – гӯён хитоб кард, ман ҳеҷ гоҳ суханони ӯро бо боби чоруми Инҷили Марқӯс ва дос алоқаманд накардам. Аммо воқеаи навбатӣ инро пурра равшан кард.

## Қуввати суханони шумо

Тавре ки ман аллакай гуфтам, ман соҳиби 24 гектар замин ҳастам, ки аз он дуним гектараш ботлоқзор аст. Ман дар фасли тирамоҳ шикор карданро дӯст медорам, ва гарчанде ман ҳанӯз дар синну соли мактабӣ  мурғобиҳоро шикор мекардам, дар ин ҷо, дар Оҳайо, ба шикори мурғобиҳо машғул нашуда будам. Вале ҳамон сол замин хеле ботлоқӣ шуда буд, ва ба он ҷо галаи мурғобиҳо парвоз карда меомаданд. Ҳаррӯза садҳо паррандагон барои шабгузаронӣ ба ин ҷо меомаданд. Бинобар ин боре бегоҳирӯзӣ ман туфангро гирифта, барои таоми шом якчанд мурғобиро шикор кардам ва вақти аъло гузаронидам.

Ҳамон тирамоҳ ҳам ман, ва ҳам бачагони ман мурғобиҳоро хуб шикор кардем. Аммо ман як чизро пай бурдам: мурғобиҳо қисми зиёди вақт аз масофаи тирпарронӣ дуртар меистоданд. Ҳангоми шикори мурғобиҳо аз рӯи қонун танҳо сочмаи пӯлодӣ иҷозат дода шудааст, на қӯрғошимии анъанавӣ. Сочмаи қӯрғошимӣ вазнинтар аст ва назар ба пӯлодӣ нерӯи худро хеле зиёдтар нигоҳ медорад, аз ин рӯ ҳангоми шикори мурғобӣ бо пӯлодӣ ба дур тир андохтан мушкилӣ эҷод мекунад.

Аммо ҳамон тирамоҳ, вақте ки ман бо чанде аз рафиқон оиди шикори мурғобиҳо сӯҳбат кардам, онҳо дар бораи туфангҳои наве гуфтанд, ки махсус барои шикори мурғобиҳо баровარда шудаанд. Онҳо бо сочмаи вазнинтар тир парронида метавонистанд ва камуфляжӣ буданд. Ман ба харидани чунин туфанг хеле шавқманд шудам, аммо моҳи декабр буд, мавсими шикор ба мурғобиҳо ба охир мерасид, ва ман дар ин бора он қадар ҳам зиёд андеша намекардам.

Дар аввали моҳи январ ман тасодуфан ба “Кабелас” (мағозаи молҳои варзишии маҳаллии мо) даромадам ва оиди ин туфангҳо барои шикори мурғобиҳо андеша кардам. Ман хостам, ки онҳоро аз назар гузаронам. Аз паҳлӯи лавҳаи фурӯши туфангҳо гузашта истода, ман навъҳои гуногуни туфангҳоро барои сайдҳои

шинокунанда дидам. Ман дар хотир дорам, ки чӣ тавр фикр накарда, ба туфанге, ки ба назарам аз ҳама беҳтарин метобид, бо ангуштам ишора карда, бо овози шунаво гуфтам: "Худовандо, ман инро мегирам". Ва ин суханон ҳамту аз даҳонам ҷорӣ шуданд. Мавсими навбатии шикори мурғобиҳо танҳо дар тирамоҳ фаро мерасид, ва ман ба нақша гирифтам, ки туфангро дар наздиктари мавсим хоҳам харид.

Пас аз ду ҳафта маро барои баромад кардан дар бизнес-конфронс даъват карданд. Вақте ки ман баромадамро ба охир расонидам, директори генералӣ барои сипосгузорӣ кардани ман баромад ва гуфт, ки вай барои ман тӯҳфае омода кардааст. Ва, мутааҷҷибона, ӯ ба ман маҳз ҳамон навъи туфангро ҳадя кард, ки ман ду ҳафта пеш дар "Кабелас" ба он ишора карда будам. Албатта, ман хеле аз ин тӯҳфаи саховатмандона ба тааҷҷуб афтодам, аммо медонистам, ки ин тасодуф нест. Ман суханони худро, ки дар мағозаи "Кабелас" гуфта будам, ба хотир овардам, ва фаҳмидам, ки ман чӣ кор кардаам. Ман досро ба кор андохтаам!

> *Ва гуфт: "Малакути Худо монанди касест, ки тухм бар замин пошад, ва шабу рӯз бихобаду бархезад, ва тухм чӣ гуна сабзаду нашъунамо ёбад, вай надонад; зеро замин худ аз худ бор меоварад, аввал майса, баъд хӯша, пас аз он донаи пурра дар хӯша; ва чун ҳосил расид, фавран досро ба кор меандозад, зеро ки вақти дарав расидааст".*
>
> – Марқӯс 4:26-29

Истифода бурдани дос алоқамандона ба имон ҳамон принсипро мефаҳмонад, ки мо дар асоси порчае аз Нома ба Румиён муҳокима карда будем.

> *Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*
>
> – Румиён 10:10

Ман бо дили худ имон овардам, ва бо даҳонам қудрати Подшоҳии Худоро дар подшоҳии заминӣ ба кор андохтам. Ман бештар аз сӣ туфанг тақсим кардаам, аммо, ба назарам, ин бори аввал буд, ки ба таври шунаво гуфтам: "Ман инро мегирам". Аммо вақте ки ман дар ин бора андеша кардам, ба хотир овардам, ки аллакай пештар ҳамин тавр мекардам, аммо он вақт ман намефаҳмидам, ки Подшоҳӣ чӣ тавр амал мекунад.

Вақте ки мо бо Дренда ба Оҳайо баргаштем, мо аз Оклаҳома омада будем, ки дар он ҷо оҳуҳоро бо милтиқ шикор кардан мумкин буд. Аммо дар Оҳайо бо милтиқ шикор кардан ғайриқонунӣ буд, фақат тири сочма иҷозат дода шуда буд. Он вақт ман танҳо милтиқи думилаи калибраш 20 доштам, ки дар соли аввали кӯчиданамон ба он ҷо ба задани ду оҳу муяссар шуда будам. Аммо ман хеле мехостам туфанги беҳтаре дошта бошам, ки махсус барои шикори оҳуҳо бароварда шудааст. Ман ба хотир овардам, ки баъди ҳамон мавсими аввали шикори оҳуҳо дар Оҳайо ман ба Дренда гуфтам, ки хеле мехоҳам "ремингтон" навъи 11-87 калибраш 12-ро бо қундоқи пластикии сиёҳ барои шикори оҳуҳо дошта бошам. Пас аз чанд ҳафта ҷашни Мавлуд фаро расид, ва вақте ки падарам ба ман чунин туфангро тақдим кард, ман дар тааҷҷуб мондам. Ман ҳатто ба вай нагуфта будам, ки ба ман туфанг лозим аст. Дар ёд дорам, ман фикр кардам: "Аҷиб". Ман надониста, досро ба кор андохтаам.

## БОБИ 4

# МАГАР ШУМО ДАР ХОТИР НАДОРЕД?

Вақте ки ман бори аввал ба омӯзиши он, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад, шурӯъ кардам, аз чизҳое, ки дидам, дар ҳайрат мондам. Ин асосан аз он сабаб буд, ки ба ман ҳеҷ гоҳ чизҳоеро, ки мушоҳида мекардам, таълим надода буданд. Аммо, тавре ки ман аллакай дар қисми аввали китоб гуфтам, Худо, зоҳиран, дар бисёр дарсҳое, ки ба ман медод, шикори оҳуҳоро истифода мебурд. Дар асл, ман одами хеле оддӣ ҳастам, ва, эҳтимол, ин барои ҷалб кардани диққати ман усули беҳтарин буд. Пас аз он ки ман барои оҳуҳои худ кишт карданро ёд гирифтам ва ба гирифтани онҳо – одатан дар давоми чил дақиқаи баъд аз баромадан ба шикор – шурӯъ намудам, Худо ба ман дар бораи амали Подшоҳии Худо фаҳмишҳои чуқуртар дода, маҳорати маро сайқал додан гирифт.

Вақте Худо ба ман нишон дод, ки чӣ тавр ба ҳамон оҳуе, ки шохи шашнавдагӣ дошт, бо имон шикор кунам, ман дар Талса, иёлати Оклаҳома, будам. Ва тавре ки ман аллакай гуфтам, мо соле баъд боз ба Оҳайо кӯчидем. Дар Оҳайо саршумори калони оҳуҳо буд, ва задани ду оҳу, ки аз онҳо танҳо якеаш нарина буда метавонист, иҷозат дода шуда буд. Аз ин рӯ, вақте ки ман ба Оҳайо омадам, ҳар сол ба ду оҳу, ба як модина ва ба як нарина, кишт мекардам. Ва ман онҳоро ҳамчун аз рӯи ҷадвал ба даст меовардам.

Аммо як сол чизеро мушоҳида кардам, ки маро ҳайрон кард.

Ман фикр кардам: “Не, ин тавр шуда наметавонад”. Вақте ки ман ҳамон мавсими шикорро ба итмом расонидам, пай бурдам, ки оҳуҳо бо ҳамон тартибе меомаданд, ки ҳангоми кишт кардани тухмӣ дар чек менавиштам. Масалан, агар ман “ба нарина ва модина” навишта бошам, аввал наринаро мезадам, ва модинаро – дуввум. Дар бораи чанд мавсими охирин дар Оҳайо андеша ронда, ба хулоса омадам, ки ҳар сол ҳамин тавр буд. Ман дилпур набудам, чунки ба ин аҳамияти махсус намедодам, аммо донистан мехостам, ки оё воқеан ин дуруст аст.

Бинобар ин ман қарор додам, ки соли дигар бояд инро бифаҳмам. Ман розӣ ҳастам, ки ин як фикри беақлона буд, аммо фикр кардам, ки, зоҳиран, ин маҳз ҳамин тавр кор мекунад, ва агар ман якчанд санҷишҳо нагузаронам, ҳеҷ гоҳ онро нахоҳам донист. Аз ин рӯ ман ҳамон сол тартиби кишти тухмиҳоро тағйир додам. Ин дафъа ман оҳуи модинаро дар рӯйхат ба ҷои аввал гузоштам. То ин дам ман ҳамеша оҳуи наринро ба ҷои аввал мегузоштам. Албатта, онҳо маҳз бо ҳамин тартиб омаданд. Соли минбаъда ман ин қоидаро такрор кардам, ва онҳо маҳз бо ҳамон тартибе омаданд, ки ман онҳоро навишта будам. Ман ҳеҷ гоҳ фикр накарда будам, ки чунин ҳодиса рӯй дода метавонад. Ман онро дар назар дорам, ки Подшоҳӣ ин қадар мушаххас амал мекунад.

Барои аниқ донистани он ки оё ин воқеан рӯй дода истодааст ё танҳо як тасодуф аст, ман қарор додам, ки таҷрибаи амиқтар гузаронам. Ман барои оҳуе, ки шохи ҳафтнавдагӣ дорад, тухмӣ кишт кардам. Ман медонистам, ки оҳуи маъмулӣ дар ҳар шох шумораи ҷуфти навдаҳо дорад, аз ин рӯ ман рақами тоқро интихоб кардам. Ҳамин тавр, ин чӣ қадар ғайриоддӣ ба назар расад ҳам, ман ва Дренда дуо кардем ва ба оҳуи шохаш ҳафтнавдагӣ тухмӣ коштем.

## Имон то чӣ андоза мушаххас аст?

Ниҳоят моҳи октябр фаро расид, ва мавсими тирандозӣ аз камон сар шуд. Одатан ман фарорасии мавсими шикорро

бесаброна интизор мешудам, вале бо кушодашавии он ман худро аҷиб ҳис кардам. Ман барои рафтан ба шикор ҳеҷ гуна хоҳише надоштам. Ин ҳиссиёт хеле сахт буд. Ман фикр мекардам, ки бо саршавии мавсим, вақте ки баргҳо мерезанд, он гузашта меравад. Аммо не, хоҳиши шикор бедор нашуд. Дар ёд дорам, ман фикр кардам: “Вақте ки ту пир мешавӣ, ана чӣ рӯй медиҳад, ту ҳамту ягон кор карданро бас мекунӣ?” Ман ин ҳиссиёти аҷибро шарҳ дода наметавонистам. Гӯё ба ман фарқ надошт, ки оё бори дигар ба шикори оҳуҳо меравам ё не. Моҳи ноябр фаро расид, ва ман безобита шудам. Ман аллакай вақти аз ҳама беҳтаринро дар ҷангал аз даст додам, ва бояд гуфт, ки вақти аз ҳама гармтаринро. Миёнаҳои моҳи ноябр буд, ва ман то ҳол барои рафтан ба шикори оҳуҳо ҳеҷ гуна хоҳише надоштам. Ман шубҳа доштам, ки ман умуман ба ҷангал мебароям ё не, ана ман чӣ гуна ҳиссиёт доштам.

Ба назди мо аз Алабама волидайни Дренда омаданд, то дар хонаи мо як-ду рӯз меҳмон шаванд. Мо дар меҳмонхона нишаста, сӯҳбат мекардем, ва ногаҳон ман фаҳмидам, ки рӯзи минбаъда бояд ба ҷангал равам. Ин ба тоб додани калидак монанд буд. Ман ба ҳама гуфтам, ки фардо барои гирифтани оҳуи худ меравам. Асбобҳои лозимаро ба субҳи фардо омода карда истода, ман ногаҳон ҳаяҷон ва шодии интизориро ҳис кардам.

Ман медонистам, ки оҳуи шохаш ҳафтнавдагии ман маро интизор аст. Ва баъд ман фаҳмидам: бо эҳтимоли зиёд, ин оҳу моҳи октябр дар он ҷо набуд, ва ба наздикӣ низ он дар он ҷо набуд. Эҳтимол, маҳз барои ҳамин ман барои шикор ҳеҷ гуна шавқ надоштам. Ман тасаввур карда метавонам, ки якуним моҳ интизор шуда нишастан чӣ қадар душвор мебуд, агар ман ҳар рӯз дар давоми ин якуним моҳ ба ҷангал рафтанро орзу карда, танҳо ба тиреза нигоҳ карда меистодам. Ин дилгиркунанда мебуд. Дар он лаҳза ин танҳо назария буд, аммо ман инро субҳи дигар санҷидан мехостам.

Ман тамоми шаб дар бораи он дуо кардам, ки дар кадом дарахт нишаста шикор кунам, ва барвақт бархостам. Дар қитъаи

замини ман якчанд дарахтоне ҳастанд, ки ҷои нишаст доранд, ва вақте ки ман дар ин бора дуо кардам, аниқ ҳис кардам, ки бояд ба камингоҳи ботлоқӣ равам. Мо онро аз он сабаб ботлоқӣ меномем, ки он аз як тараф бо чор гектар ботлоқзор ҳамсарҳад аст, ва аз дигар тараф – бо буттазор. Ман медонистам, ки баъзан оҳуҳо аз канори ботлоқзор мегузаранд. Камингоҳ дар гузашта ҷои қулай будани худро исбот карда буд, ва ман умедвор будам, ки дар ҳамон ҷо нишаста, оҳуи худро бизанам.

Ба ҷои таъиншуда равон шуда истода, ман он чиро ки Худо пештар оиди Подшоҳии Ӯ ба воситаи шикор нишон дода буд, таҳлил мекардам, ва ҳис кардам, ки Ӯ чизҳои бештарро ба ман омӯзонидан мехоҳад. Ман натиҷаи таҳқиқоти худро бесаброна интизор будам.

Оҳиста субҳ медамид, ва садоҳои маъмулӣ ва бӯйҳои субҳи тирамоҳ барои ман хушу гуворо буд. Ман воқеан онҳоро пазмон шуда будам. Тақрибан як соат сипарӣ шуд, вале оҳуҳо дида намешуданд. Аммо, ман дар қитъаи замини худ интизор шуда нишаста, медонистам, ки онҳо ба ин мавзеъ соатҳои дертари субҳ меоянд. Ман дар камингоҳ аллакай қариб як соат менишастам, ва вақти барои шикор иҷозат додашуда ҳамагӣ чил дақиқа боқӣ монда буд.

Дар камингоҳ нишаста, ман шунидам, ки дар хона дари мошин пӯшида шуд. Ман ба хотир овардам, ки волидайни Дренда саҳарӣ ба Алабама бозгаштан мехостанд, ва ман бо онҳо бояд хайрухуш мекардам. Аз ин рӯ бо андешаи он, ки барои оҳуи шохаш ҳафтнавдагии худ рӯзи дигар меоям, ман бо дили нохоҳам аз каминоҳи худ фаромадам.

Вақте ки ман ба хона расидам, ҳама аз хоб хеста, барои наҳорӣ тайёр буданд. Одатан, қариб ҳар рӯз барои Дренда, барои худам ва дигарон ман дар оила наҳорӣ омода мекунам. Бинобар ин ман бошитоб ба тайёр кардани он сар кардам. Албатта, аз ман оиди оҳу пурсиданд, ва ман маҷбур шудам, то бигӯям, ки ин субҳ барои вақт гузаронидан бо оила аз нақшаи худ даст кашидам.

Бале, ман андаке рӯҳафтода шудам. Ман гумон карда будам, ки волидайн каме дертар ба роҳ мебароянд, ва ман вақти кофӣ дошта метавонам, ки оҳуи наринаи худро бизанам.

Ман дар назди тафдон истода, тухмбирён мепухтам ва аз тирезаи ошхона ба ҷангал ва киштзор нигоҳ мекардам. Ман дидам, ки дар тарафи дуртари мазраа оҳуи наринае медавад, онро пайгирӣ карда, ман рост ба сӯи ботлоқзор, ки дар он ҷо камингоҳи ман буд, шитофтам. Ман боварӣ доштам, ки он оҳуи ман аст. Ман бо овози баланд нидо кардам, ки касе ба ҷои ман бо тухмбирён машғул шавад, ва хабар додам, ки оҳуи худро дидам ва мехоҳам, ки онро бизанам. Ман медонистам, ки вақтам кам аст.

Барои он ки оҳу маро пайхас накунад, лозим буд, ки аз тарафи муқобил қитъаро давр зада гузарам. Ман фикр кардам, ки он ҳамту рост ба пайроҳае, ки дар он ҷо камингоҳи ман воқеъ буд, равона мешавад. Ман бо тамоми қувват мазрааро давида гузашта, ба камингоҳ омада расидам, ва ягон оҳуеро надидам, ки ин хуб буд. Ман фаҳмидам, ки агар онҳо воқеан бо пайроҳаи ман рафтан хоҳанд, ман аз онҳо пеш гузаштаам. Ман зуд ба камингоҳ баромадам. Дили ман сахт тапиш мехӯрд, ва аз рӯям арақ мешорид.

Ва инак, ҳоло нағз ҷо ба ҷо нашуда будам, ки онҳо пайдо шуданд. Оҳуи модина рост дар таги дарахти ман ҷастухез мекард, ва ман тайёр шудам, зеро медонистам, ки оҳуи нарина дар ҳамин наздикиҳо аст. Албатта, он пайдо шуд. Ман барои тафтиш кардани он, ки оё шохаш ҳафтнавдагӣ аст ё не вақт надоштам. Ман базӯр вақт пайдо кардам, ки камонро кашида тир андозам. Ман фаҳмидам, ки тирам ба нишон расид, вале аз андозаи лозима каме поёнтар, ки ин маро ба ташвиш овард. Оҳу ба алафзор ҷаҳид. Ман дар камингоҳ қариб бист дақиқа интизор шуда нишастам ва ниҳоят аз дарахт фаромадам, то бифаҳмам, ки тирам воқеан ба нишон расид ё не. Мутаассифона, дар тир ва дар замин хун хеле кам буд.

Ман каме зиқ шудам, аммо медонистам, ки оҳу дар алафзор мехобад, ва ҳоло намехостам, ки онро барои хез задан водор кунам. Ман аллакай пештар оҳуҳоро маҷрӯҳ карда будам, ва медонистам, ки беҳтар аз ҳама чанд лаҳза интизор шуда нишастан лозим аст. Бинобар ин ман ба хона баргаштам, наҳориро ба охир расонидам, ба ҳама гуфтам, ки чӣ рӯй дод, ва баъд аз писарбачаҳо хоҳиш кардам, ки бо ман рафта, киштзорро аз назар гузаронанд, то бубинем, ки оҳу ҳаст ё не. Ман умед доштам, ки мо онро бо ҷароҳати вазнинтар пайдо мекунем, чуноне ки аз тир маълум буд, ва шояд он мурда бошад.

Як-ду соат интизор шуда, мо се нафар баромадем ва дар киштзор ба ҳар тараф равона шудем. Ман камони худро дар даст доштам, ва агар лозим шавад, он барои тир андохтан тайёр буд. Ногаҳон дар тарафи дуртари киштзор Тим оҳуро ба ҳарос андохт. Ҳангоми давидан он Томро дид ва бозистод, то муайян кунад, ки ба кадом самт бидавад.

Оҳу тақрибан дар масофаи ҳафтод метр меистод, ва ин масофа барои хуб тир андохтан аз арбалети ҳамонвақтаи калибраш хурд хеле дур буд, аммо ман медонистам, ки ин имкони ягонаи ман буд. Ман зуд камонро бардошта, аз оҳу каме баландтарро ба нишон гирифтам, ва тир андохтам. Мутааҷҷибона, тир парвоз карда, ба оҳу бархӯрд ва рост ба миёнҷои гардани вай зад. Оҳу аз теппагӣ ба поён давида, аз назар пинҳон шуд. Ман дар ҳайрат мондам. Ин аҷиб буд. Мо оҳиста ба ҳамон самте, ки оҳу давид, равон шудем, ва дидем, ки он навад метр дуртар аз мо хобидааст. Он сарашро бардошт, аммо моро надид, ва мо ба ақиб гаштем ва қарор кардем, ки дертар бармегардем.

**БАЛЕ, ПОДШОҲӢ ХЕЛЕ МУШАХХАС БУД! ҲЕҶ КАС БА МАН НАГУФТА БУД, КИ ПОДШОҲӢ МАҲЗ ҲАМИН ТАВР МУШАХХАС КОР МЕКУНАД ВА МО ВОҚЕАН ЧУНИН ҚУДРАТ ДОРЕМ.**

Дертар хеле дер фаро расид, зеро ман бояд тамоми рӯз дар калисо мешудам, ва ман танҳо бо фаро расидани торикӣ ба хона баргаштам. Ман бо Тим чароғакро гирифта, ба ҷустуҷӯи оҳу рафтем. Мо онро якчанд метр дур аз он ҷое, ки дида будем, пайдо кардем. Ман зуд ба шохи он нигоҳ кардам, ва инак – дар назди ман оҳуи шохаш ҳафтнавдагӣ мехобид. Ман бо ҳисси шукргузорию эҳтиром нисбат ба Худо ба оҳу нигоҳ кардам. Ман бо Тим барои оҳу Худоро шукргузорӣ кардем ва, дар ҳоле ки онро ба хона мебурдем, дар бораи Подшоҳии Худо ва оиди он ки ҳамон рӯз шоҳиди чӣ шудем, сӯҳбат кардем.

Бале, Подшоҳӣ хеле мушаххас буд! Ҳеҷ кас ба ман нагуфта буд, ки Подшоҳӣ маҳз ҳамин тавр мушаххас кор мекунад ва мо воқеан чунин қудрат дорем.

## Боз як кушоиш

Ман боз як шикори оҳуро ба ёд меорам, ки барои оҳуи наринаи ҷавон кишт карда будам. Ин оҳуи яксола бо шохчаҳои майда буд. Аз сабаби ҳаҷми хурди онҳо ин гуна нарина метавонад ҳамчун оҳуи модина ба назар расад. Бинобар ин дар иёлати Оҳайо ин гуна наринаҳои ҷавон ба модинаҳо баробар дониста мешавад. Диққат диҳед, ки инҳо оҳубачаҳо нестанд. Онҳо ба мисли оҳуҳои калонсол он қадар бузургҷусса нестанд, аммо ба қадри кофӣ калон мебошанд.

Ҳамон рӯз ман дар камингоҳи худ истода будам, ва ҳамон лаҳза гурӯҳи калони оҳуҳо, тақрибан нӯҳ ё даҳ зот пайдо шуданд. Онҳо аз ҳадди тирандозии ман дар масофаи дуртар меистоданд, аммо оҳиста ба тарафи ман ҳаракат мекарданд. Ногаҳон ҳамсоя мотосикли чорчархаи худро ба кор даровард. Аз овоз тамоми гурӯҳ рамида, ба тарафи муқобили ман давиданд. Ман бо овози шунаво гуфтам: “Оҳуи яксола, ман ба ту мефармоям, ки баргардӣ ва ба таҳи дарахти ман биёӣ”. Инак, тасаввур кунед. Киштзори ҷуворимаккаи даравидашуда, ва ҳамаи нӯҳ оҳу рост тарафи

муқобили ман медаванд. Мувофиқи суханони ман як оҳу аз гала ҷудо шуд ва давр зада, ба ақиб бармегардад, ва рост ба дарахти ман наздик мешавад ва меистад! Ман ин оҳуро ба хона овардам, ва, бале, ин оҳуи яксола буд.

Ман чунин чизҳоро такрор ба такрор мушоҳида мекардам. Дар бораи он ки Подшоҳии Худо чӣ қадар дақиқ ва мушаххас аст, ман ба шумо баъдтар дар ин китоб нақл мекунам, аммо ҳоло биёед ҳамту дарк мекунем, ки дар ин ҷо чизҳои аз ақл берун рӯй медиҳанд.

Подшоҳӣ ҳаёти моро дигар кард, ва мо наметавонистем ба одамон нақл кардани онро бас кунем. Мо саргузаштҳои зиёд дорем, ва мо бисёр чизҳоро дидаем. Мо дидаем, ки чӣ тавр мурдаҳо зинда мешаванд, чӣ тавр дар як лаҳза варамҳо нобуд мешаванд, мо шоҳиди воқеаҳои аҷиби молиявӣ шудаем, саргузаштҳои аҷиби озодшавӣ ва ноил шудан ба бурдбориҳоро дар роҳи зиндагӣ дидаем. Бо шавқи нақл кардан дар бораи некии Подшоҳии Худо, ман ва Дренда рӯҳбаландӣ ҳис карда, калисои “Ҳаёт бо имон”-ро дар соли 1995 таъсис додем, то ба одамон ёрӣ диҳем, ки Подшоҳиро бифаҳманд. Сипас Худо ба мо дар соли 2006 дастур дод, ки хидматгузории телевизионии Faith Life Now-ро шурӯъ кунем, ки тавассути он барномаҳои мо ҳаррӯза дар тамоми ҷаҳон пахш мешавад. Мо фаҳмидем, ки одамон дар ҳама ҷо донистан мехоҳанд, ки чӣ тавр дар Подшоҳии Худо дар рӯҳи озодӣ ва пирӯзӣ зиндагӣ кунанд.

## Подшоҳии Худо барои ҳама кор мекунад

Субҳи имрӯз барои навиштани ин боб нишаста, почтаи электронии худро аз назар гузаронидам. Мо ҳар рӯз аз одамон мактубҳо мегирем, ва дар ин мактубҳо оиди он нақл карда мешаванд, ки чӣ тавр Подшоҳии Худо ҳаёти онҳоро низ дигар мекунад. Ман ба шумо нишон додан мехоҳам, ки рӯзи ман чӣ тавр мегузарад, зеро ин мактуб ҳамагӣ якчанд дақиқа пеш аз ин омад.

*Ман кӣ ҳастам, ки Ӯ маро ёд мекунад? Якчанд сол пештар ман ба шунидани таълимоти шумо шурӯъ кардам, ва аз ҳамон лаҳза ман дидани мӯъҷизотро бас намекунам. Ман шифо ва комёбиҳои молиявиро мебинам. Ҳоло, вақте ки ман ба атроф менигарам ва меҳрубонии Ӯро мебинам, дар ҳайрат мемонам. Ман одамони эҳтиёҷманд ва дарҳоеро мебинам, ки барои Инҷил ва ростӣ кушодаанд. Ман дарҳоеро мебинам, ки барои ростӣ кушодаанд! Ва чизе, ки маро ба ҳайрат меорад, ин аст, ки ман хазинаи худро пур мебинам. Ӯ маро бой гардонид, то ки ман бидиҳам, то дигарон Ӯро дида тавонанд! Ман дар соҳаи манзил як нозири мустақил ҳастам. Ман мунтазам ба нозирони ҷавон таълим медиҳам ва бизнес-гурӯҳи масеҳӣ таъсис додам, ки дар он мо оиди даъват ба саховатмандӣ ва тарбияи насли минбаъда сӯҳбат мекунем... мегӯем, ки роҳи Подшоҳӣ ин рақобат нест, балки фаровонӣ аст. Ба таври ҷиддӣ мегӯям, ки таълими шумо ҳаёти маро дигар кард, ва акнун он ба дигарон дода мешавад; ва азбаски Ӯ маро собитқадам гардонид, акнун дигарон ҷалоли Ӯро мебинанд ва мешунаванд. Дидани он, ки Ӯ чӣ кор кардааст ва чӣ тавр Ӯ доданро идома медиҳад, ин аз ақл берун аст ва фурӯтаниро ёд медиҳад. Барои хидматгузориатон ба шумо ташаккур мегӯям!*

Бо фурӯтанӣ,<br>Б.Ф.,<br>Ноксвилл, иёлати Теннесси

Мо пайваста ин гуна мактубҳо мегирем. Вале мо ҳамчунин дар бораи амали Подшоҳии Худо бисёр саволҳо мегирем. Одамон мепурсанд, ки дар Подшоҳӣ чӣ тавр рафтор кунанд ва он чиро ки ман ва Дренда дидаем, чӣ тавр онҳо низ дида метавонанд. Мақсади ин китоб, ки аз силсилаи “Инқилоби молиявии ту” чорумин мебошад, низ ҳамин аст. Агар шумо китобҳои дигари маро дошта бошед, пас бидонед, ки дар китобҳои дигари силсила

ман ба шарҳи баъзе истилоҳоти асосӣ вақт ҷудо кардаам, то ҳар касе, ки дар Подшоҳӣ амал кардан мехоҳад, бояд онҳоро бидонад.

Аммо ҳоло ман мехоҳам, ки оиди вазифаи Подшоҳӣ каме чуқуртар маълумот диҳам ва умедворам, ки ба шумо дар борои фаҳмидани он, ки чӣ тавр дар Подшоҳӣ зиндагӣ карда, ба натиҷа ноил шудан мумкин аст, ёрӣ расонам. Аз нақли он шурӯъ кардан мехоҳам, ки ман онро панҷ қадами асосӣ барои ба даст овардани таъминоти зарурӣ аз Подшоҳии Худо меномам, чуноне ки Худо ба худи ман таълим додааст.

## 5 қадами асосӣ барои ба даст овардани таъминоти зарурӣ ба шумо

Биёед аз як ҳикояи инҷилӣ сар мекунем.

> *Онҳо нон гирифтанро фаромӯш карданд ва бо худ дар қаиқ ҷуз як нон надоштанд. Ӯ онҳоро огоҳ карда, гуфт: "Бохабар бошед, аз хамиртуруши фарисиён ва аз хамиртуруши Ҳиродус ҳазар кунед".*
> *Онҳо бо якдигар муҳокима ронда, мегуфтанд: "Ин аз он сабаб аст, ки нон надорем".*
> *Исо инро дарёфта, ба онҳо гуфт: "**Чаро муҳокима мекунед, ки нон надоред?** Оё ҳанӯз нафаҳмидаед ва дарк накардаед? Оё то ҳол дили шумо сахт аст. Чашм доред у намебинед? Гӯш доред у намешунавед? **Ва дар хотир надоред?** Ҳангоме ки панҷ нонро барои панҷ ҳазор нафар пора кардам, чанд сабад пур аз пораҳо бардоштед?"*
> *Ба Ӯ гуфтанд: "Дувоздаҳ".*
> *"Ва ҳангоме ки ҳафт нонро барои чор ҳазор нафар пора кардам, чанд сабад пур аз пораҳо бардоштед?"*
> *Гуфтанд: "Ҳафт".*
> *Ба онҳо гуфт: "Пас чаро намефаҳмед?"*
>
> – Марқӯс 8:14-21

Дар асл, Исо мегӯяд: “Эй, бачаҳо, магар дар хотир надоред? Мо аллакай ин дарсро гузаштаем, ва шумо аллакай дидаед, ки пештар мо масъалаи камбудии нонро чӣ тавр ҳал кардем”. Аммо шогирдон ҳеҷ сарфаҳм намерафтанд. Он гоҳ Исо ба онҳо хотиррасон кард, ки пештар чӣ шуда буд. Ӯ ба онҳо маслиҳати ҷиддӣ дод: “Ба ёд оред, ки кай мо бори охирин ба ин гуна вазъият дучор шуда будем, ва дар он шумо ҷавоб меёбед”. Ман гумон мекунам, ки ин ҷавоби мо низ ҳаст. Бале, мо мебинем, ки нон ва моҳӣ зиёд шуданд, инро ҳар кас дида метавонад, аммо, ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо амиқтар нигоҳ кардан мехоҳем. Ин чӣ тавр рӯй дод? Бинобар ин биёед ба ҳикояҳое бармегардем, ки Исо ба онҳо ишора карда буд, ва ҷавобҳо пайдо мекунем.

*Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада гуфтанд: “Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд, инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта, барои худ ноне бихаранд; зеро ки ҳеҷ хӯроке надоранд”.*

*Ӯ дар ҷавобашон гуфт: “Шумо ба онҳо хӯрок диҳед”. Ба Ӯ гуфтанд: “Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?”*

*Аз онҳо пурсид: “Чандто нон доред? Рафта бинед”. Онҳо дарёфта, гуфтанд: “Панҷ нон ва ду моҳӣ”.*

*Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шинонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд. Ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд. Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

– Марқӯс 6:35–44

Вақте ки Исо дар бораи фиристонидани одамон ба ҷустуҷӯи ғизо ба шогирдон рӯй гардонда, гуфт: “Шумо ба онҳо хӯрок диҳед”, ман боварӣ дорам, ки онҳо ба ҳайрат афтоданд. “Онҳо” дар ҳолати мазкур беш аз 5000 нафар буданд. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки дар он ҷо 5000 мард буданд, аз ин рӯ ман тахмин карда метавонам, ки дар он ҷо занон ва кӯдакон низ буданд, ва ин шумораи воқеиро то 15 000 – 20 000 одам афзун мекунад. Ба фикрам, ҳар кас розӣ мешавад, ки ин хеле одамони зиёд мебошанд, ки ғизо додан лозим буд, махсусан бе огоҳӣ ё тайёрии пешакӣ.

**ИСО БОВАРӢ ҲОСИЛ КАРДАН МЕХОСТ, КИ ОНҲО ХОҲАНД ДОНИСТ, КИ ЧӢ ТАВР БА ҲАЁТ АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ДИГАР, АЗ НУҚТАИ НАЗАРИ ПОДШОҲИИ ХУДО, МУНОСИБАТ КУНАНД.**

Албатта, ман боварӣ дорам, ки Исо ба он мароқ дошт, ки одамонро сер кунад, аммо ман чунин меҳисобам, ки Ӯ бештар мехост, ки шогирдони Худро дар ин вазъият таълим диҳад. Ман боварӣ дорам, ки маҳз барои ҳамин Ӯ ба онҳо гуфт: “Шумо ба онҳо хӯрок диҳед”. Онҳо мушоҳида мекарданд, ки чӣ тавр Исо мӯъҷизаҳои зиёд ба амал меовард, аммо акнун навбати онҳо фаро расид. Ниҳоятан Ӯ дар ояндаи наздик рафтан мехост ва боварӣ ҳосил кардан мехост, ки онҳо хоҳанд донист, ки чӣ тавр ба ҳаёт аз нуқтаи назари дигар, аз нуқтаи назари Подшоҳии Худо, муносибат кунанд.

## Қадами № 1: Шумо чӣ доред?

*Аз онҳо пурсид: “Чандто нон доред? Рафта бинед”. Онҳо дарёфта, гуфтанд: “Панҷ нон ва ду моҳӣ”.*

Ин аст калиди асосӣ. Исо нагуфт: “Биёед сангҳоро ба нон табдил медиҳем”. Ин аз ҷиҳати рӯҳонӣ ғайриқонунӣ ҳисоб мешуд.

Ба ҷои ин Ӯ аз онҳо пурсид, ки чӣ доранд. Аниқтараш, Ӯ пурсид, ки аз он чизе ки ба онҳо лозим аст, чӣ қадар доранд. Ӯ медонист, ки барои сер кардани ин издиҳом нон ва моҳӣ кифоят намекард, ва мақсади савол ин чиз набуд. Дар вазъияти муқаррарӣ ба ин одамон хӯрок додан беақлӣ ҳисоб мешуд. Шогирдон нигоҳ накарда, медонистанд, ки барои сер кардани 20 000 одам хӯрок кофӣ нест. Оё ба худ тасаввур карда метавонед, ки онҳо дар бораи чӣ фикр мекарданд, вақте ки Исо ба онҳо гуфт, ки рафта, бинанд, ки дар асл чанд нону моҳӣ доранд? Ва баъд баргашта арз кунанд, ки ҳама чизе, ки онҳо пайдо карда тавонистанд, ин панҷ нону ду моҳӣ асту халос? Ин беақлист, дуруст?

Ба ман иҷозат диҳед, ки ин гуфтугӯро дар пешомади он пешниҳод кунам. Ҳамчун шубон, ман пештар ҳам ба оилаҳо дар шароитҳои вазнини молиявиашон ёрӣ расонида будам, масалан, ба онҳо кӯмак мекардам, ки дар як моҳ қарзи ипотека ё иҷора, якчанд ҳисобҳои коммуналиро пардохт кунанд ё маҳсулоти хӯрокворӣ бихаранд. Аммо биёед фарз мекунем, ки ман медонистам, ки ҷавоби ҳақиқӣ – ин хайрот не, балки Подшоҳии Худо аст.

Сӯҳбат тақрибан ба таври зайл гузашта метавонист.

“Шубон Гэри, дар ин моҳ мо пули кам дорем, ва метавонанд моро аз хона берун кунанд. Оё ба мо калисо ёрӣ дода метавонад?” “Албатта, ман ба шумо ёрӣ дода метавонам. Ин аст маслиҳати ман. Ҳамту хонаро пурра бихаред, ва шумо дигар оиди пардохтҳо ташвиш нахоҳед кашид”. Онҳо ба ман нигоҳ карда, мегуфтанд: “Шубон, ба назарамон, шумо моро дуруст нафаҳмидед. Пурра харидани хона як тараф истад, мо ҳатто барои пардохти навбатӣ пул надорем”. “Медонам, – ҷавоб медодам ман, – бинобар ин ҳам ман ба шумо гуфтам, ки хонаро пурра бихаред, то барои он дигар пардохтҳо надошта бошед”.

Ва агар ман аз онҳо хоҳиш мекардам, ки рафта бинанд, ки дар асл онҳо чӣ қадар пул доранд, то барои пӯшонидани қарз истифода баранд, онҳо гумон мекарданд, ки ман девона шудаам. Аммо агар

дар итоаткорӣ ба ман воқеан онҳо мерафтанд, онгоҳ медиданд ва баргашта омада мегуфтанд: “Шубон, мо аз нав дидем. Ҳама чизе ки ёфтем, 20 доллар аст, аммо қарзи боқимондаи ипотека 360 000 доллар мебошад”. Ба фикрам, шумо мефаҳмед, ки гап дар бораи чӣ меравад. Онҳо фикр мекарданд, ки ман девона шудаам, дуруст?

Эҳтимол, шогирдон ба ҳеҷ чиз сарфаҳм нарафта, худро ҳамон рӯз ин тавр ҳис мекарданд. Панҷ нону ду моҳӣ оё барои сер кардани 20 000 одам кофӣ аст?

## Он чиро кишт кунӣ, ҳамонро медаравӣ

Пеш аз он ки ин ҳикояро амиқтар таҳлил кунем, ба ман лозим аст, ки як лаҳза таваққуф карда, боз як қонуни Подшоҳиро, ки анамана нагуфта, дар ин ҳикоя нақши худро бозӣ мекунад, ошкор кунам. Нон ба нон афзоиш меёбад, моҳӣ ба моҳӣ. Аз ин рӯ инро қайд кунед.

**ШУМО БОЯД ЯК ҚИСМИ ОН ЧИРО КИ БА ОН ЭҲТИЁҶ ДОРЕД, БА ПОДШОҲӢ ДИҲЕД, ТО ОН АФЗУН ШАВАД!**

Ба ман иҷозат диҳед, ки ба мисоли дигари Китоби Муқаддас гузарам, ва сипас ман ба ҳикояамон аз боби 6-уми Инҷили Марқӯс бармегардам. Биёед ба Китоби чоруми Подшоҳон рӯ меорем.

> *Ва зане аз занони банӣ-анбиё фиғон намуда, ба Элишоъ гуфт: “Бандаат, шавҳари ман мурд, ва ту медонӣ, ки бандаат аз Худованд метарсид; ва қарзхоҳ омадааст, ки ду бачаи маро барои худ ба ғуломӣ бигирад”.*
>
> *Ва Элишоъ ба вай гуфт: “**Барои ту чӣ кунам? Ба ман бигӯ, ки дар хонаат чӣ дорӣ?”***
>
> *Вай гуфт: “Ҷӯрии ту дар хона, ҷуз зарфе бо равған, чизе надорад”.*

*Ва ӯ гуфт: “Рафта, барои худ аз берун, аз ҳамаи ҳамсояҳоят зарфҳо бипурс, зарфҳои холӣ, ки кам набошад. Ва омада, дарро аз пушти худат ва писаронат бибанд, ва дар ҳамаи ин зарфҳо бирез, ва он чи пур шавад, ба каноре бимон”.*

*Вай аз пеши ӯ рафта, дарро аз пушти худаш ва писаронаш баст; онҳо пеши вай мегузоштанд, вай мерехт. Вақте ки зарфҳо пур шуд, вай ба писараш гуфт: “Пеши ман боз зарфе бимон”.*

*Ва ӯ ба вай гуфт: “Зарфе дигар нест”. Ва равған бозистод.*

*Вай омада, ба марди Худо нақл намуд. Ва ӯ гуфт: “Рафта, равғанро бифрӯш ва қарзҳоятро адо намо, ва аз он чи боқӣ бимонад, ту ва писаронат зиндагӣ хоҳед кард”.*

– 4 Подшоҳон 4:1-7

Диққат кунед, набӣ нагуфт: “Хайр, биёед ба хазинахона меравем ва мебинем, ки мо чӣ дорем”. Не, ӯ роҳи беҳтарини ҳалли ин мушкилиро медонист. Ӯ гуфт: “Барои ту чӣ кунам?” Бевазан, эҳтимол, андаке ба тааҷҷуб афтода буд, зеро ҷавоб дод: “Ту ба ман чӣ ёрдам карда метавонӣ? Ба ман пул лозим аст!” Аммо набӣ вайро таҳқир кардан намехост. Ӯ саволи хеле муҳиме дод, ки, тавре ки ӯ медонист, ӯро ба ҷавоб меорад. Ин айни ҳамон савол аст, ки шуморо низ ба пайдо кардани ҷавоб меорад.

**“Барои ту чӣ кунам? Ба ман бигӯ, ки ту дар хонаат чӣ дорӣ?”**

## Ту чӣ дорӣ?

Ту дар хонаат чӣ дорӣ? Боварӣ дорам, ки бевазан аз ин савол андаке ба ҳайрат афтод, чунки вай аллакай фаҳмонида буд, ки чӣ ҳол дорад.

“Чӯрии ту дар хона, ҷуз зарфе бо равған, чизе надорад” – гуфт вай.

Ба ибораи “чизе надорад” диққат кунед. Аммо оё вай дар ҳақиқат ҳеҷ чиз надошт?

Не, аз ҷиҳати таҳтуллафзӣ изҳороти вай дуруст набуд. Вай гуфт, ки як зарфи хурд бо равған дорад. Бинго! Ин чизе буд, ки набӣ дар ҷавоб шунидан мехост.

Ва ин ҳама чизе аст, ки шумо бояд аз худ бипурсед. Ба Худо танҳо лозим аст, ки бо чизе, ки дар зери салоҳияти шумо аст, кор кунад.

Инак, биёед қадами аввалро дида мебароем. Шумо бояд як қисми чизеро, ки ба он эҳтиёҷ доред, бидиҳед. Вақте ки шумо онро ба Подшоҳии Худо медиҳед, он юрисдиксияро дигар карда, ба зери ҳокимияти қонунии Худо мегузарад, то ки зиёд шавад. Биёед дар хотир медорем, ки зиёдшавӣ маънои онро надорад, ки мо дар ин ҳикоя дидем, яъне нон дар ҳоле ки дар ҷевон аст, воқеан зиёд мешавад, гарчанде ман дидаам, ки ин тавр ҳам шуда метавонад. Аммо Худо одатан чунон мекунад, ки ба туфайли ҳамкорӣ бо дигар одамон нон зиёд мешавад. Касе метавонад нисбат ба шумо саховатмандӣ зоҳир кунад, ё шумо дар ҷои кор мақоми баландтар меёбед, ё ҷуброни ғайричашмдошти пулӣ пайдо мешавад. Усулҳои бешуморе мавҷуд мебошанд, ки ба воситаи онҳо Худо метавонад нони шуморо зиёд кунад.

## Шумо ба пулҳои худ ном гузошта метавонед

Ман ба як чизи муҳиме, ки ба пул алоқаманд аст, диққати шуморо ҷалб кардан мехоҳам.

**Пулро барои чизи дилхоҳ ҳамчун тухмӣ истифода бурдан мумкин аст.**

Вақте ки ҳар рӯзи ҳаёти худ чизе мехаред, *шумо* ба пул ном медиҳед. Масалан, вақте ки шумо дар мағозаи хӯрокворӣ нон мехаред, шумо пули худро ба ин нон иваз мекунед, ё воқеан пули худро “нон” меномед. Биёед муҳокима мекунем, ки ман чиро дар назар дорам. Ба шумо нон лозим аст, ва акнун шумо қонуни

**ВАҚТЕ КИ ШУМО ЧИЗЕРО БА ПОДШОҲИИ ХУДО МЕДИҲЕД, ОН ЮРИСДИКСИЯРО ДИГАР КАРДА, БА ЗЕРИ ҲОКИМИЯТИ ҚОНУНИИ ХУДО МЕГУЗАРАД, ТО КИ ЗИЁД ШАВАД.**

Подшоҳии Худоро медонед, ки “киштану даравидан” ном дорад. Ин қонунро истифода бурда истода, шумо медонед, ки агар нон кишт кунед, пас нон ба даст меоред. Аммо биёед фарз мекунем, ки ба шумо нон лозим аст, аммо барои кишт кардан нон надоред. Шумо чӣ кор мекардед? Шумо метавонистед пул кишт карда, онро нон биномед. Дар ёд дошта бошед, ки пул – ин воситаи мубодила. Мо ҳар рӯз ба пул номи ҳар чизеро, ки ба мо лозим аст, мегузорем: аз шир ва иҷорапулӣ то пойафзол ва хӯрок. Бинобар ин вақте ки пул хайрот мекунед, шумо низ метавонед ба пул ном диҳед.

**Вақте ки шумо пул хайрот мекунед, ба онҳо худ ном гузошта метавонед**.

Калисои “Ҳаёт бо имон” дар Ню-Олбани, иёлати Оҳайо, - ин калисое, ки ман ва Дренда бештар аз бисту панҷ сол пештар аз ин таъсис додаем. Дар соли 2008 мо маркази Now, кампус, сохтем, ки дар он калисои “Ҳаёт бо имон” ҷойгир шудааст. Дар он замон ин лоиҳаи калон бо арзиши 6,5 миллион доллар буд, ки барои амалӣ гардонидани он 550 нафар одамон машғул шуданд.

Даҳ соли охир мо ин биноро комилан пур кардем. Тақрибан 3000 одам рӯзҳои истироҳат – ин ҳадди мо аст. Ҳар рӯзи истироҳат чор маротиба ибодат гузаронидан – ин воқеан коре, ки ман қодир мебошам. Аз ин рӯ мо азм кардем, ки ба бинои ҳозираи худ бинои иловагӣ созем. Ин мебоист лоиҳае бошад, ки 10 миллион арзиш дорад ва он ба мо имкон дода метавонист, ки аз ҳисоби зиёд кардани ҳаҷми толор ва ҷои бачагон васеътар шавем. Дар айни замон мо медонистем, ки ҷамъоварии пул, ва сипас сохтмони

воқеии бино вақти зиёд талаб мекунад. Ин чунин маъно дошт, ки пеш аз истифода бурдани масоҳати иловагӣ, моро лозим буд, ки дуюним сол интизор шавем.

Инро ба назар гирифта, мо қарор додем, ки лоиҳаи иловагиро ба биноямон амалӣ кунем, аммо дар баробари ин барои кампус, ки, ба фикри мо, метавонистем пас аз ним сол ифтитоҳ карда, ба истифода диҳем, ҷой пайдо кунем. Мо чунин меҳисобидем, ки ин як қисми сарбориро аз кампуси асосӣ дур мекунад ва дар баробари он ба калисо имкон медиҳад, ки ривоҷ ёбад. Бинобар ин мо як дастаро ҷамъ кардем, то барои кампус ҷой ҷустуҷӯ карданро сар кунем. Мо маълумотҳои демографиро омӯхтем ва яке аз ноҳияҳои шаҳрро, ки, ба фикри мо, ба таври аъло муносиб буд, дар мадди назар гирифтем. Мо ҷустем, ҷустем ва қариб омода будем, ки ин ё он биноро чандин маротиба ба иҷора гирем, вале чун ба муҳокимаи ниҳоӣ расидем, то боварӣ ҳосил кунем, ки маҳз чӣ ба мо лозим аст, ҳама розӣ шуданд, ки боз чизе нодуруст аст. Мо ҳама ҳис мекардем, ки рӯҳафтода шуда истодаем.

Акнун биёед ба шаш моҳи минбаъда мегузарем ва мебинем, ки мо дар ҷустуҷӯи ҷои нав барои кампус аз рӯзи аввал сар карда, то имрӯз ба натиҷае ноил нашудем. Бояд иқрор шавам, ки ман ва Дренда аллакай омода будем, ки аз ҷустуҷӯҳо рӯҳафтода шавем. Мо тамоми имкониятҳоро дар ноҳияи интихобкардаамон дида баромадем, вале ҳанӯз ҳам биноеро пайдо накардем, ки ба мо воқеан мувофиқ бошад. Бале, мо дар саршавии роҳ тухмӣ кишт кардем ва медонистем, ки Худо барои мо бинои олӣ дорад, вале мо чашмдошт набудем, ки ин ҳамин қадар вақти зиёд талаб мекунад. Ин ба шумо як маслиҳат аст: баъзан барои чизи олӣ вақти бештар лозим мешавад!

Дар ин вақт мо бояд дар телемарафон оид ба ҷамъоварии маблағ барои шабакаи нави телевизионӣ ширкат мекардем. Ин чорабинии серӯзае буд, ки бояд дар намоиши мустақими субҳгоҳӣ ва бегоҳӣ баргузор шавад. Ба назарам, ин рӯзи сеюм буд, ва ман он лаҳза дар майдончаи наворгирӣ истода будам, ки Худованд ба

ман гап зад. Ӯ гуфт: “Ба миқдори 100 000 доллар аз хидматгузорӣ пул гир ва онро ба лоиҳаи телевизионӣ кишт кун, то аз кӯчаи сарбаста дар вазъияте, ки ба кампус дахл дорад, барой. Ин чекро дар ҳар чаҳор ибодат ҳозир кун, ва вақте ки онро мебарорӣ, кофтукови ҷой барои кампус ба анҷом расид гӯён, бигзор калисо ба ин хайрот дуо кунад!” Дар идома Вай гуфт, ки дар вақти дуо ман шайтонро мазаммат кунам ва фармон диҳам, ки бесарусомонӣ ва таъхирандозиро бас кунад. Хайр, мо дар рӯзҳои истироҳат дар ибодатҳои рӯзи шанбе ва якшанбе ҳамин тавр ҳам кардем.

Рӯзи дигар, ки рӯзи душанбе буд, дастаи ман оид ба интихоби кампус гуфт, ки агенти амволи ғайриманқул занг зад, ва худи ҳозир ӯ дар бораи кампуси як мактаби хусусӣ хабардор шуд, ки ба фурӯш гузошта шуда буд. Онҳо қарор доданд, ки онро аз назар гузаронанд. Вақте ки онҳо барои дидани он омаданд, фаҳмиданд, ки он кампуси пурраи К-12, аз ҷумла муассисаи томактабӣ аст. Нархаш аз сарфе, ки мо кардан мехостем, хеле баланд буд, азбаски мо воқеан иншооти нави худро ба иҷора гирифтан мехостем, то маблағро барои сохтмони кампуси асосӣ сарфа кунем. Гарчанде нарх аз имкониятҳои мо болотар буд, ман ва Дренда қарор додем, ки кампусро саҳарии рӯзи сешанбе бубинем.

Мо биноеро бо масоҳати 8000 метри мураббаъ бо чор бинои иловагӣ, пайроҳаи давиш, толори варзишӣ, чор майдончаи теннисбозӣ, як бинои махсус барои устохонаи ҳунарҳои зебо, ташхисгоҳҳои илмӣ ва қариб тамоми чизҳоеро, ки барои кампуси мактабии К-12 зарур аст, дидем. Аз ҳама аҷибаш дар ин воқеа он буд, ки он бо тамоми чизҳои зарурӣ пурра ва ба таври мукаммал ҷиҳозонида шуда буд. Ман ва Дренда хеле хурсанд шудем, вале имконияти ба даст овардани ин чизи мӯҳташамро намедидем.

Чунин шуд, ки ҳамон бегоҳӣ мо бо шарикон барои муҳокимаи саволҳои ҷамъшуда як вохӯрӣ доштем. Дар ду моҳи охир, эҳтимол, ин таоми шомро се ё чор бор мавқуф гузошта будем, чунки ҳамаи мо хеле серкор будем. Аммо ҳамон бегоҳӣ вохӯрӣ баргузор шуд. Мо дар сари дастархон оиди сохтмони иловагӣ ба калисо сӯҳбат

сар кардем. Як ҷуфти оилавӣ аз мо пурсид, ки корҳо чӣ тавр пеш мераванд, ва мо дар бораи баъзе таъхирафтоданҳои ҷиддӣ бо иҷозатгириҳо ва нақшаҳо ва оиди мушкилоти дигар нақл кардем. Мо гуфтем, ки аз рӯи он, ки корҳо чӣ тавр пеш мераванд, хулоса баровардан мумкин аст, ки сохтмони иловагӣ на барвақттар аз охири соли 2022 ё баҳори соли 2023 ба анҷом мерасад.

Онҳо дарҳол пурсиданд, ки оё мо боре оиди сар кардани кампус фикр кардаем, ва мо ҷавоби тасдиқӣ додем. Мо фаҳмонидем, ки шаш моҳи охир ҷои мувофиқ ҷустем, вале наёфтем. Сипас мо оиди мактаби ҳайратангезе, ки худи ҳамин саҳар дида будем, нақл кардем ва гуфтем, ки ҷои ба ҳамин монанд хеле аълодараҷа мебуд, аммо он бо нархи миллионҳо ба фурӯш гузошта шудааст.

Шарикони мо бе падидаи ягон хел ҳиссиёт гуфтанд: "Хайр, агар ин бепул бошад-чӣ?" Мо аввал нафаҳмидем, ки гап дар бораи чӣ меравад, ва онҳо аз нав пурсиданд: "Агар бепул бошад-чӣ?" Мо фикр кардем, ки онҳо шӯхӣ мекунанд, аммо ин дафъа мард аниқтар гап зад: "Дренда, агар кампус бепул бошад-чӣ?" "Шумо чиро дар назар доред?" – пурсидем мо. Онҳо гуфтанд: "Мо чек менависем!" Он лаҳза моро гӯё тундар пахш кард. Аммо, агар ба таври кӯтоҳ гӯем, онҳо ҳамин тавр ҳам карданд.

Ду рӯз пас аз он, ки мо барои кампус тухмӣ кишт кардем, Худо моро ба ҷои олӣ бурд. Акнун мо бе ягон вазнинӣ соҳиби кампусе ҳастем, ки нархаш 12 миллион доллар аст! Кӣ ҳам фикр карда ё кушоду равшан гӯям, кӣ ин чизро тасаввур карда метавонист? Пас аз ин воқеа ман ва Дренда розӣ шудем, ки ҳатто бо назардошти тамоми чизҳое, ки шоҳидашон шудаем, мо бояд васеътар фикр кунем. Худо корҳои комилан аҷибро ба амал оварда метавонад!

Эҳтимол, шогирдон ҳамон рӯзе, ки 20 000 одамро бо панҷ нону ду моҳӣ сер карданд, ҳамин чизро ҳис карда буданд. Эҳтимол онҳо бо чунин фикрҳо ба хоб рафтанд: "Ӯҳӯ, шумо инро дидед?"

БОБИ 5

# ВАСЕЪ КАРДАНИ ИМКОНИЯТҲОИ ТАЪМИНОТИ ШУМО

Дар боби гузашта мо дар бораи қадами аввали ҷалб кардани қонунҳои Подшоҳӣ ба таъминоти шумо сӯҳбат кардем.

**ШУМО БОЯД ЯК ҚИСМИ ОН ЧИРО КИ БА ОН ЭҲТИЁҶ ДОРЕД, БА ПОДШОҲӢ ДИҲЕД, ТО ОН АФЗУН ШАВАД!**

Он гоҳ ман ба шумо гуфтам, ки ба якчанд саволҳои марбут ба изҳороте ҷавоб медиҳам, ки аввалини онҳо чунин аст: "Маънои ба Подшоҳӣ додани чизе, то афзун шавад, чӣ аст?"

Биёед аз нав ба ҳикояамон аз боби 6-уми Инҷили Марқӯс бармегардем, то ки инро ҳаллу фасл кунем.

*Азбаски вақт хеле гузашта буд, шогирдонаш назди Ӯ омада, гуфтанд: "Ин ҷо ҷои хилват аст, вақт ҳам дер шуд, – инҳоро ҷавоб деҳ, то ки ба қасабаю деҳоти ин музофот рафта, барои худноне бихаранд; зеро ки ҳеҷ хӯроке надоранд".*

*Ӯ дар ҷавобашон гуфт: "Шумо ба онҳо хӯрок диҳед". Ба Ӯ гуфтанд: "Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?"*

*Аз онҳо пурсид: “Чандто нон доред? Рафта бинед”. Онҳо дарёфта, гуфтанд: “Панҷ нон ва ду моҳӣ”.*

*Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шиннонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд; ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд. Хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

– Марқӯс 6:35-44

Ман мехоҳам, ки шумо ба якчанд лаҳзаҳои ин ҳикоя, ки онҳоро аз эътибор дур монда метавонистед, диққат диҳед. Вақте ки Исо гуфт: “Шумо ба онҳо хӯрок диҳед”, ҷавоби онҳо ва ҷавоби Ӯ ба мо яке аз калидҳои муҳимро барои фаҳмидани  Подшоҳии Худо дар мавриди таъминот нишон медиҳад. Ба Ӯ ҷавоб гардонида, онҳо гуфтанд, ки барои хӯронидани ин қадар одамон маоши беш аз якунимсола лозим мешавад. Диққат диҳед, вақте ки онҳо бо чунин мушкилӣ рӯ ба рӯ шуданд, чӣ тавр ақли онҳо таъминоти заруриро бо меҳнат пайванд кард. Дар асл ҳар яки мо ҳамин тавр рафтор мекунем. Аммо ин мафкураи табодули вақт бо пул на ҳамеша як ҷузъи шуури инсон буд. Он пас аз суқути Одам ба вуҷуд омад. Ман бояд шуморо ба замони суқути Одам баргардонам, то дар он равшан бубинем, ки ин чӣ тавр рӯй медиҳад.

## Мафкураи

*Ва ба Одам гуфт: «Азбаски ба овози занат гӯш додӣ ва аз он дарахт хӯрдӣ, ки амр фармуда, гуфтам: “Аз он нахӯрӣ”, замин аз боиси ту малъун шуд;  тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд; хору хас бароят хоҳад рӯёнид; ва алафи саҳроро хоҳӣ хӯрд. Ба арақи ҷабинат нон хоҳӣ хӯрд, то даме*

*ки ба хок баргардӣ, ки аз он гирифта шудаӣ; зеро ки ту хок ҳастӣ, ва ба хок хоҳӣ баргашт».*

– Ҳастӣ 3:17-19

Агар шумо дар ёд дошта бошед, Одам ва Ҳавво дар замин ҷойгир карда шуда буданд, то ки аз номи Подшоҳии Худо ҳукмронӣ кунанд. Онҳо бо ваколатҳои додашуда ҳукмронӣ мекарданд. Шайтон, аллакай дар замин сокин буда, ба онҳо нафрат кард ва толиби қудрате шуд, ки онҳо доштанд. Гарчанде Одам ва Ҳавво бар шайтон қудрати пурра доштанд, вай тавонист, ки онҳоро фиреб диҳад ва водор намояд, то бовар кунанд, ки Худо барои онҳо нест ва Ӯ сазовори боварӣ намебошад. Онҳо бар зидди Худо исён карда, аз мавқеи қонунии худ дар Подшоҳии Худо маҳрум шуданд ва, дар асл, Худоро аз ҳаёти худ дур карда, салоҳияти қонуниро бар ҳамаи подшоҳии заминӣ дар мавриди тамоми чизҳое, ки ба инсон дахл дошт, ба шайтон супориданд. Павлус дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён шайтонро худои ин ҷаҳон меномад.

*Барои беимонҳое ки худои ин дунё зеҳнашонро кунд кардааст, то ки нури башорати ҷалоли Масеҳ, ки Ӯ сурати Худост, барои онҳо надурахшад.*

– 2 Қӯринтиён 4:4

Вақте ки Одам гуноҳ содир кард, Худо ба вай гуфт: “Замин аз боиси ту малъун шуд; тамоми айёми умрат аз он бо ранҷ хоҳӣ хӯрд”. Ва дар идома: “Ба араќи ҷабинат нон хоҳӣ хӯрд”.

Худо ба Одам мегӯяд, ки аз сабаби исёни ӯ замин чун пештара ҳосил намерӯёнад. Акнун дастони Худо баста шудаанд, ва Одам бояд бо араќи ҷабин ва меҳнати пурмашаққат ба худ дар ҳаёт роҳ муҳайё кунад. Диққат диҳед, ки маҳз Одам заминро лаънат кард, на Худо. Одам бар замин салоҳияти пурраи қонунӣ дошт, ва вақте ӯ бар зидди Худо исён кард, аз баракати Худо маҳрум шуд. Аз ҳамин сабаб Худо ба Одам мегӯяд: “*Замин аз боиси ту малъун шуд*”. Боғе,

ки дар он Одам ҷойгир карда шуда буд ва аз таъминот пур буд, нобуд шуд. Одам то суқути худ дар бораи таъминот, озуқа фикр намекард ва ташвиш намекашид, он дар ҳар ҷое, ки ӯ нигоҳ мекард, ба фаровонӣ вуҷуд дошт. Вале акнун ӯ маҷбур буд, ки бо меҳнати пурмашаққат ва араќи ҷабин барои худ ғизо пайдо кунад. Ман инро системаи меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин меномам.

**Акнун барои дастрас кардани таъминот меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин лозим буд!**

На фақат замин тағйир ёфт. Одам ва тамоми инсоният акнун дигар шуданд. Одам шахсияти худ, мақсади худ, таъминоти худро аз даст дода, ғуломи мубориза барои ҳаёт шуд. Мою шумо низ дар системаи меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин ба воя расидаем.

Ҳар як қарор дар ин системаи лаънати заминӣ – ин қарор дар бораи зиндамонӣ, ва одатан он дар ҷустуҷӯи пул ё ҳалли масъалаҳои молиявӣ асос ёфтааст. Ташвиш оиди он, ки дар куҷо ва чӣ тавр таъминоти зарурӣ пайдо кардан мумкин аст, афкори мо ва ҳаёти моро идора мекунад. Шахсиятҳои нотакрори мо, ки пештар аз ҷониби Худо барои мақсадҳо ва вазифаҳои мо дар замин офарида шуда буданд, акнун рабуда шуда ва бо эҳтиёҷи дарёфт кардани пуле, ки барои зиндамонӣ зарур аст, бо ҷустуҷӯи ризқ барои рӯзи минбаъда иваз карда шуданд..

## Системаи ғуломӣ

Ман ба таҳқиқоте диққат зоҳир кардам, ки ба наздикӣ гузаронида шудааст. Тавре ки дар он гуфта мешавад, бештар аз 70 фоизи одамон дар ИМА кори худро дӯст намедоранд[5] . Шумо пурсида метавонед: "Пас чаро онҳо ба коре машғул ҳастанд, ки онро хуш надоранд?" Агар ба таври кӯтоҳ гӯем, онҳо ғуломони маоши навбатӣ ҳастанд!

5 https://returntonow.net/2017/09/22/85-people-hate-jobs-gallup-pollsays

Ҳар кас мехоҳад, ки дар зери лаънат ва меҳнати пурмашаққат бо араҷи ҷабин сарватманд шавад, аз давиданҳои беохири калламушвор ва ҷустуҷӯи қути лоямут раҳо шавад. Одамон орзу мекунанд, ки дар бозии лотерея бурд кунанд, боигариеро орзу мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то ҳар кореро, ки кардан мехоҳанд, бикунанд, на кореро, ки бояд бикунанд. Аз замони Одам мардон ва занон ғуломи мубориза барои ҳаёт мебошанд, ё аз паси таъминот медаванд, ё онро ҷамъоварӣ мекунанд, чунки мавҷудияти пул – ин роҳи ягонаи халосӣ аз чунин давиданҳои калламушвор.

Иҷозат диҳед, то мисоле биёрам, ки чӣ тавр ин система ҳамаи моро ба фикр кардан водор мекунад. Агар ман ба шумо мегуфтам, ки шумо бояд дар давоми дувоздаҳ моҳ аз қарзҳои худ пурра халос шавед, шумо худ аз худ ҳисоб мекардед, ки чӣ тавр бо араҷи ҷабин кӯшишҳои пурмашаққатро ба харҷ дода, ба ин муваффақ шудан мумкин аст. Шумо хомчӯт карда медидед, ки ба ҳар ҳол, агар лозим бошад, чӣ тавр дар ду ё се ҷой кор кардан мумкин аст. Ва ин меҳнати пурмашаққати боз ҳам бештар бо араҷи ҷабинро ба бор оварда метавонист. Меҳнати пурмашаққат бо араҷи ҷабин – ин нишондиҳандае, ки дар ҳар орзу ба ҳисоб гирифта мешавад. Агар ба шумо мошини нав лозим бошад, нархи онро бо меҳнати пурмашаққат бо араҷи ҷабин чен мекунед ва мегӯед: “Не, мо инро ба худ раво дида наметавонем”. “Хонаи калонтар? Не, мо инро ба худ раво дида наметавонем”.

## Худо дар чизҳои ғайриимкон имкониятҳоро мебинад

Дар системаи лаънати заминӣ орзуҳо бо сафари кӯтоҳ ба “Волмарт”, ва сипас бо ҳамбургерҳо дар роҳ ба хона иваз карда мешавад. Ва агар барои амалӣ кардани орзуҳо вақт ё меҳнат кифоя набошад, шумо аз он даст мекашед ва ба худ иқрор мешавед, ки ба кори нафратангез рафтанро идома додан лозим

аст, чуноне ки дигарон ҳамин тавр мекунанд. Дар муодилаи "меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин" барои аксари одамон пас аз аломати баробарӣ одатан калимаи "ғайриимкон" меистад.

Шогирдон вазъияти худро маҳз ҳамин тавр мефаҳмиданд: "Ба 20 000 одам хӯрок додан? Ин ғайриимкон аст! Барои ин маоши шашмоҳа лозим аст!" Маош дар ҳолати мазкур маънои меҳнати пурмашаққаттаре дошт, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот имконпазир буд. Боз ягона роҳи таъминоти онҳо меҳнат буд.

Дар подшоҳии заминӣ ҳама чиз ҳамин тавр мешавад. Ҳама инро медонанд, аммо Исо мехоҳад, ки ба онҳо тарзи нави ҳаёт, Подшоҳии навро бо қонунҳои нав нишон диҳад. Бале, аз системаи меҳнати пурмашаққат бо араќи ҷабин роҳи халосӣ ҳаст. Воқеан ҳам ҳаст!

Биёед ба он лаҳза бармегардем, ки шогирдон гуфтанд, ки ин издиҳомро сер кардан ғайриимкон аст, ва мебинем, ки ба ин Исо чӣ ҷавоб медиҳад. Эҳтимол, ба шумо дастбанди чармине бо навиштаи DWJD (Do What Jesus Did – аз англ. "Кореро кунед, ки Исо кардааст". – *Эзоҳи тарҷ.*) лозим аст, то фаромӯш накунед, ки Ӯ нишон додан мехоҳад, ки шогирдон чӣ кор карданд. Ба ҷои он ки бо хулосаи шогирдон розӣ шавад, Исо масъулиятро ба дӯши Худ гирифта, ба онҳо дастур медиҳад: "Шумо чанд-то нон доред? Рафта, бубинед". Ҳанӯз пеш аз дидан, шогирдон медонистанд, ки нон барои сер кардани тамоми издиҳом кифоя нест. Маҳз аз ҳамин сабаб онҳо ба назди Исо омаданд ва хоҳиш карданд, ки одамонро ҷавоб диҳад, то худи онҳо барои худ хӯрок ёбанд. Аммо, ҳамчун нишонаи итоаткорӣ, рафтанд, ҷустанд ва баргашта бо хабаре омаданд, ки ҳамагӣ панҷ нону ду моҳӣ пайдо карданд.

Дар ин ҷо чизе рӯй медиҳад, ки шумо бояд бубинед, боз як ишораи муҳим пайдо мешавад! Аммо барои дидани ин, ба ҳамон ҳикоя нигоҳ кардан зарур аст, вале дар нақли Матто.

*Ба онҳо гуфт: "Ҳоҷате нест, ки онҳо бираванд: шумо ба онҳо хӯрок диҳед".*
*Ба Ӯ гуфтанд: "Мо дар ин ҷо фақат панҷ нон ва ду моҳӣ дорем".*

> *Гуфт: “**Онҳоро ин ҷо назди Ман биёред”**. Ва мардумро фармуд, ки бар сабза биншинанд, ва панҷ нону ду моҳиро гирифта, ба осмон нигаристу баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба мардум доданд. Ҳама хӯрданду сер шуданд; ва аз пораҳои боқимонда дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд; ва хӯрандагон, ба ғайр аз занону бачагон, тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*
>
> – Матто 14:16-21

Ба он диққат диҳед, ки дар ояти 18-ум Исо аз шогирдон хоҳиш мекунад, ки нон ва моҳиро ба назди Ӯ биёранд. Сипас, дар охири ояти 19-ум, мо мебинем, ки Ӯ нон ва моҳиро ба шогирдони Худ бармегардонад. Дар байни ин ду порчаи Навиштаҷот чизе рӯй дод, ки мебоист диққати шуморо ҷалб кунад ва саволеро ба миён орад: “Барои чӣ Исо аз шогирдон хоҳиш кард, ки нон ва моҳиро ба назди Ӯ оранд, агар Ӯ мехост, ки дар як лаҳза ҳамту онҳоро ба шогирдон бозпас диҳад?” Исо ҳеҷ гоҳ аз рӯи ӯҳдадорӣ кор намекунад, бинобар ин сабабе бояд бошад, ки Ӯ нон ва моҳиро дархост кард. Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо бояд фаҳмем, ки вақте Ӯ аз шогирдон нон ва моҳиро гирифт, чӣ рӯй дод.

**Панҷ нону ду моҳиро гирифта, ба осмон нигаристу баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба мардум доданд.**

Дар Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки Ӯ баракат дод. Дар баъзе версияҳо гуфта мешавад, ки Ӯ шукргузорӣ кард. Аммо ин чӣ маъно дорад. Калимаи юнониe, ки дар ин ҷо бо маънои шукргузорӣ ё баракат истифода бурда шудааст, таҳтуллафзӣ тақдис кардани чиз, талабидани баракати Худо ба чиз ё аз Худо талаб кардани баракатро барои истифода бурдани чизе мефаҳмонад. Агар боз як қадам ба пеш гузорем, пас маънои тақдис кардани чизе муқаддас эълон кардани он, ба таври расмӣ ба мақсади илоҳӣ бахшидан мебошад.

Ҳамин тавр, вақте ки Исо моҳӣ ва нонро баракат дод, онҳо аз юрисдиксияи подшоҳии заминӣ ба юрисдиксияи осмон гузаштанд.

**Вақте ки Ӯ онҳоро гирифта баракат дод, нон ва моҳӣ подшоҳиро дигар карданд.**

## Гузариш ба юрисдиксияи нав

Пештар нон ва моҳӣ дар зери юрисдиксияи одамон дар подшоҳии заминӣ буданд, ва Худо бо онҳо ҳеҷ кор карда наметавонист. Аммо акнун мо мебинем, ки ба туфайли саховатмандии писарбачаи хурде онҳо ба Исо тақдим карда шуданд ва ба юрисдиксияи Подшоҳии Худо гузаштанд. Мо ҳамчунин бояд фаҳмем, ки агар нон ва моҳӣ дар зери юрисдиксияи подшоҳии заминӣ мемонданд, ҳеҷ гоҳ зиёд намешуданд.

Ҳамчун олимони рӯҳонӣ, мо бояд ба ҷузъиётҳо бо диққат нигоҳ кунем. Ин гузариш дар асл чӣ тавр рӯй дод? Дар аввал шумо гумон карда метавонед, ки ин гузариш дар лаҳзае ба амал омад, ки писарбача нон ва моҳиро ба шогирдон дод. Ин, албатта, як ҷузъи раванд буд, ва он чиз, ки писарбача ин корро ба таври ихтиёрӣ ба ҷо овард, низ ишораи муҳиме мебошад, ки бояд ба назар гирифт. Аммо ба шогирдон додани нон ва моҳӣ гузариши воқеӣ набуд. Гузариши воқеии қонунӣ дар ҳамон лаҳза рӯй дод, ки Исо ҳангоми баракат додани он дар бораи онҳо сухан ронд. Ман тасдиқ мекунам, ки ҳатто агар Исо нон ва моҳиро аз они Худ мекард ва онҳоро дар дастони Худ нигоҳ медошт, онҳо то лаҳзае, ки амри мушаххасро ба забон намеовард, зиёд намешуданд.

Биёед инро аз лиҳози дарси имоне, ки пештар мо омӯхтем, дида мебароем. Мо донистем, ки ҳатто агар дили шумо дар имоне бошад, ки акнун воридшавии осмонро ба замин қонунӣ мегардонад, то даме ки шумо, дар замин дорои салоҳияти қонунӣ буда, ба осмон иҷозат намедиҳед, ки дар ин ҷо ваколати худро истифода барад, чизе рӯй намедиҳад.

*Чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст.*

– Румиён 10:10

Гарчанде дар Китоби Муқаддас суханони Исо, ки бо онҳо нон ва моҳиро баракат дод, навишта нашудаанд, ман боварӣ дорам, ки онҳо тақрибан чунин буда метавонистанд: “Падар, Ман Туро барои кӯмак ташаккур мегӯям ва Ман ин нон ва моҳиро ба Подшоҳии Ту барои ҷалоли Ту қабул мекунам. Ин нон ва моҳӣ акнун бояд афзун шаванд, то ки ин издиҳом бо фаровонӣ сер карда шаванд, то ки онҳо қувват ва оромӣ ёбанд ва ҷалоли Туро бинанд”. Албатта, тавре ки ман аллакай гуфтам, суханони Ӯ навишта нашудаанд. Аммо ман боварӣ дорам, ки Ӯ пас аз супорида шудани нон ва моҳӣ, ба онҳо дастур медиҳад. Ман инро аз куҷо медонам? Зеро Ӯ аллакай медонист, ки нақша чӣ гуна аст, ва аллакай онҳоро ба гурӯҳҳо тақсим карда буд.

*Ба онҳо гуфт: “Ҳоҷате нест, ки онҳо бираванд: шумо ба онҳо хӯрок диҳед”.*

*Ба Ӯ гуфтанд: “Мо дар ин ҷо фақат панҷ нон ва ду моҳӣ дорем”.*

*Гуфт: “Онҳоро ин ҷо назди Ман биёред”. Ва мардумро фармуд, ки бар сабза биншинанд, ва панҷ нону ду моҳиро гирифта, ба осмон нигаристу баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдон дод, ва шогирдон ба мардум доданд.*

– Матто 14:16-19

Диққат диҳед, ки Ӯ аллакай, пеш аз он ки нон ва моҳиро баракат дод, ба онҳо дастур дод, ки ба сабзазор нишинанд. Ӯ аниқ медонист, ки нақша чӣ гуна аст. Ман боварӣ дорам, ки баъди ба дастони Ӯ супурдани нон ва моҳӣ, ба онҳо дастур дод, ки зиёд шаванд. Дастур додан дар ҳини такроран ба кор андохта шудани тухмӣ – ин ҷиҳати ҳаётан муҳими ба кор андохтани тухмӣ. Ман гуфтам “ҳаётан муҳим”? Бале, аз ин рӯ мутаваҷҷеҳ бошед. Андаке

вақт ҷудо кардан лозим аст, то бидонед, ки вақте шумо кишт мекунед, чӣ тавр дастур бояд диҳед.

> *Ӯ ба онҳо гуфт: "Шумо Маро кӣ мегӯед?"*
>
> *Шимъӯни Петрус ҷавоб дода гуфт: "Ту Масеҳ, Писари Худои Ҳай ҳастӣ".*
>
> *Ва Исо дар ҷавоби вай гуфт: "Хушо ту, эй Шимъӯн писари Юнус, чунки башар инро ба ту зоҳир накардааст, балки Падари Ман, ки дар осмон аст. Ва Ман ба ту мегӯям: ту Петрус ҳастӣ, ва бар ин сахра Ман калисои Худро бино мекунам, ва дарвозаҳои дӯзах бар он ғолиб нахоҳад шуд;* ***ва калидҳои Малакути Осмонро ба ту месупорам, ва он чи ту бар замин бибандӣ, дар осмон баста хоҳад шуд; ва он чи бар замин кушоӣ, дар осмон кушода хоҳад шуд".***
>
> – Матто 16:15-19

Ин ҷой аз Навиштаҷоти Муқаддас ба мо мегӯяд, ки акнун қобилияти мо оид ба ҳукмронӣ кардан дар замин ба воситаи Исои Масеҳ барқарор карда шудааст. Ба мо қудрат дода шудааст, ки шайтонро банд кунем ва иродаи осмонро дар замин ба амал орем. Акнун ман бовар мекунам ё ҳадди ақал умед дорам, ки бисёр масеҳиён аллакай медонанд, ки "бастани шайтон" чӣ маъно дорад. Ин хеле оддӣ аст: бастани шайтон – ин дар роҳи вай монеа эҷод кардан, то вай нақшаҳои зишти худро иҷро карда натавонад. Агар аз одамон девҳоро ихроҷ кунед, ба беморон даст гузошта дуо кунед, ва онҳо шифо ёбанд, ё ҳамту гӯед: "Ба номи Исо, дафъ шав!", ин ба амал омада метавонад. Шумо дар Подшоҳии Худо қудратро ба даст мегиред ва онро барои муваффақ шудан ба пирӯзие, ки Исо бар шайтон ба даст овард, истифода мебаред.

**БА МО ҚУДРАТ ДОДА ШУДААСТ, КИ ШАЙТОНРО БАНД КУНЕМ ВА ИРОДАИ ОСМОНРО ДАР ЗАМИН БА АМАЛ ОРЕМ.**

## Истифода бурдани қудрати худ

Аз рӯи мушоҳидаҳои ман, одамони хеле зиёд медонанд, ки чӣ тавр осмонро дар подшоҳии заминӣ ба кор андозанд. Ман аллакай оиди порчае аз Номаи аввали Юҳанно ҳамчун намунаи пурсамари дуо гуфтам.

> *Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи иродаи Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад. Ва агар донем, ки Ӯ моро дар ҳар чӣ талаб кунем, мешунавад, онро низ медонем, ки он чи аз Ӯ талаб кардаем, меёбем.*
>
> – 1 Юҳанно 5:14, 15

Бо дил имон овардан ё имон доштан – ин ҳанӯз на охири муодила. Чуноне ки мо аллакай дидем, вақте шумо ба чизе, ки осмон мегӯяд, бовар мекунед, асос хоҳед дошт. Акнун осмон ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ба подшоҳии заминӣ ҷорӣ шавад, аммо то даме ки шумо дар подшоҳии заминӣ ин қудратро ба кор наандозед, ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Шумо бо Масеҳ дар ямини Падар дар афлок шинонида шудаед. Суханони шумо – ин суханони подшоҳ, ва то даме ки шумо сухан намеронед, осмон дар ин ҷо ваколатҳои худро ба амал баровардa наметавонад! Ин метавонад изҳорот ё ризоияте бошад, ки дар дуо гуфта мешавад, аммо калиди Подшоҳӣ дар дастони шумо аст. Худо бе шумо онро ба амал оварда наметавонад!

Гап на танҳо дар донистани он аст, ки чӣ тавр бояд дуо кард, то ҳама чиз амалӣ шавад, бояд донист, ки вақте шумо инро мекунед, чӣ тавр дастур бояд дод. Дар ёд доред, ки агар шумо осмонро ба ин ҷо, ба замин, роҳ надиҳед, ин кор ба ҷо оварда намешавад. Бинобар ин фаҳмидан хеле зарур аст, ки чӣ тавр иродаи осмонро ба ҳаёти мо ва ҷаҳони мо роҳ додан мумкин аст.

Яке аз мисолҳои беҳтарини дастурдиҳӣ дар дуои “Эй Падари мо” ифода ёфтааст. Дар он якчанд нуктаҳое ҳастанд, ки шумо бояд донед.

Аввалан, дар матн гуфта шудааст, ки Худо аллакай медонад, ки ба шумо чӣ лозим аст, аз ин рӯ бояд талабиданро бас кунед. Талбандагӣ – ин имон нест, он дар мавриди он, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад ва ҳуқуқҳои шумо ҳамчун шаҳрвандони Подшоҳӣ чӣ гуна аст, нодониро нишон медиҳад. Дар дуо дастур додан – ин воқеан дархост кардан аст. Дархост аз рӯйхати муфассале иборат аст, ки чӣ ба шумо лозим аст. Ин илтимос кардан оиди ин чизҳо нест, ин арз кардани ҳуқуқ ба ин чизҳо мебошад.

> *Ва дар вақти дуо чун халқҳо пургӯӣ накунед; зеро онҳо гумон мекунанд, ки ба туфайли пургӯӣ дуояшон мустаҷоб мешавад; монанди онҳо набошед; зеро Падари шумо тамоми эҳтиёҷоти шуморо, пеш аз он ки талаб кунед, медонад. Пас ба ин мазмун дуо гӯед: "Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту муқаддас бод; Малакути Ту биёяд; иродаи Ту, чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд; ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ..."*
>
> – Матто 6:7-11

Исо бо чунин суханон сар мекунад: "Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту (дар бораи ҳокимият ва қудрати Ӯ андеша карда) муқаддас бод (амиқ иззату эҳтиром карда шавад)". Дар ин ҷумлаи аввал Исо мавқеи ҳуқуқии дуоро муайян мекунад. Биёед онро бо аввалин ҷумлае, ки дар толори суд гуфта мешавад, муқоиса мекунем.

Котиби суд аз ҷой бархоста мегӯяд: "Ҳама бархезанд. Суди (сипас ӯ судро ном мебарад)..." Ин метавонад Суди даъвоҳои умумии минтақаи Франклин ё Суди дуюми суди минтақавӣ, шӯъбаи ҷиноӣ, ё ягон номи дигар бошад. Аммо он ҷо дар аввал якчанд чизҳо рӯй медиҳанд. Котиби суд мегӯяд: "Ҳама бархезанд", ва бо ин ба суд, ва ҳам ба судяе, ки раёсати судро ба ӯҳда дорад, арҷгузорӣ мекунад. Номи суд барои муқаррар кардани салоҳияти лозима зикр карда мешавад, то шумо бидонед, ки дар толори

суд, ки бар парвандаи шумо салоҳият дорад, қарор доред.

Биёед таҳлили он чизеро, ки котиби суд мегӯяд, давом медиҳем. “Ҳама бархезанд. Ҷаласаро Суди даъвоҳои умумии минтақаи Франклин таҳти сарварии мӯҳтарам Смит мегузаронад”.

Ҳамаи ин иборaи аввал “*Эй Падари мо, ки дар осмонӣ! исми Ту муқаддас бод*” он Шахсро муаррифӣ мекунад, ки парвандаро ба муҳокима мегузорад ва ба мо иҷозат медиҳад, ки дар он ҷо ҳузур дошта бошем. Ӯ Падари мо аст, ва мо ба ин суд дастрасии қонунӣ дорем. Ин ҷумлаи аввал ҳамчунин салоҳияти судро ҳамчун суди осмонӣ, суди олӣ, муайян мекунад.

Дар идомаи дуои “Эй Падари мо” гуфта мешавад: *“Малакути Ту биёяд; иродаи Ту ба амал ояд”.*

Дар ин ибора аз суд талаб карда мешавад, ки тибқи қонунҳои Подшоҳӣ ҳукм кунад. Шумо мехоҳед, ки бо дархост ё шафоат муроҷиат кунед ва аз Судя талаб мекунед, то Ӯ он чиро, ки дар мавриди парвандаи шумо иродаи Ӯ (қонун) мегӯяд, иҷро кунад. Дар идома гуфта мешавад: “*чунон ки дар осмон аст, дар замин ҳам ба амал ояд*”. Ва боз шумо арз мекунед, ки мехоҳед, то ин ҳукми осмонӣ дар замин, чунон ки дар осмон аст, иҷро карда шавад. Ҳамин тавр, ҳамаи ин барои он ба ҷо оварда шуд, ки мақоми расмии ҳам шумо ва ҳам суд муайян карда шавад. Ҳанӯз ҳеҷ чиз дархост ва пешниҳод карда нашудааст. Баъд аз ин дархост карда мешавад.

“*Ризқу рӯзии моро имрӯз ба мо бидеҳ*”. Ин изҳорот ба нон ҳеҷ гуна дахле надорад, агар фақат ин на маҳз ҳамон чизе аст, ки шумо эҳтиёҷ доред. Ба ҷои нон бояд фикран он чиро гузоред, ки шумо ба он эҳтиёҷ доред. Дар хотир доред, тамоми

**АММО АКСАРИ МАСЕҲИЁН ТАҚРИБАН ЧУНИН МЕГӮЯНД: “О, МАН БА ҲАМА ЧИЗЕ, КИ ХУДО БА МАН ДОДАН МЕХОҲАД, ХУРСАНД МЕШАВАМ. Ӯ БЕҲТАР МЕДОНАД”. НОДУРУСТ, НОДУРУСТ, НОДУРУСТ!**

ин сӯҳбат аз он сар шуд, ки Исо ба шогирдон таълим дод, ки чӣ тавр барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ дуо кунанд. Маҳз дар ҳамин ҷо шумо илтимос мекунед, аммо, чи тавре ки ман аллакай гуфтам, дар ин ҷо калимаи мувофиқтарин – талаб аст. Албатта, ҳар ду калима ҳам мувофиқ мебошанд, ва дар боби 4-уми Нома ба Филиппиён оиди дархост гуфта шудааст. Аммо ман гуфтан мехоҳам, ки илтимос – ин талабе, ки муфассал изҳор карда шудааст. “Ҷузъиёт” зарур аст. Дар дуо шумо дастур медиҳед, он бояд муфассал ва дақиқ бошад. Павлус айни ҳаминро мегӯяд.

> *Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва* ***илтимос*** *бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед, ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт.*
>
> – Филиппиён 4:6, 7

Ба он таваҷҷӯҳ кардан зарур аст, ки дуоҳо ва дархостҳо ин чизҳои гуногунанд. Дуоҳои мо дархостҳои моро дар бар мегиранд, аммо дуо – ин роҳбаладе, ки онҳоро ба Падари мо бурда мерасонад. Боз дархост бояд хеле муфассал ва дақиқ бошад. Аммо аксари масеҳиён тақрибан чунин мегӯянд: “О, ман ба ҳама чизе, ки Худо ба ман додан мехоҳад, хурсанд мешавам. Ӯ беҳтар медонад”. Нодуруст, нодуруст, нодуруст!

**Худо ба ШУМО калидҳои Подшоҳии Худоро додааст!**

*Агар* шумо бисёр китобҳои маро хонда бошед, пас ҳикояҳои зиёди муфассалро оиди Подшоҳии Худо дидаед. Дар ин китоб ин гуна ҳикояҳо бисёранд, ва умедворам, ки онҳо ба шумо ёрӣ медиҳанд, то бубинед, ки Подшоҳии Худо чӣ қадар ҷузъӣ аст ва суханони шумо бояд чӣ қадар муфассал бошанд. Барои он ки фикри худро фаҳмонам, ба ман иҷозат фармоед, то як-ду ҳикояҳои кӯҳнаро мисол биёрам, ки, эҳтимол, шуморо хаста мекунанд ва, шояд, шумо аллакай шунидед. Аммо ман ҳис мекунам, ки бояд

ҳар қадаре ки лозим аст, ҳамон қадар вақт сарф кунам, то шумо хуб бифаҳмед, ки Подшоҳии Худо то чӣ андоза мушаххас аст. Иҷозат диҳед, ки якчанд ҳикояҳоро ба шумо хотиррасон кунам, ки дар бораашон мо аллакай гуфтаем.

## Подшоҳӣ дар амал

Шумо аллакай дар бораи он хондаед, ки чӣ тавр фургони ман оташ гирифт, пас аз он ки ман бо овози шунаво гуфтам: "Худовандо, шояд, беҳтар шавад, агар ин мошин ҳамту оташ гирад". Тасодуф? Биёед давом медиҳем. Ман ба шумо дар бораи оҳуҳо гуфтам, дар бораи он ки Худованд ба нишон дод, ки барои онҳо кишт кунам, ва дар бораи он ки ба таги камингоҳи ман он оҳуҳое меомаданд, ки барояшон ман кишт карда будам. Сипас ман ба шумо хабар додам, ки чӣ тавр Худо ба ман нишон дод, ки оҳуҳо бо ҳамон тартиб меоянд, ки ман барои онҳо кишт кардаам. Шумо пештар боре ҳикояҳои ба ин монандро шунидаед? Шахсан ман – не, то даме ки бо чашмони худ надидам. Подшоҳӣ он қадар дақиқ аст, ки ман таҷрибаи худро бо оҳуи шохаш ҳафтнавдагӣ ва шашнавдагӣ, ки барояш Тим кишт карда буд, нақл кардам. Ман ба шумо дар бораи он нақл кардам, ки чӣ тавр Худо ба ман таълим дод, ки бо боварӣ сухан ронам, ва чӣ тавр оҳуе, ки аз ман дусад метр дур шуда буд, дар ҳамон сонияе бозистод, ки ман амр кардам, ва сипас наздик омад ва рост дар таги дарахти ман бозистод. Ман ба шумо дар бораи тазарве нақл кардам, ки вақте ман ба он фармон додам, ки бозистад, ва он фавран дар ҷояш беҳаракат шуд.

Ман ба шумо дар бораи туфанге нақл кардам, ки дар мағоза ба он ишора карда, гуфта будам: "Ман инро мегирам", ва пас аз чанд ҳафта ба ман ин туфангро тӯҳфа карданд. Ман ҳамчунин ба шумо дар бораи кабриолет "БМВ" модели 6-ум, ки Дренда дар қароргоҳи мошинҳо дида, гуфта буд: "Ана ин аст!", нақл карда будам. Мо ба касе чизе нагуфта будем, аммо пас аз ду ҳафта як мард аз калисо ба ман занг зада, гуфт: "Ман имрӯз мошини Дрендаро

дидам". Ман ба ҳайрат афтода, пурсидам, ки вай чиро дар назар дорад. Вай гуфт, ки вақте дар шаҳр мошинсавор мерафт, дид, ки кабриолет "БМВ"- ҳолаташ аъло ба фурӯш гузошта шуда буд, ва Худованд ба вай гуфт, ки ин мошини Дренда аст. Ин диққати маро ҷалб кард, айнан ҳамин гуна мошин!

Дар боби 7-ум ман ба шумо ҳикояеро оиди он, ки чӣ тавр ман аз сарчашмаи тамоман ғайричашмдошт маҳз ҳамон ҳавопаймоеро гирифтам, ки барояш кишт карда будам, ва чӣ тавр ман пул ёфтам, то ки барои он харҷ кунам, нақл мекунам. Ман ҳикояҳои зиёде дорам, ки чӣ тавр дақиқ амал кардани Подшоҳии Худоро нишон медиҳанд.

Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр оҳуи калони шохаш бисту шаш навдагиро шикор кардам. Ин барои моҳи ноябр рӯзи хеле гарм буд. Ман онро тамоми рӯз овезон карда мондам, ва рӯзи дигар ба назди таксидермист бурдам, то ки вай каллашро кор карда барояд. Ӯ ба он нигоҳ кард ва гуфт: "Бубахшед, ба гумонам, ҳавои гарм пашмро вайрон кардааст. Фикр намекунам, ки мешавад, вале ман кӯшиш мекунам, ва баъд маълум мешавад". Ман роҳ додан намехостам, ки оҳуи софдилона ба ғанимат гирифтаи ман барои утоқи кории ман ороиши аълое нашавад. Вақте ки мутахассис ба дафтари кориаш рафт, то вараќи фармоишотро бигирад, ман ба оҳуи нарина даст гузошта, гуфтам, ки пашм олӣ аст ва хӯса ба дараҷаи аъло ҳосил мешавад. Пас аз як моҳ ман барои калла баргашта омадам, ва таксидермист гуфт: "Медонед, ман ба шумо гуфта будам, ки метарсам, ки пашм вайрон шудааст, аммо кор ба дараҷаи олӣ ба ҷо оварда шуд. Пашм олӣ аст".

Ман метавонистам ин тавр соатҳо нақламро давом диҳам, аммо гап дар он аст, ки шумо чӣ мегӯед! Бо ҳар як сухан шумо қонуни рӯҳониро ба ҳаракат меоред! Шояд, шумо инро намедонистед. Ман аниқ намедонистам, аммо ин рост аст. Подшоҳии Худо хеле мушаххас аст.

Дар қисми боқимондаи ин китоб шуморо боз бисёр ҳикояҳое интизоранд, ки суханони маро тасдиқ мекунанд. Чуноне ки шумо

мефаҳмед, ман мехоҳам, ки инро ба шумо бо иштиёқ нақл кунам. Яке аз ин гуна ҳикояҳо чунин аст.

## Ба ҳаракат даровардани қонуни рӯҳонӣ

Ин дар вақти яке аз анҷуманҳои занонаи Дренда рӯй дод. Мо як “кадиллак эскалейд”-ро ба иҷора гирифтем, то ки як меҳмонро ҳангоми дар шаҳр буданаш савор кунем. Пас аз итмоми анҷуман мошинро то субҳи дигар барнагардондан мумкин буд, бинобар ин ман ва Дренда қарор додем, ки ҳамон шаб бо он ба хона равем, то бифаҳмем, ки кораш чӣ гуна аст. Мо пештар ҳеҷ гоҳ “эскалейд”-ро наронда будем. Тавре ки шумо ба худ тасаввур карда метавонед, рондани он хел ҳаловатбахш буд. Субҳи дигар, вақте ки мо бо мошин ба калисо бармегаштем, мо ба хулосаи ягона омадем, ки ҳамин гуна мошин доштан мехоҳем. Мошине, ки мо мерондем, версияи кӯтоҳи рангаш сафеди марворидӣ буд. Мо ҳар ду розӣ шудем, ки назар ба навъи дарозаш ба мо бештар навъи кӯтоҳаш ва рангаш сафеди марворидии он маъқултар аст.

Пас аз як моҳ ё тақрибан ҳамин қадар вақт пас аз ин воқеа, вақте ки ман барои гирифтани рӯзнома ба кӯча баромадам, телефони мобилӣ занг зад, ин яке аз имондорони калисои ман буд. Ӯ танҳо гуфт: «Ман мехостам, ки ба шумо “кадиллак эскалейд” бихарам. Кадом рангашро шумо хуш доред?» Ман якбора моту мабҳут шудам, вале гуфтам, ки сафеди марворидиашро. Аммо ман фаромӯш кардам, ки навъи кӯтоҳашро хотиррасон кунам. Тақрибан як моҳ сипарӣ шуд, ва ман фикр кардам, ки, эҳтимол, ин одам мошинро фаромӯш кард, аммо он лаҳза телефон садо дод, ва ӯ гуфт, ки мошин бо ӯст. Мо ба назди вай рафтем, ва дар пеши назари худ “эскалейд”-и моделаш кӯтоҳи сафеди марворидии олиро дидем. Вақте ки мо пурсупос кардем, ӯ чунин гуфт: “Бубахшед, ки ин хеле тӯл кашид, аммо ман навъи дарозашро ёфта натавонистам”. Ӯ намедонист, ки мо мошини дароз намехостем. Ӯ дарозашро хуш дошт, ва ӯ фикр кард, ки мо маҳз ҳамонашро

мехоҳем, аммо версияи кӯтоҳаш – ягона мошине буд, ки вай пайдо карда тавонист. Ва он айнан ҳамон мошини аълое буд, ки мо дар борааш маслиҳат карда будем.

Якчанд соли охир ман дар бизнес шоҳиди воқеаҳои аҷибе шудам. Тавре ки шумо, эҳтимол, медонед, ё шояд надонед, ман то ҳол ширкате дорам, ки дар соҳаи молия хизмат мерасонад. Пеш аз он ки бисту панҷ сол қабл аз ин ман хидмати шубониро сар кунам, ман бахши аз ҳама муваффақтаринро иборат аз 5000 коргароне доштам, ки бо яке аз таъминкунандагони ман кор мекард. Вақте ки ман калисои худро таъсис додам, медонистам, ки хеле серкор мешавам ва гумон мекардам, ки мавқеи пешқадамонаро нигоҳ дошта наметавонам, ки чунин ҳам шуд. Дар бизнеси ман таъминкунандагон саёҳатҳои ҳавасмандкунанда пешниҳод мекунанд, то ки ба фурӯшандагони худ барои дастовардҳои солона мукофот диҳанд.

Яке аз таъминкунандагоне, ки бо он ман ҳамкорӣ мекардам, дар анҷумани солона ба даҳ бахши беҳтарине, ки ҳаҷми фурӯшро аз 10 миллион гузаронида буд, ба миқдори 100 000 долларӣ мукофот дод. Онҳо ҳамчунин ба ҳар касе, ки ҳаҷми фурӯшро аз 3 миллион зиёд мекард, харҷи саёҳати хуберо барои иштирок дар анҷумани солона пардохт мекарданд. Одатан дар ин ширкат ҳаҷми фурӯши ман дар як сол тақрибан 4 миллион долларро ташкил медод, аз ин рӯ саёҳати бепулро ба даст меовардам, ва дар натиҷа ман маҷбур будам, ки нишаста, чӣ тавр ҳар сол ба даҳгонаи беҳтарин 100 000 доллар чек додани онҳоро тамошо кунам. Ман дар давоми 18 сол ҳамин тавр мекардам! Бале, бале, ҳаждаҳ сол. Ман ҳаргиз фикр накарда будам, ки ҳамчун шубони калисо ба ин муваффақият ноил мешавам, аз ин рӯ ҳеҷ гоҳ имони худро ба ин самт равона намекардам.

Аммо боре, вақте ки ман дар анҷуман менишастам ва нигоҳ мекардам, ки чӣ тавр даҳ бахши беҳтарин ба миқдори 100 000 долларӣ чек мегиранд, Худованд ба ман муроҷиат карда, пурсид: “Барои чӣ ту дар он ҷо нестӣ?” Пеш аз он ки ман ҷавоб диҳам, Ӯ гуфт: “Ман мехоҳам, ки ту дар он ҷо бошӣ. Ман мехоҳам, ки

дар ин ҷо номи Маро бубинанд”. Моҳи март буд, ва, тавре ки ман аллакай гуфтам, дар тӯли ҳаждаҳ соли охир барои ин ширкат ҳаҷми фурӯши мо тақрибан 4 миллион доллариро ташкил медод. Табиист, ки ман ягон илоҷеро намедидам, ки ба ин мақсад ноил шавем, вале ман дар ин бора дуо кардам, ва ману Дренда тухмӣ кишт кардем, то ки дараҷаи 10 миллион долларро дастрас кунем. Худованд ба ман нишон дод, ки тартиби кор карда баромадани дархостҳои ширкати худро чӣ тавр такмил дода метавонам, ки ин вазъиятро хеле тағйир дод. Ба таври мухтасар гӯем, мо ба даҳгонаи аввал баромадем ва ба миқдори 100 000 доллар чек гирифтем. Аммо ана ин аст маҳз чизе, ки ман ба шумо гуфтан мехоҳам. Ба мо барои ноил шудан ба ин дастовард як фурӯш кифоят кард!

Соли дигар ширкат барои хоҳишмандони чеки 100 000 долларӣ мақсадро ба 12 миллион боло бардошт. Хуллас, мо тухмӣ кишт кардем, ва ҳамон сол низ ба муваффақият ноил шудем. Аммо шумо пай бурдед: мо аз ҳисоби як фурӯш ба муваффақият ноил шудем. Дар ду соли минбаъда барнома бекор карда шуд. Аммо соли гузашта, дар соли 2019, онҳо аз нав онро бо дараҷаи 10 миллион доллар ба кор андохтанд. Мо тухмии худро кишт кардем, ва, ба туфайли як фурӯш, боз дар қатори даҳгонаи беҳтарин қарор гирифтем. Оё ин тасодуф буд, ки ҳар сол мо бо як фурӯш дар қатори даҳгонаи беҳтарин қарор мегирифтем? Не, мо кишт мекардем, ки барои гирифтани чеки 100 000 долларӣ миқдори камтаринро дастрас кунем. Ва ин айнан ҳамон коре аст, ки мо ба ҷо овардем. Оё мо хоста будем, ки ҳамагӣ бо як қабул ба ин ноил шавем? Албатта не. Мо тамоми сол кӯшиши зиёд ба харҷ додем ва то моҳи охирин намедонистем, ки натиҷа чӣ мешавад. Ин боз ҳам таъсири аҷиби он аст, ки ҳамаи ин чӣ тавр кор мекунад.

## Аҳамияти дастурдиҳӣ

Имсол дар анҷумани “Таъминот” Худо ба ман муроҷиат карда, гуфт, ки ман ба одамон он чиро, ки бо Дренда оиди дастурдиҳӣ донистем, таълим диҳам. Рӯҳулқудс инро маҳз ҳамин тавр

меномад – дастурҳо. Бинобар ин ман барои омӯзиши он андаке вақт сарф кардам, зеро медонам, ки бисёр одамон феълан чӣ тавр ба амал овардани инро намедонанд. Мувофиқи луғат, дастур – ин роҳнамои расмӣ ё амрӣ. Диққат диҳед, ки дар ин ҷо оиди зорию илтиҷо, арзу дод аз силсилаи "Вой бар ҳоли ман" гуфта нашудааст. Не, ин роҳнамои амрӣ аст! Ҳамин тавр, биёед боз як қадам ба пеш мегузорем. Агар ман дастури рӯҳонӣ диҳам, онро кӣ иҷро мекунад? Бале, касе иҷро мекунад, биёед мефаҳмем, ки он кӣ аст.

> *Исо ба ҷавоби онҳо гуфт: «Ба Худо имон оваред. Зеро ба ростӣ ба шумо мегӯям: ҳар кӣ ба ин кӯҳ гӯяд: "Бархоста, худро дар баҳр афкан", ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад, — ҳар чӣ гӯяд ба вай ато* ***хоҳад шуд****. Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд».*
>
> – Марқӯс 11:22-24

Дар ин порча ду лаҳзае мавҷуд аст, ки ман таъкид кардан мехостам. Диққат диҳед, ки дар ин ҷо чӣ гуфта шудааст: "Ҳар кӣ гӯяд". Мо дар ин ҷо чизеро мебинем, ки бо Дренда фаҳмидем. Суханони мо иродаи осмонро дар ин ҷо, дар подшоҳии заминӣ, ба кор меандозанд.

Дуввум, ман ба қисми минбаъдаи порча тамаркуз кардан мехоҳам.

> *...ва дар дили худ шак надошта бошад, балки яқин дорад, ки он чи гӯяд мешавад, — ҳар чӣ гӯяд* ***ба вай*** *ато хоҳад шуд.*

Диққат кунед, дар ин ҷо гуфта шудааст: "Ҳар чӣ гӯяд, ба вай ато хоҳад шуд". На барои Худо, балки барои ӯ, барои касе, ки дар ин ҷо, дар замин, сухан меронад.

Аҷиб! Ҳоло аз коре, ки карда истодаед, бозистед. Шумо дар ин

бора як лаҳза бояд фикр кунед! Бигзор ин фикр дар зеҳни шумо ҷойгир шавад, он дар бораи шумо гуфта шудааст.

Пас кӣ ин корро барои онҳо иҷро мекунад? Барои фаҳмидани ин, биёед ба порчае аз Нома ба Ибриён нигоҳ мекунем.

> *Оё ҳамаи онҳо рӯҳҳои **хизматгузор** нестанд, ки барои **хизмати** онҳое фиристода мешаванд, ки вориси наҷот хоҳанд шуд?*
>
> – Ибриён 1:14

Диққат диҳед, ки дар ин ҷо ду калимаи гуногун аст, ки фариштаҳоро тасвир мекунанд: “хизматгузор” ва “хизмат”. *Хизмат* дар ин контекст иҷро кардани вазифаҳо ё хизматрасониро ба шахси дигар мефаҳмонад, дар ҳолати мазкур ба шумо. *Хизматгузор* дар ин контекст шахси мансабдори давлатиро мефаҳмонад, ки ба вай идора кардани ягон соҳаи фаъолияти давлатӣ супорида шудааст. Агар ба ибораи дигар фаҳмонем, ки фаришта чӣ аст, пас вай намояндаи суди осмонӣ аст, ки барои амал кардан аз номи Подшоҳии Худо ба манфиати шумо ваколатдор карда шудааст! Диққат диҳед, ки ба фариштаҳо амр карда наметавонем, чунки онҳо ба мо тобеъ нестанд, вале мо ба суди осмонӣ оиди эҳтиёҷоти худ метавонем муроҷиат кунем, ва онҳо фиристода мешаванд. Ин хеле аҷиб аст!

“Ман бояд чизе бигӯям? Ман инро намедонистам”. Дарсе, ки Худо дар воқеаи навбатӣ ба ман дод, ҳамин тавр баён карда мешавад.

Ҳамон сол ман ба оҳуи яксола кишт кардам. Дар лаҳзаи воқеаҳои баёншаванда ман сахт дилпур будам, ки чизи дилхоҳамро ба даст меорам. Бинобар ин ман бо умедвории он, ки зуд оҳуи худро ба даст меорам, ба шикор баромадам. Вақте ки ман дар камингоҳ дар дарахт менишастам, ман воқеан оҳуи яксоларо дидам, ки дар ҷангал равона буд, вале барои бо камон задан вай дар масофаи хеле дур буд. Ман ба вай амр кардам, ки ба наздам биёяд, аммо

наомад. Дигар ҳамон рӯз ман оҳуҳоро надидам. Ман субҳи дигар баромадам ва боз ягон оҳуро надидам. Дар ҳамон лаҳза ман фаҳмидам, ки чизе нодуруст аст.

Вақте ки рӯзи дуюм ман аз ҷангал баромадам, дар бораи ҷавоб дуо кардам. Рӯҳулқудс хеле зуд ба ман нишон дод, ки чӣ нодуруст буд. Вақте ки ман ба оҳуи худ кишт мекардам, ман ҳамту чек (тухмӣ) навишта, ба лифофа гузоштам ва бо почта фиристондам. Ман ба ин чек даст нагузоштам ва ба он сухан нагуфтам, тавре ки одатан мекардам. Сипас Рӯҳулқудс ба ман воқеаеро оиди он хотиррасон кард, ки Исо нон ва моҳиро афзун кард, ва ба он ишора кард, ки Исо пеш аз афзун кардан, онҳоро баракат дод. Дар ёд дорам, ман фикр кардам: "Чӣ, ман бояд ҳамин тавр кунам?" Пештар ман доимо ба лифофа даст мегузоштам ва ба он сухан мерондам, аммо ҳамон сол дар рӯзи фиристондани лифофа ман хеле серкор будам ва ҳамту ин тавр карданро фаромӯш кардам. Ман фикр кардам, ки танҳо як кишт кардан кифоя аст, ки оҳу ба юрисдиксияи Подшоҳӣ гузарад.

Хайр, ман сахт мехостам, ки хатогии худро ислоҳ кунам ва фаҳмиши нави худро оиди Подшоҳӣ имтиҳон намоям, то бисанҷам, ки оё ман ҳақ ҳастам ё не. Бинобар ин ман боз барои оҳуи яксола кишт кардам, аммо ин дафъа онро баракат додам. Иҷозат диҳед, то мисол биёрам, ки ман чӣ тавр онро баракат медиҳам: "Падар, имрӯз ба номи Исо ман оҳуи яксоларо ба даст меорам, чунки ин тухмиро кишт мекунам. Ман инро тибқи Инҷили Марқӯс (11:24) иҷрошуда эълон мекунам ва Туро барои ин шукр мегӯям. Рӯҳулқудс, ин оҳуи яксоларо ба масофае биёр, ки барои тирандозии нишонрас дастрас бошад, ба номи Исо. Омин". Чуноне ки мебинед, ман ягон сухани дабдабанок намегӯям ва барои оҳу зорию илтиҷо намекунам. Ман талаби худро арз мекунам, гӯшрас менамоям. Он касоне, ки дар артиши пешқадам мебошанд, набояд лавозимоти ҷангӣ хоҳиш кунанд, онҳо ҳамту ариза медиҳанд. Ба ибораи дигар, онҳо аллакай ба ҳамаи он чизҳое, ки ба онҳо лозим аст, дастрасии қонунӣ доранд, хоҳиш кардан лозим нест, танҳо гуфтан даркор аст: "Лавозимоти ҷангӣ диҳед".

Субҳи дигар ҳанӯз дар торикӣ ман дар камингоҳи худ воқеъ дар дарахт нишаста будам, ва ҳамон лаҳза ки дар ҷангал равшанӣ акнун фаро мерасид, ман оҳуи танҳоро дидам, ки ба назди ман меомад. Барои тир андохтан ҳанӯз ҳам торик буд, вале ман дидам, ки оҳу рост ба назди дарахти ман меояд. Вақте ки оҳу наздиктар омад, он бозистод ва дар давоми понздаҳ дақиқа дар атрофи дарахти ман тоб хӯрд. Мулоимтар карда гӯем, ман ҳайрон шудам. Оҳу дар масофаи бист метр аз дарахти ман меистод ва ҳамту оҳиста дар гирди он тоб мехӯрд.

Вақте ки дар ҷангал равшанӣ дамид, ман дидам, ин на оҳуе буд, ки шох дорад. Дар асл он ба ғизол монанд буд, зеро ман дар сари ӯ ягон шохи майдаро дида наметавонистам. Ҳанӯз ба пуррагӣ равшан нашуда буд, аммо тир андохтан мумкин буд, зеро дар Оҳайо соатҳои субҳ тир андохтан иҷозат дода шудааст. Тавре ки гуфтам, ман боварӣ надоштам, ки ин оҳуи яксола аст, аммо ҳамчунин медонистам, ки дар ҳолатҳои зиёд шоххои майда дар зери пашм пинҳон мешаванд. Ман қарор додам, ки аз рӯи рафтори аҷиб, ин бояд оҳуи ман бошад, аз ин рӯ ман тир андохтам, ва оҳу афтод. Вақте ки ман наздаш омадам, аз дидани шохчаҳои майда хурсанд шудам, ва фаҳмидам, ки ин дар ҳақиқат оҳуи ман будааст. Вақте ман фаҳмидам, ки гирифтани кордро фаромӯш кардаам, оҳуро дар он ҷое, ки вай афтода буд, гузошта, барои овардани корд ба хона баргаштам.

Вақте ки ман ба назди оҳу бармегаштам, Тимро дидам, ки ба назди ман меояд. Ӯ пурсид, ки оё ман чизеро дидам, ва ман дар бораи воқеаҳое, ки ин субҳ рӯй дод, нақл кардам. Вақте ки мо ба он ҷое, ки оҳуи яксола мехобид, омадем, ӯ гуфт, ки се рӯзи охир ягон-то ҳам оҳу надидааст. Тим тамоми се рӯз бо ман мегашт, ва акнун, вақте ки ӯ инро гуфт, ман фаҳмидам, ки мушкилӣ дар чӣ будааст. Ман ҳамон рӯзро ба хотир овардам, ки ӯ ба дафтари кории ман омад ва барои калисо чекеро, ки барои оҳу кишт карда буд, тақдим кард. Ман фаҳмидам, ки ӯ низ тухмии худро баракат надод. Ман барои ӯ каме вақт ҷудо карда, фаҳмонидам, ки Худо

ба ман дар мавриди он, ки ҳангоми кишт кардан ба тухмӣ чӣ гуфтан лозим аст, чиро нишон дод.

Ҳамон бегоҳӣ ману Тим дар Колумбус кор доштем, ва ба хона баргашта истода, аз назди калисо мегузаштем. Тим пурсид, ки оё ӯ метавонад истода, тухмии худро ин дафъа баракат дода, аз нав кишт кунад. Вақте ки мо дар дафтари кории ман нишаста будем, ӯ тухмии худро тайёр мекард, ва ман дидам, ки ӯ ба оҳуи шохаш шашнавдагӣ кишт мекунад. Ман фикр кардам, ки ин дархости хеле боҷуръатона ва мушаххас аст.

Субҳи дигар Тим ба назди ҳамон дарахт рафт, ки ман ба наздикӣ истифода бурда будам. Ӯ ҳамон чиро аз сар гузаронид, ки ман гузаронида будам. Пеш аз дамидани субҳ оҳу ба назди дарахт омад ва то дамидани равшанӣ ҳамту дар гирди он тоб хӯрдан гирифт. Тим тир андохт, ва ба назараш ӯ хеле аниқ ба нишон расид. Мутаассифона, оҳу гурехт, ва гарчанде мо онро ду соат ҷустуҷӯ кардем, онро наёфтем. Мутааҷҷибона, дертар ҳамон рӯз дӯсти мо, ки дар масофаи се-чор мил дуртар аз мо зиндагӣ мекунад, ба мо нақл кард, ки ҳамсояи ӯ саҳарӣ бархоста, дар пайроҳаи даромади хона оҳуи мурдаи шохаш шашнавдагиро дид. Дар вай тири камон ҷо шуда буд. Хонаи ин ҳамсоя маҳз дар ҳамон самте аз ҷангали мо ҷойгир шуда буд, ки оҳу ба он ҷо гурехта буд. Дӯсти ман гуфт, ки ҳамсояи ӯ бехабар аз он, ки оҳуро кӣ парронид, худаш онро ҳамон субҳ пӯст канд. Воқеаи аз ақл берун аст, розӣ ҳастам, аммо ибратбахш.

**Вақте ки тухмӣ кишт мекунед, онро баракат диҳед, чуноне ки Исо ин тавр мекард.**

Дарвоқеа, Тим тухмии нав кишт кард ва ҳафтаи дигар рафта, оҳуи худро ба даст овард.

## Вақте ки сухан мегӯед, мушаххас бошед

Ман медонам, ки оҳуи шохаш шашнавдагӣ – ин хеле мушаххас, аммо, тавре ки мо фаҳмидем, Подшоҳии Худо низ мушаххас аст! Барои боварӣ ҳосил кардан ба табиат нигоҳ кунед.

*Зеро ки моҳияти нонамоёни Ӯ, яъне қуввати ҷовидонӣ ва Илоҳияти Ӯ, аз хилқати олам ба воситаи дидани офаридаҳояш ба назар намоён аст, бинобар ин онҳо ҳеҷ узре надоранд.*

– Румиён 1:20

Китоби Муқаддас мегӯяд, ки сифатҳои нонамоёни Худо дар табиат пайгирӣ карда мешаванд. Иҷозат диҳед, ки ба шумо як савол диҳам: “Табиат то чӣ андоза ҷузъӣ кунонида шудааст?” Ба таври фавқулодда ҷузъӣ кунонида шудааст! Агар ман ба шумо мегуфтам, ки ман мошин харидан мехоҳам, саволи дигари шумо чунин мебуд: “Чӣ гуна мошин?”, дуруст? Вақте ки ман “мошин” мегӯям, шумо ягон мошини абстрактро тасаввур карда наметавонед. Шумо мошини мушаххасро тасаввур карда метавонед, масалан “форд” ё “шевролет”, мошини модели муайян ва ранги муайянро. Бо шунидани калимаи “мошин” тасвири номуайян ба назар намеояд: ин доимо мошини мушаххас аст. Дар дуоҳои мо низ ҳама чиз бояд мушаххас бошад.

Оё шумо боре ҳуҷҷатҳои юридикиро хондаед? Боварӣ дорам, ки хондаед. Онҳо хеле муфассал мебошанд. Аз ин рӯ, он чизе, ки шумо бо сухан ифода мекунед, ҳамон қадар дақиқ аст, ҳатто шумо инро нахоҳед ҳам. Нигоҳ кунед, ки Исо чӣ тавр хизмат мекард. Ӯ аҳамияти суханро дарк мекард.

*Вақте ки Ӯ аз кӯҳ фуромад, мардуми бисёре аз паи Ӯ равона шуданд. Ва инак, махавие наздик омада, назди Ӯ зону зад ва гуфт: “Худовандо! Агар хоҳӣ, метавонӣ маро пок кунӣ”.*

*Ва Исо дасти Худро дароз карда, вайро ламс намуд ва гуфт: “Мехоҳам, пок шав”. Ва дарҳол вай аз махав пок шуд.*

– Матто 8:1-3

Диққат кунед, то даме ки Исо нагуфт: “Пок шав!”, чизе рӯй надод.

*Ва чун дар соҳили дигар ба сарзамини ҷарҷасиён расид, ду девона аз мағоки гӯрҳо берун омада, ба Ӯ рӯ ба рӯ шуданд, ва чунон бадхашм буданд, ки ҳеҷ кас ҷуръат надошт аз он роҳ бигзарад. Ва инак, онҳо фарёд зада, гуфтанд: "Туро бо мо чӣ кор аст, эй Исо, Писари Худо? Ту ба ин ҷо омадаӣ, то ки моро пеш аз вақт азоб диҳӣ!"*

*Ва дар ҷои аз онҳо дуртаре галаи бузурги хукон мечарид. Ва девҳо аз Ӯ илтимос карда, гуфтанд: "Агар моро берун кунӣ, ба галаи хукон моро равона кун".*

*Ба онҳо гуфт: "Биравед". Ва онҳо берун шуда, ба галаи хукон даромаданд. Ва инак, тамоми галаи хукон аз баландӣ ба баҳр ҷаста, дар об ғарқ шуд.*

– Матто 8:28-32

Диққат диҳед, ки девҳо бо Исо гап мезаданд ва намегурехтанд! Онҳо воқеан гап мезаданд! Девҳо танҳо ҳамон лаҳза гурехтанд, ки Исо гуфт: "Биравед!" Шумо шахсони муҳим ҳастед, шумо дорои калидҳо мебошед, вале шумо бояд ҳарф занед! Чизе бигӯед. Такрор мекунам, Подшоҳӣ – ин Подшоҳии қонунҳо бо тақсими дурусти қудрат. Суханони шумо муҳим мебошанд!

**ШУМО ШАХСОНИ МУҲИМ ҲАСТЕД, ШУМО ДОРОИ КАЛИДҲО МЕБОШЕД, ВАЛЕ ШУМО БОЯД ҲАРФ ЗАНЕД!**

Пеш аз он ки давом диҳем, биёед ба хотир меорем, ки чиро мо ёд гирифтем. Вақте ки Исо нон ва моҳиро баракат дод, онҳо подшоҳиро тағйир доданд. Ва, ба мисли Исо, шумо ба тухмии худ дастур медиҳед, вақте ки онро ба кор меандозед. Вақте ки тухмиро ба кор меандозед, шумо дидани чиро интизор мешавед? Ба ҳар як тухмӣ ягон тасвир илова карда мешавад. Ҳар як ваъда низ тасвири худро дорад. Мо дар ин бора баъдтар сӯҳбат мекунем,

аммо саволи навбатӣ, ки ман муҳокима кардан мехоҳам, – ин аст, ки дар куҷо шумо бояд тухмӣ кишт кунед.

## Дар куҷо тухмӣ бояд кишт кард?

Тахмин карда метавонам, ки пеш аз ҳама шумо ба Подшоҳии Худо барои чизҳои заминӣ тухмӣ кишт кардан мехоҳед. Диққат диҳед, ки гап дар бораи тарзи ҳаёти муқаррарии шумо, яъне оиди саховатмандӣ ба мӯҳтоҷон намеравад.

> *Касе ки ба бенаво марҳамат кунад, ба Худованд қарз медиҳад, ва Ӯ мукофоти некии варо ба вай адо мекунад.*
>
> – Масалҳо 19:17

Ин рост аст. Вақте ки шумо саховатмандӣ зоҳир мекунед, Худо ба шумо мукофот медиҳад!

> *Хуллас, касе ки хасисона мекорад, вай хасисона дарав мекунад, ва касе ки саховатмандона мекорад, вай саховатмандона дарав мекунад. Бигзор ҳар кас ба дилхоҳи худ бидиҳад, на бо ғамгинӣ ва на ба таври маҷбурӣ; зеро Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад. Ва Худо қодир аст ҳар гуна файзро дар шумо афзун кунад, то ки шумо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ба қадри кофӣ қонеъ буда, барои ҳар кори хайр афзунӣ зоҳир намоед, чунон ки навишта шудааст: "Исроф намудааст: ба мискинон тақсим карда додааст; кори хайраш то абад қоим аст".*
>
> *Ва Он ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, **кишти шуморо фаровон ва самари кори хайри шуморо афзун хоҳад кард, то ки шумо дар ҳар чиз барои ҳар гуна саховат бой гардед,** ки он ба воситаи мо шукри Худоро ба амал меоварад.*
>
> *Зеро ба ҷо овардани ин хизмат на танҳо норасогии муқаддасонро пур мекунад, балки **шукри Худоро** низ*

*бениҳоят афзун мегардонад; зеро ки, дар натиҷаи ин хизмат,* ***онҳо Худоро ҳамду сано мехонанд*** *барои итоати шумо ба Инҷиле ки пайравӣ менамоед, ва барои ҳиммати шумо* ***дар ширкате ки бо онҳо*** *ва бо ҳама* ***доред****, ва онҳо дар дуое ки дар ҳаққи шумо мегӯянд, барои файзи Худо, ки дар шумо фаровон аст, иштиёқманди шумо мебошанд. Худоро шукр бод барои бахшоиши молокаломи Ӯ!*

– 2 Қӯринтиён 9:6-15

Албатта, Худо ба онҳое мукофот медиҳад, ки саховатманд ҳастанд. Аммо он намуди хайрот, ки ман мегӯям, – ин *хайроти мақсаднок бо мақсади мушаххас*. Дар ёд доред, ман ба тухмии худ бо ҳамон намуди хайрот ном мегузорам, ки мегӯям. Саховатмандӣ – ин амали раҳмдилӣ, ва ман одатан саховатмандии худро хайрия наменомам, балки аниқтараш, он чиро ки худи ҳозир мо дар Номаи дуюм ба Қӯринтиён хондем, тасдиқ мекунам, ки Худо ба ман тухмии саховатманд буданро медиҳад, ва агар ман саховатманд буданро давом диҳам, Ӯ сарвати маро зиёд мекунад, то ки ман бештар хайр кунам.

## Хайроти мақсаднок

Ман аллакай ёдрас кардам, ки вақте тухмӣ мекорам, дар он иштирок мекунам, ки ман хайроти мақсаднок меномам. Ва боз ин хайрот мақсади мушаххас дорад. Исо дар боби 6-уми Инҷили Марқӯс маҳз ҳамин тавр рафтор кард. Ӯ бо як мӯҳтоҷии мушаххас рӯ ба рӯ шуд ва ба ҷавоби мушаххас эҳтиёҷ дошт. Ба Вай ғизое лозим буд, ки 20 000 одамро сер кунад, ва барои ҳамин ба Ӯ барои кор тухмии мушаххасе лозим буд. Дар ин ҳолат Ӯ тухмӣ накошт, Ӯ онро гирифт. Ва ин интихоби озод оиди ҳар чиро ки хоҳед, бидиҳед, набуд. Ӯ бояд касеро пайдо мекард, ки тухмии мушаххас мекошт, то он дар дастони Худо афзун шавад. Ана барои ҳамин Ӯ гуфт: “Рафта, бинед, ки чӣ қадар нон доред”. Нон ва моҳӣ

– ана ҳамин чиз ба Ӯ он лаҳза лозим буд, на ҳезум ё хилъат, балки маҳз нон ва моҳӣ.

Вақте ки кишт мекунед, дилпур бошед, ки шумо дастур медиҳед, то эҳтиёҷи мушаххаси худро қонеъ гардонед. Агар ба ман ягон чизи муайян лозим шавад, онро аниқ тасаввур карда, ва ба тухмии худ ҳангоми кишт кардан ном гузошта, ман одатан маҳз ҳамин тавр рафтор мекунам. Вақте ки ман қурбонӣ мекунам, одатан онро ба воситаи чек ё онлайн-бонк ба ҷо меорам. Дар ҳолати аввал ман воқеан ин номро дар чек менависам. Дар мавриди қурбонӣ бо онлайн-бонк – ман дар сабтҳои худ он чиро, ки медиҳам, қайд мекунам, дастуреро, ки ба ин хайрот мансуб аст, ва ҳам сана ва вақти онро баён месозам. Дар ёд доред, шумо он чиро, ки дар бораaш дуо кардаед ё талаб намудаед, интизор намешавед, ки дар оянда бигиред, шумо онро воқеан дар лаҳзаи дуо кардан мегиред!

*Бинобар ин ба шумо мегӯям: ҳар чӣ дар дуо хоҳиш мекунед, яқин бидонед, ки онро пайдо хоҳед кард, — ва ба шумо ато хоҳад шуд.*

– Марқӯс 11:24

Ин қурбониҳои мақсаднок ба корҳои Подшоҳӣ кишт карда мешаванд, ба он коре, ки Худо дар подшоҳии заминӣ ба ҷо меорад. Одатан ин хидмате аст, ки Худо ба мард ё зан супориш медиҳад, ва барои он маблағгузорӣ лозим аст. Боз он аз кӯмаки муқарарӣ ба камбағалон ё мӯҳтоҷон, ки, албатта, ҳамчунин ба нақшаи Худо шомил аст, фарқ мекунад, ва Худо барои ин навъи қурбонӣ хеле возеҳ мукофот муайян мекунад. Албатта, шумо дар калисои маҳаллии худатон ба ин гуна қурбонӣ кишт карда метавонед, ва дар асл қисми зиёди қурбониҳои мақсадноки шумо бояд ба калисои маҳаллии шумо равона карда шавад.

Дар мавриди калисое, ки шумо дар он рӯҳан камол ёфтаед,

гуфта метавонем, ки даҳяки шумо низ ба калисои маҳаллии шумо тааллуқ дорад. Бисёр одамон аз ман мепурсанд, ки оё онҳо даҳяки худро ба хидматгузории мо дода метавонанд ё не, агар онҳо узви онлайн-калисои мо бошанд. Ман ба онҳо ҷавоб медиҳам: "Албатта, метавонед". Вале ман ҳамчунин онҳоро даъват мекунам, ки дар ноҳияи худ калисои калони маҳаллӣ пайдо кунанд. Аммо агар мо калисои хонагии асосии онҳо бошем, пас бале, онҳо даҳяки худро ба мо дода метавонанд. Аммо ман ҳамчун шубон медонам, ки агар одамон имондорони калисои хуби маҳаллӣ бошанд, беҳтар ва зудтар ба камол расида метавонанд. Аз дигар ҷиҳат, агар шумо ба калисое равуо мекунед, ки шубҳа ва беимониро таълим медиҳад – лозим нест, ки ба он ташриф оред.

Бинобар ин, дар робита бо кишт дар таъинот, шумо бояд дар ризоият ба ягон шахси мушаххас ё ба миссия, ки имонро дарк мекунад ва медонад, ки ризоият чӣ аст, кишт кунед. Аз онҳое эҳтиёт шавед, ки мегӯянд: "Агар шумо кишт накунед, мо хароб мешавем". Дар ин ақида имон вуҷуд надорад. Китоби Муқаддас аниқ мегӯяд, ки аз рӯи маҷбурӣ кишт кардан дуруст нест. Агар касе аз мардон ё занони Худо шуморо барои он, ки кишт намекунед, хиҷолат мекунад, ё ба шумо фишор меорад, пас, беҳтар аст, ки пули худро нигоҳ доред. Имон маҷбур намекунад.

Агар шумо кишт кардан хоҳед, аммо надонед, ки ба кадом ҷои мушаххас пул додан дуруст аст, пас ба он коре, кишт кунед, ки, ба фикри шумо, натиҷабахш аст ва ба он чизе, ки Худо мегӯяд, бо имон рафтор карданро таълим медиҳад. Ҳеҷ гоҳ ба калисое кишт накунед, ки мегӯяд, ё ин гуна сафсатаро таълим медиҳад, ки Худо одамонро мекушад ё ба саратон гирифтор мекунад, то ба онҳо ягон чизро ёд диҳад. Аммо ба хидматгузорие кишт кунед, ки Каломи Худоро таълим медиҳад.

Ғайр аз ин, дар лаҳзаи қурбонӣ тавба кардан ва ба кишти худ гуфтани суханони баракатро фаромӯш накунед. Ман ва Дренда аз

ҳамон рӯзе, ки Худованд ба ман ҳамон соли аввал чӣ тавр шикор кардани оҳуро нишон дод, ҳамин тавр мекунем. Албатта, соле буд, ки дар борааш ман дар ин боб нақл кардам, вақте ба тухмии худ суханони баракат нагуфтам, шумо медонед, ки оқибаташ чӣ шуд. Дар давоми солҳои зиёд мо ба тухмиҳои худ дуо накардем, дар ин бора андеша накардем ва ҳатто надонистем, ки ин қисми муҳими киштан аст. Ман гумон мекардам, ки додан худ аз худ – ин ҳама чизе, ки лозим аст, то хайроти ман ба юрисдиксияи Подшоҳии Худо гузарад, ва воқеан ҳамин тавр ҳам ҳаст. Аммо бе дастури аниқ тамаркуз ҳам нест, ҳосили хуб ҳам ба даст намеояд; ва агар шумо ҳосили мушаххасро надонед, он гоҳ мавсими ғунучинро аз даст медиҳед.

Ман ҳангоми шикори оҳуҳо бисёр сабақ гирифтаам, ва дар хотимаи ин боб оиди имонро ба кор андохтан боз як ҳикояро илова кардан мехоҳам.

Пас аз он ки ман бо имон шикор карданро ёд гирифтам, ҳамагӣ якчанд сол гузашт, ва бо кадом-як сабабе ман қарор кардам, ки имсол тухмӣ кишт намекунам. Ман дар ин бора ба ҳамсарам ҳарфе нагуфтам, ва вақте ки мавсими шикор фаро мерасид, ман ҳамту мавзӯи кишт ё дуоро оиди оҳуҳо ба миён нагузоштам. Вақте ман он чиро ки Худо ба ман таълим дод, истифода бурдам, дар ду соли қаблӣ шикори оҳуҳо бароям ба саргузаштҳои аҷибе табдил ёфт. Аммо ман сабаби онро аз он донистам, ки ҳамаи ин чиз барои ман нав буд. Ва ман ҳамту ҳис кардам, ки ба оҳуҳои шахсии худам имони ман басанда аст ва ба ман лозим нест, ки раванди ба кор андохтани имони худро иҷро кунам. Ба ҳар ҳол, шумо пайхас карда метавонед, ки чӣ рӯй дод.

Субҳи рӯзи аввали шикор ман, зоҳиран, дар масофаи сесад метр дуртар аз худ оҳуи давидаистодаро дидам, ва ҳамааш бо ҳамин тамом шуд. Шикори бегоҳирӯзӣ низ бебарор буд. Вақте ки ман дар рӯзи кушода шудани мавсим бо дастони холӣ ба хона

омадам, ба назди Дренда як дугонааш ба меҳмонӣ омада буд, ва ман гуфтам, ки шикори оҳуҳо хуб пеш намеравад. Дренда гуфт: "Вақте ки ту рафтӣ, ман дар ин бора фикр кардам". Чӣ илоҷ, ман ба иштибоҳи худ иқрор шудам ва аз онҳо хоҳиш кардам, ки оё бо ман дар ин бора дуо кардан мехоҳанд. Ман чек навиштам, онро барои оҳу кишт кардам, вале ҷинси аниқро ишора накардам. Ҳамаи мо ба он даст гузошта, дуо кардем ва он оҳуро мувофиқи имон ба даст овардем.

Рӯзи дигар ман саҳарӣ ба шикор баромада натавонистам, аз ин рӯ дар бегоҳирӯзӣ рафтам. Ман дар қитъаи замин ба як дарахти калони заранг, ки, ба фикрам, камингоҳи хуб буда метавонист, нигоҳ кардам ва маҳз ба ҳамон самт рафтам. Барои моҳи декабр бегоҳирӯзӣ хеле гарм буд, агар дуруст дар ёд дошта бошам, тақрибан 20 дараҷа буд, ва каме шамол мевазид. Ҳамагӣ пас аз чанд дақиқа пас аз сар кардани шикори бегоҳирӯзӣ аз ҷангал як оҳуи калони модина баромад ва ба мазраае, ки дар мобайни он дарахти заранг месабзид, равона шуд. Модина ба тарафи ман паҳлӯнокӣ меистод, ки ин барои нишонгирӣ ба ман имкони хуберо фароҳам меовард. Вазъиятро санҷида, ман фаҳмидам, ки оҳу дар масофаи ҳамагӣ ҳафтод метр дуртар аз ман истодааст, ва ба масофаи тирандозӣ каме дилпур набудам, чунки туфанги суфтамили калибраш 12-ро истифода мебурдам. Вале ман бодиққат ба нишон гирифтам, тир андохтам, ва модина аз по афтод. Ман аз ин нишонгирӣ хеле хурсанд будам. Ман дар вақти дамидани торикӣ ба хона омадам, ва дугонаи Дренда ба назди мо баргашта омад, ва ҳамаи мо аз қонунҳои Подшоҳӣ шодӣ кардем, ва дар айни замон ман ҳис кардам, ки сабақе бардоштам.

Дар ин боб мо принсипи дуюми аз Подшоҳӣ гирифтанро дида баромадем.

## Қадами № 2. Тухмии худро ба Подшоҳии Худо кишт кунед

Мо донистем, ки вақте мо ба Подшоҳии Худо тухмӣ мекорем, он подшоҳиро дигар мекунад. Мо ҳамчунин муҳокима кардем, ки чӣ тавр тухмиро ба кор меандозем: *бо суханон* ва *дастур*. Боз ба якчанд лаҳзаҳое диққат кунед, ки мо бояд барои оянда дар хотир дошта бошем.

1. Мо метавонем ба пул ном гузорем.
2. Мо метавонем ба мӯҳтоҷии мушаххас кишт кунем.
3. Мо ба даҳяк ном гузошта наметавонем.
4. Хайрот ё қурбонӣ формула нест, он бояд бо имон анҷом дода шавад.
5. Хайроти мушаххас натиҷаи мушаххас меорад.

**Мо бо суханон тухмиро ба кор меандозем.**

## БОБИ 6

# ИМОН – ИН КАЛИД

Пас аз якчанд соли таъсиси калисоямон ман бо мошин ба хона мерафтам ва аллакай қариб дар пайроҳаи фермаи кӯҳна будам, ки дар пеш чароғҳои милтосзанандаи мошини полисро дидам. Ман гумон кардам, ки касеро барои суръати баланди ҳаракат боздоштаанд, ҳеҷ чизи махсус нест. Вақте ки ман суръати ҳаракатро суст кардам, мошинеро дидам, ки дар назди мошини полис буд, оҳиста ба ҳаракат даромада, ба пеш равона мешавад. Вақте ки ман бо мошини полис баробар шуда, бозистодам, то ки ба вай роҳ диҳам, чизе диққати маро ҷалб намуд. Дар канори роҳ оҳуи зебои шохаш ҳаштнавдагӣ мехобид. Ман фавран фаҳмидам, ки чӣ рӯй додааст. Онро мошине, ки ба пеш ҳаракат карда рафтанашро ман дидам, задааст.

Ман рост дар назди оҳу бозистодам, ва ба мошини полис баргашта, аз афсар пурсидам, ки ӯ бо он чӣ кор кардан мехоҳад. Азбаски пайроҳаи ман ҳамагӣ дар масофаи сесаду панҷоҳ метр аз роҳ буд ва ман бояд ба кӯдаконам ғизо медодам, аз вай пурсидам, ки оё ман оҳуро ба худ гирифта метавонам. Марди полис, зоҳиран, хушҳол шуд, ки касе онро гирифтан мехоҳад. Ӯ номи ман ва суроғаи маро қайд кард ва барои оҳу ба ман хатчӯб дод.

Пеш аз хайрухуш кардан, ӯ гуфт, ки дар роҳҳои онҳо ҳамеша оҳуҳоро бо мошин мезананд, ва агар шавқ дошта бошам, дар ҳолати пайдо кардани оҳуи дар роҳ задашуда, ки ба он ҳеҷ каси дигар иддао намекунад, ӯ номи маро ба рӯйхати тамосҳо барои

занг задан дохил мекунад. Ман фикр кардам, ки ин хеле хуб мебуд. Саршавии тирамоҳ буд, ва ман ҳанӯз ба шикор набаромада будам. Ин пеш аз он буд, ки ман бо камон шикор мекардам, ва мавсими шикор бо туфанг танҳо дар ҳафтаи аввали моҳи декабр сар мешуд, аз ин рӯ ман фикр кардам, ки ягон миқдор захираи гӯшти оҳу доштан хеле олӣ хоҳад буд. Пас аз гузашти андаке вақт ба ман аз идораи полис занг заданд ва дар бораи оҳуи дигар хабар доданд. Ҳамин тавр ман аллакай пеш аз саршавии мавсими шикор бо туфанг чор ё панҷ сар оҳуро пӯст кандам. Шумораи дақиқро дар ёд надорам, вале медонам, ки онҳо аз чор сар кам набуданд. Дар натиҷа то кушодашавии мавсим яхдони ман аз гӯшт пур шуда буд.

Аҷиб буд, ки Дренда барои як ҳафта аз шаҳр рафтанӣ буд. Дар ёд надорам, ки чаро ӯ мерафт, вале медонам, ки ин – ҷудо будан, ва ба замми он як ҳафтаи пурра, барои мо ғайримуқаррарӣ буд. Бинобар ин ман бо ӯ дар бораи шикори оҳуҳо дуо накардам ва ҳатто тухмӣ накоштам. Эҳтимол, ман фикр кардам, ки барои ман фарқ надорад, ки шикорам бобарор мешавад ё не, чунки яхдонам пур буд. Аммо ман ба шикор баромадам, метавонед дилпур бошед. Хулоса, ман дар мавсими шикор тамоми ҳафта шикор кардам ва ҳатто боре ҳам тир напарронидам. Вақте ки Дренда ба хона баргашт, вай ба ман хотиррасон кард, ки Худо дар робита бо коштани тухмӣ ва дуои якҷоя чиро таълим додааст, то ки оҳуҳои худро ба даст орем.

Соли навбатӣ фаро расид, ва ин дафъа ман иштибоҳи худро такрор кардан намехостам. Гарчанде дар мавриди оҳуҳои дар роҳ задашуда як-ду бор ба ман аз идораи полис занг заданд, ман фикр кардам, ки танҳо яктоашро мегирам, зеро ба нақша гирифта будам, ки қисми зиёди гӯшти оҳуро дар шикор ба даст орам. Ин дафъа мо бо Дренда тухмӣ коштем ва вақте ки онро ба кор андохтем, дуо кардем, то ки оҳуи наринаи худро бигирем. Мо ҳаҷми онро муайян накардем, ҳамту оҳу. Ман саҳариҳо ба шикор баромада натавонистам, вале бесаброна бегоҳирӯзиҳоро интизор мешудам. Бо таассуф бояд ба шумо хабар диҳам, ки боз ҳам оҳуҳо

дида намешуданд. Вақте ки ман дар ҷангал беҳуда нишаста, ба хона бармегаштам, безобита будам.

Вақте ки ман барои хӯроки шом нишастам, телефон занг зад. Ин занг аз идораи полис буд. Ман пурсидам, ки онро дар куҷо заданд, ва ба ман суроғаро гуфтанд. Ман ба гӯшҳои худ бовар карда наметавонистам. “Оё метавонед, ки бори дигар суроғаро ёдрас кунед?” – пурсидам ман. Ба ман суроғаро такроран гуфтанд, ва ман фаҳмидам, ки ин суроғаи шахсии ман буд! Ман дар ҳайрат мондам. Ман ба назди тиреза омада, дидам, ки дар охири пайроҳаи хонаи ман чароғаки сурх милт-милт мекард, аз ин рӯ ман ба онҳо гуфтам, ки ҳозир мебароям. Пайроҳаи хонаи мо дар масофаи сесад метр аз роҳ аст, ва ман дар ёд дорам, ки ин масофаро қариб бо нобоварии пурра тай кардам. Вақте ки ман ба назди оҳу омадам, дидам, ки ин оҳуи калони яксолаи сифаташ аъло буд. Ман якчанд ҳуҷҷатҳоро имзо кардам, ба афсар миннатдорӣ баён намудам, ва сипас оҳуро бо пайроҳаи хона ба анбор кашола карда овардам. Оё ман ба ҳайрат афтодам? Хеле сахт! Ман дигар то моҳи сентябр ё октябри соли оянда шикори оҳуҳоро ба хотир наовардам.

## Сарчашмаи мо куҷост?

Ҳоло аллакай дар хотир надорам, ки ин кадом моҳ буд, аммо ман дар қитъаи замини худ машғули давидан будам, тавре ки баъзе вақт барои машқи ҷисмонӣ инро анҷом медодам. Дар вақти давиш ман дар бораи он дуо кардам, ки дар ду соли охир чӣ рӯй дод. Ман ҳамту ҳеҷ чизро дарк намекардам. Ногаҳон суханони “рӯйхати полис” хеле равшан ба ёдам расиданд. Оё Худо ба ман чизе гуфтан мехост? Сипас ман фаҳмидам, ки боварии ман на дар асоси Каломи Худо ё Подшоҳии Ӯ буд. Он ба рӯйхати полис асос ёфта буд! Ман медонистам, ки агар худи ман оҳу ба даст наорам, пас онро рӯйхати идораи полис ба амал меорад.

Он гоҳ ман ҳамчунин фаҳмидам, ки барои чӣ соли гузашта

оҳуи худро дар охири пайроҳаи хонаи худ гирифтам, на дар охири мили туфанги худ. Дар асл имони ман ба рӯйхати полис такя мекард. Вақте ки мо бо Дренда ҳамон сол кишт кардем, то оҳу ба даст орем, он нахустин бор дар вақташ пайдо шуд, аммо на дар ҷои худ, ё ба ҳар ҳол дар он ҷо? Вақте ки Рӯҳулқудс инро ба ман равшан фаҳмонида дод, қалбам аз шукргузорӣ пур шуд. Ман фаҳмидам, ки оҳу маҳз дар ҳамон ҷо пайдо шуд, ки имонам дар он ҷо буд, – дар рӯйхати полис. Ҳамон лаҳза ки ман инро фаҳмидам, ба идораи полис занг задам ва номи худро аз рӯйхат баровардам. Ман фаҳмидам, ки нақшаи эҳтиётӣ – ана ин аст нақшаи ҳаққонии ту! Аз ҳамон вақт инҷониб ҳар вақте ки ман ба шикор мебароям, оҳуҳоро мебинам.

Вале дилҳои мо чӣ қадар фиребо ҳастанд. Боварии мо ин қадар осон ба чизҳои табиӣ мубаддал мешаванд. Ин чизе аст, ки мо бояд донем ва доимо аз он бохабар бошем. Имон ба нақшаи эҳтиётӣ эҳтиёҷ надорад. Ман то ҳол аз он дар ҳайрат мемонам, ки чӣ тавр ҳамон рӯз ин оҳу дар охири пайроҳаи хонаи ман пайдо шуд, гарчанде имони ман воқеан ба рӯйхати полис вобаста шуда буд. Ва ин манро ба принсипи сеюм меорад, ки Худо ба ман нишон дод.

## Қадами №3. Тухмии худро ба кор андозед, вақте ки дар имон ҳастед!

Тавре ки мо пештар дидем, вақте ки шогирдон аз бачаи девона рӯҳи палидро ихроҷ карда натавонистанд, ин масъалаи муҳим аст. Исо гуфт, ки ин аз сабаби беимонӣ ё сустии имони онҳо рӯй дод. Дар бораи он ки имон чӣ аст ва чӣ тавр онро метавон пайдо кард, мо пештар гуфтем, аммо хеле зарур аст, ки омӯзем, то муайян карда тавонем, ки дар шумо имон ҳаст ё нест. Бинобар ин иҷозат диҳед, то ба шумо санҷишеро пешниҳод кунам, ки шумо мустақилона гузаронида метавонед, то бифаҳмед, ки оё шумо воқеан имон доред ё не. Агар шумо чашмонатонро пӯшед, чиро мебинед?

*Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳоест, ки мо ба онҳо умед мебандем, ва боварӣ ба чизҳоест, ки намоён нестанд.*

– Ибриён 11:1

Имон эътиқоди қавӣ ба чизҳое аст, ки мо ба онҳо умед мебандем. Чизҳое, ки мо интизор ҳастем, тасвире доранд. Агар ман ба шумо яхмос ваъда кунам, шумо фавран ба худ яхмосро тасаввур мекардед. Агар шумо бовар мекардед, ки ман ба ваъдаи худ вафо мекунам ва барои пардохт кардани нархи он пул дорам, шумо худро бо ин яхмос тасаввур мекардед ва гирифтани онро бесаброна интизор мешудед.

Айни ҳамин чиз нисбат ба Каломи Худо низ дуруст аст. Вақте ки шумо ба ваъдаи Худо боварӣ доред ва пурра мӯътақид ҳастед, ки Худо барои иҷро кардани ваъдаи Худ имконияту воситаҳои Худро дорад, шумо худро бо чизи ваъдашуда тасаввур мекунед. Ҳатто дар он лаҳза чизи ваъдашударо бо худ надошта бошед ҳам, чунон рафтор мекунед, ки гӯё онро аллакай доред, чунки ба ким-кадом як маъное онро доред. Ваъда ҳаққонӣ аст, ният ҳаққонӣ аст, ва он чиз аз они шумост. Инак, имон ҳангоми эътимоди комил ба ният ва қудрати Худо барои шумо иҷроиши ваъда ба ҳисоб меравад. Он ҳамчунин ба чизе, ки намоён нест, боварӣ мебахшад.

**ВАҚТЕ КИ ШУМО БА ВАЪДАИ ХУДО БОВАРӢ ДОРЕД ВА ПУРРА МӮЪТАҚИД ҲАСТЕД, КИ ХУДО БАРОИ ИҶРО КАРДАНИ ВАЪДАИ ХУД ИМКОНИЯТУ ВОСИТАҲОИ ХУДРО ДОРАД, ШУМО ХУДРО БО ЧИЗИ ВАЪДАШУДА ТАСАВВУР МЕКУНЕД.**

Шумо ҳанӯз бояд чекро ба пули нақд табдил диҳед, ки ин раванди юридикӣ мебошад, ва он дар фазои рӯҳонӣ, чуноне ки дар фазоӣ ҷисмонӣ аст, ба кор бурда мешавад. Аз ин рӯ, вақте ман мегӯям, ки “Чашмонатонро пӯшед. Шумо чиро мебинед?”, ман чунин гуфтан

мехоҳам. Агар шумо он чизро, ки ба он эҳтиёҷ доред, набинед, шумо онро ба даст оварда наметавонед. Иҷозат диҳед, то инро бо як мисоли содда фаҳмонам. Агар шумо чашмонатонро пӯшед ва худро бо ваъда тасаввур накунед, шумо дар имон нестед. Агар шумо бемор бошед, вале чашмонатонро пӯшида, худро солим, яъне бе тарс, вале бо эътимоди комил тасаввур кунед, ки шифо ёфтаед, – ин имон аст. Аммо агар шумо чашмонатонро пӯшида, ҳанӯз ҳам худро ҳамчун беморе тасаввур кунед, ки интизори шифо аст, пас шумо дар имон нестед. Агар ба шумо пул лозим бошад, ва ба ваъдаи Худо боварӣ дошта бошед, шумо дигар дар бораи пул ташвиш намекашед, балки худро бо таъминоти зарурӣ тасаввур мекунед.

## Тарс – ин баръакси имон

Дар баробари ин гуна боварӣ тарс вуҷуд дошта наметавонад. Агар шумо ҳанӯз ҳам оиди натиҷа асабонӣ мешавед, пас, шумо дар имон нестед. Дар мавриди имон, шумо бояд чӣ тавр муайян кардани онро, ки дар имон ҳастед ё не, донед. Агар дар имон набошед, қарорҳои муҳим қабул кардан дуруст нест, чунки агар шумо дар имон набошед, пас шумо дар ҳарос ҳастед. Тарсу ҳарос доимо маънои руҷӯъ ба бехатарӣ ва беимониро дорад. Ана барои чӣ ман гуфтам, ки вақте дар имон ҳастед, доимо тухмӣ кишт кардан лозим аст. Ҳамту ҷараёни қурбониро иҷрокунон онро набояд аз рӯи формула кишт кард, чунки ин ҳеҷ фоида надорад. Бояд ба он бовар кард, ки Худо чӣ мегӯяд, то, вақте ки шумо чашмони худро мепӯшед, танҳо худро ва ин ваъдаро бубинед. Шумо аллакай онро доред, ва соҳиби он мебошед, ва он аз они шумост, ва ҳама гуна изтиробҳо ба оромӣ мубаддал мешавад.

> *Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед, ва осоиштагии Худо, ки аз ҳар хирад болотар аст, дилҳои шумо ва фикрҳои шуморо дар Исои Масеҳ нигоҳ хоҳад дошт.*
>
> – Филиппиён 4:6, 7

Вақте ки шумо дар имон мемонед, оромие фаро мерасад, ки на дар вазъиятҳо асос ёфтааст, балки дар ваъда. Ҳамчунин, шаҳодати имон ин қобилияти шумо дар суди рӯҳонӣ барои ҳимоят кардани худ аст. Азбаски имон дар Каломи Худо асос ёфтааст, шумо бояд донед, ки барои чӣ ба он чизе, ки бовар доред, бовар мекунед. Тасаввур кунед, ки шумо дар толори суд қарор доред ва адвокат ҳастед. Прокурор изҳор мекунад, ки мизоҷи шумо дар хонаи мизоҷи ӯ ғайриқонунӣ зиндагӣ мекунад, ва арз мекунад, ки дар асл хона ба мизоҷи шумо мутааллиқ нест, балки моликияти мизоҷи ӯ мебошад. Шумо чӣ кор мекунед? Шумо изҳори таассуф мекунед ва мегӯед, ки мизоҷи шумо фавран хонаро тарк мекунад? Агар шумо ҳуҷҷати қонунӣ дошта бошед, тарс ба боварӣ табдил меёбад, ва шумо ба суд мегӯед, ки вай ин фиребгаронро аз толори суд фавран бадар ронад. Имон маҳз ҳамин тавр кор мекунад. Ин донистани ҳақиқат аст, ин бовариест, ки қариб ҳавобаландона ба назар мерасад. Пас шумо мавқеи худро ҳимоя карда метавонед?

Боре Соро тасодуфан ба калисои мо омад, ва намедонист, ки ба куҷо омад, чунки ба шаҳри нав омада буд, ва ӯ бо шавҳараш ҳамту дар шаҳр чарх мезад. Онҳоро ба Колумбус кӯчониданд, ва онҳо дуо карданд, ки калисо пайдо кунанд. Вақте ки онҳо дар шаҳр мошинсавор мерафтанд, ба тарафи бинои калисои мо тоб хӯрданд ва қарор карданд, ки як даромада бинанд. Дар натиҷа онҳо дар калисои мо монданд.

Соро тамоми умр аз бемории астма азоб мекашид. Аз бачагӣ ӯ дар беморхонаҳо мехобид ва асири ин беморӣ буд. Ӯ аз вазъиятҳои муайяне, ки бемориашро ба хурӯҷ меовард, канораҷӯӣ намуданро ёд гирифта буд, ва ба ҳар ҷое, ки мерафт, бо худ ингалятор мебурд.

Дар калисои “Ҳаёт бо имон” вай донист, ки шифо – ин ҳаққи қонунии ӯ, ва ҳамчунин донист, ки худро аз ҷиҳати рӯҳонӣ чӣ тавр муҳофизат карда метавонад. Дар яке аз ибодатҳо, вақте ӯ мешунид, ки яке аз имондорони мо оиди чӣ тавр шифо ёфтанаш аз касалии хатарнок нақл кард, ӯ қарор қабул намуд. Худо рӯйбин

нест. Вай аз сумкачааш ингаляторро гирифта, онро бо варақчаҳо аз Каломи Худо, ки дар онҳо ҳаққи қонунии вай барои шифо навишта шуда буд, иваз кард. Ӯ онҳоро ҳар рӯз мехонд. Ҳар дафъа, вақте ки вай наздикшавии хурӯҷи нафастангиро ҳис мекард, ба ҷои ингалятор варақчаҳоро аз Навиштаҷот ба даст мегирифт, ва дигар ӯ ҳеҷ гоҳ шиддати нафастангиро ҳис намекард!

Холаи ман ба вохӯрии оилавии мо ба хонаамон омад. Ӯ пурсид, ки оё ман барои вай дуо мекунам, чунки вай гирифтори саратони шуш аст ва пас аз якуним ҳафта барои бурида партофтани варами калон ҷарроҳӣ бояд шавад. Ӯ гуфт, ки духтурон аллакай дар тӯли якуним сол варамро бо ҳаҷми донаи ангур назора мекунанд. Ногаҳон варам калон шудан гирифт, ва духтурон гуфтанд, ки онро бурида партофтан лозим аст. Ман суханони вайро шунида, оиди ҳаёташ андеша кардам. Вай тамоми умр тамокукаши ашаддӣ буд, ва ман медонистам, ки вай солҳои зиёд ба калисо намерафт. Ман ваъда додам, ки барои вай дуо мекунам, аммо ман ҳис кардам, ки он лаҳза вай барои дуо тайёр набуд. Ман аз вай пурсидам, ки оё ӯ китобчаеро оиди шифо, ки пеш аз дуо кардан ба вай додан мехостам, мехонад ё не. Ман гуфтам, ки якшанбеи оянда фавран пас аз ибодат барои вай бо мамнуният дуо мекунам. Вай розӣ шуд.

Ман медонистам, ки вай бисёр сол пеш аз ин қалби худро ба Худованд супорида буд, аммо барои Ӯ зиндагӣ намекард. Ман умед доштам, ки вақти андешаронихо оиди ваъдаҳои Худо дар бораи шифо имони ӯро мустаҳкам мегардонад. Ман ҳамчунин медонистам, ки агар мо мутобиқи Каломи Худо ҳамчун лангар ва умеде, ки ба он такя мекунем, дуо кунем, барои дидани натиҷаи мусбӣ мо имкони бештаре хоҳем дошт.

Хулоса, якшанбеи минбаъда холаи ман, тавре ки ваъда дода буд, ба калисо омад. Пас аз ибодат ман дархост кардам, ки ба пеш барояд ва пурсидам, ки оё вай китобчаро, ки ман додам, хонд ё не. Ӯ ҷавоби мусбӣ дод, ва он гоҳ ман аз вай пурсидам: “Ту аз куҷо медонӣ, ки вақте ман ба ту даст мегузорам, шифо меёбӣ?” Вай аз

якчанд ҷои Навиштаҷот иқтибос овард ва изҳор кард, ки эътимоди ӯ дар Каломи Худо аст. Дар ҳамин лаҳза ман фаҳмидам, ки вай барои дуо тайёр аст, ба вай даст гузоштам, дуо кардам ва эълон намудам, ки вай шифо ёфт ва аз саратон озод шуд. Вақте ки ман ба вай дуо кардам, тадҳини Худо ба вай нозил шуд, ва аз таъсири қуввати Худо вай аз по афтод. Вақте ки ӯ бархест, меларзид ва хитоб намуд: “Ман шифо ёфтам!”

Рӯзи сешанбе ӯро барои ҷарроҳӣ рӯи кат хобониданд, то ки варамро бурида партоянд, аммо вақте ки шушро буриданд, дар он ҳеҷ чиз набуд. На варам, ҳатто на асари ҷароҳат ё аломатҳои чизе, ки дар он ҷо буд, вуҷуд надоштанд.

Мушоҳида кардан хеле аҷиб аст, ки одамон чӣ тавр умри худро мегузаронанд. Гумон кардан мумкин аст, ки холаи ман барои шифо ёфтани худ он қадар ба Худо шукргузор буд, ки то охири ҳаёташ як рӯзро ҳам барои омадан ба калисо аз даст намедиҳад. Аммо ин тавр набуд. Ба назарам, баъди ҳамон рӯзи якшанбе ман вайро ҳамагӣ як бор дидам. Вай тақрибан пас аз шаш ё ҳафт сол аз варами дигар вафот кард. Аммо ин дафъа ӯ боре ҳам аз ман хоҳиш накард, ки барояш дуо кунам.

## Он лаҳзаеро, ки имонатонро ба кор андохтед, нигоҳ доред

Ман ба одамон хотиррасон мекунам, ки дар байни калимаҳои “Омин” ва “Ана ин аст” ҳамеша фосилаи вақт вуҷуд дорад. Бинобар ин хеле зарур аст, ки шумо лаҳзаи ба кор андохтани имонро дар ёд дошта бошед ва онро нигоҳ доред. Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки онро дар рӯзнома ё дафтари қайдҳо сабт кунед, то ки ба худ хотиррасон намоед. Ман аллакай дар ин бора қаблан гуфтам, вале чунин мешуморам, ки ин хеле муҳим аст. Ин аст як мисоле, ки ба сифати чунин қайд ба шумо пешниҳод мекунам: “12-уми ноябр соати 13.30 ман боварӣ дорам, ки мутобиқи Инҷили Марқӯс (11:24) (дархости мушаххасро нависед)

**ДАР БАЙНИ КАЛИМАҲОИ “ОМИН” ВА “АНА ИН АСТ” ҲАМЕША ФОСИЛАИ ВАҚТ ВУҶУД ДОРАД. БИНОБАР ИН ХЕЛЕ ЗАРУР АСТ, КИ ШУМО ЛАҲЗАИ БА КОР АНДОХТАНИ ИМОНРО ДАР ЁД ДОШТА БОШЕД ВА ОНРО НИГОҲ ДОРЕД.**

гирифтам, ва ман боварӣ дорам, ки вақте дуо кардам, онро гирифтам”. Шумо дигар тавзеҳотро илова карда метавонед, масалан, кӣ бо шумо розӣ шуд, шумо чӣ қадар ва ба кадом кори Худо инро кишт кардед. Ин фақат як мисол аст, аммо чунин қайдҳо доштан муҳим аст, чунки он барои муҳориба ҳамчун восита хизмат мекунад.

Вақте ки вазъиятҳо шуморо ба васваса меандозанд, то шумо аз тарс ақибнишинӣ кунед, сана ва вақти онро, ки ҷавоб гирифтед, ба худ хотиррасон карда метавонед. Вақте ки тарс маро тасарруф кардан мехост, ман ин хатчаро гирифта, онро ҳамчун изҳорот бо овози баланд мехондам. “Не, тарс, ту дурӯғгӯй ҳастӣ. Ман аллакай инро ҳамон рӯз ва соат, мутобиқи (ва дар давомаш ҷои Навиштаҷотро, ки шумо ба он такя мекунед, гузоред) гирифтам”. Баъзан ба ман лозим мешуд, ки ин хатчаро чандин маротиба хонам, то ки ботамкин ва ором бимонам. Ба он чизе, ки чун нокомӣ ба назар метобад, иҷозат надиҳед, ки шуморо аз имонатон дур кунад. Дар асл ин принсип он қадар муҳим буд, ки дар ҳини ба воя расидани фарзандонамон, дар ҷамъомадҳои ҳарҳафтаинаи оилавии дуохонӣ, мо дафтари оилавӣ ташкил карда будем, ва дар он чизҳоеро қайд менамудем, ки дар бораашон дуо мекардем ва тавре ки мо боварӣ доштем, мегирифтем. Мо онро “Дафтари Яъқуб 4” номида будем. Агар шумо низ ҳамин гуна дафтар гирифтан хоҳед, мо онро тавассути хидматгузорӣ тақдим мекунем.

Баъзан дар Рӯҳ чизҳое рӯй медиҳанд, ки оиди онҳо шумо огоҳ нестед. Худо аз болои он кор мебарад, ки ҳама чизро дуруст ба

роҳ монад, аммо ин вақт талаб мекунад. Шояд бисёр қисмҳои муамморо дуруст ҷо ба ҷо бояд гузошт. Масалан, агар Худо эҳтиёҷи молиявиро қонеъ кардан хоҳад, ба Ӯ, эҳтимол, лозим мешавад, ки бо касе сӯҳбат кунад, то ки оиди ин масъала ғамхорӣ кунад, ё ба шумо имкон диҳад, то пулеро, ки ба он эҳтиёҷ доред, дарёфт кунед. Боз ҳам, барои ҳамаи ин чизҳо вақт лозим аст.

> *Ва ӯ ба ман гуфт: "Натарс, эй Дониёл, зеро аз рӯзи аввале ки дили худро ба он ниҳодӣ, ки бифаҳмӣ ва пеши Худои худ рӯзадор бошӣ, суханони ту мустаҷоб шуд, ва ман барои он суханони ту омадаам. Валекин малаки салтанати Форс бисту як рӯз ба ман муқобилат намуд, ва инак Микоил, ки яке аз малакҳои аввалин аст, ба мадади ман расид, ва ман дар он ҷо, назди подшоҳони Форс мондам. Ва омадаам, то туро аз он чи дар айёми охир ба қавми ту воқеъ хоҳад шуд, хабардор намоям, зеро ки боз рӯъёе барои он айём ҳаст".*
>
> – Дониёл 10:12-14

Биёед воқеаро оиди кампус, ки пештар ба шумо нақл кардам, ба хотир меорем. Мо биноҳои гуногунро дида мебаромадем ва оиди ба иҷора гирифтани якчанде аз онҳо фикр мекардем, вале ҳеҷ яке аз соҳибони онҳо хоҳиш надошт, ки гуфтугӯро давом диҳад. Вақте ки мо навакак ба ҷустуҷӯи кампус сар кардем, тухмӣ коштем, то ки Худо ҷои беҳтаринро нишон диҳад. Ҳар дафъа, вақте ки мо ҷоеро пайдо мекардем ва онро баррасӣ менамудем, рӯҳафтодагӣ ҳис мекардем ва қариб умедамонро аз даст медодем. Мо тамоми биноҳои ноҳияро, ки кампусамонро дар он ҷойгир кардан мехостем, дида баромадем, аммо ягон варианте набуд, ки моро қаноатманд гардонад.

Арзишҳои асосии мо ҳамчун калисо аз хоҳиши сахти кӯмакрасонӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон ва ғамхорӣ дар ҳаққи оилаҳо иборат мебошад. Мо борҳо дар бораи он гуфта будем, ки, эҳтимол, рӯзе мо дорои мактаб, боғчаи бачагона, барнома

барои тарбиятгарон ва бисёр барномаҳои дигар барои хизмат ба ҷамоаҳо хоҳем буд. Бинои ягонаи мо он вақт комилан пур мешуд, ки ин барои дар амал татбиқ намудани ин қадар барномаҳо имкон намедод.

Гуфтан мумкин аст, ин чунин ба назар мерасид, ки гӯё Подшоҳии Худо амал намекард, аммо шумо бояд дар ёд дошта бошед, ки мо аллакай барои кампуси беҳтарин тухмӣ кишт карда будем. Дар асл Худо медонист, ки мактабе, ки мо дар натиҷа ба даст овардем, барои пӯшонидани қарз фурӯхта мешавад. Ӯ тасвири умумиро медид. Вақте ки мо навакак ҷустуҷӯро сар кардем, ин моликияти ғайриманқул ҳанӯз мавҷуд набуд.

Ба ғайр аз он ки Ӯ медонист, ки мактаб кампуси олии мо мешавад, Ӯ ҳамчунин медонист, ки чӣ тавр мо барои он пул харҷ мекунем. Бо зану шавҳаре, ки феълан ин кампусро барои мо хариданд, ҳадди ақал чор маротиба нақша карда будам, ки дар вақти таоми шом вохӯрам. Бо сабаби вазъиятҳои гуногун ба мо аз ҳарду ҷониб лозим мешуд, ки вохӯриро ба вақти дигар гузаронем. Дар натиҷа таоми шоми якҷоя ҳамон рӯз баргузор шуд, ки мо навакак иншоотро аз назар гузаронида будем.

Шахсони дигар низ буданд, ки мактабро харидан мехостанд, вале мо аввалин касоне будем, ки ин гуна хоҳишро изҳор кардаанд. Ҳама чиз ба таври олӣ ба ҳисоб гирифта шуда буд. Вақте ки мо бо дастури Рӯҳулқудс ду рӯз пеш аз таоми шом ин 100 000 долларро кишт кардем, ба фикрам, шайтон саъй кард, ки ин мактабро аз мо пинҳон кунад ё ягон тактикаи дигарро истифода барад, то ки мо онро дида натавонем. Вақте Худо гуфт, ки ман ин миқдор пулро кишт кунам ва шайтонро мазаммат намоям, то ки вай барои ёфтани кампус ба мо халал нарасонад, боварӣ дорам, ки Ӯ ягон нақшаи мудохилаи шайтонро вайрон кард.

Зану шавҳаре, ки барои харидани моликияти ғайриманқул пул доданд, ҳамчунин қарор қабул кардан мехостанд, ки барои харидани моликияти ғайриманқул ба як дӯсташон ёрӣ диҳанд.

Дар он сурат пули озоде, ки онҳо барои харидани иншооти мо сарф карданд, ба кори дигар харҷ карда мешуд. Пас аз он ки онҳо ҳамон шаб ҳикояи моро шуниданд, онҳо гуфтанд, ки акнун фаҳмиданд, ки чаро вақте онҳо қарор қабул карданӣ шуданд, то ба хариди дӯсташон қурбонӣ кунанд, дар дилашон оромӣ набуд. Аз ин рӯ дар ёд дошта бошед: вақте ки шумо бо имон дуо мекунед, ва медонед, ки мувофиқи дуоятон мегиред, дар байни “Омин” ва “Ана ин аст” боз ким-чӣ қадар вақт мегузарад. Бинобар ин рӯҳафтода нашавед ва сабр кунед.

## Дар имони худ устувор бошед

*Ва сабр бояд амали комил дошта бошад, то ки шумо комил ва солим буда, ҳеҷ камбудие надошта бошед.*

– Яъқуб 1:4

Ана барои чӣ ман маслиҳат медиҳам, ки вақту соати ба кор андохта шудани имонро нависед, чунки ба шумо лозим аст, ки ба он такя кунед.

Вақте ки духтари ман ба варами 6-килограммӣ дар шикамаш дучор шуд, вай аз тоқат кардани проблемаҳои саломатиаш, ки боиси сироятҳои доимӣ дар гурда, дарди доимӣ дар тахтапушт ва мушкилоти ҳозима мегардид, хаста шуд. Вай қарор дод, ки тоқат кардан бас аст, ва дар давоми сӣ рӯз танҳо дар бораи Калом ва ваъдаҳои Худо оиди шифо андешаронӣ кард. Дар охири ин муддат ӯ аз ману Дренда хоҳиш кард, ки ба вай даст гузошта, дуо кунем, зеро ӯ боварӣ дошт, ки шифо ёфтааст. Пирони калисои мо, модараш ва ман ба вай даст гузоштем ва бовар кардем, ки вай тибқи Номаи Яъқуб (5:14-16) шифо ёфтааст.

*Оё касе аз шумо бемор аст? Бигзор пирони калисоро назди худ даъват намояд, ва онҳо ӯро ба исми Худованд равған молида, дар ҳаққи ӯ дуо гӯянд, – ва дуои имон беморро шифо хоҳад*

*дод, ва Худованд ӯро ба по хоҳад хезонд; ва агар ӯ гуноҳ карда бошад, гуноҳҳояш омурзида хоҳад шуд. Ба гуноҳҳои худ назди якдигар иқрор намоед ва барои якдигар дуо гӯед, то шифо ёбед: дуои боисрори шахси одил қуввати бузурге дорад.*

– Яъқуб 5:14-16

Ҳамон бегоҳӣ вай ба хона ҳамон тавре, ки омада буд, баргашт, варам ҳанӯз дар шикамаш буд. Аммо вай гуфт: “Ман шифо ёфтаам”. Гарчанде ҳеҷ тағйироте дида намешуд, ва новобаста ба он ки дард сахттар мешуд, ӯ дар давоми ду ҳафта эътирофи имони худро нигоҳ дошт. Ӯ ба ман нақл кард, ки дар давоми ҳамин ду ҳафта, вақте ки дард мекашид, ба шайтон мегуфт: “Ту метавонӣ кӯшиш кунӣ, ки ба ман дард расонӣ, аммо ман шифо ёфтаам”.

Пас аз ду ҳафта ӯ бо варам хобид, аммо пурра шифо ёфта, бедор шуд. Ҳангоми хоб аз камари худ 6 килограмм вазн партофт ва 23 сантиметр бориктар шуд, ва тахтапушти ӯ, ки пештар сербуғум ва хамида буд, ба таври аъло рост шуд.

Вақте ки шумо ба ваъда боварӣ доред, ба шайтон иҷозат надиҳед, ки шуморо дар мавриди шифо ё ваъдаи дилхоҳе, ки Худо ба шумо додааст, фиреб диҳад.

Кристина бе таҷрибаи махсуси рӯҳонӣ ба калисо омад. Барои вай ҳама чиз нав буд. Кристина дар тӯли солҳои зиёд ду асбоби шунавоӣ истифода мебурд ва дар ин муддат вай қисми бештари шунавоиашро гум карда буд. Модари вай низ гирифтори ҳамин гуна беморӣ буд, ва ӯ қариб пурра кар шуд.

**ТАКРОР МЕКУНАМ, КАЛИДИ ОЗОДИИ ШУМО – ИН ТАКЯИ ҚАТЪӢ БА КАЛОМИ ХУДО.**

Вақте ки Кристина ба калисои мо омад, вай қалби худро ба Худованд супорид, ва Худо ҳаёти ӯро пурра дигар кард. Ӯ рӯҳбаланд шуда буд ва мехост, ки дар бораи Подшоҳии Худо ҳар чӣ бештар донад. Мо барои навимондорони

калисо курси шиносӣ дорем, ва Кристина онро бесаброна интизор буд. Дар машғулиятҳо мавзӯъҳои гуногун омӯзонида мешаванд, аммо чунин шуд, ки машғулияти аввале, ки дар он Кристина иштирок кард, ба мавзӯи шифо бахшида шуда буд. Дар охири дарс роҳбарон пешниҳод карданд, то ба онҳое, ки ба шифо эҳтиёҷ доранд, дуо кунанд. Кристина он қадар ба ҳаяҷон афтод, ки барои дуо ба пеш баромад. Вақте ки барои вай дуо карданд, ногаҳон гӯшҳои ӯ кушода шуданд. Вай аввалин бор тавонист хеле хуб шунавад.

Вақте ки вай ҳамон рӯз аз хидматгузорӣ мерафт, ман ҳис кардам, то вайро оиди он огоҳ кунам, ки ман онро ҳамлаи шайтонӣ меномам. Албатта, вай гуфт, ки субҳи дигар шунавоии вай ногаҳон бад шуд, ва дар вай васвасаи таҳлука пайдо шуд. Аммо ман ба вай гуфтам, ки ин бояд рӯй диҳад, ва вақте ки ин рӯй медиҳад, ӯ бояд эълон кунад, ки вай шифо ёфтааст, ва шайтонро мазаммат кунад. Ӯ айнан ҳамон кореро, ки ман фармудам, ба ҷо овард. Ӯ ба ситоиши Худо сар кард ва душманро банд сохта, эълон намуд, ки шифо ёфтааст. Пас аз чанд дақиқа шунавоии ӯ барқарор шуд ва аз ҳамон вақт инҷониб хуб аст, ва ин тақрибан чор сол пеш аз ин воқеъ шуда буд.

Такрор мекунам, калиди озодии шумо – ин такяи қатъӣ ба Каломи Худо.

## Ман боз инро такрор мекунам – мушаххас бошед

Дар мавриди ба кор андохтани имон, иҷозат диҳед, ки бори дигар хотиррасон кунам: мушаххас бошед! Ба шумо як воқеаеро нақл мекунам, ки бо он Худо дар ҳақиқат аҳамиятнокии суханони маро нишон дод. Ман онро аллакай солҳои зиёд нақл мекунам, аммо он имрӯз ҳам таассуроти он қадар сахт боқӣ мегузорад, ки дар вақти рӯй доданаш боқӣ гузошта буд.

Ин мавсими маъмулии шикори оҳуҳо буд, ва ман пас аз ба ҷо овардани ҳаҷми зиёди кор омода будам, ки ба ҷангал равам.

Имсол ман барои ду оҳуи нарина тухмӣ кишт кардам, ки яке аз онҳо ҳадди ақал шохи чорнавдагӣ дошт, ва дигараш яксола буд. Ман ва Дренда бо ризоият ва имон тухмӣ коштем. Ман ба шикори аввалин саҳарӣ, яъне вақти дамидани субҳ баромадам. Вақте ки осмон ба сурхчатоб шудан сар кард, ман оҳуи шохаш ҳаштнавдагии худро задам. Ман дар камингоҳ ҳамагӣ понздаҳ дақиқа истодам! Хеле рӯҳбаландкунанда! Аз ин рӯ, вақте ки бо гузашти ду ҳафта ман барои оҳуи яксолаи худ равона шудам, ман аз худ хеле дилпур будам. Боз субҳи барвақт буд, ва ман тақрибан пас аз бист дақиқаи оғози шикор дар масофаи тақрибан сесад метр наринаи шохаш ҳаштнавдагиро дидам, ки рост ба сӯи камингоҳи ман меояд.

Дар Оҳайо барои задани танҳо як оҳуи шохдор иҷозат дода шудааст. Оҳуи дуюм бояд оҳуи модина ё наринаи яксола бошад. Наринаҳои яксола ба оҳуи модина баробар дониста мешавад, зеро шохи онҳо он қадар майда аст, ки аз дур дида намешавад. Аз ин рӯ, вақте ман дидам, ки оҳу аз мазраа мегузарад, ман тахмин кардам, ки он ба дарахт, яъне камингоҳи ман нарасида, баргашта меравад, вале ин тавр нашуд. Он рост ба сӯи дарахт омада, дар таги нишастгоҳи ман тақрибан бист сония беҳаракат истод. Ман танҳо назора мекардам, чунки онро задан ғайриқонунӣ буд. Ҳамин тавр он қариб бист сония истода, бо ҳамон роҳе, ки омада буд, баргашта рафт. Мутааҷҷибона, вай ҳамон сесад метр масофаро дар мазраа тай карда, аз назар пинҳон шуд. Ман ҳайрону ошуфта мондам.

То ҳол ҳеҷ гоҳ дар таги паноҳгоҳи ман оҳуе, ки ман бароям тухмӣ кишт накарда будам, пайдо нашуда буд. Ман ба шигифт афтода, дар роҳи бозгашт ба хона дар Рӯҳ дуо кардам. “Худовандо, барои чӣ ин оҳу ба он ҷо омад?” Ногаҳон ман шунидам, ки Рӯҳулқудс гуфт: “Тухмии худро тафтиш кун”. Тухмиро тафтиш кунам? Ин беақлӣ аст, ман медонам, ки барои чӣ кишт кардаам. Ба замми ин бонке, ки ман аз он истифода мебарам, нусхаҳои чекҳои пардохтшударо якҷоя бо иқтибосҳои ҳармоҳа мефиристонад. Дар қисми поёнии чек ман навиштаам: ду оҳуи шохаш на камтар аз чорнавдагӣ, як оҳуи яксола. Ин чанд оҳу мешавад? Ман дар назар доштам, ки ду

оҳуро ба ҳисоб гирифтаам, яке оҳуи шохаш чорнавдагӣ ё бештар, ва дигараш – оҳуи яксола. Аммо, он тарзе, ки ман навиштам, нишон медод, ки ман ба ду оҳуи шохҳояшон чорнавдагӣ ё бештар ва як оҳуи яксола кишт кардаам. Ман дар ҳайрат мондам. Ин оҳуи наринаи дуввуминаш омад, чунки ман барояш тухмӣ кишт карда будаам. Ана барои чӣ он аз мазраа гузашта, дар таги камингоҳи ман истод. Он бояд дар он ҷо ҳозир мешуд.

Вақте ки ман инро фаҳмидам, фарёд задам ва рӯ-рӯи хона давидам. Ман хеле ба ҳаяҷон афтода будам, аммо дар айни замон ин маро ба тарс меандохт. Ман он чиро ки намехостам, чанд бор гуфта будам, вале бо суханони худ инро ба ҳаракат овардам? Ин, албатта, маро водор кард, ки порчаеро аз Номаи Яъқуб ба хотир орам.

> *Инак, мо ба даҳони аспҳо лаҷом меандозем, то ки ба мо итоат кунанд, ва тамоми ҷисми онҳоро идора мекунем; инак, киштиҳо низ, ҳар чанд бузург бошанд ва ҳар чанд бо бодҳои пурзӯр ронда шаванд ҳам, ба воситаи сукккони хурде, ба куҷое ки суккондор хоҳад, равона карда мешаванд...*
>
> – Яъқуб 3:3, 4

Яъқуб оиди он мегӯяд, ки то чӣ андоза суханони мо пурқувватанд. Маълум аст, ки агар суханони мо  як чизро гӯянд, аммо дар асл мо ягон чизи дигарро дидан хоҳем, пас мефаҳмем, ки ҳаёти мо вайрон шудааст, ва намедонем, ки чӣ ба ин ҳолат оварда расонид.

Аз ин рӯ дар ёд дошта бошед, ки Подшоҳии Худо хеле мушаххас аст, ва суханони шумо возеҳ муайян мекунанд, ки ба куҷо меравед ва чӣ тавр ба он ҷо мерасед!

## Аҳамияти ризоият

Мо то ҳол оиди ба кор андохтани тухмии шумо ҳарф мезанем, вақте ки шумо дар имон ҳастед, ва чизе, ки шумо бояд дар ёд

дошта бошед, ин аст. Агар шумо оиладор бошед, бо ҳамсари худ дар ризоият бошед. Агар шумо ҳамсар надошта бошед, ман дар ин бора пас аз як лаҳза мегӯям, вале биёед фарз мекунем, ки шумо оиладор ҳастед. Боз ҳам, бо ҳамсари худ дар ризоият бимонед.

Дар ибтидои издивоҷам ман тамоман хуш надоштам, ки Дрендаро хоҳиш кунам, то дар мавриди шикор бо ман дар ризоият бошад. Сабаб дар он буд, ки агар ман дар бораи шикор гап сар кунам, медонистам, ки вай дар бораи партов, ки аз хона баровардан лозим аст, оиди чароғаке, ки бояд иваз кард, ё оиди рӯйхати дигари корҳо, ки бояд ба ҷо оварда шаванд, чизе мегӯяд. Он вақтҳо ман хом ва худхоҳ будам. Ӯ тамоми рӯз бо бачаҳо машғул буд, ва ман ҳамон лаҳза ки ба хона меомадам, ба ҷангал рафтан мехостам. Фикр намекунам, ки Худо ин гуна муносибатро баракат медиҳад. Бале, ман худхоҳ будам. То даме ки ман аз рӯи имон шикор карданро ёд гирифтам, ман дар шикор вақти зиёд сарф мекардам, вале бесамар. Табиист, ки вай аз мавсими шикор метарсид.

**МАН БОЯД МЕФАҲМИДАМ, КИ ҲАМЧУН ЗАН ВА ШАВҲАР МО АЗ ҶИҲАТИ РӮҲОНӢ ЯК ҲАСТЕМ, ВА ҲЕҶ ЧИЗЕ ПУРҚУВВАТТАР АЗ ОН НЕСТ, КИ МО ҲАР ДУ ДАР РИЗОИЯТ МЕБОШЕМ.**

Аммо ман ёд гирифтам, ки ҳамсарамро дар ҷои аввал гузорам. Ман фаҳмидам, ки мо як тану ҷон ҳастем ва ба якдигар даркорем. Вақте ки ман ба ҷои аввал гузоштани эҳтиёҷоти ӯро сар кардам, ӯ бо хушҳолӣ оиди масъалаҳои шикори оҳуҳо бо ман розӣ мешуд. Ва ӯ аз дидани он, ки чӣ тавр ман ба муваффақият ноил мешавам, хеле хурсанд мешуд. Ман бояд мефаҳмидам, ки ҳамчун зан ва шавҳар мо аз ҷиҳати рӯҳонӣ як ҳастем, ва ҳеҷ чизе пурқувватар аз он нест, ки мо ҳар ду дар ризоият мебошем. Гап на танҳо дар бораи шикори оҳуҳо буд. Ман фаҳмидам, ки агар мо якҷоя ҳамчун як тану ҷон амал кунем, ин дар тамоми соҳаҳои ҳаёт кор мекунад.

*Ҳамчунин шумо, эй шавҳарон, бо занон, ки зарфи заифтар ҳастанд, бомулоҳиза рафтор кунед, ва онҳоро ҳамчун ҳамирсони файзи ҳаёт мӯҳтарам доред, то ки ба дуоҳои шумо мамониате нарасад.*

– 1 Петрус 3:7

Диққат кунед, шавҳарон, ки агар шумо ба ҳамсарони худ бодиққат набошед, пас ба дуоҳои худ ҷавоб гирифтани шумо мушкил мешавад. Ҳассосият нисбат ба ҳамсар маънои онро дорад, ки шумо ӯро бо худ баробар медонед, ва дар ҳар қарор шумо бо вай як ҳастед. Бале, аз лиҳози рӯҳонӣ дар издивоҷ шавҳар сардор аст, аммо на дар симои диктатор, балки дар симои хизматгоре, ки ҳаёти худро барои вай нисор мекунад ва ӯро мӯҳтарам меҳисобад.

## Агар ҳамсари шумо беимон бошад, чӣ кор бояд кард?

Ман мактубҳое мегирам, ки дар онҳо савол дода мешаванд, ки агар шахси имондор бо шахсе, ки ба Худо хидмат кардан намехоҳад, издивоҷ карда бошад, чӣ кор бояд кунанд. Чӣ тавр онҳо дар ризоият буда метавонанд? Фаҳмиши шумо оиди ризоият нодуруст аст. Фарз кардем, шумо ба шахсе ба шавҳар баромадаед, ки ба Худованд хизмат намекунад. Аммо ҳардуи шумо розӣ ҳастед, ки ба шумоён мошини нав лозим аст. Пас, чӣ? Пас, шумо дар ризоият ҳастед! Агар ҳардуи шумо розӣ ҳастед, ки ба шумоён озуқа лозим аст, пас шумо дар ризоият ҳастед. Китоби Муқаддас хеле возеҳ мегӯяд, ки агар ҳатто яке аз ҳамсарон ба Каломи Худо боварӣ дошта бошад, пас Подшоҳии Худо ҳаққи қонунӣ дорад, ки дар ин оила кор кунад!

*Зеро ки шавҳари беимон ба воситаи завҷаи имондораш қудсият пайдо мекунад, ва завҷаи беимон ба воситаи шавҳари имондораш қудсият пайдо мекунад; вагар на*

> *фарзандони шумо нопок мебуданд, ва ҳол он ки дар асл онҳо муқаддас ҳастанд.*
>
> – 1 Қӯринтиён 7:14

Ин маънои онро надорад, ки ҳамсари беимон бо имони ҳамсари худ наҷот меёбад. Ман бовар мекунам, ки ҳар кас бояд шахсан номи Исоро бихонад. Аммо ман чунин меҳисобам, ки агар яке аз ҳамсарон ба Каломи Худо боварӣ дошта бошад, пас имони вай тамоми оиларо тақдис мекунад ва ба таҳти баракати Подшоҳии Худо меорад. Албатта, бо ҳамсари имондор издивоҷ кардан беҳтар аст. Ва Китоби Муқаддас аниқ ҳамсари имондорро бо ҳақиқате оиди он, ки имони вай метавонад ҳамсари беимонро ба Подшоҳии Худо биёрад, рӯҳбаланд мекунад.

Агар шумо зан ё шавҳар надошта бошед, шумо набояд шахси дигареро ҷустуҷӯ кунед, ки бо шумо дар дуо розӣ шуда метавонад. Танҳо ба Каломи Худо бовар кунед ва мушоҳида кунед, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр амал мекунад!

Азбаски мо дар бораи имон сӯҳбат дорем, ман мехостам дар боби оянда, эҳтимол, яке аз саволҳои мубрамеро, ки ба ман оиди коштан аст, ва хатогиеро, ки бисёр одамон содир мекунанд, муҳокима кунам.

БОБИ 7

# ОГОҲӢ: ДАР ДОИРАИ ИМОНИ ТАКМИЛЁФТАИ ХУД БИМОНЕД

“Ман мехоҳам, ки марлини 400-килограммиро ба даст оварам!” Чунин гуфт яке аз ҳамкорони ман, ки якҷоя бо дастаи ҳамкорони мо ба Мауи, Ҳавайи, сафар кардан мехост. Ин сафар бо пардохти тамоми хароҷоте буд, ки мо ба туфайли ҳамкорӣ бо яке аз таъминкунандагонамон бурд карда будем. Пеш аз раҳсипор шудан ба Мауи, се нафар аз мо қарор карданд, ки марлини кабудро ба даст оваранд, зеро барои ҳеҷ кас пӯшида нест, ки Мауи дар мавриди шикори марлини кабуд ҳамчун пойтахти ҷаҳонӣ машҳур аст. Мо якчанд моҳ қабл аз ин воқеа оиди имон сӯҳбат кардем, ва ман ба бачаҳо таълим додам, ки он чӣ тавр кор мекунад. Дар масъалаи имон Дэн навёдгир буд, ва ман фикр кардам, ки барои ӯ ин имконияти хеле хубе аст, то таҷриба кунад ва бо чашмони худ бубинад, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад. Бинобар ин ман ба вай гуфтам: “Дэн, оё ту медонистӣ, ки пурра эътимод доштан мумкин аст, ки вақте мо ба Ҳавайи меравем, ту марлини кабудро ба даст меорӣ?” Ин суханони ман диққати ӯро ҷалб кард, ва мо пеш аз сафар ба Мауи, мавзӯи имонро муҳокима карда, бо ҳамдигар бисёр вақт гузаронидем. Чуноне ки ман таълим додам, Дэн тухмӣ кишт кард, ва хеле дар ҳаяҷон буд, ки ба сӯи орзуи худ – марлини кабуд меравад.

Ёрдамчии дигарам узви калисои ман буд, вай аллакай хуб медонист, ки имон чӣ тавр кор мекунад, ва медид, ки Худо дар ҳаёти вай корҳои аҷоибро ба амал меорад. Ӯ низ тухмӣ кишт кард, то марлинро ба даст орад, ва на танҳо марлинро, балки марлини вазнаш 400 килограммиро. Дар хотирам ҳаст, ки ман чӣ фикр кардам: “Оҳо, чӣ қадар моҳии калон!” Ман оиди ҳаҷми мушаххаси моҳӣ, ки барояш дӯсти ман кишт карда буд, то андозае ноором̣ӣ доштам, аммо он лаҳза ман ба вай чизе нагуфтам.

Дэн, аз дигар тараф, барои моҳие, ки дорои ягон ҳаҷми муайян мебошад, кишт накард. Хулоса, Дэн марлини кабуди 75 килограммиро ба даст овард, ва дӯсти дигари ман ҳеҷ гуна марлинро ба даст наовард. Барои чӣ Дэн марлини худро ба даст овард, вале дӯсти дигари ман – не? Ин саволи хуб аст, ва аксари одамон, ҳатто аксари масеҳиён, инро шунида, ба ҳайрат афтода метавонистанд. Онҳо механдиданд ва мегуфтанд: “Моҳидорӣ ҳамин гуна кор аст – баъзан ба даст меорӣ, вале баъзан не”. Аммо ман донистам, ки Подшоҳии Худо хеле мушаххас ва боэътимод аст.

> *Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод.*
>
> *Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: “Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед”.*
>
> *Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: “Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам”.*
>
> *Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба*

*рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.*

*Шимъӯни Петрус, чун инро дид, пеши Исо зону зада, гуфт: "Худовандо! Аз пеши ман бирав, чунки ман шахси гуноҳкор ҳастам". Зеро ки вай ва ҳамаи ҳамроҳонаш аз ин сайди моҳиёне ки ба даст оварда буданд, дар даҳшат афтоданд, ва ҳамчунин Яъқуб ва Юҳанно, писарони Забдой низ, ки шарикони Шимъӯн буданд. Ва Исо ба Шимъӯн гуфт: "Натарс; минбаъд одамонро сайд хоҳӣ кард".*

— Луқо 5:1–10

Петрус барои худ усули нави моҳидориро кашф кард, чуноне ки ман барои худ шикори оҳуҳоро кашф кардам. Ӯ кӯшиш кард, ки моҳӣ ба даст орад, аммо то даме ки Исо ба куҷо тӯр андохтанро нагуфт, яъне ба чуқуроб, вай якто ҳам моҳӣ ба даст наовард. Ӯ дар он ҷо чунон моҳии зиёд ба даст овард, ки қариб қаиқҳо ғарқ шуда буданд. Ман ба одамон мегӯям: "Ҳар кас метавонад моҳӣ ба даст орад, агар Исо ба шумо гӯяд, ки дар куҷо ва кай бояд моҳӣ дошт".

Аз ин рӯ, дар мавриди дӯсти ман, ки марлини калони худро ба даст наовард, бале, ин рост аст, ки бо Худо ҳама чиз имконпазир аст. Аммо шумо агар бо имон тухмӣ кишт мекардед, ки онро дар ваннаи худ ба даст меоред, шумо медонистед, ки ин натиҷа намеорад. Агар шумо мехостед, ки марлини кабудро ба даст оред, тухмӣ кишт мекардед, ва Рӯҳулқудс шуморо ба он ҷое меовард, ки онро ба даст оварда метавонед, яъне ба уқёнус, албатта, вале дар куҷои уқёнус?

Дар хотир доред: ҳар як ҳосил барои ҷамъоварии он ҷои нотакрор ва вақти худро дорад! Агар шумо мехостед ба марлини кабуди аз ҳама калонтарин кишт кунед, шумо ҳамту гуфта наметавонистед: "Ман ба уқёнус меравам". Шумо бояд ба ҷои муайян дар уқёнус равед. Барои чӣ? Чунки марлини кабуд муҳоҷират мекунад, ва ӯ хатҳои ҳаракати худро дорад, ки ҳар

сол шино мекунад. Ба даст овардани марлини 400-килограммӣ – низ воқеаи нодир. Масалан, дар Мирамар, иёлати Флорида, аллакай ҳабдаҳ сол инҷониб мусобиқаи моҳидории Emerald Coast Blue Marlin Classic гузаронида мешавад. Марлини кабуди аз ҳама калон, ки дар ин муддат дошта шудааст, 399 килограмм вазн дошт. Оё имкон дошт, ки ҳангоми сафар ба Мауи марлини кабуди 400-килограммӣ ба даст оварда шавад? Эҳтимол, ҳа, чунки марлини аз ҳама калоне, ки дар Ҳавайи дошта шуда буд, 624 килограмм вазн дошт, аммо ин чизро қайд кунед.

**Ҳар қадаре ки объекти имони шумо мушаххас ва нодир бошад, ҳамон қадар муҳим аст, ки ба макон, тарз ва вақт эътибор диҳед.**

Капитани киштӣ ҳамон рӯз дар Мауи ба мо гуфт, ки марлини кабуд ҳанӯз дар он ҷо набуд. Ӯ ду қаиқ дошт, ки дар тӯли чор моҳи гузашта дар як рӯз ҳашт соат кор мекарданд, аммо танҳо як марлини рах-рахро ба даст оварданд. Марлини кабуд бояд дар охири моҳ пайдо мешуд. Албатта, мо аввалинашро дар ин мавсим ба даст овардем. Аммо вақте ки дӯсти ман пешбинии худро мушаххастар гардонид, ва ба зимми ин марлини рекордиро ба ҳадаф гирифт, ҷой ва вақти сайд хеле мушкил шуд. Ман шахсан чунин меҳисобам, ки дар ҳамон вақт дар ин минтақа марлини ҳаҷмаш рекордӣ тамоман вуҷуд надошт. Мо ҳамчунин бояд фаҳмем, ки, бо эҳтимоли зиёд, дӯсти ман он қадар ҳам ба моҳии калон боварӣ надошт. Аммо агар ӯ воқеан ба таври ҷиддӣ барои ба даст овардани марлини 400-килограммӣ азм карда бошад, пас ман медонам, ки агар вай тухмӣ кишт кунад, дар мавриди ҷой ва вақт ба Рӯҳулқудс гӯш андозад, он гоҳ ӯ марлини 400-килограммии худро ба даст меорад.

## Ҷой ва вақт аҳамиятнок мебошанд

Аниқ муайян кардани ҷой ва вақти ҳосилғундорӣ низ ба мисли тухмии мушаххасе, ки шумо кишт кардед, муҳим аст. Шумо дидед, ки вақте ман бо оҳуи шохаш ҳафтнавдагӣ таҷриба гузаронидам,

чӣ рӯй дод. Ба ман лозим буд, ки то пайдо шудани хоҳиши шикор интизор шавам, ва дар ин ҳолат ман беш аз як моҳи мавсими шикор интизор шудам. Барои чӣ? Чунки, аз ҳама аниқтараш, дар ҳудуди ман оҳуи лозима вуҷуд надошт ё, эҳтимол, дигар омилҳое ба мисли обу ҳаво ва самти шамол буданд, ки ба муваффақияти ман халал расонида метавонистанд.

Рӯҳулқудс вақти ҳосили мушаххасро медонист, ва Ӯ маро дар рӯзи аниқ, дар вақти аниқ, ба камингоҳи лозима роҳнамоӣ кард, то ки маҳз ҳамин оҳуро бизанам.

Ман аксар вақт ин хатогиро мебинам ва мешунавам. "Эй, Гэри, агар Подшоҳӣ оҳуҳоеро биёрад, ки ту тасвир мекунӣ, барои чӣ ту ҳамту рафта, оҳуи рекордиро назанӣ?" Майлаш, ин саволи хуб аст, ва мо бояд ба ин ҷавоб диҳем. Ин суханон ба мактубҳое монанд мебошанд, ки ман аз одамон мегирам – аз одамоне, ки мехоҳанд қарзи ипотекаи миқдораш 500 000 долларро соф кунанд, ва онҳо ба ман мегӯянд, ки тухмӣ кишт карданд, то ки ин пас аз ҳафт рӯз ба амал ояд. Вақте ки пас аз ҳафт рӯз пул пайдо намешавад, онҳо рӯҳафтода шуда, аз ман мепурсанд, ки чаро пул пайдо нашуд. Боз як саволи паҳншудатарин, ки ман мешунавам: "Барои чӣ ман ҳамту тухмӣ кишт карда, дар бозии лотерея бурд намекунам?"

**ИҶОЗАТ ДИҲЕД, КИ ИНРО БОРИ ДИГАР БИГӮЯМ, ШУМО БОЯД ИНРО АЗ НАВ ШУНАВЕД – ХУДО НАҚШАИ ШУМОРО ДОРАД!**

Хуб, биёед аввалан дар бораи оҳуи наринаи рекордӣ гап мезанем. Бале, ман чунин меҳисобам, ки агар шикори наринаи рекордӣ орзуи ман мебуд, онро мезадам, вале ин тавр не. Одатан ман ба хотири гӯшт шикор мекунам, ва ман нияти шикор кардани ҳайвони рекордӣ надорам. Яке аз сабабҳои он, ки чаро ман нияти шикори ин гуна наринаро надорам, аз он иборат аст, ки ман худи ҳозир фаҳмонидам: шумо дар ваннаи худ китро ба даст намеоред. Дар

ҳудуди ман рекордгузори ҷаҳонӣ мавҷуд нест. Агар ман воқеан мехостам, ки ин наринаро бизанам, пас ман маҷбур мешудам, ки дар ҷои дигар шикор кунам. Эҳтимол, ба ман лозим мешавад, ки усули навро омӯзам, чунки наринаҳои калон одатан бо тарзи ҳаёти шабона зиндагӣ мекунанд ва дорои тарзи рафтори ба худ хос мебошанд. Ба ман лозим мешавад, ки бисёр таҳқиқот гузаронам ва дуо кунам, то ҷоеро пайдо кунам, ки ин гуна ҷонварро вохӯрдан мумкин аст. Аммо ба ман ин гуна хархашаҳо лозим нестанд. Ба ман маъқул аст, ки дар бешазори шахсии худ шикор кунам. Ба ман маъқул аст, ки ба ҳавлии пушти хонаи худ баромада, оҳуи гӯшташ бомазаро дар шароити бароҳати бешазори худ шикор кунам. Аммо, ба саволи шумо ҷавоб дода истода, ман чунин меҳисобам, ки одам метавонад ба хотири ин оҳу ба Худо бовар кунад, аммо дар ёд дошта бошед, ки ман чӣ гуфтам. То чӣ андоза объект нодир ва мушаххас бошад, ҷой, вақт ва усул ҳамон қадар муҳимтар мешавад.

Одатан, вақте шахсе ба ман нома фиристода, мепурсад, ки барои чӣ миллион доллар пас аз панҷ рӯз пайдо нашуд, ман мефаҳмам, ки, бо эҳтимоли зиёд (на ҳамеша), ман бо шахсе гап мезанам, ки фарқи байни имон ва худписандиро намедонад.

Ин ба монанди он аст, ки рӯзе ман аз зану шавҳаре нома гирифтам, ва дар он гуфта мешуд, ки онҳо мехоҳанд барои даҳ миллион доллар тухмӣ кишт карда, ин миқдор пулро дар давоми сӣ рӯз ба даст оваранд, дар ҳоле ки онҳо ҳатто маҳсулоти хӯрокворӣ надоштанд, дар давоми се моҳ барои хона иҷорапулӣ надода буданд ва соҳиби кор набуданд. Онҳо аз доираи имони ташаккулёфтаи худ хеле дур рафтаанд.

Яъне, Гэри, ту мегӯӣ, ки Худо ба ягон кас даҳ миллион доллар дода наметавонад? Албатта, Ӯ метавонад. Бо Худо ҳама чиз имконпазир аст. Гап дар он нест, ки Ӯ метавонад ё не, балки дар он аст, ки оё шумо воқеан барои ин имон доред ё не? Агар имони шумо ба он кофӣ набошад, ки оила ба ғизои зарурӣ таъмин бошад, ман шубҳа дорам, ки шумо дар ин зинаи ҳаёти худ барои

даҳ миллион доллар имон доред. Аммо шумо ин гуна имонро пайдо карда метавонед! Шумо бояд аз он ҷое, ки ҳоло қарор доред, оғоз кунед, ба омӯхтани он сар карда метавонед, ки имон чӣ тавр кор мекунад, ва ҳамчунин имкониятҳои худро васеъ карда метавонед, то аз чизе, ки ҳоло идора мекунед, чизҳои бузургтарро идора кунед.

## Оё ба бурд кардани лотерея бовар кардан мумкин аст?

Дар бобати лотерея чӣ фикр доред?

Хайр, биёед, ба баррасии ин масъала мегузарем. Ҷекпотҳои Powerball дар давоми якчанд сол хеле бузург шуданд. Дар ёд дорам, ки соли гузашта ҳаҷми ҷекпот ба миллиард доллар расид! Ман дар ҳаёти худ ҳеҷ гоҳ чиптаи лотерея нахаридаам, аммо ин дафъа, вақте ки он ба миллиард доллар расид, якчанд нафар дар коргоҳи мо пешниҳод карданд: “Эй, биёед, ақаллан як-ду чипта мехарем”. Ман ба ин пешниҳод он қадар ҳам аҳамият надодам, бинобар ин қарор додам, ки пурра метавонам як-ду доллар саҳмгузорӣ кунам. Ман имкониятҳои худро медонистам – ба бурд дилпур набудам, аммо, эҳтимол, ҳамту қарор додам, ки дар кори умумӣ бо пул иштирок мекунам. Вақте ки ҳама гуфтугузор мекарданд, ки ба ҳар ҳол бояд касе бурд кунад, эҳтимол, ман қарор додам, ки вақте ин рӯй медиҳад, аз пули нақд бенасиб монда, афсӯс нахӯрам. Ба иқрор шудан шарм медорам, ки ман дар ҳақиқат ба ин бовар кардам.

Ҳамон шаб ҳангоми хоб Худованд бо ман дар ин бора гуфтугӯ кард. Ӯ танҳо гуфт: “Тамоми ваъдаҳои Ман аз они ту ҳастанд!” “Оре, Худовандо, ман Туро дақиқу возеҳ мешунавам, – ҷавоб додам ман. – Ман мефаҳмам”. Бале, Ӯ маро ислоҳ намуд, ва ҳамчунин рӯҳбаланд низ кард. Ӯ ба ман фаҳмонид, ки агар ба ман миллиард доллар лозим бошад, ба ман лотерея лозим нест, вақте ки ин ба ман лозим мешавад, Ӯ медиҳад. Ӯ беш аз 7000 ваъдаҳо

додааст, ки ба онҳо ҳаққи қонунӣ дорам, ва онҳо хеле зиёданд!

Акнун ба масъалаи кишт барои ғалаба дар бозии лотерея ё озмуни дилхоҳ бармегардем. Шумо бар ин масъала салоҳият надоред. Ман барои оҳу кишт карда метавонам, чунки оҳуҳо ба одам итоат мекунанд. Ман бар онҳо салоҳияти қонунӣ дорам. Аммо ман бар лотерея салоҳият надорам, ин кори тасодуфӣ аст.

## Чӣ тавр муайян кардан мумкин аст, ки шумо дар имон нестед

Агар шумо муайян кардани онро ёд гиред, ки дар имон ҳастед ё не, ин ба шумо барои қабул кардани қарорҳо кӯмак мекунад ва ба шумо ёрӣ медиҳад, ки агар шумо тарсро ҳис карда истода бошед, қарор қабул кардан лозим нест. Дар ёд дошта бошед, ки имон – ин дилпурӣ, умедворӣ ва оромӣ. Дилпурӣ – ин чизе, ки вақте ман барои шикори кардани оҳуи аввалини ғаниматии худ равон шуда будам, ман онро надоштам. Ман дар имон набудам. Оё муайян карда метавонед, ки шумо кай боварӣ надоред? Умедворам, ки метавонед.

Чуноне ки медонед, ман ва Дренда дорои 24 гектар замини зебо ҳастем, ки аз бешазор, замини ботлоқӣ ва марғзор иборат аст. Ин ҷои комилан олӣ барои шикори оҳуҳо мебошад. Дар атрофи қитъаи замини мо киштзори растаниҳои ғалладонагӣ мавҷуд мебошад, ва бешазору замини ботлоқӣ барои ҷалби оҳуҳо ҷои табиӣ мебошад. Ман дар болои гаражи мошин барои худ, бо рафчаҳои чӯбини китобмонӣ ва оташдони дарунсохти газӣ, утоқи корӣ сохтам. Он ҷои ором, утоқи бароҳат, як навъ лонаи хоси мардон аст, ки дар он ҷо кор карданро дӯст медорам. Ягона чизе, ки намерасид, – ин сари зебои оҳу буд, ки бояд дар болои мизи ман овехта мешуд. Росташро гӯям, ман ҳеҷ гоҳ ба шикори ҷонварони калонҷусса шавқ надоштам, ва азбаски ман барои гӯшт шикор мекардам, ҳеҷ гоҳ ба зотҳое, ки барои тайёр кардани хӯса ба қадри кофӣ калон буданд, тир наандохта будам.

Вале ҳар қадаре ки дар ин бора фикр мекардам, ҳамон андоза бо Дренда розӣ мешудам, зеро маҳз ӯ бо исрор талаб мекард, ки барои утоқи кории худ ҷонвари калонро шикор кунам.

Мо дар ин қитъаи замин аллакай панҷ сол инҷониб зиндагӣ мекардем, ва ман боре ҳам дар он ҷо оҳуи калонҷуссаро надида будам. Ман дар ҳар мавсим ба шикор мебаромадам ва як ҷуфт наринаҳои шохашон ҳаштнавдагиро мезадам, вале аз назари ман ҳеҷ яке аз онҳо барои ороиши утоқи корӣ мувофиқ набуд. Аммо ҳамон сол ман ба Дренда гуфтам, ки барои девор оҳуи наринаи калонҳаҷмро интихоб кардан мехоҳам. Тирезаи ошхонаи мо ба бешазор ва мазраа нигаронида шудааст, вале бо вуҷуди ин ҳам онро надида будам.

Аммо ман ва Дренда барои наринаи калонҷусса тухмӣ кишт кардем. Ман дар чек навиштам, ки барои оҳуи шохаш даҳнавдагӣ ё бештар аз он кишт мекунам. Мо барои ин тухмӣ дуо кардем, ва ман онро ба миз гузоштам, то ки ба зудӣ бифиристонам. Лифофа дар он ҷо се рӯз бимонд, ва бо ҳамин ман онро фиристонида натавонистам. Ман медонистам, ки барои ин гуна оҳуи калонҷусса имон надорам. Дар давоми рӯз ман барои наринаи шохаш ҳашт, шаш ё чорнавдагӣ имон доштам. Аммо барои ман бо имон ва дилпурӣ, ки бигӯяд: "Ман медонам, ки медонам, ки вақте ба шикор мебароям, оҳуи шохаш даҳнавдагӣ ё бузургтарро мезанам", тасаввур кардани ин қадар ҷонвари калонҷусса мушкил буд. Ман дар ҳамкорӣ бо Подшоҳӣ таҷрибаи кофӣ доштам, то дарк кунам, ки дар имон нестам. Бинобар ин ман ин чекро дарронидам, ва онро бо чеке, ки дар он "барои оҳуи шохаш чорнавдагӣ ё бештар аз он"

**ҲАМАИ ИН, ТАМОМИ ПОДШОҲӢ, АЛЛАКАЙ АЗ ОНИ ТУ АСТ, ДӮСТАМ. ХУДО БА ОН ЧИЗЕ, КИ АЛЛАКАЙ БА ТУ ДОДААСТ, ЧИЗЕ ИЛОВА КАРДА НАМЕТАВОНАД. ТУ АЛЛАКАЙ СОҲИБИ ҲАМА ЧИЗ ҲАСТӢ!**

навиштам, иваз кардам ва бо почта онро фиристонидам.

Дар бегоҳирӯзӣ, вақте ки ман рафтанӣ будам, дар бораи он коре, ки кардам, ба Дренда нақл кардам. “Ман имон надорам, ки ҷонвари калонҷуссаро шикор карда метавонам”, – гуфтам ба вай. Ӯ ба ман нигоҳ кард ва гуфт: “Ту ба оҳу боварӣ дорӣ, вале ман ба оҳуи ғаниматӣ бовар мекунам. Худо қодир аст, ки аз андозае, ки ту талаб  ё андеша мекунӣ, зиёдтар бидиҳад!”

Субҳ бо садои маъмулии санҷобу паррандагони беша оғоз шуд, ва бӯи баргҳои тирамоҳ шикори сершумори оҳуҳоро ба хотирам овард. Ман дар камингоҳ бисёр нанишастам, шояд, ҳамагӣ бист дақиқа, ва овози аз бешазор гузаштани оҳуро шунидам. Он, аз рӯи вақт, рост ба камингоҳи ман меомад, ва ман ба тир андохтан тайёр шудам. Вақте ки он наздиктар омад, дидам, ки он наринаи шохаш чорнавдагӣ буд, маҳз ҳамон гунае, ки ман одатан интихоб мекунам, чунки гӯшти онҳо хеле хуб аст. Оҳу дар масофаи бисту панҷ метр дуртар аз ман ба ҷои кушод баромад, ва ман тир андохтам. Бо кароҳият ман дидам, ки тир хеле баланд ва дуртар парвоз кард, ва ман фаҳмидам, ки бояд он наринаро таъқиб кунам. Вай аз бешазор гузашта, ба киштзори ҷуворимакка, ки дар паҳлӯи бешазор аст, давид ва аз назар пинҳон шуд. Ман ҳанӯз ҳам мешунидам, ки чӣ тавр он аз замини кишти ҷуворимакка медавад, ва аз рӯи он, ки вай чӣ қадар тез медавад, ман фаҳмидам, ки барои пайгирӣ кардани он вақти зиёд лозим мешавад.

Ман дар камингоҳ тақрибан бист дақиқа интизор шудам, ва сипас қарор додам, ки аз дарахт фаромада, тирро аз назар гузаронам. Албатта, ман фаҳмидам, ки тирам ба оҳу бархӯрдааст, чунки изҳои хунинро дидам. Аз паси из рафта истода, ман рӯҳбаландӣ ҳис мекардам, чунки изҳо хеле равшан буданд. Вале тақрибан пас аз сад метр изҳои хунин нопадид шуданд. Ман хеле ҷустуҷӯ кардам, вале дигар ягон изро пайдо накардам. Пас аз ду соати ҷустуҷӯйҳо ман фаҳмидам, ки дигар оҳуи нарина дар он ҷо нест. Ман хеле рӯҳафтода шудам.

Аввалан, ман ҳеҷ гоҳ намехостам, ки оҳуро маҷрӯҳ карда, аз даст диҳам, ва дуввум, ман аз тири хатохӯрдаи худ таассуф мекардам.

Дар кишти ҷуворимакка истода, ба хона баргашта метавонистам, ки ногаҳон ба ман равшан шуд. *Ман ҳанӯз имкон дорам. Вақте ки аз кишти ҷуворимакка, ва пас аз он аз ботлоқзор гузашта, ба хона равона мешавам, ба оҳу дучор омада метавонам*. Ман арбалети худро барои тир андохтан тайёр кардам. Вақте ки ман дар замини ҷуворимакка оҳиста аз ҷарие, ки алафҳои бегона рӯида буданд, мегузаштам, ногаҳон оҳу роҳи маро миёнабур карда, ҷаҳид. Оҳу надониста, ки чӣ ё кӣ онро ба ҳарос овард, бозистод ва ба ақиб нигоҳ кард. Азбаски ман камуфляж пӯшида будам, нарина таъхир кард, зеро маро дида наметавонист. Ҳама чиз дар давоми як сония рӯй дод. Ман шохҳояшро дидам, гарчанде гуфта наметавонистам, ки онҳо чӣ қадар калон ва чанднавдагӣ буданд. Ман медонистам, ки барои қабул кардани қарор ҳамагӣ як сония вақт дорам. Он дар доираи муқаррарии тирандозии ман аз камон, дар масофаи панҷоҳ метр, ба тарафи ман пуштнокӣ меистод. Ман зуд камонро кашида, қисми болоии тахтапушти онро ба нишон гирифтам ва тир андохтам. Оҳу фавран аз по афтод ва дароз кашида монд. Ман ба ҳайрат афтодам. Наход ҳоло ин воқеан рӯй дод?

Вақте ки ман ба оҳу наздик шудам, аввалин чизе, ки гуфтам, чунин буд: “Ин имони Дренда аст!” Оҳу хеле калонҷусса буд! Ман бисту шаш шохчаро ҳисоб кардам, ва он ҳамчунин шохчаҳои тези иловагӣ дошт. Ман ҳеҷ гоҳ ин гуна наринаи калонҷуссаро надида будам. Ман бо гуфтани он, ки аз шодӣ лабрез будам, ҳиссиёти худро ифода карда наметавонам. Чуноне ки шумо пайхас карда метавонед, ин оҳу ҳоло дар болои мизи кории ман дар девор овезон аст. Аммо ман мехоҳам, ки дар бораи ин оҳу каме ҳарф занам. Он чӣ тавр ва чаро пайдо шуд?

Оҳуи шохаш чорнавдагӣ айнан дар мӯҳлати худ пайдо шуд, вале тири ман хато рафт.  Аммо Дренда гуфт, ки вай ба оҳуи

ғаниматӣ бовар дорад. Акнун вай аз ман бартарӣ дошт. Вай ба шикори оҳуҳо машғул нест, ва барои вай задани оҳуи ғаниматӣ ба мисли оҳуи шохаш чорнавдагӣ ҳамон дараҷа осон менамуд. Барои вай ҳамаи онҳо ҳамту як навъ оҳу мебошанд. Азбаски вай шикорчӣ нест, дар тасаввуроташ далели он, ки ин гуна ғанимат имконнопазир аст, вуҷуд надошт. Ман ҳеҷ гоҳ ҳатто дар қитъаи заминамон оҳуи калонҷуссаи шохаш ҳаштнавдагиро надида будам, аммо имони вай ба он такя намекард, ки чӣ буду чӣ набуд. Ӯ боварӣ дошт, ки Худо онро дастрас карда метавонад.

Ин шикор дар давраи афзоиши оҳуҳо бо номи гушн, яъне дар даврае, ки наринаҳо дар ҷустуҷӯи модинаҳо роҳи дарозро тай мекунанд, рӯй дода буд. Бинобар ин дар давраи гушн ҳамеша имкони дидани наринаҳо мавҷуд мебошад, ки одатан дар қитъаи замини худ вонамехӯрӣ, тавре ки дар ҳолати мазкур воқеъ шуд.

## Шарокат дар имон

Имони Дренда ин оҳуро дастрас кард, гарчанде ки ман барои оҳуи ғаниматӣ ҳеҷ гуна имоне надоштам. Ман мехоҳам, ки шумо бори дигар бихонед. Ман ба оҳуи ғаниматӣ боварӣ надоштам! Ман медонам, ки шумо дар бораи чӣ фикр мекунед. “Исто, Гэри. Ман гаранг шудам. Агар ту ба ин оҳу имон надоштӣ, пас он чӣ тавр пайдо шуд?” Иҷозат диҳед, ки ба шумо нишон диҳам.

> *Боре, вақте ки мардуми бисёре аз ҳар тараф Ӯро фишор медоданд, то ки каломи Худоро гӯш кунанд, ва Ӯ дар канори кӯли Ҷинесор истода буд, ду қаиқро дид, ки дар кӯл истода буданд, ва сайёдони моҳӣ аз онҳо берун омада, тӯрҳои худро шустушӯй мекарданд. Ба яке аз қаиқҳо, ки аз они Шимъӯн буд, савор шуда, аз вай хоҳиш кард, ки андаке аз соҳил дуртар ронад, ва Ӯ дар қаиқ нишаста, мардумро таълим медод.*
>
> *Ва ҳангоме ки суханаш ба поён расид, ба Шимъӯн гуфт: “Ба чуқуроб бирон, ва тӯрҳои худро барои сайд андозед”.*

> *Шимъӯн дар ҷавоби Ӯ гуфт: “Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем; лекин аз рӯи сухани Ту тӯрро меандозам”.*
>
> *Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад. Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.*
>
> – Луқо 5:1-7

Ман медонам, ки ин воқеаро пештар муҳокима карда будем, аммо мехостам, ки чизеро дар ин маврид қайд кунам, ки ба саволи шумо ҷавоб медиҳад.

> *Ва онҳо чунин карданд, ва миқдори зиёди моҳиро сайд карданд, ва кам монда буд, ки тӯрашон кафида равад.* ***Ва ба рафиқони худ, ки дар қаиқи дигар буданд, ишорат карданд, ки ба ёрии онҳо биёянд; ва онҳо омада, ҳар ду қаиқро пур карданд, ба тавре ки қариб буд зери об раванд.***

Ман мехоҳам, ки ба шумо як савол диҳам. Яъқуб ва Юҳанно барои аз моҳӣ пур кардани қаиқи худ чӣ қадар имон истифода бурданд? Ҷавоб – ҳеҷ! Агар дар ёд дошта бошед, қаиқи Петрус, ва ҳам қаиқи Яъқуб ва Юҳанно дар соҳил буданд, ва вақте ки Исо аз он ҷо мегузашт, онҳо тӯрҳояшонро тоза мекарданд. Исо аз Петрус дархост кард, ки қаиқашро барои мавъиза истифода барад, ва сипас ба вай фармуд, ки барои ба даст овардани моҳӣ ба чуқуроб тӯр андозад. Дар натиҷа Петрус он қадар бисёр моҳӣ ба даст овард, ки тӯрҳояш қариб дариданд, ва қаиқи онҳо қариб буд, ки ғарқ шавад. Петрус шарикони худро, ки дар соҳил буданд, даъват кард, ки омада, барои кашидани тӯр ёрӣ диҳанд. Қаиқи онҳо айнан ба мисли қаиқи Петрус лаболаб аз моҳӣ пур шуданд. Саволи ман ба шумо чунин аст: “Яъқуб ва Юҳанно чӣ қадар имон

**МАН ҲАМЕША МЕГӮЯМ, КИ АСРОРИ ХУДО БАРОИ ШУМО НИҲОН ҲАСТАНД, НА АЗ ШУМО! ШАЙТОН ДАР ЗУЛМАТ СОКИН АСТ ВА НАҚШАҲОИ ХУДОРО НАМЕДОНАД.**

истифода бурданд, то ки қаиқи худро пур кунанд?" Ҷавоб – ҳеҷ. Пас барои чӣ қаиқи онҳо айнан ба мисли қаиқи Петрус пур шуд? Дар матн ба ин савол ҷавоб ҳаст, дар он ҷо гуфта шудааст, ки онҳо шарикони ҳамдигар буданд.

Дар луғати забони англисии Коллинз таърифи зайли калимаи "шарик" оварда шудааст: "Шахсе, ки бо шахси дигар бо ягон амал ё тадбир пайванд шудааст; одатан зараpу фоидаи онро ба ҳам мебинад".

Шарикӣ – ин шахси юридикӣ, ки шарикон хатарҳо, хароҷот ва фоидаи тиҷоратро тақсим мекунанд. Бинобар ин, вақте ки имони Петрус Исоро пайравӣ кард, ӯ ба Исо на танҳо қаиқи худро ҳавола кард, балки тиҷоратро бо маънои юридикӣ. Амалан Яъқуб ва Юҳанно низ соҳиби як қисми қаиқе буданд, ки Петрус ба Исо барои истифода супорид, бинобар ин ҳарду қаиқ баробар пур шуданд. Пас, ин маҳсули имони кӣ буд? Равшан аст, ки имони Петрус буд. Маҳз ӯ гуфт: "Эй Устод! Тамоми шаб заҳмат кашида, чизе нагирифтем, *лекин аз рӯи сухани Ту* тӯрро меандозам".

Ҳамин тавр, Яъқуб ва Юҳанно айнан ҳамон қадар ҳосил ба даст оварданд, ки Петрус ба даст овард, гарчанде дар ин вазъият онҳо ҳеҷ гуна имон зоҳир накарданд. Бо Дренда низ ҳамин тавр буд. Мо шарики якдигар ҳастем, ва мо як тану ҷон ҳастем. Ин оҳуро ҳамон рӯз имони ӯ, худ аз худ, дастрас гардонид. Шумо дида метавонед, ки консепсияи шарокат – ин принсипи қавии рӯҳонӣ, тавре ки мо худи ҳозир дар ин воқеа дидем. Павлус дар бораи ин принсипи шарокат дар Нома ба Филиппиён гуфта буд.

*Дар ҳар боре ки шуморо ёд мекунам, Худои худро шукр мегӯям, ҳамеша дар ҳар дуои худ барои ҳамаи шумо бо шодӣ дуо*

> *мегӯям, барои иштироки шумо дар башорат аз рӯзи аввал то алҳол, ва яқин дорам, ки Ӯ, ки дар шумо ба кори хайр шурӯъ намудааст, онро то рӯзи Исои Масеҳ ба анҷом хоҳад расонд, чунон ки маро лозим аст дар бораи ҳамаи шумо ҳамин тавр фикр кунам, чунки шумо дар дили ман ҷойгир шудаед, ки ҳам дар занҷирҳоям ва ҳам дар муҳофизат ва барқарор кардани башорат* ***ҳамаатон шарики ман дар файз ҳастед.***
>
> – Филиппиён 1:3-7

Павлус мегӯяд, ки калисои филиппиёнро бо сабаби иштироки доимиашон дар кори башорат бо хурсандӣ ба ёд меорад. Дар идома вай мегӯяд, ки ба туфайли шарокати онҳо акнун онҳо файзи Худоро, ки ба хидматгузории ӯ нозил шудааст, ба ҳам мебинанд. Файз – ин қуввати Худо ё қобилияти Илоҳӣ, ки Павлус барои иҷро кардани супоришҳояш истифода мебурд. Калисои филиппиён барои иҷрои ин супориш саҳмгузорӣ мекард, ва ба мисли Яъқубу Юҳанно, онҳо низ тадҳин ва файзеро, ки дар ин супориш буданд, ба ҳам медиданд. Биёед ба боби 4-ум мегузарем, ва шумо натиҷаи аҷиберо, ки шарокат медиҳед, мебинед.

> *Лекин хуб кардед, ки дар андӯҳи ман шарик шудед. Ва шумо, эй филиппиён, медонед, ки дар ибтидои башорат, вақте ки аз Мақдуния баромадам, ҳеҷ як калисо дар кори додану гирифтан бо ман шарикӣ накард, ба ғайр аз шумо; ҳатто ба Таслӯникӣ шумо як-ду карат барои эҳтиёҷоти ман фиристодед. На ин ки ман талабгори ҳадия бошам, балки толиби самаре ҳастам, ки ба фоидаи шумо биафзояд. Ман ҳамаашро гирифтам ва ба қадри барзиёд дорам; ва ман аз ҳар чиз пур гаштам, вақте ки ҳадияи фиристодаи шуморо, ҳамчун бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо, аз дасти Эпафрӯдитус гирифтам.* ***Ва Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо ба ҳасби сарвати ҷалоли Худ дар Исои Масеҳ пур хоҳад кард.***
>
> – Филиппиён 4:14-19

Ба он таваҷҷӯҳ кунед, ки Павлус ба калисои филиппиён чӣ мегӯяд: “Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо пур хоҳад кард”. Диққат кунед, ки Павлус нагуфт: “Худои шумо ҳар эҳтиёҷи шуморо пур хоҳад кард, чунки шумо нисбат ба ман сахӣ будед”. НЕ! Ӯ гуфт: “Худои ман ҳар эҳтиёҷи шуморо пур хоҳад кард!” Бубинед, филиппиён бо Павлус шарик буданд, ва ба ҳайси шарикон файзеро, ки аз хидматгузории Павлус ҳосил мешуд, ба ҳам медиданд. Ва ба мисли Яъқуб ва Юҳанно, ки ба туфайли имони Петрус ин қадар моҳӣ ба даст оварданд, Павлус изҳор мекунад, ки эҳтиёҷи онҳо ба туфайли имони вай пур хоҳад шуд! Умедворам, ки шумо афзалияти ин принсипро мебинед.

Фарз кардем, ки ба шумо мошин лозим аст, ва шумо бо мо ҳамчун бо хидматгузорӣ ҳамкорӣ мекунед. Ҳамчунин фарз мекунем, ки нархи мошин 30 000 доллар аст. Акнун, вақте ки шумо ба Garykeesee.com кишт мекунед, шумо мефаҳмед, ки шарокат чӣ маъно дорад. Шумо тадҳин ва файзи хидматгузории моро ба ҳам мебинед. Ҳамчун хидматгузорӣ, мо ба ин 30 000 доллар ба осонӣ розӣ шуда метавонем, чунки мо аллакай пештар марҳилаеро, ки ба 30 000 доллар эҳтиёҷ доштем, гузаштаем. Мо ба ин 30 000 доллар ба осонӣ розӣ шуда метавонем, чунки ҳоло ҳар сол миллионҳо доллар харҷ мекунем. Вале ман давраҳоеро дар хотир дорам, ки барои гирифтани 30 000 доллар, ки дар он давра барои ман маблағи калон ҳисоб мешуд, лозим буд, ки ба Худо таваккал кунам. Аз ин рӯ, агар аз ман пурсед, ки оё ман дар мавриди 30 000 доллар ба Худо бовар карда метавонам, ҷавоб чунин хоҳад буд: “Албатта”. Бинобар ин, ҳамчун Павлус (агар мо розӣ ва шарики ҳамдигар бошем), ман изҳор карда метавонам, ки эҳтиёҷи шумо на ба туфайли имони шумо, балки ба туфайли имони ман қонеъ карда шудааст.

Албатта, вақте ки тухмӣ мекоред, то ки 30 000 доллар ба даст оред, шумо бояд дар имон бошед, ва бояд на танҳо ба Каломи Худо боварӣ дошта бошед, балки ба ман низ. Шумо бояд ба ман боварӣ дошта бошед, дар мавриди он дилпур бошед, ки ман аз

ҷониби Худо тадҳин ва даъват шудаам, ва ман ростқавлона амал мекунам, ва шумо бояд қобили он бошед, ки натиҷаҳои намоёнро дар ҳаёт ва хидматгузории ман бубинед. Агар шумо омӯхта бошед, ки мо чӣ кор мекунем ва чӣ гуна роҳро паси сар кардаем, шумо медонед, ки ман ба 30 000 доллар имон дорам! Шумо шояд ба 30 000 доллар имон надошта бошед, вале мо якҷоя дар шарикӣ кор карда, шоҳиди корҳои аҷиб шуда метавонем. Бо оҳуи ғаниматӣ низ айнан ҳамин тавр буд. Дренда ҳамон шаб пеш аз баромадани ман гуфт: “Ту ба оҳу бовар дорӣ, вале ман ба оҳуи ғаниматӣ бовар мекунам”. Ана шарокат чӣ тавр кор мекунад.

## Интихоби шарикии стратегӣ

Иҷозат диҳед, ки ба шумо савол дода, баъзе қоидаҳои асосиро муайян кунам. Агар шумо ширкати компютерӣ таъсис доданӣ мебудед, оё шумо мехостед шарики шумо ҷавоне бошад, ки нимсолаи аввалро дар курси информатика хатм кардааст ва пул надорад, ё шахсе бошад, ки бизнеси компютерии бисёрмиллионро бунёд кардааст ва дорои моликияте мебошад, то барои таъсиси ширкати шумо ёрӣ диҳад? Албатта, дар ин ҷо ихтилофҳо зиёданд, ва ин танҳо мисол аст. Аммо ман фикр мекунам, ки он ҷавоне интихоб карда мешавад, ки таҷриба дорад, соҳиби обрӯ аст ва муфлис шудан намехоҳад!

Ин чиз дар он маврид низ дуруст аст, ки шумо дар ҳамкорӣ бо хидматгузорӣ кишт кардан мехоҳед. Лутфан, инро бо чизе, ки ман оиди роҳнамоии Худо барои ҳамкорӣ бо касе мегӯям, омехта накунед. Ин гуна роҳнамоӣ аз он чизе, ки ман мегӯям бартарӣ дорад. Дар бисёр ҳолатҳо Худо ба воситаи супориши Худ шуморо ба ҳамкорӣ ҳидоят мекунад, вале баъзе вақт худи шумо интихоб мекунед. Ман дар бораи кишт ҳамчун интихобе сухан меронам, ки шумо вақте ба зинаи нав гузаштан мехоҳед, мекунед. Ман медонам, ки ба вазифаҳое кишт мекунам, ки ба онҳо боварӣ дорам, ва барои ҳар чӣ зудтар ба даст овардани

маблағҳое, ки дар ҳаёти шахсии ман зарур мебошанд, ҳадафи аниқ дорам. Як қоидаро ман вайрон намекунам: ман ҳамеша ба вазифаҳое кишт мекунам, ки имон ва ризоиятро дар бар мегирад, танҳо ба истиснои он ки агар барои камбағалон ё мӯҳтоҷон кишт накунам. Албатта, мо интизор нестем, ки камбағалон ва мӯҳтоҷон масъалаҳои имонро сарфаҳм мераванд. Мо ба онҳо муҳаббат мекорем, ва Худо моро барои он мукофот хоҳад дод. Боз ҳам, кишт кардан ба камбағалон – ин намуди дигари коштан, на он, ки дар бораашмо дар ин ҷо сухан рондем. Боз як чизе, ки ҳангоми коштан ба он диққати шуморо равона мекунам, – ин таърифи супориши Худо, ки ҳамон гуна самар меорад, супорише, ки ман барои худ ба Худо месупорам.

Масалан, ширкати ман ду ҳавопаймо дорад. Пеш аз харидани яке аз онҳо, ман ба нияти Худо, ба хидматгузорие кишт кардам, ки ба донистани ман, дар гузашта хеле бисёр ҳавопаймоҳои гаронбаҳо харида буд. Вақте ки ман “бисёр” мегӯям, ман “бисёр”-ро дар назар дорам, ва ҳамаи онҳо бо пули нақд харида шуда буданд. Агар дар бораи ҳавопаймоҳо гап занем, онҳо натиҷаҳои аён доштанд. Ман медонистам, ки онҳо бо ман оиди ҳавопаймо ба осонӣ розӣ шуда ва дар имон буда метавонанд, ки ин иҷро мешавад. Ман бо хидматгузорие ҳамкорӣ кардан намехостам, ки мегӯянд, ҳавопаймоҳо гаронбаҳо мебошанд ё харидани онҳо бефоида аст. Ин тамоман ба ризоият монанд нест. Не, ман мехостам бо он хидматгузорие дар ризоият бошам, ки дар кадом зина будани маро мефаҳмад, фаҳмида метавонад, ки дар робита ба ҳавопаймо ба Худо боварӣ дорам, ва барои тасдиқи ин чиз самароти мушаххас дошта бошад.

Ман аз нуздаҳсолагӣ ҳавопайморо идора карда метавонам ва аз хатти парвозу фуруди ҳазорметраи шағалини беруни шаҳр парвоз карданро омӯхтаам. Ман тамоми умри худ ҳавопаймоҳоро ба иҷора гирифтаам, то даме ки боре фикр кардам: *“Медонед-чӣ? Ман танҳо бояд тухмӣ кишт кунам ва ба Худо эътимод дошта бошам, ки ман соҳиби ҳавопаймоии шахсӣ хоҳам буд”*. Хуб, ман

ҳамин тавр ҳам кардам. Ман медонистам, ки ман маҳз ба кадом навъи ҳавопаймо бояд кишт кунам. Бинобар ин ман номи маҳз ҳамон ҳавопайморо дар чеки худ навиштам, ва ману Дренда дар ин масъала бо ҳам розӣ шудем. Сипас мо чекро ба хидматгузорие, ки худи ҳозир зикр кардам, фиристодем.

Тақрибан як моҳ сипарӣ шуд, ва ман барои муоинаи нақшавии тиббӣ ба назди духтур рафтам. Вақте ки ман бо духтур сӯҳбат мекардам, ӯ ногаҳон аз ман пурсид: “Шумо баногоҳ касеро намедонед, ки ҳавопаймо харидан мехоҳад?” Ман аз ин савол андаке ҳайрон шудам, чунки аз ман ҳеҷ гоҳ дар умрам напурсида буданд, ки оё ман ҳавопаймо мехарам. Он гоҳ ман пурсидам, ки он чӣ гуна ҳавопаймо аст, ва он маҳз ҳамон ҳавопаймое буд, ки ман барояш кишт карда будам. Бале, ман мутаассир шудам. Ман бо соҳиби ҳавопаймо вохӯрӣ таъин кардам, то онро аз назар гузаронам, ва ӯ маро ба парвоз бо худ гирифт. Ҳавопаймо олӣ буд. Танҳо як мушкилӣ вуҷуд дошт. Он вақт ман пул надоштам, то ки онро бихарам. Вале Худо нақша дошт.

Бубинед, тирамоҳи соли гузашта – ҳоло моҳи март аст – ман аз падарам хонае гирифтам, ва онро дар баҳор азнавсозӣ карда, ба коргоҳ табдил доданӣ будам. Падарам ба ман гуфт, ки пеш аз мавсими зимистон обро бастааст, аз ин рӯ ман тафтиш накардам. Пас аз чанд рӯзе, ки ман ҳавопайморо дидам, бародарам ба ман занг зада гуфт, ки хонаи ман дар ҳоли хароб аст. Ӯ гуфт, ки тамоми гаҷтахта дар хона вайрон шудааст, ва қисми зиёди он аз девор канда шуда афтодааст. Маълум, ки обро набастаанд, ва он дар зимистон ях кардааст. Акнун, вақте ки моҳи март фаро расид ва ҳаво гарм шуд, об ҷорӣ шуда, маълум нест, ки чӣ қадар муддат, на камтар аз якчанд ҳафта рехтааст.

Чизе, ки бародари ман намедонист, ин буд, ки ман аллакай бо ширкати сохтмонӣ оиди кандани гаҷдевор ва тарҳи берунии тамоми хона шартнома баста будам. Ин як қисми азнавсозии хона барои маҷмааи нави коргоҳи ман буд. Ва ана дар ҳамин ҷо чизи аҷибе рӯй дод. Ширкати суғурта барои зарари об ҷубронпулӣ

дод, ва маҳз ҳамин пулро ман барои пардохти ҳавопаймои худ истифода бурдам. Ҳавопаймо бо пули нақд харида шуд!

Аз ин рӯ дар ёд дошта бошед, ки ҳамкорӣ – ин принсипи пурқуввати рӯҳонӣ, ки оиди он шумо бояд донед ва барои манфиати худ истифода баред.

Бо ҳамин мо мусоҳибаамонро оиди он, ки вақте шумо дар имон ҳастед, чӣ тавр тухмиро ба кор андохтан мумкин аст, ба анҷом мерасонем. Хулоса, акнун, вақте ки шумо тухмӣ кишт кардед, баъд чӣ мешавад? Бовар кунед, аксари одамон намедонанд, ва бисёр масеҳиён, ки кишт мекунанду аммо ягон натиҷа ё маҳсули қурбониҳои худро намебинанд, ба ин мисол шуда метавонанд. Магар ҳоло то пухта расидани ҳосил вақти нишастану шарбати лимӯ нӯшидан аст?

Беҳтар аст, ки ин корро накунед! Мо дар боби оянда муҳокима мекунем, ки шумо бояд чӣ кор кунед.

## БОБИ 8

# БА ШУМО НАҚША ЛОЗИМ АСТ!

Вақте ки Брэд ва Черити аввалин бор ба калисои мо омаданд, ман онҳоро тамоман намешинохтам. Дар ёд дорам, ки баъзе вақт бо онҳо ҳолпурсӣ мекардам ва ду-се калима ҳарф мезадам. Онҳо аввалин бор аз лиҳози рӯҳонӣ дар анҷумани занонаи Дренда диққати маро ба худ ҷалб карданд. Анҷуман бегоҳии рӯзи панҷшанбе сар шуда, рӯзи шанбе ба анҷом мерасид. Бисёр иштироккунандагон барои гузаронидани ибодати шомгоҳии рӯзи шанбе мемонданд. Маҳз баъди ҳамин ибодат Брэд ва Черити бо дархосте ба назди ман омаданд. Онҳо бизнеси худро сар кардан мехостанд ва аз ман хоҳиш карданд, ки барои хидматгузории мо тухмии онҳоро қабул кунам ва дар бораи ҳамин бизнес дуо гӯям.

Баъдтар ман фаҳмидам, ки Черити дар анҷумани занона лавҳаеро ба иҷора гирифт, то ки баъзе аз маҳсулоти кори дастии худро оид ба табобати мӯйҳои ҷингилаи афроамерикоиҳо бифӯршад. Ӯ дар анҷуман ба 150 доллар мизеро ба иҷора гирифта, ба 350 доллар маҳсулот фурӯхт, ки ба вай 200 доллар фоида овард.

Дар ибодати шомгоҳии рӯзи шанбе онҳо бо 200 доллар ба наздам омаданд ва хостанд, ки онро ҳамчун тухмӣ барои ривоҷи бизнес ба хидматгузории мо кишт кунанд. Ман гуфтам: “Албатта”, ва мо дуо кардем. Ман дар ин бора зиёд андешаронӣ накардам, аммо дар чашмони онҳо шавқу рағбат дидам ва гуфта

метавонистам, ки вақте онҳо тухмӣ доданд, дар имон буданд.

Барои каме тасаввур карданатон, ки Брэд ва Черити кӣ ҳастанд, мегӯям, ки дар ҳамон вақт Брэд дар як ширкат ба ҳайси менеҷери IT (технологияи иттилоотӣ) кор мекард, ва Черити дар ду ҷо кор карда, барои як соати корӣ 10 доллар маош мегирифт, – як оилаи оддие, ки аз маош то маош зиндагӣ мекард. Баъд аз анҷуман онҳо фурӯши маҳсулоти худро ба дӯстон ва каме тавассути Интернет идома доданд, аммо эътироф мекарданд, ки бизнес на он қадар хуб пеш меравад. Аммо Худо дар паси парда кор карда, онҳоро ба бурдбориҳои оянда омода месохт.

Таркиби асосии формулаи онҳо равғани шутурмурғ буд. Онро аз як фермере мегирифтанд, ки дар Калифорния ба парвариши шутурмурғҳо машғул буд. Тавре ки онҳо хабар ёфтанд, ин ширкат ба фурӯш гузошта шуда буд. Нархи он 40 000 долларро ташкил медод. Черити медонист, ки ин барои ривоҷу равнақи ширкати онҳо имкони хубе хоҳад буд, аммо Брэд ва Черити ҳатто ба ин миқдор наздиктар ҳам пул надоштанд. Онҳо барои харидани чиптаи ҳавопаймо пули кофӣ доштанд, то ки ба Калифорния парвоз карда, ширкатро бинанд, вале бо ҳамин тамом. Брэд гуфт, ки ҳар қадаре ки ба Калифорния наздиктар мешаванд, ҳамин қадар бештар асабонӣ мешавад. Ӯ ба соҳиби ширкат чӣ мегӯяд, зеро онҳо пул надоштанд, ва онҳо ба якдигар ваъда дода буданд, ки барои бизнеси худ қарз намегиранд? Вақте ки онҳо ба Калифорния омаданд, фермер ҳама чизро дар гирду атроф ба онҳо нишон дод, вале гуфт, ки аллакай барои ширкат харидор пайдо кардааст. Ба назар чунин менамуд, ки корашон барор намегирад. Аммо соҳиби ширкат аз Брэд хоҳиш кард, ки барои ӯ кадом-як корро дар соҳаи технологияи иттилоотӣ иҷро кунад, ва Брэд розӣ шуд.

Дар ин муддат Брэд ва Черити бо соҳиби ширкат муносибати хуб ба роҳ монданд, ва рӯзе ӯ гуфт, ки бизнесашро ба онҳо фурӯхтан мехоҳад. Дар натиҷа ӯ розӣ шуд, ки мӯҳлати пардохти маблағро барои бизнес дароз карда метавонад, ва Брэд ва Черити

соҳиби ширкати шахсӣ оид ба истеҳсоли равғани шутурмурғ шуданд. Айнан дар ҳамин вақт Брэд ва Черити дар бораи лоиҳаи сохтмонӣ, ки мо дар калисои “Ҳаёт бо имон” сар кардем, шуниданд, ва дилашон ба чизе гувоҳӣ дод. Онҳо диданд, ки чӣ тавр тухмии аввалини кишткардаашон бизнеси онҳоро пурра дигар кард, ва акнун онҳо медонистанд, ки фурсати он расидааст, то бо воситаи кишти бузургтаре бизнеси худро ба сатҳи наве бароранд. Брэд ва Черити боз бо ман дар даромадгоҳи калисо вохӯрданд ва мақсад гузошта, барои бизнеси худ кишт карданд. Онҳо на барои маблағҳои шахсӣ  кишт карданд, балки барои маблағи шашрақамӣ, ки онҳо ба лоиҳаи сохтмонӣ равона кардан мехостанд.

Хулоса, сифати маҳсулот ба таври ҷиддӣ такмил дода шуд, ва Худо ҷузъи наверо фароҳам овард, ва он маҳсулотро то андозае дигар кард, ки он барои мӯйҳои ҷингилаи афроамерикоиҳо ашёи олӣ гардид. Маҳсулот муваффақияти калон пайдо кард. Ва онҳо феълан фавран барои лоиҳаи сохтмон чеки шашрақамӣ навишта тавонистанд. Акнун онҳо дар саросари Африқо лоиҳаҳо роҳандозӣ мекунанд, ва гардиши пули онҳо аз шумораи ҳафтрақамӣ зиёд аст. Ҳамаи ин чизҳо дар тӯли се сол ба амал омаданд. Чӣ қадар саргузашти аҷиб – дар давоми се сол аз 10 доллар дар як соат то миллионҳо роҳ тай карданд! Кори ҳайратовар!

Ин саргузашти аҷиб ва мисоли хуби он аст, ки Худо бо шумо кор мекунад, то таъминоти шуморо ҷалб кунад ва таъсири шуморо афзун намояд.

Аввалин чизе, ки ба назари ман афтод, ин қалби онҳо буд, ки барои Подшоҳии Худо фурӯзон буд, ва мақсади ширкати онҳо – дастгирии Подшоҳии Худо буд.

Дуввум, он чиз буд, ки онҳо бо Худо чӣ тавр ҳамкорӣ мекарданд, то ки сохтор, маҳсулот ва нақшаи ширкатро қариб аз ҳеҷ чиз кор карда бароянд. Ин бояд ба ҳар касе, ки кори шоистаеро ба амал овардан мехоҳад, илҳом бахшад, яъне кореро, ки бо пул чен карда

намешавад ё вақте онро сар мекунед, чӣ медонед. Худо дар тӯли тамоми роҳ бо шумо ҳамкорӣ хоҳад кард.

Ин маро ба принсипи чорумини Подшоҳӣ наздик меорад, ки Худо маро таълим додааст, ва маҳз: пас аз он ки шумо имони худро кишт кардед ва ба кор андохтед, шумо бояд нақшаро донед.

## Қадами №4. Пас аз он ки шумо кишт кардед ва имони худро ба кор андохтед, ба шумо нақша лозим аст

*Ӯ дар ҷавобашон гуфт: "Шумо ба онҳо хӯрок диҳед".*

*Ба Ӯ гуфтанд: "Магар мо рафта, ба дусад динор нон бихарем ва барои хӯрдани онҳо диҳем?"*

*Аз онҳо пурсид: "Чандто нон доред? Рафта бинед".*

*Онҳо дарёфта, гуфтанд: "Панҷ нон ва ду моҳӣ".*

*Он гоҳ фармуд, ки ҳамаро даста-даста бар сабза шинонанд. Пас қатор-қатор, саднафара ва панҷоҳнафара нишастанд. Ӯ панҷ нону ду моҳиро гирифт ва ба осмон нигариста, баракат дод ва нонро пора карда, ба шогирдонаш дод, то пеши ҷамоат гузоранд; ду моҳиро низ ба ҳамаи онҳо тақсим кард. Ҳама хӯрданду сер шуданд; ва аз пораҳои нон ва моҳӣ дувоздаҳ сабадро пур карда бардоштанд; хӯрандагони нон тақрибан панҷ ҳазор мард буданд.*

– Марқӯс 6:37-44

*Пеш аз он* ки моҳӣ ва нон зиёд шаванд, Исо ба шогирдон нақшаи амалро дод. Инак, боварӣ ҳосил кунед, ки шумо инро фаҳмидед. Вақте ки шумо бо имон тухмӣ кишт мекунед, бояд аз Рӯҳулқудс нақша гиред. Роҳи беҳтарини ин кор – дар Рӯҳ дуо кардан. То даме ки аз Худо чизе намешунавед, ҳеҷ гуна қарор қабул накунед ва худсарона ба кор сар накунед. Ин якчанд сабабҳо дорад.

Якум, шумо бо қуввати худ амал кардан мехоҳед ва ба таври хеле маҳдуд фикр мекунед. Дуввум, шумо кӯшиш мекунед, то дар асоси он чизҳое нақша тартиб диҳед, ки аллакай медонед, дар ҳоле ки Худо, эҳтимол, мехоҳад, ки шуморо ба самти нав ҳидоят кунад. Шумо аллакай донишҳои худро ба кор бурдед, ба шумо нақша ва идеяи нав лозим аст, то ки натиҷаи дилхоҳ ҳосил гардад. Аз ин рӯ аз Худованд нақша ва идеяи нав интизор шавед. Онҳо аз ҷое, ки интизор нестед, пайдо шуда метавонанд. Шумо метавонед эълонеро бинед, шахсеро вохӯред ё мисли ман ҳамту хоб бинед. Худо диққати шуморо ҷалб мекунад ва барои тартиб додани нақшаи нав ёрӣ медиҳад. Иҷозат диҳед, то мисоле биёрам, ки ин чаро ин қадар муҳим аст.

**ВАҚТЕ КИ ШУМО БО ИМОН ТУХМӢ КИШТ МЕКУНЕД, БОЯД АЗ РӮҲУЛҚУДС НАҚША ГИРЕД.**

## Қуввати нақша

Эҳтимол, ман ин мисолро дар ҳар китоби худ аз силсилаи “Инқилоби молиявии ту” пешкаш кардаам, вале бори дигар онро мебояд такрор кард. Агар ман ба шумо мегуфтам, ки тамоми мушкилоти молиявии шуморо бо чанд суханони зерин бартараф мекунам, ман боварӣ дорам, ки шумо бо қалам дар даст нишаста, ба таври муфассал шунидан мехоҳед. Хуб, тайёр шавед, зеро ин аст ҷавоби шумо. Имсол 10 миллион доллар фоидаи соф ба даст оред. Бале, ман гуфтам, ки то охири сол 10 миллион доллар фоидаи соф гиред. Барои аксари одамон, ин як роҳи боэътимоди таъмини қобилияти пардохти онҳо хоҳад буд.

Чӣ? Ман мешунавам, ки касе қиқир-қиқир механдад? Шумо механдед? Вақте ки ман дар вақти баромадҳоям ба одамон бо чунин пешниҳод муроҷиат мекунам, дар тамоми толор садои хандаро мешунавам. Сипас ман мепурсам, ки чаро онҳо

механданд. Онҳо аз он сабаб механданд, ки барои онҳо ин шӯхӣ аст, ин ғайриимкон аст. Сипас дар лаҳзае, ки ман нақшаи даромадро поёнтар мекунам, онҳо хандаро бас карда, мегӯянд: “Ҳа, ман ин корро карда метавонам”.

Инак, дар кадом сатҳ шумо хандиданро бас мекунед – 600 000 доллар дар як сол? Шумо худро дар кадом сатҳ мебинед – 200 000 ё 100 000 доллар дар як сол? Шояд, адади шумо хеле хурд аст, масалан, 45 000 доллар дар як сол бошад. Дар байни 10 миллион ва 0 доллар ягон рақаме пайдо мешавад, ки шумо онро ба назар гирифта, мегӯед: “Ба фикрам, ман ин корро карда метавонам”. Ва ана душворӣ дар чӣ аст: шумо маҳз дар ҳамин сатҳ мемонед. Бидонед, ки ҳеҷ кас кореро кардан намехоҳад, ки ба фикри ӯ ғайриимкон аст. Инак, мушкилӣ дар ҳамин аст. Шумо бо афкори худ баста ё маҳдуд карда шудаед.

Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки қуввати нақшаро ба шумо нишон диҳам. Ҳамон изҳоротро ба назар мегирем, ки агар шумо имсол 10 миллион доллар кор кунед, тамоми мушкилоти молиявии шумо ҳал мешавад. Аммо ин дафъа ман мехоҳам, ки ба шумо оиди пул кор кардан шартнома пешниҳод кунам. Ман ба шумо барои ҳар як қуттӣ 500 доллар медиҳам, то ки ба он тӯбро гузошта, бо скотч маҳкам кунед, дар қуттӣ суроғаро ишора карда, сипас барои бо почта фиристондан ба як сӯ гузоред. Фарз мекунем, ки шумо дар як соат 100 қуттӣ тайёр карда метавонед, яъне дар як соат 50 000 доллар фоида мегиред. Фарз мекунем, ки шумо мунтазам даҳ соат дар як рӯз кор мекунед ва 500 000 доллар даромад мегиред. Акнун, вақте ман ба шумо мегӯям, ки биёед то охири сол 10 миллион доллар кор мекунем, шумо чӣ мегӯед? “ОСОН! Барои ин танҳо бист рӯзи корӣ лозим мешавад”. Хуб, лутфан бигӯед, ки чӣ тағйир ёфт? Ҳеҷ чиз, ба ғайр аз он ки акнун шумо нақшае доред, ки агар аз рӯи он амал кунед, феълан кафолат медиҳад, ки шумо ба мақсади худ – 10 миллион доллар дар як сол ноил мешавед.

Фаҳмо? Агар шумо ба ихтиёри худ ҳавола карда мешудед, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ фикр намекардед, ки мақсади шумо имконпазир

аст, ва бо он чизе, ки ШУМО имконпазир медонед, қонеъ мешудед. Аммо ба шумо фикри шумо лозим нест, шумо аллакай хеле вақти зиёд дар ин дунёи маҳдуд зиндагӣ доред. Не, ба шумо Рӯҳулқудс лозим аст, то ки барои орзу кардан ба шумо ёрӣ диҳад.

## Худо барои шумо нақша дорад

Қаблан дар ин китоб ман оиди вазъияти душвори молиявии мо ва воҳимаю изтиробе, ки бо сабаби мушкилоти молиявӣ аз он азоб мекашидам, нақл карда будам. Вақте ман тарзи ҳаётеро, ки тибқи Подшоҳии Худо аст, омӯхтам, ба ғайр аз Худо каси дигаре надоштам, ки ёрӣ талабам. Ӯ ба ман сухан ронд ва барои кушодани ширкати Forward Financial Group нақша дод, то ки ба одамон барои раҳо шудан аз қарзҳо кӯмак кунам. Ин аз ақл берун аст! Ман дар ёд дорам, ки чӣ тавр ман дар ин вақт дар хона менишастам ва оиди он фикр мекардам, ки Ӯ ба ман чӣ мефармояд, ва мепурсидам: “Худоё, чаро Ту пештар ба ман дар ин бобат ҳарф назадӣ?” Аммо Ӯ ҷавоб дод, ки агар ман нақшаро иҷро кунам, аз қарзҳо халос мешавам.

Вақте ки ман ва Дренда барои дар амал татбиқ кардани нақшае, ки Худо ба мо дод, шурӯъ кардем, мо на таҷҳизот, на компютер, ҳеҷ чиз надоштем. Аммо вақте мо нақшаро дидем, ман фаҳмидам, ки он кор мекунад, ва ман фаҳмидам, ки ин имконпазир аст. Ва ман дар зери мафҳуми нақша стратегия ё ҷузъиётҳоеро дар назар дорам, ки Ӯ дар мавриди оғози татбиқи нақша ба мо нишон дод. Ман ин корро карда метавонам! Дар асл ман хеле сахт мехостам, ки ин корро кунам.

Ба мисли воқеаи Брэд ва Черити, Худо ҳама чизҳои заруриро барои оғози кор фароҳам овард. Мутааҷҷибона, боре падари ман, ки соҳиби питсахона буд ва ба компютер эҳтиёҷ надошт, ба ман гуфт, ки компютер харидан мехоҳад, ва дархост кард, ки ба ӯ шарик шавам. Мо рафта, ба вай компютер ва барнома барои таҳрири матн харидем, ва ӯ иҷозат дод, ки онҳоро истифода барам.

Бовар кунед, ман дар бораи компютерҳо ҳеҷ чиз намедонистам. Ӯ аз ман як мил дуртар зиндагӣ мекард, ва ман ба омӯхтани ин компютер ва барнома сар карда, барои мизоҷон оиди он, ки чӣ тавр онҳо аз қарзҳо халос шуда метавонанд, маълумоти олие навишта тавонистам. Вақте ки ман пул надоштам, Худо бо ин роҳ ба ман кӯмак кард.

Ширкат васеътар мешуд, ва ман ба кор гирифтани намояндагони фурӯшро шурӯъ намудам. Он рӯзҳо мо ҳисобкунакҳои молиявии сайёри худро истифода мебурдем, то ки ҳамаи ҳисобҳои математикиро аз рӯи нақшаи ҳар як оила кор карда бароем. Сипас мо ин маълумотҳоро ба қолабе, ки ман дар муҳаррири матнии худ барои чоп кардан ба намояндагонамон сохта будам, дохил мекардем ва онҳо дар навбати худ онро ба мизоҷон бурда мерасониданд. Принтери матритса (шумо онҳоро дар хотир доред, дуруст?) тамоми рӯз ғавғо мекард. Дере нагузашта котиби ман аз ӯҳдаш баромада натавонист, ва ман маҷбур шудам, ки боз шахси дигареро киро кунам, то ки вай дар ҳуруфчинӣ ва чоп кардани ин ҳисоботҳо барои муштариён кӯмак кунад.

Ман фаҳмидам, ки бароям усули самараноки пешбурди тиҷорат лозим аст. Ба ман барномаи компютерие лозим буд, ки тамоми муодилаҳои молиявиро, ки барои ҳар як муштарӣ ҳисоб кардан лозим аст, ҳисоб карда барояд, ва ҳам чоп кунад. Ман ва Дренда аз Худованд кӯмак талабидем ва дархост кардем, то як барномасозеро ба мо диҳад, ки мо барои таҳияи чунин як барнома харҷи онро ба худ раво бинем.

Пас аз якчанд моҳ баъди ин дуо ман бо ташрифи маъмулӣ дар назди мизоҷе будам, ва вай варақаеро, ки барояш чоп карда будам, дида, аз ман пурсид: "Шумо инро дастӣ чоп мекунед?" Ман ҷавоб додам: "Бале, лекин мо сахт мехоҳем, ки инро ба барномаи компютерие гузаронем, ки ба ҷои мо худаш инро иҷро кунад". Ӯ ба ман нигоҳ кард ва фаҳмонид, ки дар шароити шуғли пурра дар кор вай барномаҳои компютерӣ менависад, аммо шомгоҳон дар вақти холигӣ бо мамнуният барои мо барнома

навишта метавонад. Ӯ нархи корашро гуфт ва ба ман иҷозат дод, ки ба қадри имкон дар давоми соли оянда пардохт кунам.

Ин барнома ҳама чизро тағйир дод ва ба ман имкон фароҳам овард, ки шумораи бештари одамонро ба  кор гирам. Дере нагузашта мо дар аксари минтақаҳои шарқии ИМА 300 намоянда доштем, ки ба мо имкон дод, то дар байни 5000 бахш барои яке аз таъминкунандагонамон рақами аввалин шавем.

Ширкати шахсиро таъсис дода ва Рӯҳулқудсро пайравӣ карда, мо аз қарзҳо пурра халос шудем, ва боқимонда, тавре ки мегӯянд, аллакай таърих аст. Ман гуфтанӣ ҳастам, ки агар аз Худо талаб кунед ва иҷозат диҳед, ки дар ҳаёти шумо амал кунад, Ӯ ба шумо нақша медиҳад. Ӯ шуморо ба ҷое мебарад, ки ба фикратон ҳам наомадааст.

Инак, иҷозат диҳед, то қайд кунам, ки ба шумо нақша лозим аст. Худо барои муваффақияти шумо нақша дорад. Дар асл Ӯ барои муваффақияти шумо нақшаҳои зиёд дорад. Идеяҳо ва хиради Ӯ беохир мебошанд.

> *Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам, — мегӯяд Худованд, — фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст, на ба бадӣ, то ки ба шумоояндаи нек ва умедворӣ бибахшам.*
>
> – Ирмиё 29:11

## Нақшаи Худоро чӣ тавр шунидан мумкин аст?

Инак, чӣ тавр нақшаро шунидан мумкин аст? Тавре ки ман аллакай гуфтам, усули беҳтарини шунидан – ин дуо дар Рӯҳ. Ман оиди дуо дар Рӯҳ батафсил сухан намеронам, чунки дар китоби “Инқилоби молиявии ту. Қуввати стратегия” муфассал гуфта шудааст, ки чӣ тавр овози Рӯҳулқудсро шунидан мумкин аст. Аммо ба таври кӯтоҳ дар ин бора истода мегузарам.

> *Аммо дар бораи ҳикмат мо дар миёни комилон сухан меронем, вале на дар бораи ҳикмати ин ҷаҳон ва мирони ин ҷаҳон, ки фано хоҳанд шуд, балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст, ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро, агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд.*
>
> *Аммо, чунон ки навишта шудааст: "Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст". Вале ба мо Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад. Зеро кист аз одамон, ки ботини инсонро бидонад, ба ҷуз рӯҳи инсон, ки дар ӯст? Ҳамчунин он чиро, ки дар Худо ҳаст, ҳеҷ кас намедонад, ба ҷуз Рӯҳи Худо. Лекин мо на рӯҳи ин ҷаҳонро, балки Рӯҳеро қабул кардаем, ки аз Худост, то он чиро, ки Худо ба мо ато кардааст, бидонем...*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:6-12

Он чизе, ки мо нашунидаем, надидаем ва ба дили мо наомадааст, тавре ки дар Навиштаҷот гуфта мешавад, – ин чизе аст, ки бо воситаи Рӯҳулқудс ба мо ошкор шудааст. Барои ман ин ҳамчун некии бузург ифода меёбад, ман мехоҳам, ки аз ин баҳраманд шавам. Вақте ки шумо масеҳӣ шудед, Рӯҳулқудс ба шумо ворид шуд, ва Ӯ ба идора кардани ҳаёти шумо сар кард.

Аммо ҷиҳати дигари Рӯҳулқудс низ вуҷуд дорад, ки Исо ба Калисо додааст ва он таъмид бо Рӯҳулқудс ном дорад. Ин чизе аст, ки мо дар рӯзи Пантикост мебинем, чуноне ки Рӯҳулқудс ба Исо дар дарёи Ӯрдун нозил шуд, Ӯ ҳамин тавр дар болохона ба шогирдон нозил шуд. Маҳз дар ҳамон вақт Исо ба хидмат шурӯъ намуд. Маҳз дар ҳамон вақт қуввати Худо ба Ӯ нозил шуд, то ки Ӯ дар бораи Подшоҳии Худо шаҳодат диҳад. Дар бачагӣ Исо мӯъҷиза содир накард. Ӯ ғизои оилаи худро зиёд накард ва дар рӯи об қадам назад. Барои фаҳмидани таъмид бо Рӯҳулқудс,

шумо бояд фаҳмед, ки дар байни таваллуд аз олами боло (вақте ки Рӯҳи Худо ба шумо ворид мешавад) ва таъмид бо Рӯҳулқудс (вақте ки Рӯҳулқудс ба шумо нозил мешавад) фарқ ҳаст.

> *Бегоҳии худи ҳамон рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон дар хонае ҷамъ омада, аз тарси яҳудиён дарҳои онро баста буданд, Исо омада, дар миёни онҳо биистод ва ба онҳо гуфт: "Салом бар шумо бод!" Чун инро гуфт, дастҳо ва қабурғаи Худро ба онҳо нишон дод. Шогирдон Худовандро дида, шод гардиданд.*
>
> *Боз Исо ба онҳо гуфт: "Салом бар шумо бод! Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам". Чун инро гуфт, бар онҳо дамид ва гуфт: "Рӯҳулқудсро пайдо кунед".*
>
> – Юҳанно 20:19–22

Шогирдон аз олами боло таваллуд шуда буданд, ончунон ки оиди ин айнан дар он ҷо, дар боби 20-уми Инҷили Юҳанно, гуфта шудааст, аммо Исо ба онҳо гуфт, ки ҳанӯз онҳо бояд таъмиди Рӯҳулқудсро интизор шаванд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то шоҳидони Подшоҳии Худо гарданд.

> *...ба онҳо низ, баъд аз азобу уқубаташ, бо далелҳои бисёр Худро зинда нишон дод ва дар давоми чиҳил рӯз ба онҳо зоҳир шуда, дар бораи Малакути Худо сухан гуфт. Ва онҳоро ҷамъ карда, чунин амр фармуд: "Ерусалимро тарк накунед, балки мунтазири он ваъдаи Падар бошед, ки аз Ман шунидаед, зеро ки Яҳё бо об таъмид медод, лекин шумо, баъд аз чанд рӯз, бо Рӯҳулқудс таъмид хоҳед ёфт".*
>
> – Аъмол 1:3-5

> *...аммо вақте ки Рӯҳулқудс бар шумо нозил шавад, қувват хоҳед ёфт ва дар Ерусалим ва дар тамоми Яҳудо ва Сомария ва то ақсои дунё шоҳидони Ман хоҳед буд.*
>
> – Аъмол 1:8

**ИН ТАДҲИНИ ХУДО ҚУВВАТ МЕБАХШАД ВА БА ШУМО ИМКОН МЕДИҲАД, КИ КОРҲОИ ӮРО БА АМАЛ ОРЕД.**

Ин тадҳини Худо қувват мебахшад ва ба шумо имкон медиҳад, ки корҳои Ӯро ба амал оред. Диққат диҳед, ки он бар шумо меояд, на андаруни шумо. Шумо ҳамчунин ба ёд оварда метавонед, ки дар рӯзи Пантикост ҳамаи шогирдон, ки дар болохона мунтазир буданд, бо Рӯҳулқудс таъмид ёфтанд. Яке аз аломатҳои он чӣ буд? Ҳамаи онҳо ба забонҳои ғайр сухан ронданд. Ба забонҳо сухан рондан дар боби 12-уми Номаи аввал ба Қӯринтиён ҳамчун яке аз нӯҳ бахшоишҳои рӯҳонӣ, ки ба калисо дода шуда буданд, зикр карда мешавад. Шумо гуфта метавонед, ки ин бахшоишҳо дар гузашта буданд, вале ман ба ин қатъиян розӣ нестам. Таъмид бо Рӯҳулқудс ҳамаи нӯҳ бахшоишҳои рӯҳониро бо худ меорад, аммо ман танҳо ба як бахшоиш – сухан рондан ба забонҳо диққат додан мехоҳам.

Дар аввал ин бефоида ба назар расида метавонад, зеро тахмин кардан мумкин аст, ки ин танҳо дар ҳолати сӯҳбат бо одамоне, ки бо забони дигар гап мезананд, лозим мешавад, дар ҳоле ки шумо ба онҳо Инҷилро мавъиза кардан мехоҳед. Аммо қобилияти суханронӣ ба одамон бо забонҳое, ки шумо намедонед, ҳеҷ гоҳ ҳадафи бахшоиши суханронӣ ба забонҳо набуд. Ба ман иҷозат диҳед, то ба шумо нишон диҳам, ки чаро ин бахшоиш бебаҳо аст ва барои чӣ он барои камолоти шумо муҳим мебошад.

> *Зеро касе ки ба забоне сухан меронад, вай на ба одамон, балки ба Худо сухан меронад, чунки ҳеҷ кас намефаҳмад: вай бар тибқи рӯҳ асрорро ба забон меоварад; аммо касе ки нубувват мекунад, вай ба одамон барои обод кардан ва насиҳату тасаллӣ додан сухан меронад. Касе ки ба забоне сухан меронад, вай худашро обод мекунад; аммо касе ки*

*нубувват мекунад, вай калисоро обод мекунад. Мехоҳам, ки ҳамаатон ба забонҳо сухан ронед; лекин беҳтар аст, ки нубувват кунед, зеро касе ки нубувват мекунад, бузургтар аст аз касе ки ба забонҳо сухан меронад, магар ки вай дар айни ҳол маънидод ҳам кунад, то калисо обод шавад.*

– 1 Қӯринтиён 14:2-5

Дар ин ҷо мо бояд контексти номаи Павлусро дарк кунем. Ӯ дар бораи он мегӯяд, ки ҷамъомади калисо чӣ тавр бояд доир гардад. Дар асл, ӯ мегӯяд, ки суханронӣ бо забонҳо ба онҳое, ки онро дар ҷамъомади калисо мешунаванд, фоида намеорад, чунки нафароне, ки онро мешунаванд, намефаҳманд, ки он шахс чӣ мегӯяд. Павлус мегӯяд, ки дар калисо нубувват кардан хубтар аст, зеро нубувват бо забони умумии ба одамон фаҳмо гуфта мешавад ва бештар самар меорад.

Аммо вақте сухан дар бораи шахси алоҳидае меравад, ки бо забонҳо дуо мекунад, ин аллакай тамоман масъалаи дигар аст. Суханронӣ ба забонҳои ғайр ба шахси дуогӯ фоидаи зиёд меорад. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ин гуна шахс асрорро бо рӯҳ ба забон меорад. Ин асрор – чизе, ки шумо намедонед, вале бояд донед. Дар идома Павлус мегӯяд, ки шахсе, ки ба забонҳо сухан меронад, худашро обод мекунад. Ибораи "обод кардан" "панду насиҳат кардан"-ро мефаҳмонад. Маълум аст, ки агар ба шумо чизеро донистан лозим шавад, пас дар ин лаҳза он барои шумо сир аст. Аммо суханронӣ ба забонҳо ба гӯянда ҳикмат мебахшад. Ба ману шумо ин аниқ лозим аст, агар нақшаҳоеро тартиб додан хоҳем, ки берун аз чаҳорчӯбаи чизҳоест, ки мо аллакай медонем. Чуноне ки дар Навиштаҷоти Муқаддас гуфта шудааст:

*Аммо, чунон ки навишта шудааст: "Он чиро, ки чашме надидааст, гӯше нашунидааст ва ба дили инсон наомадааст, Худо барои дӯстдорони Худ муҳайё кардааст". Вале ба мо*

> *Худо онро ба воситаи Рӯҳи Худ ошкор сохтааст; зеро ки Рӯҳ ҳама чизро, ҳатто умқҳои Худоро пай мебарад.*
>
> – 1 Қӯринтиён 2:9, 10

Ман ба ин ёрдам мӯҳтоҷам, шумо низ. Саволи навбатии шумо: “Агар шумо ба забонҳо сухан ронед ва намефаҳмед, ки чӣ мегӯед, пас чӣ тавр шумо аз он чизе, ки мегӯед, фоида мегиред?” Асрор дар ҳамин аст. Вақте ки Рӯҳулқудс ба воситаи рӯҳи инсонии худи шумо ҳарф мезанад, ақли шумо баъзе фикрҳоеро, ки ба воситаи шумо гуфта мешавад, пайхас мекунад. Мо инро кушоиш меномем, ва худи ин калима аз решаи “кушодан” бармеояд. Ҳамин тавр, бо Рӯҳ дуо гуфта, чуноне ки дар Китоби Муқаддас суханронӣ ба забонҳо номида мешавад, шумо қобилияти пайхас кардани фикру андешаҳоеро, ки аз они шумо нестанд, пайдо мекунед.

Ман медонам, ки шояд шумо дар ин бора саволҳои зиёде доред, бинобар ин ба ман иҷозат диҳед, то маслиҳат диҳам, ки китоби ман “Инқилоби молиявии ту. Қуввати стратегия”-ро пайдо кунед. Дар он шумо ба ҳамаи саволҳои худ ҷавоб меёбед.

## Бозистед ва оиди стратегия дуо кунед

Ҳоло биёед ҳамту мефаҳмем, ки баъд аз он ки шумо бо имон тухмӣ кишт мекунед, қадами минбаъдаи шумо таваққуф ва дуо дар Рӯҳулқудс мебошад, чунки ба шумо нақша лозим аст. Карла маҳз ҳамин тавр рафтор кард.

Карла ва Тодд аз маош то маош нӯг ба нӯг зиндагӣ карда ва ба қарзҳо чуқуртар ғӯтида, тарзи ҳаёти маъмулии амрикоӣ мегузарониданд. Боре Карла аз оинаи нилгун барномаи “Ҳалли масъалаи пул”-ро тамошо карда, фаҳмид, ки вай бояд ҳаёти молиявиашонро ба тартиб дароварад. Ман номаеро, ки аз Карла гирифта будам, дар ёд дорам. Дар он вай навишта буд, ки онҳо ҳеҷ гуна нақшаи молиявӣ надоштанд. Таъминоти онҳо ҳатто ба як-ду моҳи минбаъда кифоя намекард, онҳо то ин дараҷа аз пул

танқисӣ мекашиданд. Ҳар гуна норасоии пул дар буҷети онҳо аз ҳисоби кортҳои қарзӣ пӯшонида мешуд.

Вай медонист, ки онҳо бояд аз қарзҳо халос шаванд, аммо чӣ тавр? Китоби маро хонда, ӯ бо шавҳараш барои бизнес-идея тухмӣ кишт карданд, зимнан ба таври мушаххас барои бизнесе, ки дар хона машғул шуда метавонанд. Тодд ҳамчун муаллим дар мактаби маҳаллӣ аллакай машғули кор буд, аз ин рӯ Карла фикр мекард, ки худи вай бо чӣ кӯмак карда метавонад. Ҳар субҳ, пас аз он ки онҳо барои идея тухмӣ кишт карданд, Карла аз Рӯҳулқудс роҳнамоӣ интизор шуда, алоҳида бо Худованд вақт мегузаронид.

Боре саҳарӣ вай дар рӯҳ калимаи “сагбачаҳо”-ро шунид. Дар аввал ӯ андаке музтариб шуд. Сагбачаҳо? Парвариш кардани сагбачаҳо? Онҳо пештар саг доштанд, вале оиди парвариши сагбачаҳо вай ҳеҷ гоҳ фикр накарда буд. Вақте ки бегоҳӣ Тодд ба хона баргашт, Карла хост, ки ба вай оиди он, ки Худо ба вай гуфт, нақл кунад. Чуноне ки интизор буд, Тодд ба ин идея каме хавотиромез муносибат кард, аммо ба Карла пешниҳод кард, ки имкониятҳоро омӯзад. Дере нагузашта Тодд ва Карла ду сагбачаи зоти голдендудли модина хариданд ва бизнеси хурди сагпарварии худро оғоз карданд. Албатта, аввалан онҳо бояд сагчаҳои худро калон мекарданд, ва сипас раванди афзоишро шурӯъ менамуданд.

Дар ин роҳ онҳо ба якчанд нокомиҳо дучор шуданд, аммо дар соли аввал сагҳои онҳо 13 сагбача таваллуд карданд. Сагбачаҳо тақрибан ба 1500 долларӣ фурӯхта шуданд, ва Карла мегӯяд, ки вақте ӯ фаҳмид, ки суханони Рӯҳулқудсро оиди сагбачаҳо дуруст шунидааст, ашк рехтааст. Дар худи ҳамон сол Тоддро директори мактаби маҳаллӣ таъин карданд.

Бизнес оид ба фурӯши сагбачаҳо васеътар шудан мегирифт, ва дар айни замон онҳо 300 сагбача доштанд, ва нархи ҳар яки онҳо тақрибан то ба 2500 доллар расид. Ҳаёти молиявии онҳо 180 дараҷа дигар шуд! Соли гузашта онҳо қарзи хонаашонро пурра

пардохт карданд ва акнун бе қарз зиндагӣ карда истодаанд. Онҳо ба хориҷа барои саёҳатҳои аҷиб сафар мекунанд ва мебинанд, ки чӣ тавр Худо дар оилаи онҳо корҳои бузургро ба амал меорад, ва Карла чунин меҳисобад, ки вай вазифадор аст, ки ба одамон дар бораи Подшоҳии Худо нақл кунад. Вай ба наздикӣ китоби аввалини худро бо номи “Нақшаҳои пешравӣ: чӣ тавр Худо ба мо ба воситаи сагбачаҳо озодии молиявӣ дод” (“Plans to Prosper: How God Gave Us Financial Freedom Through Puppies”) аз чоп баровард.

Тодд ва Карла тавре зиндагӣ мекунанд, ки мувофиқи Подшоҳии Худо аст, ва тарзи ҳаёти онҳо диққати одамонро ҷалб мекунад ва онҳоро водор месозад, ки бозистода, оиди Худо андеша кунанд. Дар охири паёми худ Ишаъёи набӣ оиди давраи калисо сухан рондааст. Ӯ ба мо дар бораи он нақл кардааст, ки Худо, ҳоло ки мо дар ин замин зиндагӣ мекунем, бо ҳаёти мо чӣ кор кардан мехоҳад.

> *...ва онҳо дарахтони адолат номида хоҳанд шуд, ки Худованд барои ҷалоли Худ шинондааст.*
>
> – Ишаъё 61:3

Дарахти булут – ин хеле дарахти мустаҳкам ва, одатан, бузург. Китоби Муқаддас мегӯяд, ки ҳаёти мо ба дарахти булут монанд мешавад: он устувор, мустаҳкам ва побарҷо хоҳад буд. Самари ин дарахт адолат аст, ва ин маънои онро дорад, ки одамон мебинанд, ки бояд ҳаёте, ки Худо дуруст меҳисобад, чӣ гуна бояд бошад. Мо парвардагони Худованд ҳастем, ва ин чунин маъно дорад, ки Худо моро дар ҷойҳои гуногун, дар касбу кори гуногун ва фарҳангҳои мухталиф, ки Ӯ зарур мешуморад, ҷойгир мекунад, то ки ҷалолу шукӯҳи Худро нишон диҳад. Худо мехоҳад, ки диққати одамонро ба шумо ҷалб кунад! Ӯ мехоҳад, ки одамон меваҳои неки усулҳои амали Ӯро дар ҳаёти шумо бубинанд. Ба мисли он ки чӣ тавр дарахти мевадор бо меваҳои ширини худ диққати шуморо ҷалб мекунад, Худо мехоҳад, ки ҳаёти шумо ба мисли биҳишти рӯи замин бошад.

Чӣ тавр Тодд ва Карла ба ин муваффақ шуданд? Албатта, онҳо хеле заҳмат кашиданд, то ки сагбачаҳоро калон кунанд, аммо озодӣ ба ин кор меарзад. Ин озодӣ аз он сар шуд, ки Карла нақша, яъне сухани Худоро шунид. Вай ҳамагӣ як калимаи оддиро шунид: "Сагбачаҳо!" Аммо ин ҳама чизе буд, ки талаб карда мешуд. Худо ба шумо низ ҳарф мезанад. Ӯ шуморо ба он чарогоҳҳо ва обҳои роҳатафзое меорад, ки дар Забур 22 гуфта шудааст.

Аммо, чуноне ки шумо мефаҳмед, фақат шунидани нақша кифоя нест. Ман дар боби оянда қадами рақами 5-ро муҳокима кардан мехоҳам, ва, эҳтимол, ин боби аз ҳама муҳимтарин ҳисоб шавад, чунки маҳз дар қадами панҷум бисёр одамон ба нокомӣ дучор мешаванд. Аммо на шумо, шумо ба мисли ҳикояҳое, ки дар ин китоб хондед, дар некӯии Худо роҳ хоҳед рафт! Тайёр ҳастед? Биёед ба қадами рақами 5 мегузарем.

БОБИ 9

# ФУРСАТИ МУНОСИБ!

Ҳар як деҳқон медонад, ки ҳосили дилхоҳ мӯҳлатҳои ба худаш хос ва мушаххас дорад. Донистани мавсими дурусти ҳосилғундорӣ барои фарҳанги муайян – ин фарқи байни муваффақият ва нокомӣ аст. Ва бояд дақиқан дарк намуд: шумо мавсими ҷамъоварии ҳосилро аз даст дода метавонед. Хулоса, ин мавзӯи хеле калон ва муҳим мебошад. Шумо оё боре ба мағоза рафта, себи сурхи зеборо дида, фикр кардаед: *"Ин себи беҳтарин аст"*, вале ба хона баргашта, онро чашидед ва пай бурдед: *"Эҳэ, ин себ бемаза будааст"*? Ин масъалаи саривақтӣ мебошад.

Ман ба шумо гуфта наметавонам, ки чӣ қадар қиссаҳоро оиди нокомиҳои молиявӣ шунидаам ва чандин маротиба бо одамоне сарукор доштаам, ки ба амалӣ кардани ягон идея сар карда, фурсатро аз даст додаанд. Ҷои дӯстдоштаи ман дар Навиштаҷот оиди масъалаи саривақтӣ дар Инҷили Матто (13:44) омадааст.

> *Боз Малакути Осмон монанди ганҷест, ки дар киштзор ниҳон бошад, ва онро касе ёфта, пинҳон кард, ва аз шодии он рафта, ҳар чи дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид.*

Дар ин воқеа он шахс ба қадри кофӣ хирадманд буд, то бифаҳмад, ки дар ҳамон лаҳза вай ганҷро ба даст оварда наметавонист. Ӯ бояд рафта, барои ба даст овардани он тайёрӣ медид.

Масалан, вақте ки Карла калимаи "сагбачаҳо"-ро шунид, ин

маънои онро надошт, ки вай мебоист оиди фурӯши сагбачаҳо овоза кунад. Вай ҳоло сагбачаҳо надошт. Бисёр чизҳо бояд омода карда мешуданд. Дар аввал ду сагбача харидан лозим буд. Бисёр масъалаҳои марбут ба парвариши онҳо, масъалаҳои таваллуд ва нигоҳубини сагбачаҳо ва ғайраро бояд меомӯхтанд.

Ҳамчунин масъалаҳои иҷозатномагирӣ, маркетинг, корҳои бонкӣ, андоз ва ғайра ҳаст. Ҳамаи инро пеш аз он, ки ба даравидани ҳосили аввали бизнес-идеяи худ оғоз мекунед, омӯхтан зарур аст.

Агар гумон кунед, ки ҳама чизро санҷишкорона фикр карда баромадаед, ҳоло аз ҳама душвортаринаш дар пеш аст. Шумо бояд дар мавриди он чизҳое, ки Худо ба шумо мегӯяд, биниш гиред. Бале, ин идея нисбат ба тасаввуроти шумо бузургтар мешавад, ва аз ҳамин сабаб мумкин аст, ки каме тарс пайдо шавад. Вале тарс дар шахси кӯҳнаи шумо боқӣ монд. Акнун шумо одами нав ҳастед.

Вақте ки Худо оиди саршавии бизнеси шахсиам бо ман сӯҳбат кард, дар ин бора хеле асабонӣ мешудам. Ман ҳама чизро аз сифр шурӯъ кардаам. Новобаста ба он ки Худо дар хобам оиди зарурияти оғоз кардани бизнес сухан ронда буд, ва ман ҳама чизро санҷишкорона таҳлил карда бошам ҳам, аздусар зиқ мешудам. Акнун ҳама чиз аз ман вобаста буд, аз он ки оё ман воқеан барои амалӣ кардани ин кор азм мекунам ё не. Оё шумо шиносҳо ё дӯстоне доред, ки доимо дар бораи корҳои ба нақша гирифтаашон гап мезананд, вале ҳеҷ гоҳ онро ба ҷо намеоранд. Ман бисёр ин гуна шахсонро медонам! Фаромӯш накунед, ки ман аллакай беш аз сӣ сол коргарони соҳаи савдоро таълим медиҳам.

Вақте ки ман бизнеси худамро сар мекардам, дар пеши назар ҳеҷ гуна мисолҳо надоштам. Ман фақат аз ҳисоби фоизҳои комиссионӣ зиндагӣ менамудам ва танҳо худам кор мекардам. Вале ман як чиз доштам – шавқ. Вақте ки Худо маро водор кард, то ширкате таъсис диҳам, ки ба одамон барои аз қарзҳо халос шудан ёрӣ дода метавонист, азми ман қавӣ буд. Қисми зиёди умр ман аз мушкилоти молиявӣ азоб мекашидам, ва акнун, вақте ки ҷавоб ёфтам, хостам,

ки оиди Подшоҳии Худо ба ҳама нақл кунам. Ғайр аз ин, модоме ки Худо барои тартиб додани нақша ба ман ёрӣ дод ва барои оилаҳое, ки дар панҷ-ҳафт сол, буҷети худро тағйир надода, аз қарзҳояшон, аз ҷумла қарзи ипотека, халос шудан мехостанд, нақша сохтанро нишон дод, ғайрати ман зиёд шуд. Ман медонистам, ки дар бозори молиявӣ мавқеи шахсии худро дорам, ва чизҳои зиёдро омӯзонида метавонам. Вале ба ҳар ҳол, пеш аз он ки шурӯъ кунам, ман бояд намунаро мукаммал мегардонидам.

Албатта, доимо чизҳое ҳастанд, ки дар раванди кор ёд мегиред, аммо, вақте ки бо тамоми вуҷудатон ба кор андармон мешавед, шумо аллакай бояд сохтори асосиро кор карда бароед. Ва ба ҳар ҳол новобаста аз он ки имконият, маҳсулот ё маоши эҳтимолӣ чӣ қадар зиёд аст, ҳамеша имрӯз вуҷуд дорад, ва маҳз имрӯз шумо бояд ба иҷро кардани нақша шурӯъ кунед.

Ин маро ба мушкилии ҳақиқӣ меорад, ва, ба назари ман, ин мушкилӣ сабаби асосии он аст, ки чаро бисёриҳо ҳатто пас аз шунидани дастури Худо ва ба саволҳои молиявии худ ҷавоб пайдо кардан ба мақсадҳои худ ноил намешаванд.

## Прокрастинатсия![6]

Таъхир метавонад ба нобоварӣ, тарс ё ҳамту танбалӣ асос ёбад. Аммо як чиз аниқ мебошад: ин кори осон аст! Ман дар мавриди таъхиргузорӣ таҳқиқоти зеринро оиди одатҳои донишҷӯёни хатмкунанда хондам.

> *Ҷенни хонаи худро тоза мекунад. Кэти муаммоҳои математикиро ҳал мекунад. Мэтт натиҷаҳои мусобиқаҳои варзиширо тафтиш мекунад, ва Кармен саҳифаи худро дар Facebook навсозӣ мекунад. Ҳамаи онҳо*

---

6 Прокрастинатсия – дар равоншиносӣ майл ба таъхиргузории доимии ҳатто корҳои муҳим ва ҳатмӣ, ки ба мушкилиҳои ҳаёт ва натиҷаҳои дардовари психологӣ оварда мерасонад. – *Эзоҳ. тарҷ.*

*донишҷӯён-психологҳое мебошанд, ки вазифаҳои дигарро, ки иҷроишашон ҳатмӣ аст, ба таъхир мегузоранд. Таъхиргузории анъанавӣ дар амал аст.*

*Махсусан дар замони мо, ки Интернет бо як ангушт задан ба донишҷӯён имкон медиҳад, то аз раванди таълими сохторбандишуда канораҷӯӣ кунанд, аз ин одат раҳо шудан душвор аст. Мувофиқи натиҷаҳои метаанализи соли 2007, ки аз ҷониби равоншиноси Донишгоҳи Калгари олими фалсафа Пирс Стил гузаронида шуд, аз 80 то 95 фоизи донишҷӯёни коллеҷҳо вақтро дароз мекашанд, хусусан вақте ки гап дар бораи иҷро кардани кори курсӣ меравад*[7].

Ман гумон мекунам, ки ин на танҳо ба донишҷӯёни курсҳои охир дахл дорад. Омилҳои диққатрабоянда хеле қавӣ мебошанд. Зангҳои телефонӣ ё азназаргузаронии почтаи электронӣ – ин, албатта, кушандагони вақт мебошанд. Вале ҳамчунин прокрастинатсия тарафҳои хеле нозуки шайтонӣ дорад, ки шумо бояд дар борааш донед. Барои шарҳ додан ва равшанӣ бахшидан ба ин мавзӯи хатарнок – бале, ман хатарнок гуфтам, – ман ба Навиштаҷоти Муқаддас муроҷиат кардан мехоҳам.

*Аммо дар бораи ҳикмат мо дар миёни комилон сухан меронем, вале на дар бораи ҳикмати ин ҷаҳон ва мирони ин ҷаҳон, ки фано хоҳанд шуд, балки дар бораи ҳикмати Худо маҳрамона сухан меронем, дар бораи ҳикмати ниҳоние ки Худо аз азал барои ҷалоли мо муқаррар кардааст,* ***ки онро ҳеҷ яке аз мирони ин ҷаҳон надонист; зеро, агар медонистанд, Худованди ҷалолро маслуб намекарданд****.*

– 1 Қӯринтиён 2:6-8

Эҳ, шумо бояд инро дар ягон ҷо сабт кунед. Агар шайтон пай барад, ки шумо чӣ кор карда истодаед, вай тактикаашро дигар

7 https://www.apa.org/gradpsych/2010/01/procrastination

мекунад! Ана барои чӣ Худо бо масалҳо гап мезанад. Ана барои чӣ Худо то нисфи шаб интизор мешавад, то ба шумо чизеро ошкор кунад. Шумо бояд донед ва дар хотир дошта бошед, ки мо душман дорем. Душмани шумо – ин на ҳамту симои маҷозӣ бо панҷшохаю ҷомаи сурхранг. Китоби Муқаддас возеҳ мегӯяд:

> *Ҳушёр ва бедор бошед, чунки душмани шумо, иблис, мисли шери ғуррон гаштугузор карда, касеро меҷӯяд, то ба коми худ кашад.*
>
> – 1 Петрус 5:8

Албатта, вай ҳамин тавр осон касеро фурӯ бурда наметавонад, аммо мехоҳад, ки аз доираи салоҳияти осмонӣ ба қаламрави қонунии худ кашида барорад, то бикушад, бидуздад ва талаф кунад. Китоби Муқаддас мегӯяд: "Душмани ту!" Яке аз тактикаҳои шайтон – шуморо ба фориғболӣ, ба доми прокрастинатсия, гирифтор кардан. Ман хоберо дар ёд дорам, ки шабе дида будам. Тасвире, ки ман дидам, шабона буд, ва равшании тирезаи ман ба майдонча нур мепошид, то даме дар торикӣ нопадид шуд. Дар он ҷое, ки равшанӣ нопадид мешуд, дар торикӣ, ман ду девро дидам, ки бо дафтар дар даст дар рӯ ба рӯи тирезаи ман меистоданд.

**ТАЪХИРАНДОЗӢ БА ҲАДДИ МАРГОВАР ХАТАРНОК БУДА МЕТАВОНАД!**

Ман медонистам, ки онҳо барои ёфтани ҷои қонунӣ ба хонаи ман фиристода шуда буданд. Онҳо ҷойҳои сустро ҷуста, қайдҳо мекарданд, то бо воситаи онҳо кори Худоро боздоранд.

Таъхирандозӣ ба ҳадди марговар хатарнок буда метавонад! Пуртаъсир садо медиҳад, ҳамин тавр не? Ин мухолифи он чизе аст, ки ба шумо васвасаи прокрастинатсия мегӯяд. Садои ӯ ҳиллагарона ва боварибахш аст: "Агар инро дертар иҷро кунӣ ҳам, мешавад, муҳим нест". Ту ҳамавақт инро дертар карда метавонӣ. Аммо магар

ҳамин тавр аст? Иҷозат диҳед, то як ҳикояро ба шумо нақл кунам, ки ба шумо чӣ қадар хатарнок будани таъхирандозиро нишон медиҳад.

> *Ва фалиштӣ низ роҳ гашта, ба Довуд наздик мешуд, ва сипарбардораш пешопеши ӯ равона буд. Ва фалиштӣ назар андохта, Довудро дид, ва аз ӯ нафрат кард, зеро ки ҷавони сурхрӯ буда, чеҳраи некӯ дошт. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: "Оё ман саг ҳастам, ки бо таёқе назди ман меоӣ?" Ва фалиштӣ Довудро бо худоёни худ лаънат кард. Ва фалиштӣ ба Довуд гуфт: "Назди ман биё, то гӯшти баданатро ба мурғони ҳаво ва даррандагони саҳро бидиҳам".*
>
> – 1 Подшоҳон 17:41-44

> *Ва ҳангоме ки фалиштӣ бархост ва равона шуда, ба Довуд наздик омадан гирифт, Довуд шитоб намуда, сӯи лашкар ба пешвози фалиштӣ давид. Ва Довуд дасташро ба кӯлбор бурд, ва аз он ҷо санге гирифта, бо фалахмон андохт, ва ба пешонии фалиштӣ зад; ва санг ба пешонии вай ғӯтида, вай рӯй бар замин фурӯ ғалтид.*
>
> – 1 Подшоҳон 17:48, 49

Достони Довуд ва Ҷолёт – ин достони ҳайратангез. Тамоми қавми Исроил бо тарс суханони пурхашми Ҷолётро мешунавад. Аммо Довуд мегӯяд, ки бо як шарт бо вай ҷанг мекунад: ӯ метавонад ба худ аслиҳа интихоб кунад – фалахмонеро, ки солҳои зиёд барои муҳофизат кардани гӯсфандон истифода мебурд. Вақте ки Довуд ба Ҷолёт наздик мешуд, Ҷолёт музтариб шуда фарёд мезанад: *"Оё ман саг ҳастам, ки бо таёқе назди ман меоӣ?"* Он чизе, ки Ҷолёт таёқ меномад, дар асл асои Довуд мебошад. Ӯ фалахмони дар зери камарбанд гузошташударо намебинад. Не, Довуд асоро ҳамчун дом истифода бурда, диққати Ҷолётро ба он ҷалб мекунад, на ба фалахмон. Ин боз як тактикае буд, ки Довуд истифода бурд. Ӯ медонист, ки агар ӯ ногаҳон ба Ҷолёт ҳамла кунад, ба вай дидани фалахмон мушкил мешавад.

Аммо агар Довуд ба мисли дигар одамон амал мекард, чӣ мешуд? Онҳо аз муҳориба тарсида, ҳамту сустӣ зоҳир мекунанд. Агар Довуд, то даме ки ба ҳамла намудан тайёр будани худро ҳис кардан, дар гирди Ҷолёт рақс мекард, чӣ мешуд? Ман чунин меҳисобам, ки Ҷолёт фалахмонро медид, стратегияи Довудро мефаҳмид ва рафтори худро ба он мувофиқ мегардонид. Халқи Исроил дар муҳориба шикаст мехӯрд ва тамоми қавм асир карда мешуд.

**ИН МАҲЗ ҲАМОН ЧИЗЕ АСТ, КИ ШАЙТОН НИСБАТ БА ШУМО АНҶОМ ДОДАН МЕХОҲАД. Ӯ МЕХОҲАД, КИ НАҚШАҲОИ ШУМОРО ҒАСБ КУНАД.**

Ин маҳз ҳамон чизе аст, ки шайтон нисбат ба шумо анҷом додан мехоҳад. Ӯ мехоҳад, ки нақшаҳои шуморо ғасб кунад. Агар ӯ тавонад, ки шуморо ба таваққуф кардан водор намояд, ва шумо то дами худро тайёр ҳис кардан интизор шавед, ӯ фурсат пайдо мекунад, ки тактикаи худро дигар кунад, то ба нақшаи илоҳӣ, ки Худо барои ҳаёти шумо дорад, монеа эҷод кунад. Пас таъхирандозӣ хатарнок аст? Бешубҳа! Ман боварӣ дорам, ки он ба шумо аллакай ҳазорҳо доллар зарар расонидааст. Дар мавриди Довуд, ҷони ҳазорҳо одам дар зери хатар мемонд.

Ана барои ҳамин, вақте ки шумо фурсати муносибро медонед ва нақша доред, далерона ба пеш ҳаракат кунед. Ман боварӣ дорам, ки Рӯҳулқудс шуморо роҳнамоӣ хоҳад кард, ва Ӯ ба шумо ёрӣ хоҳад дод, то бидонед, ки фурсати муносиб кай фаро мерасад. Аммо аз боиси таълимоти нодуруст бисёриҳо дудила мешаванд ё қадаме ба пеш гузошта, сипас, муҳорибаро пай бурда, ақибнишинӣ мекунанд ва чунин мепиндоранд, ки, эҳтимол, аз Худо бехабар мондаанд.

## Аз муҳориба натарсед

Одамон ба ман мегӯянд, ки вақте онҳо ба пеш тез ҳаракат мекунанд, ҳама чиз ба ҷаҳаннам чаппагардон мешавад. Хайр, шумо ба таври лозима мусаллаҳ ҳастед, то ки ба ҷаҳаннам муқобилият

нишон диҳед. Душман ин лаҳза аз нақшаи шумо, ки Рӯҳулқудс гуфтааст, зарба хӯрд, ва ӯ аксуламал нишон медиҳад, то ки он ба иҷро нарасад. Ӯ онро ҳозир боздошта наметавонад. Аллакай хеле дер шудааст. Вале агар вай шуморо ба он водор намояд, то ба каломи Худо, ки шуморо ба ин зина баровардааст, шубҳа кунед, он гоҳ тарс шуморо маҷбур мекунад, ки ба ақиб баргардед. Вай чунон шӯру мағал мебардорад, ки шумо ақибнишинӣ кунед. Аммо ҳоло, шумо бояд аз пештара қавитар бошед ва қудрати худро истифода баред, то ки ҷилави вайро дар даст нигоҳ доред.

Бидуни тарс гӯед: "Не, ту наметавонӣ ин корро бикунӣ!" ё "Ман рӯҳи изтиробро, ки маро азоб додан мехоҳад, мебандам. Ман медонам, ки Худованд чӣ фармудааст, ва ба номи Исо ман онро ба ҷо меорам. Ва акнун, шайтон, дафъ шав!"

Мутаассифона, аксари масеҳиёни бетаҷриба аз ҳамлаҳои шайтон дар тааҷҷуб мемонанд. Ба назари онҳо, модоме ки Худо ба онҳо ҳарф зад ва нақшаи Худро ба онҳо дод, пас ҳама чиз осон ва зуд, бе ҳеҷ гуна чизҳои ғайричашмдошт, ба даст меояд.

Аммо маро нодуруст нафаҳмед. Мо бар рӯҳҳои шарир қудрати мутлақ дорем, вале бар одамон қудрати мутлақ надорем. Бояд қайд кард, ки гарчанде ман дар таҳти салоҳияти Худо қарор дорам, бисёр одамон дар атрофи ман дар таҳти он қарор надоранд ва қурбони овозаҳо ва бесарусомонӣ мешаванд. Онҳо метавонанд ниятҳои маро нодуруст баҳо диҳанд ё маро ба таъқибот дучор намоянд.

Аммо онҳо наметавонанд нақшаи Рӯҳулқудсро боздоранд! Душман мушоҳида мекунад, ки як рӯз дер кардааст ё як долларро аз даст додааст. Худо аз вай хеле барвақт пешдастӣ мекунад ва ба шумо пирӯзӣ мебахшад, ба шарте ки агар шумо дар имон устувор бимонед ва ба созишкорӣ роҳ надиҳед.

Марҳилаи оғози амал – ин марҳилае, ки барои аз он гузаштан, назар ба имон, бештар ҷасорат лозим мешавад. Имон шуморо то ин лаҳза овард, вале акнун ҷасорат лозим аст, то ки қадам бардоред. Ба фикри ман, мушкилӣ дар он аст, ки одамон воқеаи баҳри Сурхро бо воқеаи дарёи Ӯрдун омехта мекунанд.

Дар воқеае, ки дар баҳри Сурх рӯй дод, халқи Исроил аз ғуломӣ раҳо мешавад ва то баҳри Сурх мерасад, ки дар он ҷо дар байни баҳр ва кӯҳҳо банд шуда мемонанд, зеро фиръавн фикрашро дигар карда, онҳоро таъқиб мекунад. Чунин ба назар мерасид, ки илоҷи халосӣ нест. Аммо Мӯсо асои худро (қудрат) боло мебардорад, ва баҳри Сурх ба ду тараф ҷудо мешавад. Онҳо аз баҳр мегузаранд, вале лашкари фиръавн онҳоро таъқиб мекунад. Аммо вақте ки онҳо ин тавр мекунанд, баҳр онҳоро фурӯ мебарад, ва ҳамаашонро нобуд мекунад. Акнун Исроил аз асорати Миср ва ғуломӣ раҳо мешавад. Ин воқеаи бузурги раҳоӣ аст, ва ҳамаи мо ситоиш кардани озодиеро, ки Худо додааст, дӯст медорем.

Дар пеш – ваъдаи Худо, замини Канъон. Ин замини ниёгони онҳо аст, ки ба насли Иброҳим ваъда карда шуда буд. Дар ҳоле ки онҳо дар биёбон мегаштанд, суханони Мӯсо дар гӯши онҳо садо медод: ин замине аст, ки дар он шир ва асал ҷорист. Ин хеле хуб садо медиҳад, то ба одамоне, ки тамоми умр танҳо ғулом буданд, боварибахш битобад. Аммо мушкилие вуҷуд дорад. Халқҳои дигар дар ин замин сокин шудаанд. Вақте ки онҳо ба дарёи Ӯрдун наздик мешаванд, Мӯсо қарор мекунад, ки ҷосусонро фиристонад, то онҳо бубинанд, ки чӣ тавр метавон ба замини нав ворид шуд, ва каме меваҷот биёваранд, то ба қавм исбот кунанд, ки ин замин хуб аст, ва пурбаракат мебошад.

Аммо ҷосусон чунин ҳикояҳоро нақл мекунанд, ки қавми Исроил ба Миср баргаштан мехоҳад. Дар ин замин шаҳрҳои бисёре вуҷуд доранд, ки бо деворҳо иҳота карда шудаанд, ва одамонаш назар ба исроилиён бузургтар ва қадбаландтар мебошанд. Исроилиён рӯҳафтода шуда, гиря мекунанд, ва бар зидди Мӯсо бармехезанд, ва чунин меҳисобанд, ки онҳоро фиреб додаанд. Аз сабаби беимонии онҳо Худо онҳоро ба замини ваъда ворид намекунад, зеро Ӯ медонист, ки бе имон онҳо нобуд карда мешаванд. Ин насл дар биёбон зиндагӣ мекунад ва мемирад, дар ҳоле ки ягон нафаре аз ин насл боқӣ намемонад.

Акнун Худо ба Еҳушаъ ибни Нун мефармояд, ки онҳоро аз

биёбон гузаронад. Аммо, вақте ки онҳо ба дарёи Ӯрдун наздик меоянд, мушкилие пайдо мешавад. Дарё сероб аст, ва одамон аз дарёе, ки маҷрояш пурталотум аст, гузашта наметавонанд. Аммо Худо боз обро дутақсим мекунад, ва исроилиён аз замини беоб мегузаранд, чуноне ки ҳангоми аз Миср баромадани онҳо ба вуқӯъ пайваста буд – ин дафъа на аз муҳориба раҳо мешаванд, чуноне ки ҳангоми тарк кардани Миср рӯй дода буд, балки бо азми он, ки ваъдаро ба даст оранд, ба муҳориба ворид мешаванд.

Ин аст чизе, ки шумо бояд донед. Вақте ки шумо ба амал оғоз мекунед, мушкилиҳо ё муаммоҳое пайдо шуда метавонанд, ки бояд ҳал карда шаванд, вале натарсед. Худо ба шумо ёрӣ медиҳад ва муҳофизат мекунад. Ҳамеша дар ёд дошта бошед, ки дар пушти мушкилиҳо ваъда ниҳон аст. Ҳеҷ гоҳ инро фаромӯш накунед.

Дар асл ман чизе гуфтан мехоҳам, ки шуморо ба ҳайрат меорад. Мушкилиҳоро сарфи назар накунед. Не, ман намегӯям, ки шумо бо тарс оиди мушкилиҳои шахсии худ фикру хаёл кунед. Ман мегӯям, ки шумо имконият биҷӯед. Бубинед, одамон барои ҳаллу фасл кардани мушкилиҳо пули бисёр сарф мекунанд. Бизнес – ин дар асл роҳи ҳалли мушкилии касе. Масалан, одамон мушкилӣ доранд: онҳо хӯрдан мехоҳанд. Бинобар ин касе тарабхонаи "Сабвей" мекушояд. Боварӣ дорам, ки шумо аллакай Сабсендвич тайёр карда метавонед, вале онро ба бизнес-консепсия табдил надодаед. Аммо имрӯз "Сабвей" дар саросари ҷаҳон даҳҳо ҳазор нуқта дорад, чунки онҳо мушкилии касеро ҳал мекунанд. Ва шумо мегӯед: "Ман ин корро карда метавонистам". Ва метавонистед ҳам. Аммо шумо бояд ба таври дигар фикр кунед.

Ман ва Дренда на аз он сабаб миллионер ҳастем, ки доно ё зебо мебошем. Мо ҳамту донистем, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад, ва Худо ба мо нишон дод, ки чӣ тавр мушкилии худро ҳал кунем. Сипас Худо ба мо нишон дод, ки чӣ тавр ба одамон барои ҳал кардани ин мушкилӣ ёрӣ дода метавонем. Ин кор он қадар ҳам душвор нест!

## Ҷои омодагӣ

Ҳамин тавр, пас аз он ки шумо бо имон кишт кардед ва нақша тартиб додед, лозим нест, ки барои амалӣ кардани он фикр нокарда, ба кор ғарқ шавед. Порчаеро аз Инҷили Матто ба хотир оред.

> *Боз Малакути Осмон монанди ганҷест, ки дар киштзор ниҳон бошад, ва онро касе ёфта, пинҳон кард, ва аз шодии он рафта, ҳар чи дошт, фурӯхт ва он киштзорро харид.*
>
> – Матто 13:44

Худо ҳамеша даъват мекунад, ки аввалан омода шавем. Бинобар ин, ҳатто агар суханони Худоро шунавед, ва Ӯ ба шумо ин идеяро, ки барои ташкили бизнеси нав ва аҷоибу ғароиб асос мегузорад, додааст, пас оиди фурсати муносиб дилпур бошед. Худо ҳамеша ганҷинаро боз мекунад, то ки шуморо аввал ба тайёрӣ водор кунад. Диққат кунед, ман нагуфтам, ки Худо ба шумо ганҷина медиҳад. Ман гуфтам, ки ганҷина, яъне ҷавобро ошкор мекунад. Бисёриҳо, одамони хеле зиёд, кушоишро оиди ганҷинаҳо нодуруст фаҳмидаанд, ки натиҷаҳои хеле бадро ба миён овардааст. Яъне онҳо гумон кардаанд, ки ин даъвате барои ба даст овардани ганҷинаҳо мебошад. Худо пеш аз он, ки шуморо ба ғасб кардани ганҷина фиристонад, доимо шуморо ба ҷои омӯзиш ва тайёрӣ роҳнамоӣ мекунад.

Ман медонам, ки дар мавриди ман, вақте ки навҷавон будам, Худо ба ман рӯъёе дода буд, ки дар он ман бо Китоби Муқаддас дар даст рост меистодам. Ман на танҳо дида будам, ки чӣ тавр аз рӯи Китоби Муқаддас мавъиза мекунам, балки ҳамчунин одамон ва толореро, ки дар он мавъиза мекунам, дида будам. Ҳангоми рӯъё ман овозеро шунидам: “Ман туро даъват мекунам, ки Каломи Маро мавъиза кунӣ”. Ман инро се маротиба шунидам, ва баъд ин рӯъё нопадид шуд. Ман нуздаҳсола будам. Дар он давра ман дар питсахонаи падарам кор мекардам, ва намедонистам,

ки ин рӯъё чӣ маъно дорад. Ман медонистам, ки барои мавъиза кардани Каломи Худо даъват шудаам, аммо дар куҷо ва кай ба амал омадани онро намедонистам.

Дар асл ин даъват барои тайёрӣ буд. Аз он вақт, ки Худо ба ман ин рӯъёро дод, дере нагузашта, Ӯ фармуд, ки ба мактаби библиявӣ равам, ва баъд ба Донишгоҳи Орал Робертс дохил шавам. Дар он ҷо ман муҳаббати тамоми зиндагии худ, Дрендаро вохӯрдам. Пас аз хатми донишгоҳ мо ба бизнес-плани молиявӣ машғул шудем, ки он вақт ман тамоман дарк намекардам. Даъвати Худо дар ҳаёти ман чӣ шуд? Вале Худо нақша дошт. Ӯ ин вақтро истифода бурда, маро барои соҳаҳои молиявии ҳаёт омода кард, то ки ба ман қонунҳо ва принсипҳои Подшоҳии Худро, ки санги асоси хидматгузории ман гардид, таълим диҳад. Ӯ ҳамчунин ин вақтро барои он истифода бурд, ки дар ман боівариро ба худам зиёд кунад, зеро ман дар ҷавонӣ аз сӯҳбат кардан бо одамон хеле метарсидам.

Танҳо 1-уми сентябри соли 1995 Худо моро водор кард, ки дар таҳхонаи маркази радиошунавонии маҳаллии масеҳӣ калисои худамонро таъсис диҳем. Нахустин ибодати мо шабона доир гардид, ва вақте ки ман дар он ҷо меистодам, айнан ҳамон тасвиреро дидам, ки дар рӯъё бисту як сол муқаддам ба ман аён шуда буд.

Аз ин рӯ, бовар кунед, ки вақте рӯъё мебинед, идея ё дастуре мегиред, ин, одатан, маънои онро надорад, ки айнан дар ҳамон лаҳза амал кардан лозим аст. Худо ба шумо мегӯяд, ки кай қадам гузоштан лозим аст, айнан ҳамон тавре ки Ӯ ба шумо нақша дода буд. Ӯ ба шумо сухан хоҳад ронд, ва шумо хоҳед фаҳмид.

Дар мавриди ман, дар соли 1995 мо ба калисои на он қадар калоне дар наздикии хонаи мо ташриф овардем, ва дар ибодати рӯзи якшанбе Худо дар қалби ман ба кор шурӯъ намуд. Рӯҳи Худо то андозае маро пур карда буд, ки ман ҳатто намешунидам, ки шубон чӣ мегуфт. Ва ман фаҳмидам, ки вақти амал кардан сар шуд! Шумо низ хоҳед фаҳмид.

Ба ману Дренда дидани он, ки Худо чӣ кор кард, хеле маъқул

аст, аммо иштиёқи мо – ин ҳамаи корҳое, ки Ӯ ҳоло ба амал меорад! Мо ӯҳдадор шудем, ки ин паёми Подшоҳиро то охири умри худ мавъиза кунем ва таълим диҳем. Вақте ки мо таълим медиҳем, мебинем, ки чӣ тавр чеҳраи одамон аз шунидани кушоишҳо тобон мешавад, ва ҳеҷ чизи дигаре бештар аз ин ба мо хурсандӣ оварда наметавонад. Мо медонем, ки ин чӣ маъно дорад: онҳо ҷавобҳои худро пайдо мекунанд.

Мо медонем, ки Подшоҳии Худо – ин ҷавоби шумо низ ҳаст! Пас, принсипи панҷум, ки Худо ба ман таълим додааст, чӣ гуна мебошад?

## Қадами № 5: Вақте ки шумо лаҳзаи муносиб, усул ва ҷойро медонед, ба таъхир нагузоред! Ва ҳамчунин, аз муҳориба ҳайрон нашавед

Шумо ва Худо аз ӯҳдаи ин вазифа мебароед, шубҳа накунед! Фақат дар ёд дошта бошед, ки иродаи Худо аз он иборат аст, ки шумо ба муваффақият ноил шавед.

> *Эй маҳбуб! Дуо мегӯям, ки ту саломат бошӣ ва дар ҳар чиз комёб шавӣ, чунон ки ҷони ту комёб аст.*
>
> – 3 Юҳанно 2

Ба ҳеҷ кас имкон надиҳед, то ба шумо бигӯяд, ки ин иродаи Худо нест ва Ӯ ҳама корро ба амал намеорад, то ки шумо саломат бошед ва дар ҳаёт комёб шавед! Ин чизе аст, ки шайтон аз подшоҳии заминӣ दуздидааст ва Худо дар Исои Масеҳ онро ба шумо баргардонидааст. Дин ба одамон оиди Худо чунин дурӯғро таълим додааст. Баъзан одамон бояд аз фикрҳои беасос озод шаванд, то фаҳмида тавонанд, ки ҳақиқат чӣ аст. Ба наздикӣ ман як мактубе гирифтам, ки он нав гардонидани ақлро зарур меҳисобад, то омода бошед, ки дар асл Худо чӣ мегӯяд.

*Гэрии азиз.*

*Номи ман Аннет аст. Ман дар оилаи шубони баптист ба воя расидаам, дар бачагӣ наҷотро қабул кардаам ва Исоро беҳад дӯст доштаам. Дар наврасӣ бо Рӯҳулқудс таъмид ёфтаам, ва ба фаҳмидани он шурӯъ намудаам, ки парастиш, шифо, озодии ҳақиқӣ, атоҳои рӯҳонӣ ва дигар ҳақиқатҳо оиди Подшоҳии Худо чӣ ҳастанд. Ман принсипҳои асосии кишту даравро ба воситаи муаллимони гуногун дар бадани Масеҳ омӯхтаам. Аммо танҳо вақте ки шавҳари ман Ҷон ба таълимоти шумо "рӯ ба рӯ" шуд, ман фаҳмидам, ки дар асл ба он бовар надорам, ки масеҳиён – махсусан шубонҳо ва ходимони калисо – бояд ба замми қонеъ гардонидани талаботҳои зарурии худ ба комёбии молиявӣ кӯшиш кунанд. Мо фаҳмидем, ки ҳеҷ касе аз мо намефаҳмад, ки Подшоҳии Худо чӣ тавр кор мекунад.*

*Мо ба хидматгузорӣ ташриф меовардем ва ҳамеша даҳяк медодем. Мо ҳамчунин саховатмандона қурбониҳо мекардем ва ҳатто принсипи кишту даравро таълим медодем. Аммо ба назари мо чунин менамуд, ки бо ҳаёти нисбатан бароҳаттар зиндагӣ мекунем, ва ин ҳама он чизе аст, ки мо бояд интизор бошем. То тирамоҳи соли 2003 ҳамин тавр буд, то даме ки дар иншооти мо, ки дар он офиси асосии бизнес ва хидматгузории мо ҷойгир шуда буд, сӯхтори сахт рӯй дод. Баъд боз якчанд воқеаҳо рӯй доданд, ки ҳама чизро дигаргун карданд. Саломатии Ҷон бад шуд, ва дар охир ба вай лозим шуд, ки дилашро ҷарроҳӣ кунад. Он вақтҳо мо барои саломатӣ суғурта надоштем, ва аз ин рӯ барои табобат пули зиёд харҷ кардем. Ба кор қодир набудани вай вазъиятро боз ҳам мушкилтар мекард. Ва сипас баъзе қарорҳои нодурусти мо ба мушкилиҳои боз ҳам бадтари молиявӣ оварда расонид. Соли 2015 аз нигоҳи молиявӣ ҳаёти бароҳати мо ба зиндагии пур аз қарзҳо, аз ҷумла қарзҳои андоз, мубаддал шуд.*

*Мо ҳамеша саховатманд будем. Чунки доданро дӯст медорем ва ба принсипи “он чӣ корӣ, ҳамонро медаравӣ” бовар дорем. Мо бештар аз пештара аз Худованд ҷавоб меҷустем. Сипас Ҷон дар телевизион бо таълимоти шумо рӯ ба рӯ шуд. Дар аввал ӯ гуфт: “Худоро бо ин тарз харида гирифтан ғайриимкон аст” ва телевизорро хомӯш кард. Вале пас аз чанд рӯз ӯ боз ба барномаи шумо рӯ ба рӯ шуд, ва ин дафъа шуниданро бас карда натавонист. Дар натиҷа ӯ барои худ тамоми маводҳои таълимиро, ки он лаҳза дар шумо дастрас буданд, фармоиш дод! Мо дар давоми ду сол ин маводҳоро омӯхтем, ва аз имони беақлона ба он, ки орзуи фаровонӣ кардан ва некӯаҳвол будан нодуруст аст, озод шудем.*

*Боре мо, тақрибан даҳ маротиба, дарсеро оиди он тамошо кардем, ки шумо дар асоси боби 17-уми Инҷили Матто, оиди он таълим медиҳед, ки чӣ тавр Исо ба Петрус фармуд, то ӯ моҳиеро дошта, тангаи аз даҳони он гирифтаашро барои андоз супорад, ва ҳамчунин аз боби 4-уми Китоби чоруми Подшоҳон оиди зане мисол меоред, ки ҳар чиро ки дар хона дошт, истифода бурд.*

*Ман ногаҳон ба ёд овардам, ки чанд сол пештар як шиносам ба мо ба ивази коре, ки мо барояш иҷро кардем, як тангаи тилло дода буд. Ин барои пардохтани қарз кифоя набуд, аммо ин “чизе” буд, ки мо дар хона доштем, чизе буд, ки мо кишт карда метавонистем! Мо ин тангаро ба хидматгузории шумо кишт кардем, Шарикони Доираи Дарунӣ шудем ва ба мушоҳида кардани он шурӯъ намудем, ки Худо минбаъд чӣ кор мекунад.*

*Дар давоми чанд моҳи минбаъда мо аз таълимоти шумо ғизои рӯҳонӣ мегирифтем ва бо тамоми қувват саъй мекардем, ки қарзҳоямонро пардохт карда, ғарқ нашавем. Боре шабона ман хоб дидам, ки дар он Худо ба ман нишон*

*дод, ки ба мо маблағи калони пулӣ ворид мешавад. Дар ҳафтаҳои минбаъда мо якчанд баракатҳои хурди молиявӣ гирифтем. Мо дуо карданро давом медодем ва аз рӯи дастури Худо бештар кишт мекардем, ҳақиқатҳои Худоро эълон менамудем ва кӯшиш мекардем, ки бодиққаттар бошем, то боварӣ ҳосил кунем, ки мо итоаткорона ҳама он чизҳоеро, ки Ӯ ба мо мефармояд, иҷро карда истодаем.*

*Ва вазъият дигар шуд, ки ин ғайриимкон ба назар мерасид. Ба зудӣ мо амалӣ шудани орзуҳои худро дидем. Миқдори пуле, ки мо мегирифтем, аз он андоза, ки барои пӯшонидани қарз лозим буд, якчанд маротиба бештар буд. Акнун мо аз қарзҳо халос шудем. Ҳоло мо стратегияҳоеро меҷӯем, ки чӣ тавр оқилона маблағгузорӣ кунем, то имкон ёбем, ки саховатмандона дар лаҳзаи дилхоҳ ва ба ҳар сабаб қурбонӣ кунем.*

– Ҷон ва Аннет

Мо аз одамоне, ки ҳақиқатро оиди Худо ва Подшоҳии Ӯ дарк мекунанд, ва мефаҳманд, ки дин онҳоро фиреб додааст, мунтазам ин гуна мактубҳо мегирем.

Ман фаҳмидам, ки вақте ақли ман тавассути некӯии Худо ва Каломи Ӯ нав гардид, ман дар кушоише, ки эҳтиёҷ доштам, ба камол расидам, то ки озод шавам. Дар хотир доред, ба Худо ҳеҷ гоҳ шубҳа накунед. Агар дар ҳаёти шумо вазъияте ба вуқӯъ пайваст, ки ҳамчун нокомии Подшоҳии Худо ба назар мерасад, чунон рафтор кунед, ки шогирдон карда буданд. Онҳо аз Исо напурсиданд: “Исо, барои чӣ Ту ин девро ихроҷ накардӣ?” Не, онҳо пурсиданд: “Барои чӣ мо девро ихроҷ карда натавонистем?” Онҳо медонистанд, ки камбудӣ аз тарафи онҳо содир шудааст, ва аз Исо дархост карданд, ки дар ҳаллу фасли ин масъала ба онҳо ёрӣ диҳад. Агар шумо дар ҳаёти худ он чиро, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, намебинед, аз Худо дархост кунед, ки сабабашро ба шумо нишон диҳад! Ӯ ба шумо сухан меронад ва барои фаҳмидани он, ки Подшоҳии аҷоиби Ӯ чӣ

тавр кор мекунад, ёрӣ медиҳад.

Ҳамин дирӯз як соҳибкор аз калисои ман аз бонки худ хабар шунид, ки гранти федералиро, ки ба ӯ дар аввал ваъда карда буданд, рад кардаанд. Ӯ ба ин маблағ умедвор буд ва нақшаҳо мекашид. Бе ёрии он ӯ маҷбур мешуд, ки коргарони худро аз кор холӣ кунад. Вақте ӯ дар бонк пурсид, ки чаро додани маблағро рад карданд, ба вай ҷавоб дода натавонистанд. Азбаски ӯ ба ин пул умед баста буд, ӯ аллакай маводҳои зарурриро ба кор андохта буд.

**Ӯ БА ШУМО СУХАН МЕРОНАД ВА БАРОИ ФАҲМИДАНИ ОН, КИ ПОДШОҲИИ АҶОИБИ Ӯ ЧӢ ТАВР КОР МЕКУНАД, ЁРӢ МЕДИҲАД.**

Акнун ӯ бе маблағ монда буд ва намедонист, ки чӣ кор кунад. Ягона чизе, ки дар вай боқӣ монда буд, ин корти тақдимие буд, ки дар ҳамён дошт. Ӯ зуд ба калисо рафт, зеро медонист, ки ӯ бояд он чиро ки дорад, ба сифати тухмӣ кишт кунад, ва бовар кунад, ки Худо ба вай дар ин давраи мушкил ёрӣ медиҳад. Пас аз якчанд соати он, ки ӯ корти тақдимиро ба сифати тухмӣ ба калисо дод, аз бонк ба вай занг зада, бахшиш пурсиданд ва гуфтанд, ки, эҳтимол, хатогӣ содир шудааст. Онҳо маблағро ба вай фиристонданд.

## Шумо бояд нақши худро иҷро кунед

Дар хотима иҷозат диҳед, то чизи охиринро оиди чӣ тавр дастрас кардани пуле, ки ба он эҳтиёҷ доред, нақл кунам. Ман мушоҳида кардаам, ки бисёр одамони Худо барои додан қалби кушод доранд, аммо пул надоранд. Ман сабаби асосии онро, ки одамон натиҷаи қурбониҳои худро намебинанд, дар он мебинам, ки онҳо роҷеъ ба он, ки пас аз тақдимоти онҳо чӣ бояд рӯй диҳад, фаҳмиши нодуруст доранд. Бисёр масеҳиён иштибоҳан гумон мекунанд, ки Худо ба онҳо пулеро, ки онҳо ба он боварӣ доранд, ҳамту медиҳад. Аммо ин ғайриимкон аст, чунки Худо пул надорад.

Ҳамаи пулҳо дар муҳити заминӣ мавҷуд мебошанд ва танҳо воситаи савдо (хариду фурӯши чизе) ҳастанд.

Ҳамин тавр, ҳамон лаҳза ки мо медиҳем, агар мо тарафи маълуми равандро дарк кунем, мо бояд ба Рӯҳулқудс гӯш диҳем, то нақша, дастур ё идеяро, ки ба воситаи онҳо фоида ба даст меорем ё дар бозор сарват пайдо мекунем, дастрас кунем. Ин маънои онро надорад, ки шумо бизнеси ба ин монанд дошта бошед, аммо Рӯҳулқудс дар бозор ба ҷое роҳнамоӣ мекунад, ки дар он ҷо шумо тӯрҳои худро андохта метавонед. Тӯр – ин чизе, ки барои ба даст овардан ё ҷалб кардани маблағ дар бозор мусоидат мекунад. Худо қадамҳои шуморо раҳнамун мекунад ва ба шумо нақшаҳое пешниҳод месозад, ки тибқи он шумо бояд кор баред.

Ман чунин меҳисобам, ки барои аксари одамон тӯри аз ҳама беҳтарин, аз ҳама босуръаттарин ва боварибахш бизнес мебошад. Вақте ки ман бизнес мегӯям, дар ширкат кор карданро истисно намекунам, аммо тӯр бояд калон бошад, то ки моҳии ба худ лозимаро ба даст оварда тавонед. Ин метавонад бизнеси шахсии шумо ё бизнеси бегона бошад.

Аммо вақте ки кор ба тӯрҳо рафта мерасад, аз рӯи таҷрибаи ман, аксари одамон дар ванна кит сайд мекунанд. Иҷозат диҳед, то бифаҳмонам. Фарз кардем, ки шахсе дар мағозаи хӯроквории маҳаллӣ кор мекунад, ва аз он барои як соати корӣ 10 доллар музд мегирад. Аммо ӯ акнун мехоҳад, ки бо арзиши 150 000 доллар хона бихарад ва мехоҳад, ки қонуни Подшоҳиро барои ноил шудан ба ин мақсад истифода барад. Хайр, ҳанӯз ҳама чиз дуруст аст.

Баъд он шахс оиди кишту дарав, қонуни Подшоҳӣ, мешунавад, ва бо боварӣ барои он кишт мекунад, ки пули хонаро пардохт кунад. Ҳанӯз ҳам ҳама чиз ба таври лозима пеш меравад. Аммо аз чӣ бошад, ӯ гумон мекунад, ки пул ҳамту аз осмон ба кафи вай меафтад. Ӯ медонад, ки кори вай имкон намедиҳад, ки пули хонаро пардохт кунад, бинобар ин ба Худованд умед мебандад (ва ин хуб аст). Аммо вақте ман мегӯям, ки “ба Худованд умед мебандад”, шумо бояд фаҳмед, ки ман онро дар назар дорам,

ки мо ба Ӯ такя мекунем, то Ӯ барои дастрас кардани ин пул ба мо хирад бахшад ва роҳнамоӣ кунад. Ва ин метавонад маънои дигаргуниҳои бузургро дошта бошад.

Бубинед, одамон намефаҳманд, ки ба Худо лозим мешавад, то онҳоро ба ҷои об равона кунад, ки китро дар он ҷо ба даст оранд, на ин ки дар ваннаи муқаррарӣ. Бифаҳмед, ки дар ваннаи шумо китҳо шино намекунанд! Хонаи арзишаш 150 000 долларро бо маоши 10 доллар дар як соат дар давоми ду сол пардохт кардан душвор мебуд. Аммо Худо медонад, ки моҳӣ дар куҷо аст, ва метавонад шуморо ба ҷои даркорӣ раҳнамун кунад ва маҳорати сайди моҳиро барои ноил шудан ба мақсад ба шумо ёд диҳад. Воқеаро оиди Петрус ва сайди бузурги моҳӣ дар ёд доред? Петрус тамоми шаб заҳмат кашид ва чизе ба даст наовард, аммо Исо ба вай гуфт, ки ба куҷо тӯр андозад, ва пас аз ин қаиқи Петрус тамоми моҳиро ғунҷонида натавонист. Фарқ дар чӣ аст? Як нишондод: "Тӯрҳои худро ба чуқуроб андозед". Бубинед, Петрус на дар ҷои лозима ба сайди моҳӣ машғул шуд, аммо Исо ба вай гуфт, ки чӣ кор бояд кунад, ва ӯро муваффақият интизор буд.

Вақте ки ман ва Дренда қарзҳои бисёр доштем, ба мо лозим шуд, ки Худоро бишнавем ва Ӯро ба сӯи кӯлҳои калонтару калонтар пайравӣ кунем, то ки моҳии ба худамон лозимаро ба даст орем. Дастури Худо моро ба ҷойҳои чуқуртари об ҳидоят мекард. Рости гап Худо моро он қадар ба дуриҳо раҳнамун кард, ки мо аллакай соҳилро дида наметавонистем, ва ин хеле тарсовар буд, чунки пештар мо ҳеҷ гоҳ дар ин гуна ҷойҳо набудем. Махсусан ҳангоми тӯфон хеле метарсидем.

Азбаски аксари одамон аз Худо пайдо шудани пулро интизор мешаванд, онҳо фикр намекунанд, ки ба ягон чизи барои онҳо бегона гӯш диҳанд, то онҳоро ба ҷойҳои наву тарсовар, ки пештар ҳеҷ гоҳ надида буданд, роҳнамоӣ кунад. Аксари одамон танҳо ба чизҳои шинос нигоҳ мекунанд, ба он чизҳое, ки аллакай медонанд. Аммо китҳо дар ваннаи шумо зиндагӣ намекунанд. Шумо бояд ба чуқуроб равед.

Бинобар ин дар ёд дошта бошед, ки мо набояд баъд аз киштукор дастҳоямонро ба бағал гузошта, бепарво шавем. Вақте ки мо кишт мекунем, бояд ба Каломи Худо такя кунем ва донем, ки Худо моро ба ҷамъоварии ҳосил ҳидоят мекунад. Вале мо бояд ба дастурҳои Ӯ гӯш андозем, онҳоро пайравӣ кунем, ва сипас вақте ки ба ҷои даркорӣ меравем, тӯрҳое дошта бошем, ки китҳоро сайд намоем.

Бисёр одамон воқеан ҳам барои иваз кардани кӯлҳо чораҳо меандешанд, аммо усулҳои сайди моҳиро тағйир дода наметавонанд. Бо ёрии шасте, ки барои сайди ширмоҳӣ лозим аст, китро ба даст оварда наметавонед. (Дарвоқеъ, ман намегӯям, ки мо бояд маҳз китҳоро сайд кунем. Ман инро бо сабаби ҷуссаи бузурги онҳо ба сифати мисол истифода мебарам.)

Ҳамон лаҳза ки шумо дар ҷои лозима қарор мегиред, усулҳои шумо бояд ба вазни бузург ва фишоре, ки ҳангоми сайди тӯъмаи калонтар ба вуҷуд меоянд, тоб биёранд. Барои ҳамаи ин чизҳо вақт лозим мешавад. Дар бисёр ҳолатҳо Худо медонад, ки мо вақте бо ките, ки сайд кардан мехоҳем, рӯ ба рӯ мешавем, онро ӯҳда карда наметавонем. Аммо Худо моро тайёр мекунад, ва мо дилпур буда метавонем, ки агар беҳуш нашавем, пас воқеан сайдро ба соҳил кашида мебарорем.

**МО БОЯД БО ХУДО ҲАМКОРӢ КУНЕМ, БА ҲОСИЛҒУНДОРӢ ОМОДА ШАВЕМ ВА БАРОИ ИСТИФОДА БУРДАНИ ҲАР ИМКОНИЯТЕ, КИ ХУДО БАРОИ МО ФАРОҲАМ МЕОРАД, ТАМОМИ КӮШИШАМОНРО БА ХАРҶ ДИҲЕМ.**

Ҳамин тавр, мо бояд оиди пулҳои мӯъҷизавӣ ё он чиро, ки ман менталитети қуттии почта меномам, фаромӯш кунем (гарчанде Худо корҳои аҷиб ба амал меорад). Аниқтараш мо бояд бо Худо ҳамкорӣ кунем, ба ҳосилғундорӣ омода шавем ва барои истифода бурдани ҳар имконияте, ки Худо барои мо фароҳам меорад, тамоми кӯшишамонро ба харҷ диҳем.

Қуввати таъминот ба дастони шумо вогузор карда шудааст. Не, ман дар бораи номи китобам сухан намеронам. Ман дар бораи Рӯҳулқудс ва Подшоҳие, ки Худо шуморо ба он ворид кард, сухан меронам. Аз ин рӯ амал кунед ва бо ибрат ва муваффақияти худ дар ин роҳ бисёр одамонро ба Масеҳ наздик созед.

Ман худи ҳозир мактуби зайлро гирифтам ва фикр кардам, ки ин барои ҷамъбасти китоб мисоли хуб хоҳад буд.

> *Дар авҷи бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ширкати мо худи ҳозир 4000 ва 8000 доллар қарзҳоро соф кард. Аммо бо ҳамин тамом не! Мо молиёти худро таҳлил карда, фаҳмидем, ки имрӯз фоидаи софи ширкати мо дар соли 2020 фоидаи софи умумии бизнеси моро барои тамоми соли 2019 хеле баланд бардошт! Мо болотар аз ҳар ченак комёб шуда истодаем (ниг. Эфс. 3:20), дар ҳоле ки иқтисоди заминии малъуни ҷаҳонӣ ба ҳалокат дучор шуда истодааст! Мо аз он коре, ки Худо карда истодааст, аз фараҳ лабрез мебошем. Ӯ ба Каломи Худ ПУРРА содиқ аст!*
>
> *Ташаккур, ташаккур, ташаккур ба Гэри ва Дренда, ба оилаи онҳо, ба ҳамкорони онҳо ва шарикони онҳо, зеро онҳо ба ҳаёти мо Каломи Худоро оварданд! То даме ки шубонҳои мо дар калисо бегоҳирӯзиҳои чоршанбе нишон додани силсилаи барномаҳои “Ҳалли масъалаи пул”-ро шурӯъ накарданд, мо дар тӯли ҳабдаҳ сол дар қашшоқӣ ва камбағалӣ зиндагӣ мекардем, чуноне ки Гэри ва Дренда нӯҳ сол зиндагӣ карданд. Ин панҷуним сол пеш аз ин рӯй дод, ва аз ҳамон вақт инҷониб ҳама чиз дигар шуд! Бори дигар ташаккур, ва пурбаракат бошед!*

Саргузашти худро дар сомонаи GaryKeesee.com. ба ман нақл кунед. Дигарон бояд шунаванд, ки Подшоҳии Худо дар ҳаёти мо чӣ қадар аҷиб кор мекунад.

**Китобҳои Гэри Киси аз силсилаи**

**«Инқилоби молиявии ту»**

Қуввати оромӣ

Қуввати ризоият

Қуввати стратегия

Қуввати саховатмандӣ

Барои зеркашии таълимоти
бештари ройгон ба забони худ,
ҳатман ба вебсайти мо
**FLNFree.com** ташриф оред!

Манбаъҳои бештари омӯзиширо РОЙГОН ба забони худ мехоҳед?
Ба **FLNFree.com** ташриф оред.

# ИНҚИЛОБИ МОЛИЯВИИ ТУ

## Қуввати таъминот

Барои зиндамонӣ мубориза мебаред...
ё ба орзуҳои бузург қодир ҳастед?
Ғуломи қарзҳо мемонед...
ё рисолати худро, ки Худо додааст, амалӣ мегардонед?
Аз ин чиз бештар чӣ ба шумо монанд аст?
Чӣ ҲАЁТИ ШУМОРО дигар мегардонад?

*Таъминот.*
Ҳамаи мо бо он розӣ ҳастем, ки барои қонеъ кардани талаботҳоямон таъминоти кофӣ зарур мебошад.
Аммо оё шумо дар ҳақиқат мефаҳмед, ки ҚУВВАТИ таъминот аз чӣ иборат аст?
Гэри Киси ҳаёти шуморо осон кардан мехоҳад.
Дар ин қисми чоруми силсилаи "Инқилоби молиявии ту" Гэри яке аз қисмҳои таркибии муҳимтарини муваффақияти худ ва муваффақияти дигарон, ва ҳамчунин боз як сирри ХЕЛЕ МУҲИМИ Подшоҳии Худо – қуввати таъминотро ошкор мекунад!

Бидонед:

- Дар бораи ПАНҶ ҚАДАМИ АСОСИЕ, ки шумо барои ба даст овардани таъминоти зарурӣ гузошта метавонед.
- Оиди аҳамияти имон ва оиди он ки вақте шумо дар имон нестед, чӣ тавр инро муайян карда метавонед.
- Чӣ тавр таъхиргузорӣ ба таври марговар хатарнок буда метавонад.
- Оё бовар карда, дар бозии лотерея бурд кардан мумкин аст (бале, дар ин ҷо воқеан дар ин хусус гуфта шудааст).
- Ва бисёр чизҳои дигар!

Дар ин саёҳати шавқовар ба Гэри ҳамроҳ шавед ва бифаҳмед, ки чӣ тавр қуввати таъминотро дар ҳаёти худ амалӣ карда метавонед!



ГЭРИ КИСИ – муаллиф, суханвар, соҳибкор, коршиноси соҳаи молия ва шубоне, ки ба одамон барои пирӯзӣ ёфтан дар ҳаёт, махсусан дар соҳаи имон, оила ва молиёт ёрӣ додан мехоҳад. Гэри ва ҳамсари вай Дренда – таъсисдиҳандагони якчанд ширкатҳои комёб ва асосгузорони хидматгузории "Ҳаёт бо имон", ки ду барномаи телевизионӣ ("Ҳалли масъалаи пул" ва "Дренда")-ро ба намоиш мегузорад, дар саросари ҷаҳон конфронсҳо доир мекунад ва маводҳои амалӣ пешниҳод менамояд. Ҳамсарон Киси – шубонҳои калисои "Ҳаёт бо имон", ки дар наздикии шаҳри Колумбус, иёлати Оҳайо, ҷойгир шудааст.

GKM GARY KEESEE MINISTRIES

garykeesee.com